Дар оғози пайдоиш интернет ба буҷаи ВАО-и байналхалқӣ зарбаи бузурги иқтисодӣ расонид, зеро дар бозори рекламаи ҷаҳонӣ мавқеи онҳо коҳиш ёфт ва танҳо пас аз ташкилёбии сомонаҳои ВАО-и байналхалқӣ вазъият каме беҳтар гардид. Вале дар он давра паҳншавии иттилоъ тавассути интернет ройгон роҳандозӣ шуда буд ва он як зарбаи дигар ба ВАО-и байналхалқӣ гардид, ки барои ҷамъоварии ахбори байналхалқӣ маблағи зиёд масраф мекарданд. ВАО-и байналхалқӣ ба хотири коҳиш додани хароҷот намоядагиҳои худро дар олам кам намуданд ва дар миёни онҳо танҳо агентиҳои иттилоотӣ ва ВАО-и байналхалқии кишварҳои қудратманд намояндагиҳои худро нигоҳ доштанд. Ҳамзамон баъзе аз ВАО-и байналхалқӣ ба корбурди маводди журналистони шаҳрвандӣ, маводди расонаҳои кишварҳои дигар ва журналистони озод оғоз намуданд, ки аз тариқи интернет ба онҳо ирсол мекарданд. Илова бар ин «фрилансерҳо» [382], яъне журналистони озод ҷойгузини журналистони байналхалқӣ гардиданд. Рақобат миёни журналистони байналхалқӣ ва «фрилансерҳо» боиси пайдоиши типи нави журналистика – fireman journalism – «журналистикаи оташнишонӣ» гардид. Зери ин мафҳуми маҷозӣ журналистоне дар назар дошта мешавад, ки ҳамзамон дар якчанд давлат фаъолият мекунанд. Яъне, журналистони байналхалқӣ дар якчанд давлат худро аккредитатсия карда, барои инъикоси ҳодиса зуд ба ҷойи воқеа, ба кишвари лозима мераванд. Ин гурӯҳи журналистонро «журналистони зудамал» ва журналист-сӯхторхомӯшкунак» ҳам мегӯянд. Акнун ба чунин шакли фаъолияти журналистони байналхалқӣ дар ВАО-и байналхалқӣ бартарӣ медиҳанд, чунки он дар муқоиса бо нигоҳдории намояндагии мухбирон саросари олам камхарҷтар аст. Чунин усули фаъолияти журналистони байналхалқиро муҳаққиқ Р. Замит «журналистикаи чатболӣ (парашютӣ)» [174, с. 155] номидааст. Новобаста аз он ки муҳаққиқон бо номҳои гуногун шакли мазкур фаъолияти журналистони байналхалқиро номбар намуданд, амалан ҳамаи онҳо яканд ва вазифаашон вобаста ба зарурат фавран ба кишвари таъиншуда дар вақти кӯтоҳ ба сафари корӣ рафта оянд. Дар чунин шеваи фаъолият журналистони байналхалқӣ аз вазъияти кишварҳо ба пуррагӣ огоҳ намегарданд ва аксаран дар асоси ахбори расмӣ мавод омода месозанд, зеро фурсати зиёд барои таҳқиқи

пурра надоранд. Бартарии он барои идораҳои ВАО-и байналхалқӣ сарфаи маблағҳое мебошад, ки бояд барои истиқомат, буду бош, ҳароҷоти хонаводаи журналисти байналхалқӣ, иҷораи бинои намояндагӣ ва дигар зарурат пардохт менамуд.

Ҳангоми сафарҳои кӯтоҳмуддат ба журналистони байналхалқӣ ҳамчун роҳбалад, тарҷумон ва ё ёрирасон дар таҳияи мавод аз ҳисоби журналистони маҳаллӣ одамон киро карда мешавад, ки онҳоро «фиксерҳо» [174, с. 163] меноманд. «Фиксерҳо», яъне ислоҳгарон мебошанд, ки дар таҳияи мавод ба журналистони байналхалқӣ ёрӣ менамоянд, вале кам ҳолате мешавад, ки номи онҳо дар зери мавод ҷой дода шавад. Ин гуна нафарон ба ивази маблағи муайян ба таври муваққатӣ ба журналистони байналхалқии дар сафари корӣ қарордошта мадад мекунанд. Баъзе аз расонаҳои байналхалқӣ ба ҷойи шаҳрвандони хориҷӣ аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ журналистони байналхалқиро ба кор гирифта истодаанд, ки аз чанд ҷиҳат барои онҳо мусоид аст. Дар баробари сарфаи маблағ журналистони маҳаллӣ аз вазъияти кишварҳо бохабаранд ва ҳамзамон маоши баланд сарф намегардад.

Бахши форсии ВВС дар Тоҷикистон теъдоди кормандони намояндагии худро соли 2015 кам намуда, саҳифаи тоҷикиашро аз дохили сомонаи форсӣ ҳазф кард, аммо дар ин масъала ҳолати баръакс дар фаъолияти расонаҳои байналхалқии Чин, Русия ва Эрон ба назар расид. Сабаби аслии густариши расонаҳои байналхалқии кишварҳои мазкур муқобилият дар ҷангҳои иттилоотӣ, муаррифи кишварҳо ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ буд.

Аз ҷумла, соли 2005 Русия телевизиони англисзабони «Раша Тудей»-ро бо «буҷаи 30 миллион доллар дар як сол таъсис дод» [232]. Телевизиони мазкур ҳоло мақоми байналхалқиро касб карда, ба забонҳои англисӣ, арабӣ, испанӣ, франсузӣ, олмонӣ ва русӣ дар саросари олам тамошобин дорад.

Радиои иттилоотӣ -таҳлилии «Sputnik» радиои байналхалқии Русия ба шумор меравад, ки дар заминаи радиои «Голос России» 9 декабри соли 2013 ташкил шуда, аз 1 апрели соли 2014 ба пахши барномаҳо шуруъ намудааст. Вай аз 10 ноябри ҳамон сол дар сатҳи ҷаҳонӣ фаъолияти худро тақвият дод. Радиои

мазкур дар 42 давлат фаъолият дошта, вобаста ба ҳудуди фарогирии аудитория аз паси унвони радио номи давлате, ки ба он нигаронида шудааст, оварда мешавад. Расонаи мазкур ба 30 забон барномаи радиоӣ ва сомона дорад, ки ба иттилорасонӣ ва шарҳи авзои олам аз нигоҳи Русия машғуланд. «Ҷиҳати ирсоли саривақтии иттилоот шуъбаҳои минтақавии «Sputnik» дар Вашингтон, Қоҳира, Пекин ва Монтевидио дар реҷаи 24/7 соата амал менамоянд» [415].

Дар шабакаҳои байналхалқии иттилоотӣ, ки ба таври шабонарӯзӣ ахбор пахш мегарданд, аз журналистони байналхалқӣ омодагии 24-соатаро талаб менамоянд. Аз ин рӯ, талаботи фаврият дар фаъолияти журналистони байналхалқӣ бештар гардид, ки онҳо ба сафари ғайричашмдошт, даъвати ногаҳонӣ ва таҳияи маводди фаврӣ омода бошад. Дар баробари ин талаботи асосӣ омодагии доимии журналисти байналхалқӣ ва асноди он ба ҳисоб меравад. Доштани раводиди мувофиқ ва иҷозатнома ба кишвари зарурӣ барои корманди ВАО-и байналхалқӣ ҳатмӣ аст. Ҷиҳати сарфаи вақт ва омодашавӣ ба сафари ногаҳонӣ ба журналистони байналхалқӣ лозим меояд, ки қаблан омода гарданд. Яъне бо таҳлили авзои олам тахминан муайян намоянд, ки фардо онҳоро ба куҷо мефиристанд. Навгонии дигар барои журналистони байналхалқии муосир дар баробари донистани забонҳои байналхалқӣ, донистани якчанд забони дигар зарур аст, зеро вобаста ба талабот ҳар рӯз эҳтимоли иваз кардани минтақаи фаъолияти мухбири ВАО-и байналхалқӣ ҷой дорад. Инчунин ВАО-и байналхалқӣ метавонанд яку якбора фаъолияти худро ба ягон забони интишороти худ қатъ намоянд ва ё фаъолияти ин ё он шуъбаро ба забонҳои ғайрибайналмилалӣ маҳдуд гардонанд. Дар ин гуна маврид журналистони байналхалқиро хавфи бекор мондан ва ё қисман ихтисор шудан таҳдид мекунад ва дар чунин шароит журналистони байналхалқии донандаи якчанд забон бекор намемонанд. Журналисти байналхалқии муосир бояд ҳамқадами замон гардад ва аз навтарин техника ва технологияи иртиботӣ огоҳ бошад ва малакаи кор дар шароити журналистикаи чандрасонаиро дошта бошад, яъне маводро бо усули мултимедиавӣ омода намояд. Дар формати мултимедиавӣ омода кардани

маводди расонаҳои интернетӣ имкон медиҳад, ки «хонанда аз мутолиаи матн хаста нашавад ва иттилоъро зуд дарк карда тавонад» [75, с. 16].

Дар шинохти журналистикаи байналхалқӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ба миён омад. Агар фаҳмиши рӯзноманигории байналмилалӣ дар қарни XX марбут буд ба ташаккули афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ дар хусуси вазъияти кишварҳо, муборизаҳои геополитикӣ ва бархурди ду қутб, вале дар замони муосир фаҳмиш иваз гардид. Акнун ба журналистикаи байналхалқӣ аз ҷиҳати ҳудуди паҳншавии иттилооти он баҳогузорӣ анҷом дода мешавад. Яъне, ВАО-и байналхалқӣ ҳамон расонаест, ки бо як ё якчанд забон дар тамоми олам ё қисме аз он дастраси аудитория аст. Инчунин аз ҷиҳати фарогирии ахбор низ таҳаввулот дар журналистикаи байналхалқӣ ба миён омад. ВАО-и байналхалқӣ бештар ба авзои кишварҳои пешрафта ва «нуқтаҳои доғи олам» маҳдуд гаштанд ва навигариҳои дигар давлатҳо хеле кам ва ё умуман нашр намешуданд. Зимни таҳқиқ маълум гардид, ки чунин ҳолат доимӣ набуда, вобаста ба авзои кишварҳо, ҷангҳо, фалокатҳои табиӣ ва техногенӣ ВАО-и байналхалқӣ ба рӯйдодҳои ин ё он кишвар таваҷҷуҳи бештар менамоянд.

Дар даҳсолаҳои охир баррасии масоили глобалӣ, экологӣ ва бемориҳои сироятӣ дар меҳвари фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ қарор гирифта, ба як самти фаъолияти журналистони байналхалқӣ табдил ёфтааст. Масъалаи мубориза бо терроризм ва экстремизм, бемориҳои сироятӣ, нашъамандӣ, қочоқи инсон, моҷароҳои яроқнок, нарасидани оби ошомиданӣ, тағйирёбии иқлим, биёбоншавӣ, паҳншавии яроқи ҳастаӣ, дигар мушкилоти экологӣ ва амсоли онҳо аз проблемаҳои глобалие мебошанд, ки ВАО-и байналхалқӣ ба онҳо таваҷҷуҳ доранд. ВАО-и байналхалқӣ доимо ин масъалаҳоро баррасӣ менамоянд, вале мавқеи ҳамаи онҳо нисбат ба ин гуна мавзуъҳо ягона нест ва ҳар яке аз нигоҳи давлати худ ва ё мавқеи муассиси худ ба масъала баҳогузорӣ менамояд. Меъёрҳои журналистикаи байналхалқӣ на ҳамеша риоя мегарданд. Маҳз андешаи гуногун ва баррасии чандҷониба боиси нигаронӣ аст ва шинохти ин масоилро барои аудитория мушкил намудааст. Масалан, барои ИМА Башор Асад президенти қаблии Сурия шахси золим ва диктатор аст, ки бо дастгирии Русия

ва Эрон ба муқобили мухолифини худ истодагарӣ мекард. Аз тарафи дигар, барои Русия ҷонибе ки ИМА, Фаронса, Олмон, Британия, паймони ҳарбии НАТО ташкил ва маблағгузорӣ намуда, ба муқобили Башор Асад истифода мебурданд, гурӯҳҳои террористӣ ба шумор мерафтанд. Ба андешаи журналист Бахтиёр Ҳамдамов «ин муқовиматро кайҳо дар Ғарб ба истилоҳи англисӣ «a proxy war» унвон карданд, ки маънояш «ҷанги супоришӣ» аст» [386, с. 15]. Чунин тазодҳо дар арсаи байналхалқӣ хеле бештар буда, таҳлил ва шарҳи ин гуна моҷароҳо аз зовияи аҳдофи геополитикии абарқудратҳо ва давлатҳои манфиатдор дар расонаҳо амалӣ мегардад.

Буҳронҳои ҷаҳонӣ дар баробари дигар соҳаҳо таъсири худро ба журналистика низ мерасонанд. Масалан, дар давраи пандемияи КОВИД-19 бештари расонаҳо ба фаъолияти онлайнӣ гузашта, дар масъалаи дастрасӣ ба иттилооти воқеӣ ва дарёфти манбаъҳои сармоягузорӣ мушкилӣ доштанд. Платформаҳои гуногун, сомонаҳо ва ютубканалҳои бешумор дар интернет бо паҳн намудани иттилооти нодуруст ва ваҳмнок ба руҳияи афсурдаю тарсидаи ҷомеа зарбаҳои нав ба нав ворид менамуд ва дар чунин ҳолати сардаргумӣ ба зиммаи журналистон масъулияти бузурге дар мубориза бо фейкҳо меистод. Баъзе давлатҳо бо ҷорӣ намудани маҳдудият дар паҳн намудани маълумоти бардурӯғ атрофи пандемия иқдом намуда, оромӣ ва суботро дар кишварашон нигоҳ доштан мехостанд ва ҳамзамон ВАО мубориза бо ин зуҳуротро афзоиш дод. Соли 2021 СММ дар гузориши худ бахшида ба рӯзи матбуоти озод – 3 май аз нақши интернет дар густариши фаъолияти ВАО дар замони пандемия ситоиш намуд. Ҳамзамон таъкид гардид, ки дар ҷаҳон якчанд ширкати бузург ба хадамоти коммуникатсионӣ барои миллиардаҳо одам фаъолият доранд. «Бисёр вақт онҳоро аз сабаби пешниҳоди иттилооти ғайривоқеӣ, хушунатбор ва носанҷида ба ивази маводди журналистӣ танқид менамоянд» [480].

Намунаи олии чунин ҳолат баста шудани хадамоти ширкати Мета: Фейсбук ва Инстаграм дар ҳудуди Русия пас аз созмони ифротӣ эътироф гардиданашон мебошад. Асли вазъият дар он аст, ки ширкати Мета ба рақибони Русия ҳамкорӣ карда, имкониятҳои бемаҳдудро дар муборизаҳои иттилоотӣ ба муқобили ин

кишвар вогузор намуд ва онҳо бо истифода аз хадамоти мазкур гоҳҳо иттилооти носаҳеҳ ва иғвогаронаро паҳн намуданд. ««Фейсбук» дар Федератсияи Русия аз 14 марти соли 2022 баста шудааст» [321, с. 246].

Муҳаққиқон анҷоми «Ҷанги сард»-ро соли 1991 мешуморанд, вале авзои байналхалқӣ нишон дод, ки он ба итмом нарасида, оташи он дубора пас аз соли 2006 фурӯзон гардид. Ин замоне буд, ки Русия дубора ба сиёсати бузург баргашт ва аз мавқеи худ ва аз манфиатҳои худ ҳимоя мекард. Моҳи августи соли 2008 дар ҷараёни моҷарои ҳарбӣ миёни Гурҷистон ва Русия расонаҳои дохилӣ ва байналхалқии кишварҳои Ғарбӣ мавҷи нави ҷанги иттилоотиро ба муқобили Русия шуруъ намуданд. Пуштибонии Федератсияи Русия аз ҳукумати қаблии Сурия ба муқобили ИМА ва ҳампаймоёни он аз соли 2011 то соли 2024, буҳронҳои сиёсию моҷароҳои ҳарбии Украина пас аз соли 2014, тағйирёбии мавқеи ҳукумати ИМА дар замони ҳокимияти Доналд Трамп ва пасон Ҷо Байден нисбати Эрон ва Чин, афзоиши моҷароҳои байнидавлатӣ дар даҳҳаи дуюми асри XXI ва дигар мушкилоти глобалӣ на танҳо боиси халалдор гаштани субот дар муносибатҳои байналхалқӣ гардид, балки зиддият ба авҷи аъло расид. Дар чунин вазъият ВАО-и байналхалқӣ бештар ба ҷангҳои иттилоотӣ ҳамроҳ гашта, принсипҳои байналхалқии журналистика ва этикаи касбиро вайрон намуданд. Саҳеҳияти ахбор, холисона пешниҳод намудани ҳақиқат на ҳамеша риоя мегардад, ки дар натиҷа коста гардидани эътимоди аудитория ба ВАО-и байналхалқӣ афзуд.

Дигаргуншавии авзои минтақа ва олам пас аз ғасби ҳокимияти Афғонистон дар моҳи августи соли 2021, шиддат гирифтани моҷароҳои марзӣ миёни кишварҳо, муқобилияти ҳарбии кишварҳои ғарбӣ ва Русия дар моҷароҳои кишварҳои африқоӣ ва Украина, ҷанги муштараки ИМА ва Исроил ба муқобили Ҷумҳурии Исломи Эрон, вусъат гирифтани талошҳои геополитикии Туркия ва ширкати артиши он дар моҷароҳои ҳарбии Ироқ, Либия, Сурия ва дигар кишварҳо, ҳамзамон нобасомониҳо дар дигар гӯшаву канори дунё зарурат ба маводди таҳлилиро дар ВАО-и байналхалқӣ тезонид. Нисбат ба дигар давра аудиторияи ВАО-и байналхалқӣ низ афзоиш ёфтанд, вале ин нишондиҳандаҳо

чун солҳои 70-ум, 80-ум ва 90-уми асри гузашта олӣ набуданд, зеро рақибони бешумор дар сарсари олам ба муқобили онҳо меистоданд. Акнун коршиносони алоҳида, журналистон, журналистони шаҳрвандӣ дар сомонаҳо, блокҳо ва ютубканалҳои худ маводди таҳлилиро пешниҳоди аудитория мегардониданд.

Яке аз самтҳои фаъолияти олимон ин пешниҳоди фарзияҳои эҳтимолии равандҳои ҷомеа дар асоси таҳлили авзо мебошад ва мавридҳои воқеан амалӣ гаштани фарзияҳои онҳо низ ҷой дорад. Устод Асадулло Саъдуллоев низ аз зумраи олимоне буданд, ки воқеияти замонро дарк мекарданд ва равандҳои ояндаи онро муайян карда метавонистанд [293, с. 49]. Масалан, андешаи зерини устод: «Асри XXI асре хоҳад буд, ки сомеон ва бинандагон ба ҳар гуна низоъ ва ихтилоф дар мавҷ ва дар парда мухолифат мекунанд» [114, с. 48] имрӯз комилан исботи худро ёфт.

Масъалаи таъмини амнияти фазои иттилоотии миллӣ беш аз пеш актуалӣ гардида, бештари давлатҳо дар алоҳидагӣ ба ҳалли ин мушкилот иқдом намуданд. Аз ҷумла, дар соли 2017 пас аз он ки вазорати адлияи ИМА аз намояндагии телевизиони русиягии «Раша тудей» – RT America талаб намуд, ки ҳамчун агенти хориҷӣ дар он кишвар сабти ном гарданд, «Федератсияи Русия «Қонун дар бораи ВАО-и агенти хориҷӣ» -ро қабул намуд» [481]. Дар идомаи ин иқдом фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ, хориҷӣ ва журналистони алоҳидаро дар қаламрави ин кишварҳо қатъ ва ё маҳдуд гаштанд. Дар ин раванд аз намояндагиҳои ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ талаб гардид, ки расман худро ҳамчун «агенти хориҷӣ» сабти ном намуда, фаъолият намоянд. Дар Русия ҳатто ҳунармандон ва ҳар афроди шинохтаеро ки ба Ғарб майл доранд ва аз мавқеи онҳо ҷонибдорӣ намуданд, «агенти хориҷӣ» эътироф намуданд. Инчунин ба радиоҳо пешниҳод гардид, ки қабл аз пахши суруд ва оҳангҳои ҳунармандони ҳамчун «агенти хориҷӣ» эътирофгардида «ин нуктаро ҳатман ба шунавандагон аз тариқи радио эълон намоянд» [412].

Истифода гардидани ВАО-и байналхалқӣ ба ҳадафҳои геополитикӣ яке аз мушкилоти муҳимми журналистикаи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. ВАО-и байналхалқиии кишварҳои абарқудрат дар ин масъала хеле саҳмдоранд. Вобаста

ба ин масъала садои расонаҳои русиягӣ барои аудиторияи ғарбӣ маҳдуд гардида, фаъолияти телевизиони RT DE – бахши олмонии Раша тудей охирҳои соли 2021 баста гардид. Президенти Фаронса Эмануэл Макрон Раша Тудей ва «Sputnik» ро «нашароти тарғиботи дурӯғин» [458] номид. Пас аз оғози амалиёти ҳарбии Русия дар Украина на танҳо маводди ВАО-и байналхалқии Русия, балки расонаҳои маҳаллӣ низ дар Ютуб ба маҳдудиятҳо дучор гардиданд. Дар хусуси талошҳои геополитики давлатҳо маводди дуруст ва то андозае ба ҳақиқат наздикро аз ВАО-и кишварҳои бетараф ва ё тарафи сеюм пайдо кардан имконпазир аст.

Бо таъсири ҷаҳонишавӣ журналистикаи байналхалқӣ хеле ташаккул ёфта, аз имкониятҳои фаровон бархурдор гардида буданд. Дар давраи пандемияи КОВИД-19 ва баъдан бо шиддат гирифтани зиддият миёни давлатҳои абарқудрат ҷараёни коҳишёбии ҷаҳонишавӣ дар ҳама соҳаҳо ба назар мерасад, ки журналистикаи байналхалқӣ аз ин дар канор намонд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Ф.Ш. Сафарзода омили асосии бенизом гардидани равандҳои глобализатсияро натиҷаи «бархурди манфиати абарқудратҳо» [361, с. 244] медонад. Масъалаи аккредитатсияи журналистони байналхалқӣ дар замони пуртазоди муосир боз ҳам мушкилтар гардида, баъзе давлатҳо ошкоро зид будан ба фаъолияти расонаҳои байналхалқиро эълон намуданд.

Соли 2022 марги журналистон дар саросари олам бештар гардид, ки ин натиҷаи моҷароҳои яроқнок буда, аз ҳама зиёдтар журналистон дар Украина 15 нафар, Мексика 13 нафар ва Гаити 7 нафар ҳалок шуданд. Кумитаи дифоъ аз журналистон аз «марги 67 нафар журналист дар соли 2022 хабар додааст» [487]. Ин нишондиҳанда дар соли 2021 50 фоиз камтар буд. Вале дар сомонаи расмии созмони ЮНЕСКО қайд гардидааст, ки соли 2022 дар ҷаҳон 88 нафар, соли 2023 – 74 нафар журналист кушта шуданд. Моҳи январи соли 2025 Евронюс «теъдоди журналистони дар соли 2024 ҳалокшударо 122 нафар» [519] эълон кард. Мувофиқи маълумоти созмони ЮНЕСКО аз журналистони дар соли 2024 ҳалок шуда, «42 нафарашон дар кишварҳои ноором кушта шуданд» [424]. Дар нимсолаи аввали соли 2025 мувофиқи иттилои хабаргузории ТАСС теъдоди кормандони ҳалокгаштаи ВАО «ба 86 нафар расид» [512]. Чунин нишондод

нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16 фоиз бештар аст ва 43 нафар журналист дар Ховари Миёна кушта шудааст. Шиддат гирифтани буҳронҳои сиёсӣ ва ҷангҳои нав дар ҷаҳон ба ҳаёт ва фаъолияти журналистон, бахусус журналистони байналхалқӣ хатари бештар дорад.

Ба андешаи муҳаққиқ Н.С. Лабуш: «журналистикаи байналхалқӣ сиёсӣ, корпоративӣ, хиёбонӣ, трэвел-журналистика, мусиқӣ, варзишӣ ва ғайра шуда метавонад» [279, с. 25]. Дар 30 соли охир трэвел-журналистика, яъне журналистикаи сайёҳӣ ҳамчун як шохаи нави журналистикаи байналхалқӣ хеле маъруф ва ташаккул ёфта буд. Аммо мушкилоти ҷаҳонии солҳои 2019-2023 инкишофи ин соҳаро каме заиф гардонид.

Тасавуроти умумие мавҷуд аст, ки сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ дар меҳвари журналистикаи байналхалқӣ қарор дорад. Ба ин андеша муҳаққиқон Р.В. Бекуров, Ю.С. Данилова розӣ нестанд ва чунин мешуморанд, ки таърихан журналистони байналхалқӣ қисми таркибии сиёсати ҷаҳонӣ, бозингарони беназири муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб рафта, ҳамин хусусият онҳоро аз мухбирони махсус ва мухбироне, ки рӯйдодҳои хориҷиро инъикос менамоянд, фарқ мекунонад. Муҳаққиқони мазкур журналистикаи байналхалқии муосирро журналистикаи иттилоотӣ шуморида, фарқи он аз дигар журналистикаро дар ҳамин медонанд. «Журналистони байналхалқӣ он мавзуъ ва рӯйдодҳоеро баррасӣ мекунанд, ки аз ҳама бештар вокуниши иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд меоранд» [226, с. 22]. Ин маънои онро надорад, ки иттилооти байналхалқӣ танҳо хусусияти сиёсӣ ё молиявӣ дорад. Навигариҳои фарҳангӣ ва варзишӣ низ метавонад вокунишро ба вуҷуд биёрад. Масалан, баргузории ҷашнвораҳои байналхалқӣ, бозиҳои олимпӣ, моҷароҳои допингӣ дар варзиш ва ғайра.

Касби журналисти байналхалқӣ пас аз соли 2000-ум беш аз пеш ба ихтироооти технологӣ ва коммуникатсионӣ вобастагии бештар пайдо намуд. Чунки дар фазои иттилоотии байналхалқӣ танҳо набуда, акнун телевизион ва радиоҳои моҳвораӣ, сомонаҳо, блокҳо, шабакаҳои иҷтимоию платформаҳои зиёде ба паҳн намудани иттилоот саҳмгузор гаштанд. Раванди навбатии ВАО-и байналхалқӣ дар чунин шароит мустаҳкам намудани мавқеи худ дар ҷаҳони

зудтағйирёбанда гардид. Гузаштан ба низоми пахши рақамӣ аз як тараф ҷиҳати рушди журналистикаи байналхалқӣ шароит фароҳам оварда бошад ҳам, аз дигар тараф вобастагии журналистикаи байналхалқиро ба техника ва технологияи рақамӣ тақвият дод. Дар ин радиф ВАО-и бархе кишварҳо ба хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ гаштанд ва дар ин замина бақои расонаҳо ба ду омил бастагӣ дорад. Якум ин аст, ки ВАО то чӣ андоза зуд метавонад тағйир ёбад ва ба муҳити муосири коммуникатсионӣ ворид шавад. Дуюм ин аст, ки оё онҳо метавонанд дар атрофи худ ҷомеаеро нигоҳ доранд ё имичи худро бунёд кунанд.

Илова бар ин бо вуруди расонаҳо ба замимаҳои мобилӣ ва интернетӣ шаклҳои муосири таҳия ва пахши маводди журналистӣ роиҷ гардид ва ҳамзамон пахши мустақим аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ба як амали маъмулӣ табдил ёфт. Албатта, редаксияҳо дарк мекунанд, ки ба шабакаи иҷтимоӣ боз ҳам бештар вобаста мешаванд ва назоратро аз паҳнкунии мундариҷа аз даст медиҳанд.

Гузоришҳо дар бораи роҳандозии рӯзноманигорони роботӣ дар ВАО-и бузурги байналмилалӣ дигар тааҷҷубовар нест, зеро роботҳо ивазкунандаи журналистон гашта истодаанд. Бархе аз кибержурналистон дар бораи заминларза гузориш омода мекунанд, бархеи дигар гузоришҳои молиявӣ омода мекунанд ва баъзеи дигар гузоришҳое эҷод мекунанд, ки аз гузоришҳои инсонӣ тақрибан фарқ намекунанд. Хонандаи бетаҷриба амалан фарқияти байни матни бо алгоритмҳои математикӣ навишташуда ва маводди муаллифиро эҳсос карда наметавонад, чунки системаҳои автоматикунонии равандҳои журналистӣ ин қадар зуд ва сифатнок инкишоф меёбанд. Истифодаи васеъ аз техникаи муосири компютерӣ барои ҷамъоварӣ, коркард ва фиристодани иттилоот, инчунин рушди коммуникатсияи компютериро муҳаққиқон М.С. Имомзода ва Ҷ.М. Саъдуллоев асос барои пайдоиши «кибержурналистика» [48, с. 47] донистанд.

Дар замоне, ки суръати нашри ахбор яке аз пояҳои асосии муваффақияти тиҷоратии расонаҳо гардидааст, ҳар як сонияҳо башуморанд. То ба наздикӣ истифодаи роботҳоро ҳамчун як сенария танҳо дар асарҳои тахайюлӣ хондан ё дар филмҳо дидан мумкин буд, вале пешрафти техника ва технологияи ҷадид ба

барномасозон имкон фароҳам овард, ки алгоритмҳои ба таври худкор тартиб додани матнҳоро дар асоси маълумоти мавҷуда эҷод намоянд.

Истилоҳи «журналистикаи компютерӣ» [154, с. 27] бори аввал соли 2009 дар тадқиқоти муҳаққиқони Донишгоҳи Стэнфорд (ИМА) профессор Ҷеймс Ҳэмилтон ва дотсент Фред Тернер қайд гаштааст. «Хабарнигорони роботӣ» ин истилоҳро ҳанӯз на ҳамаи муҳаққиқон эътироф доранд. Агар дар интиҳои асри XX олимон бештар дар масъалаи сохтани барномаи автоматии кор бо омор баҳс доштанд, ҳоло бошад алгоритмҳои навиштани матн бидуни дахолати инсон ихтироъ шудааст. Таваҷҷуҳи афзоянда ба автоматикунонии журналистикаро метавон аввалин заминаҳои журналистони роботӣ низ номид. Бархе аз пажуҳишгарон ба ин назаранд, ки журналистонро мошинҳо иваз карда метавонанд. Айнан ҳамин идеяро олими даниягӣ Арен Ван Дален дар соли 2012 дар асари худ «Алгоритмҳо дар паси сарлавҳаҳо» пешниҳод карда буд. Ба андешаи ӯ «ҷиҳати мусбати журналистикаи роботӣ дар он аст, ки арзиши кор кам гашта, суръати тайёр кардани мавод меафзояд» [172, с. 650]. Аммо ҷиҳати манфиаш набудани услуб, ҳачв, суханпардозӣ ва қолабӣ будани матни журналистикаи роботӣ аст. Маҳорати касбӣ ва сабки хоси ҳар як журналист на танҳо воситаи рақобати онҳо бо роботҳо мебошад, балки шахсияти журналистон дар мақоми аввал меистад, зеро онҳо тавоноии ба эҳсоси аудитория таъсир расонданро доранд ва чунин вижагӣ барои роботҳо бегона аст. Роботжурналистика барои соҳибони ВАО, хосса медиамагнатҳо хеле фоидаовар аст, зеро онҳоро аз нигоҳдории садҳо хабарнигорони байналхалқӣ ва сарфи маблағ барои таҳия мавод озод мекунад, вале аудитория мундариҷаи беҳтареро меписандад ва кам гаштани аудитория барои расонаҳо зараровар аст.

Истифодаи зеҳни сунъӣ аз роботжурналистика фарқ дорад, чунки бо истифода аз барномаҳои вижа, ботҳо, пойгоҳҳои ҷустуҷӯӣ ва замимаҳои гуногуни зеҳни сунъии ройгон ва ё пулакӣ журналистон матн, сурат, инфографика, харита, навор, садо, слайд, ороиши сомона, блог ва дигар амалҳоро анҷом медиҳанд. Чунин хизматрасониҳо танҳо барои журналистон набуда, ҳар як шахсе ки бо техникаи зарурӣ муҷаҳҳаз ва аз усули кор бо зеҳни сунъӣ бохабар

аст, метавонад барои таҳсил, тиҷорат, фаъолияти касбӣ ва манфиатҳои гуногун аз онҳо истифода намояд. Масалан, бо истифода аз зеҳни сунъӣ наворҳои танзомези президентҳои ИМА, Русия, Туркия, Фаронса ва Украина омода ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳо паҳн гаштааст.

Ташаккули технологияи иттилоотӣ ба истифодаи бештари омор дар журналистика мусоидат намуд, ки ин самтро «дата журналистика» меноманд ва он ба коркарди миқдори зиёди омор алоқаманд аст. Омор пас аз таҳлил ба аудитория дар шакли фаҳмо (матн ё графикӣ) пешниҳод мегардад. Истифодаи воситаҳои махсуси автоматикунонидашуда («роботҳо», «ботҳо» ва ғ. «алгоритмҳо») барои иҷрои вазифаҳои журналистӣ, яъне ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, инчунин навиштани матн бе дахолати инсон асоси журналистикаи роботиро ташкил медиҳад. Масалан, истифодаи алгоритмҳои навиштани матнҳо аз ҷониби ВАО вуҷуд дорад. Аз ҷумла, «Narrative Science» дар «Forbes», «Quakebot» дар «Los Angeles Times», «GUARBOT» дар «The Guardian», «Wordsmith» дар «Associated Press» ва дар хидмати «Yandex for Media» қарор доранд.

Narrative Science яке аз аввалин алгоритмҳои хаттӣ буд, ки дар расонаи Forbes ҷиҳати таҳияи ҳисоботи иқтисодӣ истифода гардидааст. «Ин системаи коркарди маълумотҳои оморӣ соли 2010 аз ҷониби ширкати Chicago Narrative Science бо ҳамон ном таҳия шудааст ва дар ибтидо барои эҷоди мавод дар мавзуъҳои варзишӣ пешбинӣ шуда буд» [149, с. 420]. Дар лентаи хабарии сомонаи LA Times тавассути «Quakebot» хабар дар мавриди заминларзаи нав пас аз 3 дақиқа нашр мегардад, ки чунин фаврият дар журналистикаи анъанавӣ кам иттифоқ меафтад.

Дар навиштаҳои робот-журналист ҳарчанд қоидаҳои забон риоя гарданд ҳам, вале баъзан аз ҷиҳати маъноӣ мутобиқат ба назар намерасид. Барномасоз натавонист ба бот фаҳмонад, ки контекстро омӯзад, то калимаҳоро ба маънои дуруст истифода барад. Бо кушода шудани системаи худкори Wordsmith моҳи октябри соли 2015 навгонӣ дар журналистикаи роботӣ ба амал омад. Системаи мазкур қобилияти омодасозии то 2000 хабари фаврӣ дар як сонияро дошта, на

танҳо гузориш ва ё аз маълумоти пулис мавод омода мекард, балки имконияти навистани матнҳои мустақилро дошт. Таҷрибаи истифодаи робот-журналистро агентии иттилоотии «Ассошиэйтед пресс» дар фаъолияти худ аз соли 2014 оғоз намуда буд. Ҳарчанд дар ибтидо ғалатҳо дар матнҳо зиёд буданд, муҳаррирон онҳоро ислоҳ менамуданд, ҳоло бо такмили барнома ва коркарди дурусти алгоритмҳо хатоҳои имлоӣ дар гузоришҳо бартараф гаштанд, балки матни навиштаи роботҳо ба матнҳои маъмулии аз тарафи инсонҳо навишташаванда наздик шуданд.

Ҳар як технология паҳлуҳои мусбат ва манфии худро дорад, аз ҷумла, ҷанбаи мусбати истифодаи робот-журналистон чунин аст:

1. Сареият. Таҳияи мавод аз тариқи роботҳо бениҳоят сареъ буда, якчанд сонияро дар бар мегирад, ки дар чунин фурсат инсон қудрати омодасозии хабарро надорад.

2. Пурсамар. Дар фурсати кӯтоҳи вақт метавонад ҳазорҳо хабар ва гузоришҳоро омода созад.

3. Камхарҷ. Ҳарчанд арзиши робот-журналист гарон аст, вале бо мурури замон он хароҷоти худро мепӯшонад. Фаъолияти робот нисбат ба корманд барои идораи ВАО камхарҷ аст, зеро маош, мукофотпулӣ, пардохт барои рухсатии меҳнатӣ ва корношоямӣ вуҷуд надорад.

Ҷанбаи манфии робот-журналист:

1. Қолаби шахшуда. Бинобар сабаби шаблонҳои ягона доштан маводди робот-журналист қолабӣ мегардад, вале ин на ҳамеша ба табъи аудитория хуш меояд.

2. Танзими алгоритм. Робот-журналист бидуни алгоритм ва шаблонҳо фаъолият карда наметавонад ва танзими доимии он барои идораҳои ВАО гарон меафтад, зеро барномасозон ба ивази маблағи зиёд онро дуруст менамояд. Ин боиси он гардидааст, ки редаксияҳо алгоритм ва шаблонҳоро дертар иваз менамоянд, зеро на ҳама барномасози касбӣ доранд

3. Маводди бидуни ҳаҷв ва сабки журналистӣ. Робот-журналист ба мисли журналист имконияти истифода аз суханҳои ҳазломез ва ҳаҷвро надорад. Ҳар як

журналист дар таҳияи мавод сабки нигориши худро доранд, вале чунин хусусиятро робот–журналист надорад ва маводди он танҳо дар доираи шаблони муаяйн таҳия мегардад. Журналист метавонад қолабшиканӣ намояд, вале робот-журналист не.

Сарфи назар аз шакли фаъолият ба журналистон ва робот-журналистон низ хатарҳо ҷой доранд. Агар ба ҷони журналистон хатар аз сӯи дигар одамон мавҷуд бошад, ба робот-журналистон вирусҳо ва ҳамлаҳои рахнагарӣ таҳдид менамоянд. Қобилияти офаридани матнҳои мантиқдор, истифодаи забони зинда, таҳлили воқеаҳо ва корбурди ҳаҷв ва дигар вижагиҳо боис гардидааст, ки аз ихтисори сартосарӣ журналистонро нигоҳ дорад. Ҳамасола бо кашфи барномаҳо ва таҳияи алгоритмҳои нав сифати маводди робот-журналистон беҳтар гашта истодааст. Дар чунин шароит барои журналистон муҳим он аст, ки онҳо ба ҳамкорӣ бо роботҳо тайёранд ё не. Расонаҳои байналхалқӣ ба ин самт ҳаракат доранд ва журналистикаи Ӯзбекистон дар минтақа аввалин шуда ба ин самт майл намуд.

23 августи соли 2024 Агентии иттилоотии байналхалқии ТАСС дар такя ба Агентии иттилоотии миллии Ӯзбекистон хабар дод, ки журналисти виртуалӣ дар ин давлат ба фаъолият оғоз намудааст. Вай дар Ютубканали агентии УзА ахборро ба 9 забон, аз ҷумла русӣ мехонад. Мухбири виртуалии УзА бо истифода аз зеҳни сунъӣ таъсис дода шудааст. Хабарнигори сунъиро Собира Холдорова ном ниҳоданд. «Тасодуфӣ нест, ки хабарнигорро Собира Холдорова ном бурдаанд. Вай аввалин зани рӯзноманигори касбӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ӯзбекистон буд», – омадааст дар гузориш» [414]. Тавассути журналисти маҷозӣ ҳамчунин интишори хабарҳои қалбакӣ аз номи ин оҷонсӣ, дурустии онҳоро тафтиш кардан мумкин аст. Дар ҳар маводди видеоии робот омода намуда, рамзи махсус, яъне QR-код гузошта мешавад, ки бо фаъол гардонидани он хабарро дар сомонаи расмӣ дидан имконпазир мегардад.

Дар расонаҳои Тоҷикистон Агентии иттилоотии «Азия Плюс» дар истифодаи зеҳни сунъи пешсаф аст. Моҳи октябри соли 2024 агентии мазкур барои осон намудани дарёфти маълумот доир ба нафароне ки вуруди онҳо ба

Русия маҳдуд шудааст, «телеграм-бот таъсис дод» [399]. Инчунин агентии мазкур 13 майи соли 2025 хабар дод, ки Telegram-бот «Реклама на asia+» [398] ҷиҳати фавран ба роҳ мондани нашри реклама дар расонаҳои «Азия Плюс» роҳандозӣ мегардад. Аз моҳи майи соли 2025 агентии иттилоотии Авесто истифодаи зеҳни сунъӣ дар саҳифаи англисии худро ба роҳ монд.

Ҳарчанд дар мавриди истифодаи робот-журналистон дар Тоҷикистон ягон хабаре нест, вале сарфи назар аз ин журналистони тоҷикро зарур аст, ки ба чунин шароит низ омода бошанд, зеро овардани чунин роботҳо аз Чин имконпазир аст.

Дар замони муосир соҳаи журналистикаи байналхалқӣ дар заминаи раванди ҷаҳонишавӣ, пешрафтҳои технологӣ, тағйирёбии усули таҳия, коркард, пахш ва шеваи қабули иттилоот ва аҳаммияти бештарро касб намудани муколамаи байнифарҳангӣ ба таҳаввулоти зиёд дучор гардид. Аз ҷумла, раванди ҷаҳонишавӣ ҳаракати афзояндаи одамон дар саросари олам, вусъатёбии доду гирифти молҳо, сармоя ва иттилоот байни кишварҳо ниёз ба рӯзноманигорони байналхалқиро бештар намуд, зеро барои фаҳмонидан ва инъикоси рӯйдодҳое, ки берун аз марзҳои миллӣ иттифоқ меафтанд, саҳми онҳо бузург аст. Дар маҷмуъ таҳаввулоти журналистикаи байналхалқиро метавон чунин табақабандӣ намуд:

Истифода аз техника ва технологияи муосири рақамӣ:

Пешрафтҳои технологӣ, яъне пайдоиши интернет ва ташаккулёбии васоити ахбори омма, фароҳам овардани имконият барои паҳн кардани иттилоот тавассути платформаҳои нав, афзоиши рақибон дар фазои иттилоотии олам, муҳиммияти рушди журналистикаи байналхалқӣ ва мутобиқшавии ВАО-и байналхалқӣ ба пешрафти техникӣ таҳаввулоти дигаре дар журналистикаи байналхалқӣ ба шумор меравад.

Тағйир додани шакли қабул ва ҳазми иттилоот:

Дар замони муосир одамон аз сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла расонаҳои интернетӣ иттилоотро дастрас менамоянд, ки ин аз рӯзноманигорони байналхалқӣ талаб мекунад, ки ба форматҳои нави таҳияи мавод ва хоҳишҳои аудиторияи замонавӣ мутобиқ шаванд.

Афзудани таваҷҷуҳ ба муколамаҳои байнифарҳангӣ дар ҷомеаи муосир:

Бо вуҷуди мавҷуд будани иртиботи чандинасра дар ҷаҳони муосир тафовутҳои фарҳангӣ ҳанӯз ҳам ба назар мерасанд ва бархурди тамаддунҳо як мушкилии умдаи асри навин гардидааст. Журналистикаи байналхалқӣ дар муаррифии фарҳангҳо, инъикоси нуқтаи назари гуногун нақши калидӣ дорад ва афзоиши таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур таҳаввулоти дигаре дар ин соҳа аст.

Густариши ВАО-и байналхалқии интернетӣ:

Илова бар он ки журналистони байналхалқӣ барои дарёфт ва табодули иттилоот аз интернет самаранок истифода мебаранд ва тавассути интернет, платформаҳои гуногун ва шабакаҳои иҷтимоӣ маводди худро ба аудиторияи худ дар саросари дунё паҳн менамоянд, боз расонаҳои давлатҳо, созмонҳои гуногун, журналистон ва блогерон ба фазои иттилоотии байналхалқӣ роҳ ёфта, сафи рақибони ВАО-и байналхалқиро афзуданд. Ҳамзамон робитаҳо ва ҳамкориҳои байналхалқӣ дар бахши иттилоот густариш пайдо намуданд. Инчунин дар баробари давлатҳои абарқудрат дигар давлатҳо имкон пайдо намуданд, ки мавқеи худро тавассути интернет баён намоянд ва ба фазои иттилоотии ҷаҳон ворид гарданд.

Муҳиммияти принсипҳои ахлоқӣ дар журналистикаи байналхалқӣ:

Таҳрифи воқеият, таҳқири миллатҳо ва давлатҳо, бархурди шадид бо пайравони динҳо, паст задани шаъну шарафи инсонҳо, эҳтиром накардани меъёрҳои ахлоқӣ, нашри маводди тафриқаангез ва дигар амалҳои нодуруст дар расонаҳои миллӣ ва байналмилалӣ сабабгори эҷоди қонунҳо дар давлатҳо ва қабули меъёрҳои ахлоқӣ дар идораҳои ВАО ва ташкилотҳои рӯзноманигорӣ гашт. Дар тамоми чунин аснод аз журналистони байналхалқӣ дар баробари дигар журналистон талаб карда мешавад, ки дар фаъолияти касбии худ объективона ва беғаразона амал намоянд ва фарҳангу анъанаҳои миллатҳоро эҳтиром кунанд.

Ташаккулёбии шаклҳои нави журналистикаи байналхалқӣ:

Дар журналистикаи байналхалқӣ вобаста ба мавзуи фаъолият, соҳаи инъикос ва дигар хусусиятҳо дигаргуниҳо ба амал омад. Ба монанди «тадқиқоти журналистӣ, журналистикаи варзишӣ, шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ, дата-журналистика

ва трэвел-журналистика ва ғайра пайдо шуданд, ки мундариҷаи ба аудитория ва ё соҳаи алоҳидаро амиқтар ва ҷолибтар пешниҳод кунанд.

Дар асри XXI журналистикаи байналхалқӣ ба самтҳои зерин таваҷҷуҳи бештар равона мегардад:

1. Масоили сиёсӣ: навигариҳои сиёсӣ, равандҳои муосири сиёсати кишварҳо, низоъҳои гуногун, инъикоси фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, пайгирии раванди интихобот дар давлатҳо, баррасии равобити байналмилалӣ ва вазъияти сиёсии давлатҳоро анҷом медиҳанд.

2. Масоили иқтисодӣ: навигариҳои иқтисодӣ, вазъияти молиявӣ, таҳаввулоти тиҷорат, равандҳои муҳоҷирати корӣ, ахбори биржаҳои ҷаҳонӣ, паёмҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ, қурби асъор ва дигар масоили иқтисодии дунёро баррасӣ намуда, маводди иттилоотӣ ва таҳлилиро бештар дар бар мегиранд.

3. Масоили фарҳангӣ: навигариҳои фарҳанг ва ҳунар, ҳамоишҳои байналхалқии фарҳангӣ, муаррифии фарҳанги миллатҳо, ҷашнвораҳои гуногун, расму оин ва маросимҳои диниро фаромегирад.

4. Масоили иҷтимоӣ: мавзуъҳои адолати иҷтимоӣ, нобаробарии гендерӣ, табъизи одамон, риояи ҳуқуқи инсон, қашшоқӣ дар давлатҳои ақибмонда, қочоқи инсон, муносибати нодуруст бо муҳоҷирони корӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми иҷтимоии ҷаҳон ба таври доимӣ дар расонаҳои байналхалқӣ инъикос мегардад.

5. Масоили экологӣ: Муносибати нодурусти одамон, ширкатҳо ва кишварҳо ба табиат, хароб намудани ҷангалзорҳо, истифодаи аз меъёр зиёди сарватҳои табиӣ ва хориҷ намудани партовҳои кимиёӣ, радиоактивӣ, саноатӣ ва маишӣ ба муҳити зисти сайёраи Замин таъсири бузурги манфӣ расонид ва доманаи мушкилоти экологӣ рӯ ба афзоиш аст. Дар нимаи дуюми асри XX ва аввали асри XXI масъалаҳои экологӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлатҳо, созмонҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ қарор гирифт. Мушкилоти экологӣ дар ВАО-и байналхалқӣ ба яке аз масъалаҳои зиёд баррасишаванда табдил ёфта, соҳаи нави журналистика – журналистикаи экологӣ пайдо шуд. Дар журналистикаи экологӣ баланд бардоштани маърифати экологии омма ба қавли

муҳаққиқ Ҷ. Якубов «яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва асосӣ маҳсуб меёбад» [142, с. 42]. Маҳз ҳамин ҷиҳат бисёре аз расонаҳои байналхалқӣ баррасии масоили экологиро дар меҳвари фаъолияти худ қарор медиҳанд. Омили дигари таваҷҷуҳи зиёди расонаҳо ба масоили экологӣ афзоиши бархурдҳои байналхалқӣ дар атрофи чунин масоил мебошад.

6. Мушкилоти набардҳои иттилоотӣ: Ҷангҳои иттилоотӣ миёни абарқудратҳо ва дигар кишварҳо, талошҳои геополитикӣ ва геоэкономикии давлатҳо ва муҳофизат манфиатҳои миллӣ аз мавзуъҳои асосии расонаҳои байналхалқӣ гардидааст.

7. Маводди марбут ба техника ва технологияи нав: Муаррифии дастовардҳо дар соҳаи техника ва технология, баланд бурдани маърифати техникии аудитория, таҳлил ва баррасии ҷанбаҳои мусбат ва манфии технологияи навин, тарғиби маҳсулоти ҷадиди ширкатҳои машҳур, бохабар намудан аз кашфиёти нав ва мушкилоти техникӣ, огоҳӣ аз амнияти рақамӣ ва дигар мавзуҳои монанд дар расонаҳои байналхалқӣ зиёданд.

Ҳамчунин бо рушди интернет ва дигар расонаҳо шаклу воситаҳои нави пахши мавод дар журналистика, аз қабили подкаст, видеокепшен, расонаҳои интернетӣ ва ғайра пайдо шуданд. Журналистони байналхалқӣ бояд дар асри XXI дар истифодаи воситаҳои муосири иртиботӣ ва мутобиқ шудан ба тамоюлҳои нави ВАО-и байналхалқӣ қобилият дошта бошанд.

1.3. Проблемаҳои муосири журналистикаи байналхалқӣ

Ҳар як марҳилаи ташаккули журналистикаи байналхалқӣ проблемаҳои ба худ хос доранд. Дар замони муосир низ он дар баробари рушд гирифтори мушкилоти худ аст. Вале ин мушкилот дар тамоми ҷаҳон яксон нест ва он ба сиёсати давлатҳои алоҳида, сатҳи инкишофи кишварҳо, авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаҳо, истифодаи ВАО ва ғайра рабт дорад.

Яке аз мушкилоти асосии журналистикаи байналхалқӣ – ин зери таъсири фишори эмотсионалӣ қарор доштани журналистон мебошад. Зеро фаъолияти

онҳо дар муҳити ноустувор ва зуд тағйирёбандаи ҷаҳон ва минтақаи сафари корӣ алоқаманд аст. Журналистикаи байналхалқӣ ҳамзамон аз рӯзноманигорон вақти зиёд ва қувваи бештари ҷисмониро талаб менамояд, чунки аксар вақт онҳо соатҳои тӯлонӣ дар сафар қарор доранд ва дар шароити гуногун фаъолият мекунанд. Мушаххасан проблемаҳои асосии касби журналисти байналхалқӣ инҳоянд:

1. Кор дар шароити баланди ҳаяҷон ва фишори равонӣ:

Журналисти байналхалқӣ ҳам дар вазъияти оддӣ ва ҳам дар вазъияти фавқулода метавонад ба ҳаяҷон ва фишори равонӣ гирифтор гардад. Сафар ба кишварҳои гуногун, вохӯрӣ бо шахсиятҳои машҳури дунё, мушоҳидаи аҷоиботи олам ва дигар лаҳзаҳои гуворо метавонад ӯро ба вачд орад. Инчунин журналисти байналхалқӣ ҷиҳати иҷрои рисолати касбии худ ба минтақаи моҷароҳои яроқнок, фалокатҳои табиӣ, маҳалли амалҳои террористӣ ва сарзаминҳои зарардида сафар мекунад ва шоҳиди ҳодисаҳои даҳшатнок мегардад, ба ӯ тарафҳои моҷаро таҳдид менамоянд ва ин ҳама фишори равонии гарон барои журналисти байналхалқӣ аст.

2. Набудани реҷаи муайяни корӣ:

Журналистони байналхалқӣ аксаран реҷаи муайяну нақшавии корӣ надоранд, соатҳои номунтазам ва дар ҳолатҳои фавқулодда кор мекунанд ва ин ба ҳаёти шахсии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

3. Эҳтимолияти зиёди дучор шудан ба таҳдид ва зӯроварӣ ҳангоми фаъолияти касбӣ:

Дар баъзе кишварҳо ва минтақаҳои фаъолият журналистони байналхалқӣ барои фаъолияти касбии худ мавриди таҳдид, хушунат, гаравгонгирӣ ва ҳатто ба марг рӯ ба рӯ мегарданд.

4. Риоя нагардидани уҳдадориҳои журналисти байналхалқӣ:

Ба уҳдаи рӯзноманигори байналмилалӣ масъулияти бузург гузошта шудааст, зеро вазни сухани ӯ ба тавозуни мизони ҷаҳон таъсиргузор аст. Инчунин на танҳо афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ, балки раванди сиёсати байналхалқиро иваз карда метавонад.

5. Афсурдашавии равонӣ ва ҷисмонии журналисти байналхалқӣ: Журналисти байналхалқӣ дар минтақаҳои ноором доимо таҳти фишор ва шиддати эмотсионалӣ қарор дорад. Журналисти байналхалқӣ ҳамаи он мушкилоте, ки аҳолии минтақаҳои амалиёти ҷангӣ, обхезӣ, заминҷунбӣ ва дигар фалокатҳо аз сар мегузаронанд, дар худ таҷриба менамояд. Ҳамаи ин ба саломатии журналистони байналхалқӣ бетаъсир наметонад.

6. Талаботи баланд ба малакаҳои забондонӣ, риояи фарҳанг, анъана ва қоидаҳои кишвари мизбон:

Журналисти байналхалқӣ на танҳо забони кишвари мизбонро донад, балки қоидаҳои будубош, анъана ва фарҳанги онҳоро ҳатман риоя намояд.

7. Мавҷуд будани сензура:

Журналистони байналхалқӣ ва хориҷӣ ҳангоми фаъолият дар баъзе давлатҳо мумкин аст, ба маҳдудияти озодии сухан ва сензура дучор гарданд.

8. Зарурати омӯзиши доимӣ ва такмили ихтисос барои журналистони байналхалқӣ:

Ҷаҳон бо суръат тағйир меёбад ва журналистони байналхалқиро зарур меояд, ки тамоюлҳои навро пайваста назорат кунанд ва маҳорати касбии худро такмил диҳанд.

9. Ноустувории вазъи молиявии журналистони байналхалқӣ:

Фаъолият дар самти журналистикаи байналхалқӣ метавонад аз ҷиҳати молиявӣ зараровар низ бошад, бахусус барои фрилансерҳо ё онҳое, ки дар расонаҳои хурд кор мекунанд. Инчунин буҳронҳои молиявӣ, беқурбшавии асъори хориҷӣ, ҷорӣ намудани таҳримҳо аз тарафи давлатҳои абарқудрат, маҳдудиятҳо дар интиқоли маблағҳо метавонад мушкилии дигар барои журналистони байналхалқӣ гардад.

Журналистикаи байналхалқӣ дар асри XXI як соҳаи муҳим ва рушдёбандаи журналистика буда, дар баробари чолишҳо бо имкониятҳои нав рӯбарӯ аст. Журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули афкори умумиҷаҳонӣ ва пешбурди ҳаёти байналхалқӣ нақши асосиро мебозад. Ҳамзамон рӯзноманигорони байналхалқӣ бо як қатор мушкилоте, ки вобаста ба тавсеаи доираи фаъолияти

онҳо, зарурати донистани якчанд забони хориҷӣ ва омӯзиши фарҳангҳо, инчунин тағйирёбии ВАО ва талабот ба иттилооти босифат рӯбарӯ шудааст. Ҳамингуна масъалаҳо ба ҷанбаҳои ахлоқии инъикоси рӯйдодҳои байналхалқӣ, мушкилоти таъмини мустақилияти рӯзноманигорон ва ҳифзи онҳо аз таҳдидҳо ва дарёфти тавозун байни ҳадафҳои тиҷоратӣ ва иттилоотӣ низ дахл дорад.

Масъалаҳои ахлоқӣ барои журналистони байналхалқӣ беаҳаммият нестанд, зеро бо назардошти фарқиятҳои фарҳангӣ нофаҳмиҳо ва бархурдҳо ба вуҷуд меояд. Журналисти байналхалқие ки намояндаи як фарҳанги алоҳида аст, дар ҳолати эҳтиром нагузоштан ба арзишҳои фарҳангии дигар кишвар ва миллату қавмҳо метавонад, бархурди миллатҳо, қавмҳо ва кишварҳро барангезад. Масалан, соли 1998 барои гузоришҳои нодуруст ва иғвогарона «хабарнигори НТВ Елена Масюк персона нон грат» [90, с. 375] дар Тоҷикистон эълон гардид ва ӯ аз имкони вуруд ба кишвар маҳрум шуд. Лозим ба тазаккур аст, ки ҳатто як ҳазли ноҷойи журналисти байналхалқӣ боиси коста гардидани робитаҳо мегардад. Беэҳтиромӣ ба фарҳангҳои гуногун, раво дидани бадбинӣ нисбати дигарон ва ҷудо кардани одамон аз рӯи мансубияти қавмӣ, динӣ, нажодӣ ва ғайра барои журналисти байналхалқӣ қатъиян мумкин нест. Монеаҳои фарҳангӣ низ дар журналистикаи байналхалқӣ ҷой дорад ва фарқияти фарҳангӣ ба шеваи қабули иттилоот аз ҷониби аудитория таъсири худро мерасонад.

Ҳифзи манбаъҳои иттилоот аз масъалаҳои муҳимми журналистикаи байналхалқӣ ба шумор меравад. Дар шароити назорати шадиди ВАО ё нигаронӣ аз амнияти хабарнигорон, эҳтиром гузоштан ба қоидаҳои ифшои номи манобеъ ва ҳифзи онҳо аз таъқиб хеле масъалаи ҳассос ва муҳимми журналистика аст.

Паҳн кардани ахбори нодуруст ва бардурӯғ на танҳо аз тариқи расонаҳои байналхалқӣ ва миллӣ, балки аз тариқи интернет низ ба яке аз проблемаҳои муҳими журналистикаи байналхалқӣ мубадал гаштааст. Ба андешаи муҳаққиқ Лайло Киёнпур «ВАО набояд иттилооти бардурӯғро нашр намояд» [186, с. 8]. Дар фазои иттилоотие, ки маълумоти бардурӯғ зуд паҳн мешавад, барои журналистони байналхалқӣ муҳим аст, ки маълумоти боэътимодро аз хабарҳои қалбакӣ фарқ карда тавонанд ва саводи расонаии аудиторияи худро боло баранд.

Ба андешаи муҳаққиқ Ҷ. Яқубов «принсипҳои журналистикаи байналхалқӣ, ба монандӣ беғаразӣ, поквиҷдонӣ, ҳақиқатнигорӣ дар ҳоли косташавӣ қарор дошт» [394, с. 24]. Ба назари мо чунин ваъият ҳамоно боқӣ монда, ба яке аз масъалаҳои доғи журналистикаи байналхалқии муосир табдил ёфтаанд.

Масъалаи бархӯрди манфиатҳо ба ҳолат ва дурнамои журналистикаи байналхалқӣ бетаъсир наmemонад. Журналистони байналхалқӣ метавонанд бо бархӯрди манфиатҳо рӯбарӯ шаванд, вақте ки фаъолияти касбии онҳо бо эътиқоди шахсӣ ё манфиатҳои молиявии гурӯҳе, давлате ва ё созмоне муқобил аст.

Дастрасии озод ба иттилоот ва муҳофизат аз сензура мушкилии навбатии журналистикаи байналхалқӣ аст. Чунин ҳолат дар кишварҳое, ки озодии баён маҳдуд аст, фаъолияти журналистӣ метавонад ба сензура дучор гардад, ки кори онҳоро мушкил сохта, дастрасии иттилоотро маҳдуд менамояд. Намунаи барҷастаи чунин ҳолат кишвари Афғонистон аст. Рӯзноманигорони байналхалқие, ки рӯйдодҳои мураккаби байналмилалиро инъикос мекунанд ва мушкилоти ҷиддии оламро шарҳ медиҳанд, аксар вақт мавриди таъқиб ва ё сензура қарор мегиранд ва ин фаъолияти онҳоро мушкил мекунад.

Шарҳ ва тафсири ҳаёти байналхалқӣ кори одӣ ва осон нест. Тарҷума ва тафсири нодурусти иттилоот ба забонҳои гуногун метавонад боиси ғалатфаҳмӣ ва таҳрифи маъно гардад. Аз ин рӯ, журналистони байналхалқиро зарур аст, ки ахборро бо забонҳои гуногун дуруст таҳлил ва пешниҳоди аудитория карда тавонанд.

Рушди ВАО ва истифодаи технологияи муосири коммуникатсионӣ дар баробари беҳбудии вазъи ВАО-и байналхалқӣ ҳамзамон баъзе проблемаҳоро дар бахши омодасозии мавод ба вуҷуд овардааст. Вобаста ба ин журналистони байналхалқиро зарур аст, ки ҳамқадами замон гашта, аз навгониҳои соҳа бохабар бошанд, аз технологияи муосир истифода бурда тавонанд ва ҳамзамон бо омӯзиши пайвастаи расонаҳои интернетӣ, вижагиҳои онро сарфаҳм раванд ва маводро ба табъ ва завқи аудитория омода намоянд. Рӯзноманигорони

байналхалқӣ имрӯз бо ҳама намуди иттилоот: чопӣ, радиоӣ, видео ва шабакаҳои иҷтимоӣ бояд кор карда тавонад.

Бояд қайд намуд, ки касби журналистӣ «баъзан хатарнок ва ҳамеша пурташвишу душвор аст» [22, с. 6]. Масъалаи амнияти журналистони байналхалқӣ аз мавзуъҳои хеле ҳассос ва ташвишовари замони муосир аст. Дар баъзе кишварҳо ба журналистон аз ҷониби ташкилотҳои ҷиноӣ ва гурӯҳҳои эътирозгар хатарҳо таҳдид мекунад. Аммо барои журналистони байналхалқӣ масъалаи таъмини амнияти онҳо дар минтақаи моҷароҳои яроқнок хеле муҳим аст. Дар моҷароҳои Афғонистон, Ироқ, Сурия, Украина, Ғазза марги журналистон ва захми шудани онҳо аз ҳама бештар иттифоқ афтодааст.

Мушкилоти молиявӣ низ журналистони байналхалқиро думболагир аст. Хабарнигорони байналхалқӣ аксар вақт масрафи зиёд барои сафар, зиндагӣ ва кор дар хориҷаро доранд, ки чунин вазъият муассисони ВАО-и байналхалқиро ба ихтисори кормандон, бастани намояндагӣ дар хориҷа ва ҳатто бахшҳо водор менамояд. Барои аз чунин вазъият баромадан ба журналистони байналхалқӣ зарур аст, якчанд забони байналмилалиро донанд, пайваста ба худомӯзӣ машғул шаванд ва малакаҳои ба ҳар гуна шароити корӣ мутобиқ шуданро аз худ намоянд. Рушди интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ боиси бештар паҳн шудани маълумоти бардурӯғ гардидааст, ки аз рӯзноманигорон тақозо менамояд, ки ҳушёру зирак ва масъулиятшинос бошанд.

Дар асри XXI журналистикаи байналхалқӣ дар баробари як соҳаи мураккаб будан, соҳаи рушёбанда низ мебошад, ки самтҳою мавзуъҳои навро фаро мегирад. Журналистикаи байналхалқӣ доимо бо душвориҳои нав рӯ ба рӯ мегардад, аммо ҳамеша барои рафъи ин мушкилот талош дорад.

Дар журналистикаи байналхалқии муосир масъалаҳои аккредитатсияи журналистони байналхалқӣ, масъалаи озодии сухан, рақобат миёни ВАО-и байналхалқию хориҷӣ ва миллӣ, рақобат бо журналистони шаҳрвандӣ дар фазои маҷозӣ, вайрон гардидани этикаи касбӣ, муаррифии нодурусти чеҳраҳо ва давлатҳо, суйистифода аз ВАО-и байналхалқӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ ва рақобатҳои геополитикӣ, таъсири глобализатсия ба журналистикаи байналхалқӣ

ва баррасии якҷонибаи проблемаҳои глобалӣ аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мераванд, ки бартараф намудани онҳо кори дастаҷамъонаи давлатҳо ва созмонҳои байналхалқию журналистӣ мебошад.

Омӯзгор ва журналисти байналхалқӣ Тюкин Михаил Вячеславович мегӯяд: «Мушкилоти асосии журналистикаи муосири байналхалқӣ худи журналистони байналхалқӣ мебошанд, ки нақши худро дар равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ аз ҳад зиёд баҳо медиҳанд ва аксар вақт мақоми худро барои «таълим» додани аудитория, барои маслиҳат додан ба онҳо истифода мебаранд» [60, с. 6].

Журналистика як соҳаи универсалиро мемонад ва предмети инъикоси он дар замони муосир аз Шарқ ба Ғарб, аз Шимол ба Ҷануб ва аз қаъри замин то ба коинот тул кашидааст. Журналистика ба тамоми соҳаҳо алоқамандӣ дорад, зеро навигариҳо ва мушкилот, бурду бохти онҳоро ба мардум мерасонад. Имрӯз журналист аз ахбори муқаррарӣ сар карда то асрори ниҳониро аз саросари олам ҷамъоварӣ ва манзури аудитория мегардонад. Журналистонро «паёмрасони набзи ҷомеа ва ҳамзамон таъсиррасон ба он набз» [275, с. 20] ҳам медонанд. Муҳаққиқ И. Усмонов ба ин назар аст, ки «ҷамъ овардани ахбори дунё барои он даркор аст, ки аз як тараф таваҷҷуҳро ҷалб кунад, аз тарафи дигар, ахборро ба диди худ мувофиқ намояд» [128, с. 317]. Одитарин хабари як кишвар ҳоло дар як лаҳза метавонад дар саросари олам паҳн гардад, зеро ҷаҳон ба қавли муҳаққиқи канадагӣ Маршал Маклюэн ба «деҳкадаи глобалӣ» [89, с. 8] табдил ёфтааст ва инро бештари муҳаққиқон ҷонибдорӣ менамоянд. Инкишофи техника ва технологияи комуникатсионӣ дар ин самт ин равандро тезонида бошад ҳам, вале он бештар бо иштироки журналист амалӣ мегардад. Зеро имрӯз ВАО на танҳо ахбори як давлатро ҷамъоварӣ менамоянд, балки хабарнигорони бархе аз онҳо дар саросари олам фаъолият доранд.

Журналистоне ки ба ҳайси мухбири хориҷӣ ва ё байналхалқӣ фаъолият мекунанд, дар давлатҳои фаъолияткунандаашон сараввал ба қайд гирифта шуда, фаъолияти худро қонунӣ мегардонанд. Ин ҷараёнро дар маҷмуъ аккредитатсияи мухбирони хориҷӣ меноманд.

«Аккредитатсия аз калимаи лотинии accredere – бовар кардан гирифта шудааст» [46, с. 251]. Ба маънои дипломатиаш «аккредитатсиякунонӣ» дар ҳуқуқи байналхалқӣ истифода мешуд ва дар аввал маънои маросими таъйин ва қабул (эътироф) кардани намояндаи мамлакат (ташкилот) дар назди давлатии хориҷӣ ё созмони байналхалқиро дошт. Баъдтар ин маросим ҳангоми муаррифӣ кардани журналистон дар созмонҳои байналхалқӣ низ тадбиқ карда шуд. Истилоҳи мазкур дар дигар соҳаҳо низ мавриди истифода аст ва дар журналистика акнун онро танҳо ба маънои сабти ваколати журналистон дар вазоратҳои хориҷии кишварҳо ва созмонҳои байналхалқӣ намедонанд, балки ҳамчун бақайдгирӣ «дар назди ҳама гуна мақомот, созмон, муассиса, идораи созмонҳои ғайридавлатӣ фаҳмида мешавад» [84, с. 101].

Аккредитатсия эътирофи ваколати журналистон аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду намуди аккредитатсияи журналистон вуҷуд дорад, ки яке сабти номи журналистони хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Вазорати корҳои хориҷӣ аст, дигаре сабти номи журналистони ВАО новобаста аз дохилӣ ё хориҷӣ будан дар назди вазоратҳо, ниҳодҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Фарқи журналисти аккредитатсияшуда аз журналист дар он аст, ки имконияти бештар дорад, ҳарчанд «журналисти аккредитатсиянашуда» [46, с. 259] низ ба дастрасии ахбор ҳуқуқ дорад.

«Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади риояи нуктаҳои Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Муоҳидаи байналмиллалии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 ва дигар санаду муоҳидаҳое, ки Тоҷикистон ба он имзо намудааст, бо манфиати нашри озоду ҳамаҷонибаи тамоми шаклҳои иттилоот ва густариши ҳамкориҳо дар бахши иттилот ва мубодилаи ахбор бо мамолики хориҷӣ, ба фаъолияти хабарнигорони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додаст» [191, с.7]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мухбирони хориҷӣ ва байналхалқӣ тибқи низомнома «Дар бораи аккредитатсияи хабарнигорони воситаҳои ахбори оммаи давлатҳои хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3, с. 285] ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба расмият дароварда мешавад. «Зери истилоҳи хабарнигори хориҷӣ хабарнигори воситаҳои

ахбори умумии (оҷонсиҳои иттилоотӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо, радио ва телевизион) давлатҳои хориҷӣ, ки ваколаташон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд, дар назар дошта мешавад. Ҳамчун хабарнигорони хориҷӣ шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин ашхоси бетабаа сабт шуда метавонад» [61, с. 6].

Қонунҳо дар бораи ВАО ва қоидаҳои аккредитатсиякунонӣ дар бисёри давлатҳо мавҷуд аст. Тартиби ин ҷараён дар ҳамаи давлатҳо яксон нест ва ҳамчунин ягон конвенсияи алоҳидаи байналхалқӣ вуҷуд надорад, ки давлатҳо аз рӯйи он ҳама ба фаъолияти журналистон назари ягона дошта бошанд. Аксар маврид раванди сабти ном ва фаъолияти хабарнигорони байналхалқӣ ва хориҷӣ аз сиёсати кишвари мизбон ва қонунҳои он вобаста аст. Аз ин ҷост ки ба баъзе намояндагони ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ бартарӣ дода мешаваду барои бархе дигар маҳдудият ҷорӣ мегардад. Масъалаи аккредитатсиякунонии мухбирони хориҷӣ ва байналхалқӣ мушкилиҳои худро низ дорад ва журналистонро лозим меояд ҳамаи ин монеаҳоро бигзаранд. Фаъолияти мухбирони хориҷӣ ва байналхалқӣ ба масъалаҳои озодии баён ва сиёсати дохилию хориҷии кишварҳо низ сахт алоқамандӣ низ дорад. Аз ин лиҳоз тартиб ва талаботи гуногун дар масъалаи аккредитатсияи журналистон вуҷуд дорад, ки то ҳол ба таври пурра пажуҳиш нашудааст. Дар мавриди аккредитатсияи мухбирони хориҷӣ ва байналхалқӣ дар асарҳои муҳаққиқони рус ва тоҷик баъзан ишораҳо ҳаст, вале асаре ки ин масъаларо дар сатҳи байналхалқӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ намуда бошад, навишта нашудааст ва надонистани тартиби аккредитатсия дар давлатҳои олам барои мухбири хориҷӣ ва байналхалқӣ хеле мушкилӣ пеш меорад. Аз ин ҷиҳат масъалаи мазкур зарурат ба таҳқиқ дорад.

Мухбири ВАО нафарест, ки вазифаи он таъмин аудитория бо иттилоот мебошад ва барои ӯ ҷамъоварии ахбор ва ирсоли он фаъолияти асосӣ аст. Журналисти хориҷӣ ва байналхалқӣ барои иҷрои ин рисолати касбии худ сарҳадҳоро убур мекунад, баҳру уқёнус ва кӯҳу биёбонро мепаймояд, дар майдони ҳарбу зарб ҷони худро дар хатар меандозад. Ҳар яке аз онҳо мушкилоти ба худ хоссро доранд, ҳатто дар замони осоиштагӣ ҳам барои фаъолияти

хабарнигорони хориҷӣ ва байналхалқӣ мушкилот вуҷуд дорад. Масъалаи вуруди журналистони хориҷӣ ба баъзе кишварҳо ҳанӯз ҳам маҳдуд ва мушкил аст, ин дар ҳолест ки ҷаҳон марҳилаи ҷаҳонишавиро аз сар гузаронида истодааст. Яке аз чунин кишварҳои пӯшида ва аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва раванди ҷаҳонишавии иттилоот худро дар канор гирифта Ҷумҳурии Куриёи Шимолӣ мебошад. Дар ин кишвар истифодаи телефонии мобилӣ ва интернет манъ буда, вуруди журналистони хориҷӣ хеле мушкил аст.

Имрӯз дар ҷаҳон таҳаввулоти зиёде ба вуҷуд омад, замони якқутбагии он гузашт ва замони бисёрқутбӣ расид. Талошҳо барои мавқеи геополитикӣ миёни абарқудратҳо боз ҳам авҷ гирифтанд. Дар ин раванд ВАО ҳамчун як силоҳи пурқудрат истифода мешавад ва ҷанбаи сиёсии журналистика афзоиш ёфтааст. Дар чунин марҳила истифодаи фишор ва маҳдудият ба намояндагиҳои ВАО-и давлатҳои муқобил ба як одати доимӣ табдил ёфтааст. Мисоли барҷастаи ин нуқта муносибати сарди Русия ва Украина пас аз соли 2014 мебошад. Яъне, пас аз он ки президенти Украина –Янукович аз қудрат бо дастгирии ИМА ва Аврупо барканор гардид ва Русия Қримро гирифт, муноқишаҳои лафзию ҳарбӣ ва иттилоотӣ хеле пуршиддат идома доранд. Русия аз ҷудоихоҳони Украина пуштибонӣ мекунад ва аз ҳукумати феълии Украина ИМА ва Ғарб дастгирӣ менамоянд. Шуруъ аз моҳи феврали соли 2022 оташи ҷанг миёни ин ду кишвар аланга зад ва кӯшишҳои дарёфти роҳи ҳалли моҷаро дар соли 2025 ҳанӯз бенатиҷа буд.

Фаъолияти намояндагиҳои ВАО-и Русия дар Украина баъд аз соли 2014 хеле душвор гардид, зеро ҷониби Украина аз аккредитатсияи хабарнигорони рус худдорӣ мекунанд. Тавре агентии байналмилалии РИА Новости иттилоъ додааст, 22 декабри соли 2016 Ҳукумати Украина аз аккредитатсияи хабарнигорони ин агентӣ дар ҷаласаҳои худ рад намудааст. Асоси рад намудани аккредитатсияи ин ниҳоди хабарии Русия ин риояи қарори парламенти ин кишвар мебошад [289, с. 170]. Намояндаи хадамоти матбуотии Ҳукумати Украина Ирина Конопатко изҳор намуд, ки тибқи рӯйхати воридгардида, ВАО-и Русия наметавонанд дар чорабиниҳои ин ниҳод ширкат варзанд. Интерфакс-

Украина» ва «РБК-Украина» ба хотири он ки дар Украина аз қайди давлатӣ гузаштаанд, дар ин масъала истисноянд. И. Кононпатко иброз дошт, ки рад кардани аккредитатсияи ВАО-и Русия танҳо марбут ба ниҳоди онҳо ва дигар ниҳодҳои Украина мувоффиқи салоҳияти худ дар аккредитатсия ва ё рад намудани намояндагиҳои ВАО-и Русия озоданд. Ин дар ҳолест, ки дар Украина ба аккредитатсияи намояндагони агентии иттилоотии РИА Новости дар парлумон, Хадамоти бехатарии Украина, дастгоҳи президент, Вазорати корҳои хориҷӣ, вазорати мудофиа ва дигар ниҳодҳо рад карданд.

Пас аз 3 рӯзи ҳуҷуми як гурӯҳи ҷангҷӯён ба идораи намоядагии РИА Новости дар Киев ҳукумати ин кишвар аз рад намудани акредитатсияи ин расона хабар дод. Вазорати корҳои хориҷии Русия ин амалро маҳкум намуда, аз Украина талаб кард, ки уҳдадориҳои байналмилалии худро дар бахши ҳимояи ВАО ва озодии баён риоя намояд. Моҳи феврали соли 2015 парлумони Украина аккредитатсияи як қатор ВАО-и Русияро дар назди ниҳодҳои давлатии ин кишвар бекор намуд, ки ин феҳрист беш аз 100 намояндагии ВАО-и Русияро дар Украина дар бар мегирифт. Дар Русия ин амалро ҳамчун «эҳёи сензура дар Украина баҳо доданд» [461].

Дар парлумони Украина пешниҳоди манъи вуруди журналистони Русияро намуданд, зеро дар симои журналистони рус вакилони парлумон корманди Хадамоти амниятии Русия ва ё тарғибгарони расмиро медиданд. Дар ин маврид масъалаи ҷорӣ намудани раводидро салоҳи кор донистанд

Дар пайи қатъ гаштани аккредитатсияи беш аз 100 журналисти Русия дар Украина вазъият хеле ҳам мураккабтар гардид ва тарафҳо ҳамдигарро беш аз пеш бо гуноҳи ҷосусӣ айбдор мекарданд. Аз ҷумла, 3 октябри соли 2015 ҷониби Русия дар шаҳри Маскав журналисти украинӣ Роман Сушенкоро ба гумони ҷосусӣ дастгир намуд. Аз рӯйи маълумоти Хадамоти амнияти федералии Русия мухбир дар бораи қуввахои мусаллаҳи Русия маълумот ҷамъоварӣ менамуд. Дар Хадамоти амнияти федеролии Русия иброз намуданд, ки Сушенко корманди ҳирфаии раёсати марказии истихборотии Вазорати мудофиаи Украина мебошад

ва дорои рутбаи полковник аст. Нисбати ин масъала парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 276 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия (ҷосусӣ) кушода шудааст.

Хабаргузории «Украинформ» дастгир шудани Сушенкоро тасдиқ намуд, ки ӯ мухбири махсуси ин агентии иттилоотӣ дар Фаронса маҳсуб меёфт. Дар ин масъала намояндаи ҷониби Русия, котиби матбуотии президент В.В. Путин – Дмитрий Песков иброз намуд, ки дастгир намудани Сушенко барин ҷосус кори доимии хадамоти махсус мебошад. Дар робита ба ин қазия ӯ қайд намуд, ин шахс худро журналисти хориҷӣ муаррифӣ намудааст, «дар ҳоле ки ҳуҷҷати аккредитатсияи журналисти хориҷӣ дар Русияро надорад» [411].

Баҳси аккредитатсияи журналистон байни Русия ва Украина дар соли 2016 низ идома ёфт. Аз ҷумла, дар нимаи аввали ҳамон сол журналисти машҳури Русия Отар Кушанашвили аз ҷониби Украина хоҳиш намуд, ки қарори манъи вуруди ӯ ба ин кишварро бекор намоянд. Дар ин бобат ӯ дар саҳифаи фейсбукии худ навишта, мактуби кушоди худ ба вазири корҳои дохилии Украина Арсений Аваков ва сардори Хадамоти бехетарии Украина Василий Гритсакро ҷой дод. Инчунин журналист иброз дошт, ки манъи вуруди ӯ ба Украина ноадолатона ва беасос аст. Ҳамзамон ӯ аз он норозӣ аст, ки аз идомаи фаъолият дар Русия барои ҳаводори Украина буданаш маҳрум гаштааст, вале ба ивази ин Украина аз ӯ рӯй гардондааст.

Пеш аз ин муроҷиат Хадамоти бехатарии Украина ба муддати се сол воридшавии журналист Отар Кушанашвилиро барои дар бораи Украина сахт баромад намуданаш манъ карда буд. Дар яке аз мусоҳибаҳои худ ин журналист иброз дошта буд, ки як бор ба чеҳраи сарвазири кишваре ки ман ба он ҷо равонаам назар кунед, авзояш ноҷо аст. Аз чашмонаш маълум аст, ки ӯ ба худ нест ва асабҳояш хароб аст. Аз он ҷо ки ӯ яке аз роҳбарони давлате, ки ҷанг карда истодааст, метавон гуфт, ки ҷониби Киев ба худ нест. Агар аз ман пурсед, ки ман ҷонибдори киям, албатта ман тарафдори Федератсияи Русия мебошам, сарзамине, ки дар он зиндагӣ дорам ва дӯсташ медорам. Қаблан сомонаи «Страна» навишта буд, ки сомонаи ҷанҷолии «Сулҳхоҳ» асноди шахсии

журналистони ҷаҳонӣ ва украинии дар Ҷумҳурии мардумии Донетск аккредитатсия гаштаро ошкор намуд.

Хабарнигорони украин ва хориҷӣ аз масъули сомонаи «Миротворец» (Сулҳхоҳ) даъват намуданд, ки маводди дар хусуси журналистони аккредитатсияшуда дар Ҷумҳурии мардумии Донетскро аз сомонаш нобуд кунад ва аз мақомоти қудратии Украина талаб намуданд, ки нафарони ошкор кардаи маълумоти шахсиро ба ҷавобгарӣ кашанд.

Сомонаи «Сулҳхоҳ» якчанд сол аст, ки ба интишори маълумоти шахсии журналистони дар Донетск фаъолияткунандаро машғул аст. Сомона ҳуҷҷатҳои ҳамаи журналистони дар Донетск аккредитатсияшударо интишор намуд, ки тавассути рахнагарони интернетӣ ба даст оварда буд. «Ин журналистон бо гурӯҳи террористон ҳамкорӣ доранд» [423] – навишта шуда буд дар сомонаи мазкур. Пас аз ин журналистони укараин ва хориҷӣ зери зарбаи мақомоти Украина қарор гирифтанд, ҳол он ки ин журналистон ҷони худро ба гарав гузошта ба хотири инъикоси дурусти воқеият ба майдони набард рафта буданд. Ҳамкории худ бо сомонаи «Сулҳхоҳ»-ро вакили парлумони Украина ва собиқ мушовири вазири корҳои дохилӣ Антон Герашенко озодона иброз медорад.

Фишор ба журналистон авҷ гирифт ва онҳо маҷбур шуданд, ки бо мактуби мазкур ба мақомоти Украина мурочиат намоянд. Аз ҷумла, дар мактуб чунин омадааст: «пас аз амали сомонаи «Сулҳхоҳ» таҳдид ва фишор ба журналистон бештар гардид ва паёмакҳою зангҳои телефонӣ ва мактубҳои таҳдидомез ба намояндагони ВАО афзуд» [423].

Бояд қайд кард, ки Ҷониби Украина на танҳо аккредиататсияи намояндагони ВАО-и Русияро бештар бекор кард, балки нисбат ба мухбирони хориҷии дигар ки нисбати авзои Украина мавқеи бетарафӣ ва воқеиро доштанд, чунин амалро раво дид. Аз ҷумла, аккредитатсияи журналисти англис Китти Логанро бекор намуд. Сабаби амали худро ҷониби Украина дар он медонад, ки воқеоти Донбасро нодуруст инъикос кардааст. Асли моҷаро дар он буд, ки ӯ дар саҳифаи фейсбукии худ навори тирпаронии сарбози украиниро ҷой дода буд. Пас аз эътирози ҷониби Украина ӯ аз саҳифааш ҳамаи ин маводдро пок кард ва

саҳифаи ӯ дар твиттер дастнорас гардид. Ширкате ки Китти Логан мухбири он буд, ӯро ҳушдор дода буд, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода набарад. Вале пас аз як моҳ журналист дар сомонаи LinkedIn навореро аз майдони набарди Донбас ва зиндагии як пиразани дар бомбаборони ҷониби Украина шавҳарашро аз даст дода, пахш намуд. Бо ҳамин ширкати Мавҷи Олмон, ки Китти Логан мухбири он буд, ӯро аз кор ронд. Ин журналист дар ҷангҳои Афғонистон, Қирғизистон ва чандин давлатҳо иштирок доштааст ва боре ҳам аккредитатсияи ӯро бекор накарда буданд.

Ҳар вақте ки дар хусуси фаъолияти хабарнигорони ВАО-и Русия дар Украина мушкилие ба вуҷуд меояд, Вазорати корҳои хориҷии ин давлат зуд мавқеи худро баён намуда, аз шаҳрвандони худ ҳимоя менамояд. Аз ҷумла, дар масъалаи роҳ надодани Украина ба мухбири махсуси Ширкати умумирусиягии телевизион ва радиои давлатӣ (ВГТРК) Даря Григорева мавқеи худро зуд муайн намуд. Зеро сарҳадбонони Украина ба журналист хабар доданд, ки вуруди ӯ ба ин кишвар ба муддати 5 сол номумкин аст, вале сабаби онро шарҳ надоданд. Мақомоти дахлдори Украина ба масъалаи журналистони Русия он қадар таваҷҷуҳ зоҳир накарданд ва изҳороти пай дар пайи Вазорати корҳои хориҷии ин давлатро нодида мегирифтанд, аммо дар масъалаи Савик Шустер ровии ток-шоуи сиёсӣ, ки шаҳрванди Канада буд, мавқеи онҳо зуд тағйир ёфт. Хадамоти меҳнати Украина иҷозатномаи кории ӯро бекор карда буд, ба далели он, ки журналист ҳангоми аккредитатсия дар бораи нисбати ӯ парванда барои насупоридани андоз боз шуданро хабар надодааст.

Журналист Шустер аз поймол гаштани озодии баён садо баланд намуд ва САҲА ҳамон лаҳза аз ҳукумати Украина бартараф гаштани ин ҳолатро талаб кард. Президенти вақти Украина Порошенко ва сарвазир Гройсман зуд ба ҳимояи журналист баромаданд ва талаби ҳарчи зудтар бартараф намудани ин ҳолатро карданд. Худи журналист нишасти матбуотӣ баргузор намуда, изҳор дошт, ки то замоне ки ба ӯ ҳуқуқи фаъолият дар Украинаро барнамегардонанд, ӯ «гуруснанишинӣ» [468] эълон менамояд.

Ҳарчанд замони беш аз 100 нафар журналисти Русияро ихроҷ намудани Украина созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумла, САҲА аз вазъи бади озодии сухан ва иҷро нагардидани уҳдадориҳои байналмилалӣ садо баланд намуда бошанд ҳам, ин садои онҳо мавқеи Украинаро тағйир надод, аммо дар мавриди 1 журналисти Ғарбӣ хеле зуд Украина мавқеашро тағйир дод. Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки қатъи аккредитатсияи намояндагони ВАО-и Русия сирф сиёсӣ аст.

Ҳолатҳое ҳам мавҷуданд, ки худи хабарнигорони хориҷӣ дар он айбдоранд, яъне қонунҳои кишваре ки ба он сафар мекунанд, риоя наменамоянд. Соли 2016 агентии Франс-Пресс хабар дод, ки ба мухбири аккоси ӯ дар Украина иҷозати вуруд ба ҳудуди Русия дода нашудааст. Тавре агентӣ хабар додааст, Сергей Супинский шаҳрванди Украина 13 сол дар агентии мазкур кор кардааст ва ӯро дар фурудгоҳи Минск ба ҳавопаймои самти Москав бо далели манъ будани вурудаш ба ин кишвар пас гардонданд.

Аз Вазорати корҳои хориҷии Русия шарҳ доданд, ки журналисти мазкур барои аккредитатсия ба онҳо муроҷиат накардааст ва ҳадафи сафари ӯ номуайян аст. Зеро агентии Франс-Пресс равон кардани мухбири аккосаш ба Русияро дархост накардааст.

Дар таҷрибаи фаъолияти хабарнигорони хориҷӣ ва байналхалқӣ ҳолатҳое ҳам мешаванд, ки давлатҳо дар ҷавоб ба манъи аккредитатсияи журналисташон дар ягон кишвар фаъолияти мухбири намояндаи онҳоро бекор мекунанд. Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродов «раванди фаъолияти журналистӣ ба имконият ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ вобаста аст» [331, с. 19]. Дар моҳи декабри соли 2015 ВКХ Федератсияи Русия аккредитатсияи журналисти поляк Васлав Радзивиновичро дар ҷавоб ба бекор шудани иҷозати истиқомати мухбири ғайриштатии МИА «Россия сегодня» Леонид Свиридов аз ҷониби Варшава лағв кард. Леонид Свиридов иброз намудааст, ки хадамоти махсуси Полша ҳарчанд ҳуҷҷатҳояш дуруст буданд, ба ӯ гуфтанд, ки ту ба амнияти миллӣ хатарнок ҳастӣ [289, с. 173].

Сухангӯйи вақти Хадамоти амнияти Украина Маркияна Лубкивский дар робита ба қазияи рондани журналистони Русия иброз дошта буд, ки онҳо бо ВАО-и Русия ба ҷанг нестанд, аммо аз ҷумҳурӣ тамоми журналистони

дурӯғгӯйро ихроҷ менамоянд. Бинобар ба иттилои Хадамоти амнияти Украина журналистони рус ба ҷумҳурӣ ба таври пинҳонӣ ва бидуни аккредитатсия ворид мешаванд ва журналист будани худро дар санадҳо ҳангоми убури сарҳад пинҳон менамоянд. Яке аз чунин ҳолатҳо ҳодисаи пуршӯри ихроҷи гурӯҳи журналистони «Лайфнюс»-и Русия буд. Ба қавли сухангӯйи Хадамоти амнияти Украина мубориза бо журналистони рус барқасдона нест, балки аз ночорӣ ба хотири амнияти иттилоттии ҷумҳурӣ аст.

Аз ин бармеояд, ки аккредитатсия барои Украина барин давлатҳо ҳамчун як восита ба муқобили мухбирони хориҷӣ хидмат менамояд. Монеъ ба кори журналистон гаштан на танҳо хосси Украина аст, балки дар дигар кишварҳо низ чунин ҳолат мешавад. Масалан, дар Русияе ки аз иҷро накардани уҳдадориҳои байналмилалӣ аз ҷониби Украина дар бахши озодии сухан зиёд ҳангома мебардорад, фаъолияти журналистони ба сиёсати ин кишвар номувофиқ қатъ карда мешавад. Ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва парламентҳои Аврупо аз Русия даъват карданд, ки иттиҳоми ҷиноиро алайҳи Микола Семена, хабарнигори ғайриштатии радиои «Аврупои Озод/Радиои Озодӣ», ки ба ҷудоиталабӣ айбдор шудааст, лағв кунад. Тарафдорони Семена мегӯянд, ки ҳадафи Кремл хомӯш кардани мунаққидони ишғоли нимҷазираи Қрим аст. Созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Ассамблеяи Порлумонии Шурои Аврупо ва ҳомиёни ҳуқуқи инсон аз Русия даъват карданд, ки иттиҳоми хабарнигорро бекор кунад. «Дар Русия фаъолияти радиои «Озодӣ» соли 2012 ва радиои «Садои Амрико» соли 2014 қатъ карда шудааст» [312, с. 32].

Томас Кент, президенти радиои Аврупои Озод/Радиои Озодӣ иттиҳоми Микола Семенаро як бахши талошҳои мақомоти Русия барои ҷилавгирӣ аз рисолати рӯзноманигорони радиои «Озодӣ» эълон намуд, ки «сокинони Қримро бо матбуоти мустақил таъмин мекунанд» [419].

ИМА радиоҳои хориҷии «Садои Амрико», радиои «Озодӣ /Аврупои озод», «Осиёи озод» ва боз чандин радиоҳоро барои тарғибот ба хориҷа таъсис додааст, ки дар таҳкими сиёсати геополитики ИМА нақши боризе доранд ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат гоҳо аккредитатсияи хабарнигорони ин радио, гоҳи дигар дафтари ин

радио дар бархе кишварҳо баста мешавад. Аз ҷумла, соли 2005 намояндагиҳои созмони америкоии «Интернюс Нетуворк», радиоҳои Би-Би-Си ва «Озодӣ» дар Ӯзбекистон ба қавли муҳаққиқ М.А. Муқимов «ба иттиҳоми берун аз чаҳорчӯбаи фаъолияташон амал кардан хориҷи Ӯзбекистон гардиданд» [72, с. 51].

Ҳолатҳои мавриди шиканҷа ва озори ҷисмонӣ қарор гирифтани журналистони радиои Озодӣ //Аврупои Озод кам нестанд, ки аксаран ба фаъолияташон дар ин радио иртибот дорад. Ба гунаи мисол ҳодисаи Худойбердӣ Аллашов, хабарнигори радиои «Озодӣ» мисол шуда метавонад, ки ӯро дар Туркманистон кормандони пулис дар минтақаи Конеургени вилояти Дашогуз ҳамроҳ бо модар ва ҳамсараш боздошт карда буданд. Радиои «Озодӣ» боздошт ва эълони айбро зидди Худойбердӣ Аллашов ба фаъолиятҳои касбияш рабт дода буд, ки бо радиои мазкур соли 2016 ҳамкорӣ дошт. Соли 2017 ӯро шартан ба муддати се сол аз озодӣ маҳрум намуда буданд ва бо талошҳои сафирони хориҷӣ озод гашта буд. Санаи 5 декабри соли 2023 боз «собиқ хабарнигорои радиои «Озодӣ» Худойбердӣ Аллашов аз тарафи мақомоти қудратии Туркманистон боздошт гардид» [413]. Хабарнигор баъд аз 15 рӯз озод гардид ва дар синни 35-солагӣ соли 2024 вафот кард.

Дар Тоҷикистон низ дар масъалаи бекор кардани аккредитатсияи хабарнигорони хориҷии радиои мазкур чанд маротиба ҳангомаро ба вуҷуд оварда буд. Дар соли 2012 сабти номи хабарнигори бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» Абдуқаюми Қаюмзод дар Вазорати корҳои хориҷии Тоҷиқистон тамдид карда нашуд.

Дар атрофии ин масъала ВАО-и Тоҷикистон ва хориҷӣ зиёд навиштанд ва ба мавзуи доимии онҳо табдил ёфт. Радиои «Озодӣ» низ дар ин маврид хомӯш набуд ва ҳамарӯза ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ мекард. Дар баробари навгоние марбут ба ин қазия дар хусуси фаъолияти мухбири худ маълумот низ медод. Мавзуи аккредитатсия нашудани Абдуқаюми Қаюмзод, хабарнигори «Озодӣ» дар Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, яке аз матолиби асосии аксар нашрияҳои чопии Душанбе гардиданд. Нашрияҳо аз ин ҳодиса изҳори тааҷҷуб ва далелҳои

эҳтимолии худро дар робита бо рад шудани дархости аккредитатсияи Абдуқаюми Қаюмзод изҳор мекунанд.

Бояд ёдовар шавем, ки Абдуқаюми Қаюмзод аз соли 2001 то моҳи декабари соли 2012 ба радиои «Озодӣ» гузориш омода менамуд. Аммо дар моҳи декабри соли 2012 Вазорати умури хориҷии Тоҷикистон ӯро огоҳ кардааст, ки сабти номаш тамдид намешавад ва ӯ дигар ҳаққи гузориш додан ба радиои «Озодӣ» -ро надорад. Дар пайи ин, радиои «Озодӣ» шартномаи ҳамкорӣ бо Абдуқаюми Қаюмзодро қатъ кардааст. Қаюмзод ба додгоҳ мурочиат карда, талаб намуд, ки ӯро ба ҷойи кораш дар радио барқарор кунанду моҳонаашро барои моҳҳое, ки ба кор нарафтааст, пардозанд.

Таҳлилҳо муайян намуданд, ки дар қазияи қатъи аккредитатсияи журналист Қаюмзод бештар ҷониби радиои «Озодӣ» ҳавасманд буд ва дигар хоҳиши идомаи шартнома бо ӯро надоштанд, зеро ин журналист барои бозии навбатии сарпарастони радио зарур буд. Ҳарчанд журналисти мазкур он қазияро бештар ба фаъолияти касбиаш рабт медод, аммо онро метавон саҳнасозии ИМА дар соли интихоботи президентии Тоҷикистон ва ҳадафҳои геополитикии он унвон кард. Зеро радиои «Озодӣ» дар созмондиҳии медиа-кризис – буҳрони ВАО тачрибаи бузург дорад.

Ҷонибҳои манфиатдор тавассути расонаҳои хабарӣ дар фазои иттилоотӣ вазъиятро аз зиёд ноором ва ё баръакс нишон медиҳад, ки он медиа-кризис унвон дорад. Ба андешаи муҳаққиқ М.А. Муқимов «медиа-кризис афкори нодурустро ба вуҷуд меорад» [72, с. 36]. Аз ин рӯ, барои муваффақ гардидани медиа-кризиси мазкур аз рӯйи тартиби ин усул кор бо одамони норозӣ ба роҳ монда мешуд, ки он аз вазифаи умдаи медиа-кризис мебошад. Яъне, бо ин амал дастандаркорони медиа-кризис мехостанд, ки табақаҳои дигари ҷомеаро ҷалб намоянд, хушбахтона ин нақшаҳои онҳо амалӣ нашуд. Аммо қазияи мазкур боиси дар расонаҳои Ғарб манфӣ муаррифӣ гаштани симои кишварамон гардид. Ба андешаи муҳаққиқ М.А. Муқимов «радиои «Озодӣ» бо ҳар роҳу восита бар зидди давлатҳое, ки Ҳукумати ИМА ба рӯйхати сиёҳаш дохил кардааст, тарғибот мебарад» [305, с. 12].

Барои дастрасии хабарнигорони хориҷӣ ба иттилоот қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон маҳдудиятро пешбинӣ накарданд. Дар амалия низ хабарнигорони хориҷӣ ба манбаҳои иттилоот дастрасӣ доранд ва дар бисёр ҳолатҳо ахборро аз ҳамкоронашон аз ВАО-и Тоҷикистон пештар мегиранд ва пахш менамоянд. Ҳавасмандии баъзе масъулон дар паҳн гаштани иттилоот тавассути ВАО-и хориҷӣ боиси дастрасии осони хабарнигорони хориҷӣ ба ахбор гардидааст. Аз як ҷониб масъулон имкониятҳо ва ба чи қодир будани ВАО-и хориҷиро ба назар гирифта, ахборро пеш аз ВАО-и ватанӣ ба ВАО-и хориҷӣ медиҳанд. Аз ҷониби дигар бархе аз хабарнигорони ВАО-и хориҷӣ хидмати сарчашмаҳои иттилооти худро бо туҳфа ё маблағ қадрдонӣ менамоянд, ки чунин амал хилофи ахлоқи журналистӣ аст [287, с. 45]. Дар иртиботи ба вазъи фаъолияти намояндагиҳои ВАО-и хориҷӣ Лидия Исамова мухбири хориҷӣ дар Тоҷикистон иброз намудааст, ки дар Тоҷикистон «одатан, ҳокимиятдорон барои фаъолияти ВАО-и аҷнабӣ монеае ба вуҷуд намеоваранд» [91, с. 206].

Дар ИМА низ дар масъалаи аккредитатсияи журналистони хориҷӣ камбудиҳо ба назар мерасад. Аккредитатсияи бархе аз журналистони рус дар ИМА бекор карда шуданд. Пас аз сард гаштани равобити ин кишвар бо Русия аз журналистони намояндаи ВАО-и Русия дар ИМА талаб карданд, ки худро ҳамчун агенти хориҷӣ сабти ном намоянд. Ин маънои намояндаи як ниҳоди давлати Русия дар ИМА будани хабарнигоро дошт. Дар ҷавоб Русия низ айнан чунин мавқеъро гирифт. Ба андешаи муҳаққиқ Қ. Мухторӣ «ҳолатҳое мешавад, ки қоидаҳои қабулшуда ҳуқуқҳои журналистонро вайрон ва маҳдуд мекунанд» [84, с. 104]. Дар ИМА фаъолияти дафтари шабакаи телевизионии «Раша Тудей» қатъ карда шуд ва аккредитатсияи мухбирони онро бекор намуданд.

Дар раванди таҳқиқ муайян намудем, ки баста будани сарҳадҳои баъзе кишварҳо барои журналистони байналхалқӣ ва хориҷӣ аз мушкилоти асосӣ набуда, балки ҷорӣ намудани маҳдудият ба фаъолияти журналистони байналхалқӣ ва хориҷӣ дар баъзе давлатҳо, шартҳои гуногун барои аккредитатсия, иваз гаштани ҳокимият ва тағйирот дар қонунгузориҳо, фишор ва таъқиби хабарнигорони байналхалқӣ ва хориҷӣ, набардҳои иттилоотӣ, озори

ҷисмонӣ ва ба ҳалокат расонидани намояндагони ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ проблемаҳои муҳиманд. Бештар дар ду масъала вобаста ба фаъолияти хабарнигорони хориҷӣ ва байналхалқӣ дар ҳамаи кишварҳо мушкилот вуҷуд дорад:

1. Монеъ гаштан ва ё маҳдуд намудани фаъолияти хабарнигорони хориҷӣ ва байналхалқӣ вобаста ба сиёсати кишварҳо;

2. Нақзи қонунҳои кишварҳо аз ҷониби мухбирони хориҷӣ ва байналхалқӣ.

Риояи қонунҳои кишварҳо ва меъёрҳои ахлоқии ҷомеаҳое, ки журналистони байналхалқӣ ба он ҷойҳо сафар мекунанд, шарти муҳим ва ҳатмӣ барои фаъолият мебошад. Дар ин масъала муҳаққиқ С. Гулов чунин назар дорад: «Дар ҷараёни фаъолияти худ журналистон вазифадоранд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва этикиро риоя кунанд» [243, с. 259]. Чунин андеша воқеан ҳам дуруст аст, агар қонунро намояндагони ВАО-и байналхалқӣ, хориҷӣ ва ҳатто миллӣ риоя нанамоянд, давлатҳо метавонанд онҳоро ба ҷавобгарӣ кашанд ва ё фаъолияти ВАО боздоранд. Аммо барои риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқии миллатҳо аз тарафи журналистони байналхалқӣ ҷомеа метавонад вокуниш нишон диҳад ва шакли вокуниш дар ҳар ҷомеа гуногун буда, дар баъзе мавридҳо зӯроварӣ нисбати журналистон амалӣ мегардад ва ҳатто ҳолатҳои марговар низ ҷой дорад.

Танзими ҳуқуқии фаъолияти мухбири хориҷӣ ва байналхалқӣ дар саросари олам бо унвони аккредитатсия эътироф шудааст. Аккредитатсия ин худ эътирофи ваколати журналистон аст. Дар ин бобат қонунҳо дар бораи ВАО ва қоидаҳои аккредитатсиякунонӣ мавҷуд аст, ки тартиби ин ҷараён дар ҳамаи давлатҳо яксон нест. Ниҳоди аккредитатсия бояд муносибатҳои ҳамдигарии ВАО-ро бо ташкилотҳое, ки манбаи ахбор ба шумор мераванд, ба танзим дарорад ва барои ба амал баровардани фаъолияти касбии журналистон шароитҳои боз ҳам мусоидтар фароҳам орад.

Зимни таҳқиқ муайян гардид, ки дар журналистикаи байналхалқии муосир ҳамоно масъалаҳои аккредитатсияи журналистони байналхалқӣ, озодии сухан, рақобат миёни ВАО-и байналхалқию хориҷӣ ва миллӣ, рақобат бо журналистони шаҳрвандӣ дар фазои маҷозӣ, вайрон гардидани этикаи касбӣ, муаррифии

нодурусти чеҳраҳо ва давлатҳо, суйистифода аз ВАО-и байналхалқӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ ва рақобатҳои геополитикӣ, таъсири глобализатсия ба журналистикаи байналхалқӣ, баррасии якҷонибаи проблемаҳои глобалӣ, коҳишёбии ҷаҳонишавӣ дар натиҷаи ҷангҳо аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мераванд. Бархурди ошкорои ҷаҳони Ғарб бо Русия, Чин, Эрон ва Кореяи Шимолӣ, моҷароҳои яроқнок дар Украина, заминларзаи даҳшатбори Туркия ва Сурия, ҷанги Исроил ва ИМА бо Эрон, талошҳои Ғарб ва Туркия барои мустаҳкам намудани мавқеашон дар Қафқоз таваҷҷуҳи аудиторияро ба ВАО-и байналхалқӣ бештар намуда, пешниҳоди навигариҳо ва шарҳи байналхалқӣ на танҳо дар ВАО-и байналхалқӣ, балки дар ВАО-и кишварҳо афзоиш ёфт.

Ҳамин тавр дар боби якуми рисола шинохт, моҳият, таҳаввулот ва проблемаҳои муосири журналистикаи байналхалқиро таҳқиқ намуда, муайян намудем, ки журналистикаи байналхалқии муосир бо таъсири ҷаҳонишавӣ, рушди техника ва технологияи рақамӣ, истифодаи интернет ва дигар воситаҳои муосири коммуникативӣ дар ҷамъоварӣ ва паҳн намудани ахбор рушд намуда бошад ҳам, рақибони он дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ зиёд гаштанд, инчунин сабкҳои таҳияи мавод, коркарди он ва пахш тағйир ёфт, шеваи қабули иттилоот дигаргун гашт ва аҳамияти бештарро муколамаи байнифарҳангӣ касб намуданд, ки ин ҳама таҳаввулоти соҳаи мазкурро ташкил медиҳанд. Дар асри XXI ВАО-и байналхалқӣ илова бар самтҳои маъмулии фаъолият ба мавзуи муборизаҳои иттилоотӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, истифодаи технологияи зеҳни сунъӣ ва масоили экологӣ бештар таваҷҷуҳ намуданд.

БОБИ II
ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

2.1. Таърихи пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқӣ

Пажуҳиши таърихи журналистикаи байналхалқӣ бе таҳқиқи омилҳои пайдоиши он ғайриимкон аст, чунки раванди пайдоиши журналистикаи байналхалқӣ якбора оғоз нашудааст ва ин масъаларо дар доираи мавзуи пайдоиши журналистика бояд таҳқиқ намуд. Журналистика қабл аз пайдоиши худ ҳамчун соҳаи алоҳидаи фаъолият марҳилаи журналистикаи қабл аз журналистиро тай намудааст. Муҳаққиқон унсурҳои журналистиро дар фаъолияти воизон, ҷорчиён, муаррихон ва осори публитсистӣ муайян намудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқон И.К. Усмонов ва Д. Давронов қайд намуданд, ки «таърихнигории дарборӣ ба вазифаи журналистикаи пеш аз журналистӣ хизмат мекардааст» [122, с. 7].

Сатҳи инкишофи публитсистикаи олам дар марҳалаи журналистикаи қабл аз журналистӣ дар кишварҳои шарқӣ ва аврупоӣ қариб дар як сатҳ буда, бо каме дигаргуниҳо аз ҳам фарқ мекарданд. Аммо кишварҳои нимкураи ҷанубии сайёраи Замин нисбатан дертар ба журналистика ошноӣ пайдо кардаанд. Манзур аз ин гуфтаҳо кишварҳои Африқои Марказӣ ва Ҷанубӣ, Америкаи Ҷанубӣ ва Австралия мебошанд. Ихтироъ гардидани дастгоҳи чопӣ дар соли 1445 аз тарафи Гутенберг ба рушди фаъолияти ноширӣ ва тамаддун дар Аврупо мусоидат намуд.

Тавлиди матбуоти даврӣ соли 1609 дар Олмон ва тамоми Аврупо дониста мешавад. «Ин рӯзнома бо номи «Релатсион» («Хабар») – «Relation: Aller Furnemmen» моҳи январи соли 1609 дар шаҳри Страсбург ба табъ расидааст» [130, с. 40]. Дар саҳифаҳои он ахбори шаҳрҳои Кёлн, Рим, Венетсия, Вена ва Прага аз тарафи муассис ва муҳаррири ин нашрия Иоган Каралюс ҷой дода мешуд. Муҳаққиқ В.В. Ворошилов чунин мешуморад, ки дар баробари

«Релатсион» рӯзномаи «Aviso-Rlation derZeitung» [18] аз Аутсбург низ нахустин нашрия аст. «23 июни соли 1588 нахустин шумораи нашрияи «Инглиш меркюри» дар Британияи Кабир» [17, с. 5] нашр шуд, аммо муҳаққиқони журналистика аз ҷумла, В.В. Ворошилов онро ҳамчун нахустин рӯзномаи чопии Аврупо эътироф накарданд.

Иттилоърасонӣ аз хориҷӣ таърихи қадима дорад. Ба андешаи муҳаққиқон Коул ва Ҳэмилтон «он бо мурури замон ба муҳити тағйирёбанда барои боқӣ мондан мутобиқ шудааст» [157, с. 51]. Аввалин иттилоъ дар хусуси кишварҳо ва халқҳо дар даврaҳои қадим тавассути сафирон, воизон, тоҷирон ва сайёҳон паҳн мегардид. Бо пайдоиши адабиёти хаттӣ муаррихону адибон тавассути асарҳои худ дар шинохти ҷаҳон ва авзои он ба одамон мадад намуданд. Аввалин шиносоӣ ба Африқо барои хонандагони Амрикои Шимолӣ ва Аврупо тавассути нақлҳои ғуломфурӯшон сурат гирифт. Инро барои он ёдовар мешавем, ки мероси 300-солаи ғуломфурушӣ ва мустамликадории ғарбиҳо дар Африқо дар таърих сабт гаштааст. Ба андешаи муҳаққиқ Мандаза «журналистикаи ин кишварҳои пешрафта низ аз ин мерос дар канор нест» [158, с. 79].

Решаҳои гузоришнависии муосири байналмилалӣ дар тавсеаи системаи иртиботӣ дар асри XIX-ум амиқ ҷойгир шудаанд. Бисёре аз созмонҳое, ки ба ҷамъоварии хабарҳои байналхалқӣ машғул шудаанд, пас аз тиҷоратикунонии матбуот дар солҳои 1850 ба вуҷуд омадаанд. Ба андешаи муҳаққиқон А. Қудбиддинов ва Ҷ. Раҳмонова «журналистика нахуст ҳамчун як воситаи коммуникативии алоқаву хабар ба вуҷуд омад» [58, с.19] Хабарнигорони хориҷӣ аз Британияи Кабир дар замони ҳукмронии малика Виктория ба гӯшаҳои дурдасти ҷаҳон барои гузориш дар хусуси ҷангҳо ва шӯришҳо сафар карда, барои матбуот мавод таҳия менамуданд. Қиссаҳои хориҷӣ дар матбуоти Британия ва дигар кишварҳои аврупоӣ маҳсули ҳамон замон буданд. Аммо хабарҳои хориҷӣ дар худи аввалин газетаҳое пайдо шуданд, ки дар ибтидои асри XVII таъсис ёфта буданд. Аввалин рӯзномаҳои Аврупо пур аз ҳикояҳо ё нақли рӯйдодҳо дар саросари қитъа ва берун аз он буданд. Ин вокуниш ба хабарҳо дар бораи ҳодисаҳои фоҷиавии марбут ба ҷангҳои динӣ буд, ки ба ҳаёти ҳар як ҷомеаи

Аврупо таъсир расонд. Он инчунин аввалин қадамҳои пешакии аврупоиёнро ба ҷаҳони номаълуми Осиё, Африка ва Амрико инъикос мекард. Нашри хабарҳои хориҷӣ назар ба инъикоси хабарҳои дохилӣ дар он замон камтар хатарнок буд. Шоҳон ва ҳокимоне, ки дар Аврупо ҳукмронӣ мекарданд, ба таври қатъӣ монеи нашри хабарҳо ва иттилоот дар бораи фаъолияташон буданд, ба истиснои ҳолате ки ба онҳо иҷозати махсус барои нашр медоданд. Аз ҷумла, муҳаққиқи англис В. Кевин муайян намудаст, ки «гӯшу бинии ноширонро барои вайрон кардани қонун мебуриданд ва баъзеро ба қатл расониданд» [157, с. 54]. Бо таъсиси хадамоти почта ва инкишофи системаҳои иртиботӣ ҷамъоварии хабарҳои хориҷӣ осонтар шуд. Барои қонеъ кардани талаботи мардум ба ахбор ва истифода аз инфрасохтори нави коммуникатсионӣ рӯзномаҳо хабарҳои хориҷиро ҳамчун як бахши асосии маҳсулоти худ муқаррар карданд.

Инкишофи ахбори байналхалқӣ аз матбуоти аврупоии асри XVIII оғоз ёфт, ки он самараи робитаи мустаҳкам миёни савдои ҷаҳонӣ ва ахбори байналхалқӣ буд. Рақобатҳои давлатҳои аврупоӣ баҳри бештар намудани мустамликаҳо аз ҳисоби дигар кишварҳо раванди ҷамъоварӣ ва паҳн намудани иттилооти байналхалқиро тезонида, он ба бахши доимии баъзе рӯзномаҳо табдил ёфт. Оҷонсиҳои иттилоотии давлатҳои Аврупо ахборро ҳамчун мол мавриди хариду фурӯш қарор дода, дар баробари он барои таъмини манфиатҳои империяҳои мавҷуда хидмат намуданд.

Муҳаққиқи тоҷик А. Нуралиев ба ин назар аст, ки «ба вуҷуд омадани агентиҳои иттилоотӣ ба пайдо шудани техникаи нави соҳаи журналистика мусоидат кард» [87, с. 9]. Пайдоиши технологияи иртиботӣ дар шакли кабелӣ, телеграф ва телетайп дастрасии системаи байналхалқии иттилоотиро афзоиш дод ва сохтореро, ки журналистикаи байналхалқӣ бояд дар доираи он амал кунад, муайян намуд. Ба андешаи муҳаққиқи англис В. Кевин «низоми ҳозираи иттилоотии байналхалқӣ дар байни солҳои 1870 ва Ҷанги солҳои 1914-18 таъсис дода шудааст» [157, с. 60]. Дар он шумораи ками агентиҳои иттилоотии байналхалқӣ, ки бо қуввахои империалистӣ зич алоқаманд буданд, дар амал ҳукмронӣ мекарданд. Мустамликадорӣ на танҳо чӣ гуна ҷамъоварӣ, коркард ва

паҳн кардани ахбори байналмилалиро ташаккул дод, балки ба интизориҳои аудитория дар бораи он, ки хабарҳои байналхалқӣ бояд чӣ гуна бошад, таъсири амиқ гузошт.

Ба андешаи Энтони Смит ҳар як воҳиди иттилоот номуайянии табиати ҷаҳонро пур мекард, ки «берун аз Аврупо вуҷуд дошт» [167, с. 21]. Муҳиммтар аз ҳама, ба даст овардани иттилоот дар ниҳоят метавонад боиси қудрат ва сарват шавад ва ҷамъоварии иттилоот як унсури истисмори иқтисодӣ ва саноатии ҷаҳон аз ҷониби аврупоиҳо буд. Иттилоот, ки маҳсули аслии рӯзноманигорист ва баъзан фаромӯш мешавад, ки рӯзноманигор ҳамеша тоҷир будааст. Ахбор моли хариду фурӯхташуда дар саросари ҷаҳон аст ва зуҳури рӯзноманигорӣ ва гузоришдиҳии байналмилалиро бояд бахше аз густариши тиҷорати байналмилалӣ арзёбӣ кард. Алоқа байни ахбори байналхалқӣ ва савдои байналмилалӣ имрӯз нисбат ба замони пеш қавитар аст.

Тиҷорати байни кишварҳо шаклҳои гуногун гирифтааст ва дар натиҷа таҳаввули ахбори хориҷӣ дар давоми 350 соли охир ё бештар аз он якчанд марҳила, аз ҷумла давраи иктишоф, ғуломӣ ва мустамликадориро паси сар кардааст. Алоқа байни тиҷорат, саёҳат ва ахбор ҳунӯз дар аввалин рӯзномаҳои Аврупо аён буд. Муҳаққиқ М.А. Стефенс чунин мешуморад, ки курантҳои дар солҳои 1620-ум ба вуҷуд омада, «аксаран ба хабарҳои хориҷӣ бахшида шуда буданд «[168, с. 153]. Зеро чунин хусусияти онҳо дар унвонҳояшон таъкид карда шуда буд. Аввалин ахборномаҳои дар Англия нашр гардида, унвонҳои гуногун доштанд ва бо номи «Куранти» ё «Ахборнома аз Италия, Олмон, Маҷористон, Лаҳистон, Боҳемия, Фаронса ва Кишварҳои Поён» (Weekley Newes from Italy, Germany, Hungary, Poland, Bohemia, France and the Low Countreys) маълум буданд ва ахбори дохилӣ дар онҳо нашр намешуданд. Масалан, вақте ки граф Мансфелд дар соли 1624 ба Англия ташриф овард, ахборномаҳо сафар ва бозгашти ӯро нашр намуданд, аммо «дар бораи будубошаш чизе хабар надоданд» [168, с. 153]. Аз дигар тараф, вобастагӣ аз хабарҳои хориҷӣ маъмулан ба низоми сахти иҷозатномадиҳӣ ва сензура марбут буд, ки ба нашри ҳар гуна хабарҳои дохилӣ монеъ мешуд. Курантҳои нахустини англисӣ ва фаронсавӣ дар Амстердам нашр

шуданд, ки дар он ҷо ноширони ташаббускор ба монанди «Питер де Кир ва Каспар Ван Ҳилтен нашрияҳои ҳоландии худро тарҷума ва дубора бознашр мекарданд» [168, с. 145]. Амстердам як шаҳри муҳим ва яке аз бандарҳои асосии тиҷорат ва ҳамлу нақли Аврупо буд ва ноширони курантҳо хабарҳои худро аз тоҷирон ва баҳрнавардон дарёфт мекарданд, ки на танҳо аз саросари Аврупо, балки аз Амрико, Африқо ва Осиё ҳикояҳо мекарданд. Ба андешаи муҳаққиқ Браунлиз нашрияҳо ба талаботи қавии ҷомеа барои иттилоот дар бораи рӯйдодҳои Аврупо, ки «ҷанги сисола фаро гирифта шуда буд, посух доданд» [148, с. 70]. Ин андешаро муҳаққиқ Абластер низ қонибдорӣ намуда, чунин назар дорад: «мавзуи Ахборномаҳо бештар ҷангҳо, ҷанҷолҳо ва мушкилот ё таълифи онҳост» [144]. Барои пур кардани саҳифаҳо ба таври мунтазам мавҷуд будани маводди маҷаллаҳо ва нашрияҳои хориҷии тарҷумагардида, мусоидат мекард ва тааҷҷубовар нест, ки дар ҷаҳони ахбори ҳамонвақта плагиат аз ҳикояҳо бартарӣ дошт. Нашрияҳо маводди нашрияҳои рақибро бознашр мекарданд. Тадриҷан заиф гаштани иҷозатномадиҳӣ ва сензура боиси афзоиши хабарҳои дохилӣ гардид, аммо хабарҳои хориҷӣ дар аксари қисматҳои Аврупои Ғарбӣ то асри XVIII ва баъд аз он ҳамчун маводди асосии рӯзномаҳо боқӣ монданд.

Назари муҳаққиқ А. Смит нисбат ба муҳтавои матбуоти он замон чунин аст: «Аксари хабарҳои нахустини хориҷӣ хусусияти фантастикӣ дошта, тарс аз мавҷудоти номаълум, афсонаҳою ҳаюлоҳо дар хусуси заминҳои омӯхтанашуда ва халқҳои кашфнашуда боиси бовар кардан ба асрор гардид» [167, с. 19]. Ахбори ғайриодӣ дар матбуот хеле зиёд паҳн шуданд. Маъмулан гузориш дар варақаи хабарии фаронсавӣ аз соли 1576 дар бораи «мори даҳшатнок» [168, с. 123] дар Куба ёфт шуда, ки бо тасвири мори ду сара ва болдор тасвир шудааст. Суханҳои ҳассос ва муболиға дар тавсифи мавҷудот, мардум ва маконҳои омӯхтанашуда истифода мешуд, сифатҳои «даҳшатнок», «даҳшатноктарин», «аҷоиб» ва нисбати мардоне ки ба кишварҳои номаълум мерафтанд, мафҳумҳои «далер» ва «қудратманд» корбаст мегардиданд. Азбаски қисми зиёди ин мавод аз баҳрнавардон, яъне муштариёни майхонаҳо ва ошхонаҳо дар бандарҳои Аврупо ҷамъоварӣ карда шуда буд, он қадар эътимоднок набуд. Баъзе хабарҳои хориҷӣ

маҳсули ғайбат, афсонаҳо ва овозаҳо низ буд, ки ба таври номуназзам ва носанҷида ҷамъ мешуданд. Қобили қайд аст, ки чунин хабарҳо дар кӯшишҳои аввалини ташкили ҷамъоварии хабарҳо аз хориҷа ба вуҷуд омада буданд. Онҳое, ки ба тиҷорат ва саёҳат машғул буданд, хабарҳои боэътимоди оламро талаб мекарданд. Онҳо наметавонистанд ба маводди чопии «аз ҳад хом» ё ба хабарҳои гуфторӣ, ки «хеле беэътимод» буданд, такя кунанд ва бархе аз онҳо кӯшиш карданд, ки «системаи ҷамъоварии хабарҳои хаттии худро таъсис диҳанд» [167, с. 67]. Онҳо шабакаҳои хусусии почта таъсис доданд, ки тавассути онҳо агентҳои маҳаллӣ ҳамчун мухбир амал карда, хабарҳоро дар шакли хаттӣ ба корфармоёнашон мефиристанд.

Дар таъсисёбии шабакаҳои иттилооти молиявӣ сармоядорон Фуггерҳо аз Аугсбург ва Ротшилдҳо аз Лондон дар нимаи дуюми асри XVI саҳмгузор буданд, зеро ахбор дар бораи муомилоти молиявӣ барои онҳо хеле муҳим буд. Масалан, авлоди Фуггерҳо ба бисёре аз оилаҳои пешқадами Аврупо пул қарз медоданд ва «маълумоти барвақтӣ оид ба сатҳи баланди муфлисшавӣ дар ин хонаводаҳо барои онҳо лозим буд» [166, с. 19]. Илова бар ин маълумот дар бораи қурби асъор, муфлисшавӣ ва нархҳо, гузоришҳо дар бораи ҷангҳо, офатҳо, нақшаҳои ҳокимон, муъҷизаҳо, таваллуд дар хонаводаи шоҳон, марг ва издивоҷҳо, инчунин «содир намудани ҳукмҳои қатл ва «ҳодисаҳои аҷиб»-ро бюлетенҳои маълумотӣ дар бар мегирифтанд» [166, с. 67]. Ахбор танҳо бо маълумоти молиявӣ ва тиҷоратӣ маҳдуд набуд, он инчунин дар бораи рӯйдодҳои умумӣ ва овозаҳо буд, ки тоҷирон, молиядорон ва бонкдорон бояд аз онҳо огоҳ бошанд. Муҳаққиқ Ҳоҳенберг муайян намудааст, ки он замон ин низоми ҷамъоварии ахбор шакли инфиродиро дошта, ба омма фурӯхта намешуд ва «Фуггерҳо асосан ба мизоҷонашон чунин хизматрасониро пешниҳод мекарданд» [156, с. 6].

Намояндагони тиҷоратии Фуггерҳо дар тамоми Аврупо фаъолият намуда, ахбори тиҷоратӣ, сиёсӣ ва умумиро барои «рӯзнома»-и «Фуггерсейтунген» ҷамъоварӣ менамуданд, ки солҳои 1568-1605 дар Аврупо паҳн карда мешуданд. Муҳаққиқони рус А.Г. Беспалова, Е.А. Корнилов, А.П. Короченский, Ю.В. Лучинский, А.И. Станко ба ин назаранд, ки характери ба таври пӯшида паҳн

кардани «рӯзномаҳо»-и Фуггер имкон намедиҳад, ки онҳоро ҳамчун аввалин рӯзномаҳои аврупоӣ ҳисоб кунем. «Зеро яке аз хусусиятҳои асосии газета дастрасии озод ба дарёфти он мебошад» [13, с. 7]. Бо вуҷуди ин, худи падидаи мавҷудияти дарозмуддати онҳо, бешубҳа, сазовори таваҷҷуҳ аст.

Шабакаҳои хусусии хабарнигорон аз охири асрҳои миёна вуҷуд доштанд, ки «маълумоти ҳарбӣ, дипломатӣ ва калисоро дар саросари Аврупо мефиристанд» [166, с. 18]. Барои таъмини калисо ва монархҳо бо иттилооти барои фаъолияти онҳо зарурӣ роҳҳои нави дарёфт ва расондани иттилоот таҳия карда шуданд. Дипломатия ҳамчун ҷузъи муҳимми фаъолияти монархияҳои аврупоӣ гардид ва онҳо муносибатҳои байналмилалиро миёни худ роҳандозӣ мекарданд. Қоидаҳо ва муқаррароти зарурӣ таҳия карда шуданд, то ҳукуматҳо бо ҳамдигар «суҳбат» кунанд, сафоратҳо ва сафирон манбаи маълумот дар бораи он чизе, ки дар қисмати онҳо рӯй дода истодааст, табдил ёфтанд. Тааҷҷубовар нест, ки аксари хабарҳое, ки дар саросари Аврупо паҳн шудаанд, ба масъалаҳои сиёсӣ, динӣ ва молиявӣ ва рӯйдодҳо дахл доштанд. Он ахборе буд, ки подшоҳон, ҳокимон ва бонкдорон талаб мекарданд ва онҳо ягона фаъолони даврои асримиёнагӣ ва аввали муосир буданд, ки захираҳо, пул ва қувваи кориро барои ба таври мунтазам ҷамъоварӣ ва интиқол додани ахбор новобаста ба душвориҳои замон сарф мекарданд.

Варақаҳои иттилоотӣ ва рӯзномаҳои навтаъсиси Британиё барои хабарҳои хориҷии худ ба рӯзномаҳои хориҷа такя мекарданд. Ба назари муҳаққиқ Сазерленд онҳо сарчашмаҳои худро бо истифода аз ибораҳое ба мисли «Онҳо аз Вена менависанд» ё «Мо аз Турин маълумот дорем» ё «Ин аз Франкфурт хабар дода мешавад» [169, с. 126] пинҳон мекардаанд. Маҳз бо пайдо шудани рӯзномаҳои ҳаррӯза манобеи хабарҳои хориҷӣ барои хонандагон шаффоф гардиданд. Нахустин рӯзномаи ҳаррӯзаи Британиё, «The Daily Courant», 22 октябри соли 1702 ба хонандагони худ хабар дод, ки ахбори хориҷӣ дар нашрияи мазкур аз матбуоти хориҷии дастрасгардида бознашр мегардад. Инчунин дар рӯзномаи мазкур таъкид гардид, ки муҳаррир маводро айнан дар ҳамон шакле ки аз хориҷа гирифта мешавад, ба хонандагон пешниҳод мегардонад: «барои

итминон ҳеҷ гуна иловаҳоро ба ахбори хориҷӣ ворид намекунад, ҳамеша ба нашрияҳои мавриди истифода қароргирифта иқтибос менамояд ва равобити хориҷиро тавре пешниҳод мекунад, ки дар нашрияҳои хориҷӣ инъикос шудаанд...» [169, с. 126].

Хабарҳои хориҷӣ дар матбуоти Британиё, ки аз рӯзномаҳои қитъавӣ гирифта нашудаанд, аз манбаъҳои расмӣ, баёнияҳои дипломатӣ, хабарҳои ҷанг аз афсарону фармондеҳони саҳроӣ ё рӯзномаи расмии ҳукумат, Лондон Газет сарчашма мегирифтанд. Ин гуна мавод аксар вақт нопурра ва ё баъзан шубҳанок буданд. Муҳаққиқ Кларк муайян намудааст, ки барои пурра кардани чунин мавод хабарҳо «аз номаҳои мухбирони хусусӣ низ гирифта мешудаанд» [150, с. 201]. Ахбори хориҷӣ аксар вақт хеле дертар пас аз рӯй додани ҳодисаҳо дар матбуоти дигар нашр мешуданд. Такя ба рӯзномаҳои хориҷӣ ва мукотибаи хусусӣ аз хориҷа маънои онро дошт, ки ҷамъоварии хабарҳои хориҷӣ як кори номуайян аст. Бо сабабҳои гуногун дар фаъолияти почта он замон номуназзамӣ ҷой дошт. «Аз ҷумла, дар натиҷаи обу ҳавои номусоид чунин ҳолат ба вуҷуд омада, метавонист боиси холӣ шудани саҳифаҳо, ҷойгир намудани ҳикояҳои калонтар ё дигар маводди бегона гардад» [169, с. 128]. Рӯзномаҳо кӯшиш мекарданд, ки аз такрори саҳифаҳои холӣ ё чопи маводди номатлуб худдорӣ кунанд. Баъзе аз хабарнигорони бошуур бо пешниҳоди гузоришҳои умумӣ дар бораи вазъи ин ё он кишвар саҳифаҳои холиро пур мекарданд.

Дар давоми асри XVIII хабарҳои хориҷӣ ба таври тасодуфӣ ва тахминӣ ҷамъоварӣ карда мешуданд. Вазъият дар ибтидои асри XIX-ум тағйир ёфт, бахусус дар ИМА ва Британиё, вақте ки матбуот муносибати касбии бештарро ба ҷамъоварии хабарҳои хориҷӣ талаб мекард. Рӯзномаҳои Лондон дар инъикоси воқеаҳои фалокатовар дар Франсияи инқилобӣ ташаббус нишон доданд. «The Morning Post» воқеан як мардро дар аввали тобистони соли 1789 фиристода буд, ки «ӯ аз суқути Бастилия – ифтитоҳи инқилоб хабар дода буд» [156, с. 3]. Нашрияи «The Times» шабакаи мухбирони худро аз ҳисоби хабарнигорони боэътимод таъсис дод, ки минтақаи фаъолияти онҳо пойтахтҳои асосии кишварҳои Аврупоро фаро мегирад. Соҳиби рӯзнома Ҷон Уолтер кормандон, аз

ҷумла тарҷумонҳо ва қосидонро ба Лондон сафарбар кард ва дар ин раванд аввалин шабакаи мустақили ҷамъоварии хабарҳои хориҷиро барои рӯзнома таъсис дод. Вақте ки ҷангҳои Наполеон робитаҳои Британиёро бо қитъаи Аврупоро қатъ карданд, «The Times» «Ҳенри Крабб Робинсонро ба ҳайси аввалин мухбири ба хориҷа фиристодашуда таъин кард» [156, с. 4]. Маҳз Робинсон тавонист, ки газетаи «Таймс»-ро водор намояд, ки шабакаи мухбирони доимии хориҷиро ташкил кунад, ки он охири асри XIX барои ба вуҷуд овардани «давраи репортажҳои бузург» ёрӣ расонд. «Ҳенри Крабб Робинсон дар соли 1807 ба ҳайси хабарнигори хориҷӣ дар Олмон таъин шуд, дар солҳои 1808-1809 дар ҷанги Испания ба ҳайси хабарнигори махсус хидмат кард ва пас аз ин сафар муҳаррири хориҷии «The Times» гардид» [146, с. 75]. Вай дар идораи рӯзнома барои ҷойгир кардани мухбирони доимӣ дар шаҳрҳои Париж, Вена, Берлин ва Санкт-Петербург «ҷиҳати таъмини мунтазами ахбори ҳарҳафтаина нақши муҳим дошт» [157, с. 63]. Бо шарофати ин ташаббус рӯзнома шабакаи бузурги хабарнигорони байналмилалиро ба вуҷуд овард.

Намояндаи рӯзномаи The Times Ҳенри Крабб Робинсонро ҳамчун нахустин рӯзноманигори байналҳалқӣ мешуморанд, ки моҳи январи соли 1807 барои инъикоси амалиёти низомӣ ба Олмон рафта буд. Дар ин масъала муҳаққиқи рус В. Г. Колесниченко дар такя ба навиштаи Ҷ. Ҳоҳенберг назари дигар дорад. «Кормандони нашрияҳои дигар қабл аз омадани Робинсон аллакай дар Ҳамбург ва Алтон буданд, аммо пас аз зиёда аз 200 сол бартарии ин ё он «мухбири махсус»-ро муқаррар кардан ғайриимкон аст» [187, с. 22]. Дар ин масъала Робинсонро ҳамчун нахустин мухбири байналхалқии рӯйномаи «Таймс» шинохтан дуруст аст.

Ба андешаи муҳаққиқон Тунсталл ва Палмер «рӯзномаи «Таймс» дар нимаи аввали асри нуздаҳум бар матбуоти британиёӣ бартарӣ дошт ва миқёси иттилооти хориҷии он аз дигар рӯзномаҳои ин кишвар бештар буд» [171, с. 49]. Аксаран нуфузи «The Times» аз хабарнигорони бештаре он бармеояд, ки «нисбат ба рақибонаш аз пойтахтҳои Аврупо бештар ва пурра гузориш медоданд» [147]. Ин шабака рӯзномаро водор кард, ки пешниҳодҳои оҷонсиҳои хабарии

навтаъсисро барои харидории хабарҳои хориҷӣ аз онҳо рад кунад: «Онҳо дар маҷмуъ дарёфтанд, ки метавонанд тиҷорати худро беҳтар аз ҳар каси дигар ба роҳ монанд» [153, с. 122]. Дар ҳоле ки боқимондаи матбуот ба шартномаи хариди ахбори хориҷиро аз агентиҳои иттилоотӣ имзо гузоштанд, «The Times» чанд сол бо онҳо муқовимат кард. Аммо дар солҳои 1860-ум маълум гардид, ки рақобат бо суръати пешрафти агентиҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст.

Ба андешаи муҳаққиқи рус В. И. Сапунов пайдоиши агентиҳои иттилоотӣ ин талаботи ҷомеа ба иттилоот ва «натиҷаи дигаргуниҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Аврупо буд» [110, с. 186]. Аввалин агентии бузурги хусусии хабарӣ аз ҷониби Чарлз Ҳаваси фаронсавӣ дар соли 1832 таъсис ёфтааст. Бинобар сабаби он ки агентӣ ҳанӯз то ихтирои телеграф таъсис ёфта буд, агентии иттилоотии «Ҳавас» барои паҳн кардани ахбор ба кабутарҳои интиқолдиҳанда ва семафор (аломату ишораҳо) вобаста буд. Аксари хабарҳо маълумоти молиявӣ, бахусус нархномаҳои бозори саҳомӣ буданд, ки «Ҳавас» ба рӯзномаҳо ва муштариёни дигар фурӯхтааст. Дар бисёре аз сарчашмаҳо санаи таъсисёбии агентии иттилоотии мазкурро на 1832, балки 1835 қайд намуданд, зеро бештари муҳаққиқон ба замони ҳамчун агентии иттилоотӣ вусъат ёфтани фаъолияти «Ҳавас» таваҷҷуҳ намуданд, ҳол он ки қаблан он ҳамчун бюрои тарҷумонӣ фаъолият дошт (С.М.). «Ҳавас» дар соли 1835 рақиби асосии худ «Корреспондент Гарниер»-ро харид ва агентии худро ба таъминкунандаи ахбори байналмилалӣ ва миллӣ табдил дод. Қароргоҳи асосии агентӣ дар шаҳри Париж ҷой дода шуд ва тарҷумонҳо, нависандагон, котибон ва қосидони зиёдро ба кор гирифт. Дар шароите, ки рӯзномаҳои фаронсавӣ имкони нигаҳдории мухбирони худро надоштанд, «Ҳавас» дар Фаронса инҳисори хабарҳои хориҷиро ба даст овард, ки дар Лондон, Брюссел, Вена ва шаҳрҳои бузурги Олмон шуъбаҳо дошт. Бо ихтирои телеграфи барқӣ Ҳавас хадамоти худро дар саросари Аврупо муттаҳид кард. Баръакси дигар кишварҳо, телеграф дар Фаронса ба монополияи давлатӣ табдил ёфт ва робитаи наздики Ҳавас бо ҳукумат дастрасии имтиёзнокро кафолат дод. Ин тартиб ба назари муҳаққиқ Ҳоҳенберг ба «Ҳавас» мадад кард,

ки мавқеи худро ҳамчун «аввалин паҳнкунандаи хабарҳои арзон ва оммавӣ, ки ба таври фаврӣ ва боэътимод мустаҳкам кунад» [156, с. 7].

Дар наздикии почтаи Париж ҷойгир будани қароргоҳи агентии «Ҳавас» ба дастрасии саривақтии иттилоот мусоидат менамуд. Дар соли 1853 аксарияти матбуоти Париж гӯшаи «Навигарии агентии телеграфӣ» доштанд, ки дар он ахбори агентии иттилоотии «Ҳавас» ҷой дода мешуд.

Дар соли 1858 миёни Аврупо ва Амрикои Шимолӣ хати телеграфии байниқитъавӣ ба кор оғоз кард, ки ин ба рушди агентиҳои телеграфӣ мусоидат намуд. Ихтирои телефон инқилобе дар табодули иттилоот ба вуҷуд овард. Дастгоҳи телефонии А. Белл аввалин технологияи иртиботии ахбори шахсӣ буд, ки 10 марти соли 1870 патент карда шуд. Ихтирои мазкур ба паҳншавии ахбор дар тамоми олам замина гузошт.

Дере нагузашт, ки хадамоти хабарии байналмилалии рақиб ба кор даромаданд – аксари онҳо аз ҷониби кормандони собиқи агентии иттилоотии «Ҳавас» таъсис дода шудаанд. Дар соли 1849 Бернард Волф бо дастгирии ҳукумати Пруссия ва манфиатҳои бонкӣ Бюрои телеграфии Волфро дар Берлин созмон дод. Бернхард Волф писари дуюми бонкдори яҳудитабори Берлин буд, соли 1848 бо сармояи падараш агентии иттилоотии шахсиашро асос гузошт ва вазифаи директори иҷроияи рӯзномаи берлинии «Нешнал Сайтунг» (National Zeitung)-ро соҳиб гардид. Ӯ идораи газетаро ба телеграф пайваст кард ва дар рӯзнома хабарҳои хурдро аз шаҳрҳои Лондон ва Франкфурт ҷой медод. Арзиши хидмати телеграф гарон буд ва «Волф» барои кам намудани хароҷоти худ ба соҳибони дигар рӯзномаҳо ва нафарони алоҳида фурӯши ахбори молиявиро ба роҳ монд. Ҳамин тариқ, «Бюрои мухбирони телеграфии Б. Волф -Telegrafsches Korrespondenzbuero (B. Wolf)» таъсис ёфт. Дар ибтидо танҳо ахбори молиявӣ аз биржаҳо паҳн мегардид, аммо баъдан ахбори сиёсӣ низ ба муштариён расонида мешуд.

Ҳамватани Волф, Пол Юлиус Рейтер, дар соли 1851 ба пешниҳоди нархҳои биржа барои тоҷирон ва миёнаравҳои Лондон оғоз кард. Рейтер имкони истифода бурдани кабели нави байни Лондон ва қитъаро дид. Муҳаққиқ А. Смит

муайян намудааст, ки «дар соли 1856 се агентӣ ба ҳамкорӣ шуруъ намуда, созишномаи мубодилаи нархҳои саҳмияҳоро байни се маркази молиявӣ имзо карданд, ки баъдтар он ба хабарҳои сиёсӣ паҳн шуд» [167, с. 77]. Бар хилофи дигар оҷонсиҳое, ки дар чаҳорчӯби миллӣ фаъолияташонро идома медоданд, Рейтер, Ҳавас ва Волф дар давоми чанд соли аввали таъсиси худ ба оҷонсиҳои байналмилалии хабарӣ табдил ёфтанд. Рушди телеграф дар Британия, Фаронса, Олмон ва пайваст кардани ноқилҳои телеграфӣ дар Аврупо, Амрико, Африқо, Ҳиндустон, Чин, Амрикои Ҷанубӣ ва Ҷопон боис гардид, ки «ин агентиҳо дар атрофи он шуъбаҳо кушоянд» [161].

21 июли соли 1816 дар оилаи рӯҳонии яҳудӣ Самуэл Леви Йошафат писари сеюмашон Израэл Бер-Йошафат таваллуд шуд. Моҳи октябри соли 1845 Израэл ном ва насаби Паул Юлиус Рейтерро мегирад ва ба Ида Магнуси олмонӣ оиладор мешавад. Ҳамсараш ба ӯ дар ҳама корҳояш ёрӣ менамояд ва онҳо ҷараёни демократиро мепарастиданд. Соли 1848 Пол Рейтер ҳамчун журналист бо рӯзномаҳои Берлин робитаи хуб дошт ва хабару гузоришҳояш дар матбуот нашр мешуданд. Як қатор памфлетҳояш зиддияти ҳокимонро ба вуҷуд овард ва ӯ маҷбур шуд бо оилааш Берлинро тарк намояд. Дар охири соли 1848 онҳо ба Париж меоянд ва Рейтер ҳамчун журналист кор меҷӯяд. Дар ибтидои соли 1849 Рейтер аз набудани андоз ба матбуот истифода карда, варақаи ахбориро нашр кард, ки ҳамаи мавод, аз ҷумла, аз ахбори иҷтимоӣ то ахбори молиявиро дарбар мегирифт. Ҳамсари Рейтер иттилоотро аз забони фаронсавӣ ба олмонӣ тарҷума мекард ва ахборнома ба муштариёни дар Олмон буда паҳн карда мешуд. Ҳарчанд ин иқдоми хуб буд, аммо аз лиҳози молиявӣ зараровар гардид ва рӯзнома аз сабаби қарздор шудан баста шуд. Баъдан Рейтер ба шаҳри Аахени Олмон кӯчид, ки он дар наздикии Белгия ва Нидерландия ҷойгир аст. Дар ин шаҳр Рейтер аввалин идораи иттилоотии худро кушод.

Рейтер ояндаи бузурги тиҷорати иттилоотии худро дар Англия медид, аммо гуфтугӯйи ӯ бо сармуҳаррири рӯзномаи «Таймс» натиҷа надод, ки дар симои олмонии яҳудитабор агенти хадамоти кашшофии хориҷиро гумон дошт. Рӯзномаи «Таймс» шабакаи мухбирони худро дар тамоми Аврупо, ИМА, Чин,

Ҳиндустон ва Шарқи Наздик дошт. Сарфи назар аз ин, тобистони соли 1851 Пол Юлиус Рейтер ба Ангия кӯч баст ва «4 октябри ҳамон сол ширкати «Телеграфи зериобӣ» -ро таъсис дод» [13, с. 224].

Идораи ширкати «Рейтер» дар бинои Биржаи фондии Лондон ҷойгир буд, ки ба хонаводаи сарватмандон – Ротшилдҳо тааллуқ дошт. Агентии «Рейтер» аз хидмати телеграфи кабелии дар зери халиҷи Па-де-Кале истифода карда, дар як рӯз тоҷирон ва кормандони биржаҳоро бо иттилооти навини молиявӣ таъмин мекард. Империяи молиявии Ротшилдҳо бо агентии «Рейтер» шартномаи ҳамкорӣ имзо намуда, сарпарасти асосии агентии мазкур гардид. Маблағи Ротшилдҳо дар аввали солҳои 1860-ум нуфузи Юлиус Рейтерро афзуд ва ӯ соҳиби намояндагиҳои зиёд дар саросари ҷаҳон гашт. Хати кабели телеграфии «Рейтер» то ба сарҳади Русия расиданд. Дар соли 1862 хати кабелии телеграфи «Рейтер» аз қаторкӯҳҳои Урал гузашта, то ба Тюмен расид. Дар он ҷо Рейтер хадамоти қосидони аспсаворро барои гирифтани иттилоот аз Пекинро таъсис дод. Ба истифодадиҳии хати телеграф байни Америкаи Шимолӣ ва Аврупо дар соли 1866 кори Рейтерро хеле осон намуд. Соли 1870 се агентии иттилоотии Аврупо шартнома намуда, самтҳои фаъолияти худро ба хотири ба ҳамдигар халал нарасонидан имзо карданд. Мувофиқи шартнома «Рейтер» иттилооти худро дар ҳудуди Британияи Кабир ва мамлакатҳои Осиёи Шарқӣ, «Ҳавас» ба мамлакатҳои фаронсавизабон ва «Волф» ба давлатҳои Аврупои Шимолӣ ва Шарқӣ, ба империяи Олмон ва мустамликаҳои он ҳуқуқи паҳн карданро доштанд.

Соли 1878 Рейтер аз кори агентии иттилоотӣ даст кашид ва идоракунии агентиро ба зиммаи писараш Херберт гузошт, ки ӯ дар ин самт муваффақ гашт. 25 феврали соли 1899 Пол Рейтер дар шаҳри Нитсе аз олам даргузашт. Коргарон дар агентии иттилоотии «Рейтер» то марги Херберт аз аҳли оилаашон буданд. Баъди марги Херберт агентии «Рейтер» мавқеияти худро дигар кард ва хабарнигорони ғайрро низ ба кор мегирифт. Иттилоъ дар хусуси қурби коғазҳои қиматнок ва мубодилаи асъор бо истифода аз алифбои Морзе ба муштариёни «Рейтер» расонда мешуд. Инчунин, барои фиристодани иттилоот аз мавҷҳои

радиоиро низ дар агентии иттилоотии «Рейтер» истифода мекарданд. Соли 1918 «Рейтер» дар бораи ба анҷом расидани Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ пеш аз ҳукумати Британия хабар дод.

«Ассошиэйтед пресс» (АП) соли 1848 барои кам кардани харҷи дарёфти иттилоъ бо ибтикори ноширони шаҳри Ню-Йорк таъсис ёфт, чун ба ахбори Амрико бештар таваҷҷуҳ намуд, дар фазои иттилоотии ҷаҳон нисбат ба «Ҳавас», «Волф» ва «Рейтер» дертар ворид гардид, аммо имрӯз яке аз агентиҳои бузурги байналхалқӣ ба шумор меравад.

Агентиҳои нахустини Русия дар нимсолаи дуюми қарни XIX ба вуҷуд омаданд. Русияро зарур буд, ки роҷеъ ба ҳолати бозори ҷаҳонӣ, ҳамчунин, вазъияти сиёсӣ бо иттилооти саҳеҳ ва фаврӣ таъмин гардад. Дар он вақт матбуоти даврӣ (рӯзномаю маҷалла) аз имконоти бевосита гирифтани телеграммае, ки мавзуи сиёсӣ дошт, маҳрум буданд. Онҳоро лозим меомад, ки дар Вазорати корҳои хориҷӣ аз сензура гузаранд. Соли 1866 бо гирифтани иҷозатнома Хадамоти иттилоотии Русия – Агентии телеграфии Русия (РТА) таъсис дода мешавад. Дар асоси гирифтани телеграммаҳои хориҷи кишвар, ки аз сензура гузашта буданд, бюллетенҳо тартиб дода шуданд. Ин бюллетенҳо ҳафтае ду ё се маротиба ба воситаи телеграмма ба шахсони обунашуда фиристода мешуданд. Дере нагузашта Агентии телеграфии Русия (РТА) ба ҷамъоварии ахбори дохилӣ пардохт ва ба воситаи агентии иттилоотии олмонӣ «Волф» иттилоотро ба хориҷ паҳн намуд. Соли 1872 Агентии телеграфии Байналмилалӣ, соли 1882 Агентии телеграфии Шимолӣ ва соли 1894 аввалин Агентии телеграфии умумирусиягӣ ба кор шуруъ карданд. Ҳамаи агентиҳои иттилоотии Русия хусусӣ буданд ва ба ноширони бузург – Краевск, Суворин, Нотович ва Трубников тааллуқ доштанд. Агентиҳои телеграфӣ қариб ҳамаи матбуоти маҳаллӣ ва бештари матбуоти пойтахтро бо иттилоот таъмин мекарданд. Дар вақти ҷанги Русия ва Япония солҳои 1900-1905 давлат ба ташкили агентии иттилоотии давлатӣ маҷбур гардид. Соли 1902 бо ташаббуси Сергей Витте вазири молияи Русия дар заминаи рӯзномаи «Торгово-промышленной газеты» «Агентии телеграфии тиҷоратӣ барои таъмини иттилооти тиҷоратӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ таъсис дода шуд»

[303, с. 23]. Агентии мазкур моҳи декабри соли 1902 ташкил шуда, аввалин хабари он 30 декабри ҳамон сол нашр шуд. Соли 1904 дар робита ба оғози ҷанги Русия ва Япония зарурат ба иттилооти сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Русия бештар гардид ва 1 сентябри соли 1904 бо амри подшоҳи Русия Николайи II Агентии телеграфии тиҷоратӣ ба Агентии телеграфии Санкт-Петербург табдили ном кард. Агентии мазкур аз номи ҳукумат ҳуқуқи паҳн кардани иттилоотро дошт ва он аввалин Агентии телеграфии ҳукуматии Русия маҳсуб меёфт. Муассисони он вазоратҳои молия, корҳои хориҷӣ ва корҳои дохилӣ буданд. Агентӣ дар давраи аввали фаъолият номи «Агентии телеграфии Санкт-Петербург»-ро дошт. Аз 1-уми сентябри соли 1904 «Агентии телеграфии Санкт-Петербург» (АТСП) ба фаъолияти кории худ шуруъ менамояд. Аз 31-уми декабри соли 1909 АТСП бевосита ба тобеияти Шурои Вазоратҳои Империяи Русия гузаронида мешавад. Соли 1914 пас аз иваз шудани номи шаҳри Санкт-Петербург ба Петроград номи агентӣ ба Агентии телеграфии Петроград (АТП-ПТА) тағйир дода шуд. Баъд аз он ки Империяи Русия дар натиҷаи инқилоби соли 1917 аз миён рафт, агентӣ яке аз аввалин муассисаҳое буд, ки ба дасти инқилобчиён гузашт. «1 декабри соли 1917 В.И. Ленин дар бораи Агентии телеграфии Петроградро ба хадамоти марказии иттилоотии назди Шурои комиссарони халқии РСФСР табдил додан декрет бароварда» [43, с. 8].

1 декабри соли 1917 Агентии телеграфии Петроград ба Хадамоти марказии иттилоотии назди Шурои комиссарони халқии РСФСР табдил дода шуд. 7 сентябри соли 1918 бошад, бо қарори Комитети иҷроияи марказии умумироссиягӣ Агентии телеграфии Петроград ва Бюрои матбуот ба хадамоти ягонаи иттилоотӣ – Агентии телеграфии Русия (РосТа) якҷоя карда шуданд. Баҳори соли 1919 дар минтақаҳо ва шаҳрҳои калонтарини Русия шуъбаҳои РосТа ташкил гардиданд.

Соли 1925 ба ҷойи Агентии телеграфии Русия (РоСТа) Агентии телеграфии Иттиҳоди Шуравӣ (ТАСС) таъсис ёфт. ТАСС органи расмии иттилоотии СССР буд. Ба зиммаи Агентии телеграфии Иттиҳоди Шуравӣ вазифаи дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ ва хориҷи он паҳн намудани ахбори сиёсӣ, иқтисодӣ,

тиҷоратӣ ва ҳама гуна ахбор гузошта мешавад, ки «ба Иттиҳоди Шуравӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ дахл ва таваҷҷуҳи умумӣ доранд» [57, с. 150].

Моҳи январи соли 1935 Оинномаи нави Агентии телеграфӣ тасдиқ гардид, ки он ба ТАСС вазифаи роҳбарӣ ва назоратро ба фаъолияти оҷонсиҳои телеграфии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ вогузор намуд. Оиннома, ки бо қарори КМ ВКП(б) ба Шурои комиссарони халқии СССР аз 15 январи соли 1935 тасдиқ гардидааст, номи шуъбаи Тоҷикистонии агентии телеграфиро ба Агентии телеграфии Тоҷикистон иваз намуд.

Дар ҳайати ТАСС тамоми оҷонсиҳои иттилоотии ҷумҳуриҳои Шуравӣ дохил мешуданд: АЗЕРИНФОРМ (Озарбойҷон), АРМЕНПРЕСС (Арманистон), БЕЛТА (Белоруссия), ГРУЗИНФОРМ (Гурҷистон), КАЗТАГ (Қазоқистон), КИРТАГ (Қирғизистон), ЛАТИНФОРМ (Латвия), ЭЛТА (Литва), АТЕМ (Молдавия), ТОҶИКТА (Тоҷикистон), ТУРКМЕНИНФОРМ (Туркманистон), УЗТАГ (Ӯзбекистон), РАТАУ (Украина), ЭТА (Эстония). ТАСС яке аз бузургтарин шабакаҳои хабарнигориро доро буда, теъдоди он дар дохили кишвар ба 682 маҳалли хабарнигорӣ мерасид.

ТАСС яке аз бузургтарин ширкати агентии иттилоотии ҷаҳон маҳсуб меёфт, ки дар 125 мамлакати ҷаҳон шуъба ва мухбирони худро дошт. Ҳар рӯз дар телетайпҳои ТАСС 200-300 хабари навтарин берун меомад, ки онро бештар аз 600 оҷонсии иттилоотии хориҷӣ, вазоратҳои ахбор, редаксияи рӯзномаю маҷаллаҳо, ширкатҳои телевизионӣ ва радиошунавонӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва тиҷоратии бештар аз 150 давлати ҷаҳон истифода мебурданд. Дар омода сохтани ахбори оҷил ва сурат, чун қисми таркибии ахбор ва суратҳои ТАСС, оҷонсиҳои телеграфии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, Агентии телеграфии Тоҷикистон (ТоҷикТА) фаъолона иштирок менамуданд. Ахбори ТАСС ва ТоҷикТА тавассути ҳазорон рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои васеи телевизион ва радио ба тамоми олам аз дастовардҳои бузурги халқи Шуравӣ, аз ҷумла, халқи тоҷик дар соҳаи иқтисод, илму техника, сатҳи зиндагонии мардум мужда мерасонид. 30 январи соли 1992 бо фармони президенти Русия Борис Елсин ТАСС ба агентии ИТАР –ТАСС табдили ном кард ва он муассисаи давлатӣ

эътироф гардида, вориси Агентии иттилоотии Иттиҳоди Шуравӣ (ТАСС) дониста шуд.

ТАСС беш аз саду бист сол аст, ки мартабаи расмии худ, яъне агентии давлатии иттилоотии Русияро бетағйир нигоҳ медорад ва сарчашмаи боэътимоди иттилооти русӣ боқӣ мондааст. Моҳи сентябри соли 2014 бахшида ба 110 солагии агентӣ номи машҳури он дубора ба ТАСС баргардонда шуд. «ТАСС бо зиёда за 200 ВАО-и 112 кишвар ҳамкорӣ дорад» [447]. ТАСС маводди иттилоотии худро доир ба авзои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, варзишии Русия ва ҷаҳон ба забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, арабӣ ва испанӣ таҳия менамояд. Намояндагии ТАСС дар Тоҷикистон соли 1992 таъсис ёфтааст [64, с. 24].

Аз таҳқиқи фасли мазкур ба чунин хулоса омадем, ки пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқӣ ба таърихи зуҳури журналистика дар олам сахт алоқаманд буда, онҳо таърихи муштарак доранд ва ВАО-и байналхалқӣ новобаста аз нуфузи пурқудрати имрӯзаи худ дар ҷаҳон як бахши журналистика боқӣ мондаанд. Исбот гардидид, ки журналистика аз даврaи аввали пайдоиши худ хусусияти байналхалқӣ доштааст. Зуҳури журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун як шохаи алоҳидаи журналистика ба таъсисёбии агентиҳои иттилоотӣ ва ташаккулёбии онҳо оғоз гардидааст.

2.2. Журналистикаи байналхалқии тоҷик ва марҳилаҳои ташаккули он

Пайдоиш ва инкишофи журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистонро шартан ба 3 марҳила ҷудо менамоем:

1. Заминаҳои пайдоиши журналистикаи байналхалқии тоҷик – «Бухорои шариф»

2. Журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон дар замони Ҳукумати Шуравӣ

3. Журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон дар замони Истиқлолият

Таърихи қавму миллатҳо ва давлатҳо ба ҳам монандӣ ва умумияти зиёд доранд. Миёни нахустин рӯзномаҳои кишварҳои олам ҳам умумиятҳои зиёде

мавҷуданд. Таваҷҷуҳи зиёд ба ахбори хориҷӣ дар ин нашрияҳо яке аз он умумиятҳои онҳост. Матбуоти чопии Аврупо ва олам аз рӯзномаи олмонии «Релатсион» моҳи январи соли 1609 оғоз ёфтааст. «Саҳифаҳои он ахборро дар бораи Келн, Рим, Венетсия, Вена ва Прага фаро мегирифт» [130, с. 40].

Тавре маълум аст, то асри XX одамон дар хусуси қитъаҳои гуногуни олам, одамони кишварҳои дигар ва олами ҳайвоноту наботот, урфу одат ва анъанаҳои халқҳо ба мисли имрӯз маълумоти зиёд надоштанд ва нахустин рӯзномаҳо пас аз асарҳои бадеӣ ва илмӣ дар ибтидои асри XVII ба манбаи ҳамарӯзаи иттилоот табдил ёфтанд. Аввалин рӯзномаҳои Аврупо пур аз ҳикояҳо ё нақли рӯйдодҳо дар саросари қитъа ва берун аз он буданд.

Пайдоиши матбуот дар ибтидои асри XVI дар Аврупо ба мурури замон тавассути Ҳиндустон, Эрон, Туркия ва Русия ба пайдоиши матбуоти Осиёи Марказӣ низ таъсири худро расонд. Муҳаққиқони журналистикаи тоҷик ва аз он ҷумла, Мурод Муродӣ ба ин назар аст, ки «дар таъсиси нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» заминаҳои гуногун: пайдоиши матбуоти ҷаҳон, таъсиси матбуоти форсизабонон, ба вуҷуд омадани матбуоти рус дар Осиёи Марказӣ, ташаккули матбуоти мусулмонони Қавқозу Тотористон таъсир доштаанд» [332, с.276]. Чунин назарро муҳаққиқ Қ. Шарифзода низ ҷонибдорӣ менамояд: «Газета дар Осиёи Миёна ба туфайли русҳо... ба вуҷуд омад» [139, с. 11]. Воқеан ҳам, дар пайдоиш ва ташаккули матбуоти тоҷик таъсири матбуоти рус низ мақоми хосса дорад. Бояд қайд кард, матбуоти рус аз нашрияҳои дастнависи «Куранти» соли 1621 оғоз ёфтааст, ки дар он ахбори хориҷӣ низ зиёд ҷой дода шуда буд. Бесабаб нест, ки сафир Булгаков «Куранти»-ро «ҳамчун тарҷумаҳо ва иқтибосҳо аз газетаҳои гуногуни хориҷӣ» [236] таъриф кардааст. Воқеан ҳам худи истилоҳи «куранти» дар асри XVII аз матбуоти Аврупои Ғарбӣ ба Русия ворид шудааст. Дар аввал на танҳо соатҳои маноравӣ, балки аввалин рӯзномаҳоро низ дар як қатор забонҳои аврупоӣ «куранти» ном мебурданд.

Тоҷири ҳолландӣ Исаак Масс чаҳор аср пеш яке аз аввалин таъминкунандагони рӯзномаҳо ва хабарҳои аврупоӣ ба Маскав буд. Дере нагузашта ба Исаак Масс дигар гирдоварандагони иттилоот аз Ҳоланд Юлиус

Кранк ва Дэвид Николас Роутс, инчунин олмониҳо Мелчер Бекман ва Юстус Филимонатус ҳамроҳ шуданд. Чунин шабакаи мухбирҳо ба Маскав имкон медод, ки аз курантҳои ҳоландӣ ва олмонӣ ахбор дарёфт намояд. Дар Маскав дастнависҳо бо хабарҳои тарҷумашуда аз рӯзномаҳои Аврупои Ғарбӣ дар асри XVII мувофиқи анъанаи он давра, на дар дафтарҳо ё китобҳои маъмулӣ, балки ба «сутунҳои дароз» – варақчаҳо часпонида мешуданд. «Варақаи хабарӣ аслан як лентаи коғазӣ буда, то чанд метр андоза дошт» [236].

Мундариҷаи варақаҳои соли 1621 барои имрӯз хеле ҷолиб аст: Авҷ гирифтани ҷанги сисола дар Аврупо, ба таъхир афтидани сафари шоҳи Олмон Фердинанд II ба сабаби амалиёти ҳарбӣ, ғоратгариҳо ва ҷангҳо дар Аврупо, лашкаркашии султони турк ба Лаҳистон, фаъол гаштани роҳзанҳои баҳрӣ дар сарзамини Италия. Инчунин гузоришҳо дар бораи рӯйдодҳои ҳайратовар ва нофаҳмо низ дар курантиҳо нашр мешуданд. Рӯзномаҳо ва ахбор аз Аврупо то Маскав дар муддати то се ҳафта расонда шуда, гурӯҳи тарҷумонҳо онро ба забони русӣ тарҷума менамуданд. «Курант»-ҳо ба пуррагӣ ҷавобгӯйи талаботи рӯзномаро надоштанд, онҳо тиражи кам дошта, барои аудиторияи васеъ набуд. Онҳоро барои подшоҳ ё амалдорон нафарони махсус мехонданд.

Анъанаи нашри ахбори хориҷӣ дар матбуоти чопии рус аз рӯзномаи «Ведомости» соли 1702 идома пайдо карда, ба як бахши доимии журналистикаи рус табдил ёфт. Бо таъсис ёфтани агентиҳои иттилоотӣ ва ихтирои дастгоҳҳои иртиботӣ дастрасӣ ба ахбори байналхалқӣ боз ҳам беҳтар гардид. Матбуот ва агентиҳои иттилоотии рус дар навбати худ ба сарчашмаи ахбори матбуоти кишварҳои тобеи он ва ҳамсоякишварҳо табдил ёфтанд. Аз он ҷумла, барои нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» яке аз сарчашмаҳои ахбор матбуот ва агентиҳои иттилоотии русӣ буд.

Қабл аз пайдоиши нашрияҳои тоҷикӣ ошноии тоҷикони Осиёи Марказӣ бо матбуот аз тариқи нашрияҳои «Ҳаббулматин», «Сироҷ-ул-ахбор», «Чеҳранамо», «Ахтар», «Қонун», «Вақт», «Шуро», «Тарҷумон», «Мулло Насриддин», «Сироти Мустақим» ва ғайра сурат гирифта, маҳз нашрияҳои мазкур ба андешаи муҳаққиқи тоҷиктабори афғонистонии муқими Аврупо Наҷмиддини Ковиёнӣ

дар бедории равшанфикрон ва ислоҳталабон «нақши боаҳаммияте доштааст» [263]. Воқеан ҳам пас аз ошноӣ бо матбуоти умумифорсӣ шавқи таъсиси рӯзнома дар тоҷикони Осиёи Марказӣ боло гирифт. Муҳаққиқ Абдухолиқ Набавӣ яке аз омилҳои ташаккули матбуоти тоҷик ва хосса «Бухорои шариф» саҳми муасир доштани сунатҳои рӯзноманигории форсизабонон дар Шарқи мусулмониро таъкид карда, чунин мешуморад, ки «аҳаммияти он аз сарчашмаҳои туркиву русӣ камтар нест» [85, с. 8]. Чунин назари муҳаққиқ заминаи илмӣ дорад, зеро унсурҳои рӯзноманигорӣ дар таърихнавсӣ ва адабиёти форсу тоҷик решаи чуқур дорад. Муҳаққиқ Ф.М. Ғоибова дар ин масъала назари ҳамсон дошта, Сайид Ҷамолиддини Афғониро «яке аз асосгузорони журналистикаи Шарқ» [180, с. 3] мешуморад.

Фарзияи маҳсули корномаи маорифпарварон будани пайдоиши матбуоти тоҷикро ба эътибор гирифта, муҳаққиқ Қ. Шарифзода чунин назар дорад: «заминаи мафкуравии ба миён омадани «Бухорои шариф»-ро метавон ба мавқеъгириву андешапардозии саромадони ҷараёни ҷадидия Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ пайванд дод» [138, с. 7]. Ҳамин андешаро қаблан муҳаққиқ Валӣ Самад чунин пешниҳод намуда буд: «зотан фикри дар Бухоро таъсис намудани рӯзнома ва ба ин васила дар бедории мардуми Бухоро ҳисса гузоштан аз Аҳмади Дониш сар задааст. Баъд баъзе ҳамфикрон аз пайравони Аҳмади Дониш барои амалӣ шудани ин орзуи ӯ кӯшидаанд» [109, с. 142]. Муҳаққиқон Валӣ Самад ва Қироншоҳ Шарифзода ин назари худро бо овардани қиссаи муроҷиати хаттии нависандаи тотор Зоҳир Бегиев ба амир Абдулаҳад зимни сафараш ба Петербург барои таъсиси матбуоти форсӣ дар Бухоро, ки бо хоҳиши Мир Шариф Махдуми маорифпарвар сурат гирифта буд, асоснок менамоянд. Муҳаққиқ Қ.Расулиён «Бухорои шариф»-ро «ягона минбари маорифпарварони тоҷик» [97, с. 59] номидааст.

Орзуи нашри рӯзномаи тоҷикӣ дар Бухоро бо дастгирии сармоядор ва маорифпарварон Мирзо Муҳиддин Мансуров, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигар ҳаммаслаконашон амалӣ гардид, ҳарчанд барои пешбурди фаъолияти рӯзнома адиби озариасл Мирзо Ҷалол Юсуфзодаро ба ҳайси сармуҳаррир даъват намуда

бошанд ҳам, «Мирзо Сироҷ яке аз муаллифони фаъоли «Бухорои шариф» буд» [138, с.15]. Инчунин Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим низ дар таъсис ва фаъолияти «Бухорои шариф» ва замимаи он «Тӯрон» иштироки фаъол доштааст. Шумораи нахустини рӯзномаи «Бухорои шариф» санаи «11 марти соли 1912 (4 рабеулохири 1330 ҳичрӣ) дар матбааи хусусии тоҷири яҳудитабор Л.Н. Левин» [138, с. 10] чоп шудааст.

Нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» сароғози журналистикаи тоҷик буда, ҳанӯз аз аввал ба инъикоси авзои олам дар баробари навигариҳои Бухоро пардохтааст. Дар ин хусус муҳаррирони рӯзнома чунин ишора намуданд: «рӯзномаи мо аз ёрморкоҳо, мисли Нижнӣ -Нувғуруд ва ғайра маълумот дода, аз моли алтиҷораи дохил ва хориҷ ва маҳсулоти Бухорои шариф ва атрофу тобеи он мисли пунба, пашм, пӯсти қароқул, қимати мазаннаи нон, гӯшт, пунба, абрешим, чой ва ғайраву ғайра иттилоот хоҳад дод» [390].

Ахбори кишварҳои Австрия, Албания, Алҷазоир, Афғонистон, Балкан, Британияи Кабир, Булғористон, Венгрия, Гурҷистон (Тифлис) ва дигар минтақаҳои Қафқоз, Зеландияи нав, ИМА, Испания, Италия, Марокаш, Миср, Муғулистон, Непал, Норвегия, Озорбойҷон, Олмон, Рим, Русия, Руминия, Сербия, Тунис, Туркия (Империяи Усмонӣ), Финландия, Фаронса, Ҳиндустон, Чин, Ҷопон, Эрон, Юнон, Яман ва шаҳрҳои Димишқ, Вашингтон, Санкт-Петербург, Стогҳолм, Лондон, Берлин, Боку, Батуми, Вена, Будапешт, Истамбул, Калкута, Кобул, Ливерпул, Мадрид, Ню-Йорк, Теҳрон, Табрез, Токиё, Париж, Пекин, София, Белград, Одесса, Астрахан ва дигар минтақаҳо дар баробари навигариҳои маҳаллӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» нашр гардиданд. Ахбори байналхалқӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» одатан дар зери рубрикаҳои «Телегрофотика, Ахбори хориҷа, Ахбори тиҷоратӣ, Эрон, Туркия, Сандуқчаи истихборот, Тилгрофи шабона, Ахбори маҳаллӣ ва Туркистон» нашр мегардиданд. Ба андешаи муҳаққиқ М. Атозода маводди рубрикаҳои «Ахбори тиҷоратӣ», «Ахбори хориҷа» ва «Ахбори маҳаллӣ ва Туркистон» «аслан тарҷумаи маводди агентиҳои иттилоотӣ мебошанд» [9, с. 22]. Зери рубрикаи «Ахбори маҳаллӣ» дар баробари навигариҳои Аморати Бухоро рӯйдодҳои Русия

низ интишор мегашт. Аз ҷиҳати замон ва ҳукумати ҳамонвақта навигариҳои Русия барои Бухоро, ки мустамликаи он буд, ахбори маҳаллӣ ба шумор мерафт, аммо дар замони муосир барои мо ин ахбори хориҷӣ маҳсуб меёбад.

Дар баробари он ки рубрикаҳо ба минтақаи ахбори байналхалқӣ ишора менамоянд, инчунин рубрикаҳое дар «Бухорои шариф» истифода мешаванд, ки бевосита ба як мавзуъ ишора менамоянд. Мисоли ин рубрикаи «Гулӯлаборон» [554] дар шумораи сиюми рӯзномаи мазкур буда метавонад. Дар ибтидои ҳар хабар номи кишвар ва ё шаҳр оварда мешавад, ки ишора ба макони рӯйдод ва навигарӣ аст. Мисол: «Теҳрон – сафирҳои Русу Инглис аз ҷавоби Эрон ба нутаи Русу Инглис изҳори ташаккур намуданд» [559].

Дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ахборе, ки марбут ба ҷангҳо, сӯхтор, офатҳои табиӣ ва фалокатҳо ҳастанд, хеле зиёданд. Рӯзнома дар хусуси фалокати киштии «Титаник» якчанд мавод нашр намудааст: «Ландан – Дар бораи ғарқ шудани порохуди бузурги инглисӣ «Титонӣ», ки аз киштиҳои бузурги дунёст, хабар расидааст» [557]. Киштии «Титаник» дар санаи 15 апрели соли 1912 ғарқ шудааст, аммо таърихи нашри рӯзномаи «Бухорои шариф 4-уми апрели соли 1912 сабт шудааст, ки ягон пешгӯйӣ ва ё ғайбдонӣ нест, балки дар он замон тақвими юлианӣ истифода мегардид. Декрет дар бораи ҷорӣ намудани тақвими Аврупои Ғарбӣ (гузариш аз тақвими юлианӣ ба григориянӣ С.М.) дар Русия 24 январи (6 феврали) соли 1918 дар маҷлиси Шурои Комиссарони Халқ қабул карда шуд ва он аз ҷониби раиси Шурои Комиссарони Халқ В. И. Ленин «26 январи (8 феврали) 1918 имзо гардида буд» [420]. Фарқият миёни солшумории юлианӣ ва григориянӣ аз 11 то 13 рӯзро ташкил медиҳад. Пас маълум мегардад, ки тахминан санаи 17 апрели соли 1912 «Бухорои шариф» дар хусуси фоҷеаи Титаник хабар додааст. Бояд қайд кард, ки рӯзнома дар хусуси ғарқшавии «Титаник» чанд хабари дигар ҳам таҳия намуда, дар яке аз онҳо мардонагӣ ва фидокории мардони англис ва амрикоиро барои наҷоти занҳо ва кӯдакон ситоиш намудааст: «чӣ қадар ботарбия будаву чӣ қадар мардонагӣ буруз додаанд» [555].

Зимни таҳқиқ маълум гардид, ки «Бухорои шариф» аз ҷиҳати истифодаи ахбори хориҷӣ ба курантҳои дар солҳои 1620-ум то андозае монандӣ пайдо

кардааст, ки «аксаран ба хабарҳои хориҷӣ бахшида шуда буданд» [168, с. 153]. Бояд қайд намуд, ки баъзан маводди ҳайратовар низ дар «Бухорои шариф» нашр мегардад. Масалан, рӯзнома дар хабари «Тифли аҷиб» дар асоси маводди рӯзномаи русӣ иттилоъ додааст, ки «дар деҳи Молувонӣ зани русӣ бачае зоида, ки ду бадан, ду сар, чаҳор даст ва се по дорад» [558].

Ахбори хориҷиро нашр намудани рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро муҳаққиқ О. Салимзода дар таҳқиқи худ ишора намуда, чунин қайд карданд: «Дар байни маводди сиёсию иқтисодии байналхалқӣ ахбору мақолаҳо дар бораи аҳвол ва зиндагии мардуми Эрон, Афғонистон, Ироқ, Туркия, Чин ва дигар кишварҳои ҳамсоя мақоми хосса дорад» [107, с.45]. Инчунин муҳаққиқон Б. Соҳибова ва О. Нозир низ андешаи монанд ба муҳаққиқ О. Салимзодаро пешниҳод намуда таъкид доштанд, ки ахбори хориҷии рӯзномаи «Бухорои шариф» аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ аз матбуоти Ғарб фарқият низ дошт, зеро дар бахши ахбори хориҷӣ ба аҳолии Бухоро ва атрофи он «аз аҳвол ва зиндагии мардуми Эрон, Афғонистон, Ироқ, Туркия, Чин ва дигар мамолик» [335] хабар ирсол мегардид. Аз ин таъкидҳои муҳаққиқон ва таҳлили маводди рӯзнома маълум гардид, ки дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ба масъалаи аҳаммияти ҷамъиятии мавод барои аудиторияи худ низ таваҷҷуҳ доштанд.

Дар рӯзномаи «Бухорои шариф» яке аз жанрҳои серистеъмол жанри хабар ба шумор рафта, дар баъзе шумораҳои рӯзнома нисфи зиёди маводди онро ташкил додаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ М. Атозода муайян намудааст, ки дар шумораи аввали нашрия аз 23 хабар 17 хабари хориҷӣ ва дар шумораи дуюм аз 39 мавод 35 хабари хориҷӣ нашр гардидааст. Ахбори хориҷии рӯзномаи «Бухорои шариф» бештар ба рӯйдодҳои сиёсии кишварҳо, муносибатҳои байналхалқӣ, ҷангҳо, баҳсҳои марзию обӣ, садамаҳо, тиҷорати хориҷӣ, арзиши маҳсулот, бахусус пахта дар биржаҳои Ню-Йорк, Ливерпул, Маскав ва дигар масъалаҳои олам бахшида шудаанд, ки ин табиати журналистикаи байналхалқӣ аст. Огоҳ намудани аудитория аз рӯйдоди хориҷи кишвар [297, с. 286] вазифаи нахустини журналистикаи байналхалқӣ мебошад.

Ба андешаи М. Атозода «сабаби аслии бартарӣ додан ба воқеаҳои сиёсии ҷаҳон, огоҳ намудани хонандагони Бухоро аз рушди сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоии олам будааст, ки чун василаи бедорӣ ва худогоҳӣ ба сокинони Аморат хидмат менамуд» [9, с. 27]. Инчунин муҳаққиқи мазкур дигар сабаби бознашрро барои кормандони «Бухорои шариф» мувофиқтар будан медонад. Аммо сабабҳои дигари ба ахбори хориҷӣ бештар таваҷҷуҳ намудан дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ҷой дошт. Аз он ҷумла, душвор будани ҷамъоварии иттилоот аз сарсари Аморати Бухоро, яъне мавҷуд набудани мухбирони рӯзнома дар ҳамаи маҳалҳо ва надоштани агентии иттилоотии ватанӣ нашри ахбори дохилиро мушкил мегардонд. Инчунин назорати ҷиддии рӯзнома аз тарафи генерал-губернатории Русия ва Аморати Бухоро сабаби дигари бештар нашр намудани ахбори хориҷӣ буда метавонад. Чунин вазъиятро аввалин рӯзномаҳои аврупоӣ низ доштанд. Аз ин рӯ, нашри хабарҳои хориҷӣ назар ба инъикоси хабарҳои дохилӣ дар он замон камтар хатарнок буд [298, с. 29].

Бояд қайд кард, ки дар журналистика гузориш низ яке аз жанрҳои серистеъмол ба ҳисоб меравад. Дар гузориш журналист ҳамчун шоҳид ва ё донандаи иттилооти бештар рӯйдодро ба аудитория шарҳ медиҳад. Муҳаққиқ М. Атозода ба ин назар аст, ки аломатҳои жанри гузориш дар нахустин шумораи «Бухорои шариф» ба назар расида, заминаҳо барои корбурди ин жанр дар журналистикаи тоҷик маҳз дар он давра гузошта шудааст. Маводди рубрикаи «Муҳорибаи Туркия ва Италия» мисоли гуфтаҳои мазкур ҳисоб намудан мумкин аст. Зеро «муаллиф дар баробари инъикоси ҷараёни воқеа» [9, с. 33] мавқеи худро бо ҷонибдорӣ аз артиши Туркия маълум намуда, бо эҳсос суханронӣ намудаст, ки ин амал хосси жанри репортаж аст. Дар маводди рубрикаи мазкур иштироки муаллиф, мавқеи ӯ ва вуҷуд доштани таҳлилҳо баёнгари истифодаи жанри репортаж дар рӯзномаи «Бухорои шариф» аст. Ҳамзамон рӯзномаи мазкурро «мелодгоҳи жанри репортаж» [9, с. 38] дар таърихи журналистикаи тоҷик номиданд, ки воқеан дуруст аст.

Муҳаққиқ П. Гулмуродзода дар мақолаи худ бо номи «Бухорои шариф» - нахустин нашрияи форсизабон дар Осиёи Миёна» ба манбаъҳои маводди

рӯзномаи «Бухорои шариф» дар такя ба худи нашрия чунин овардааст: «Мундариҷоти умумия: телеғрофоти аҷенти Петербурғ, мақомоти илмия, ҳикоёти таърих, мустахбироти Исломбул, Мадинаи мунаввара, Миср, Теҳрон, Табрез, Рашт, Тошканд, Марғелон, Андиҷон, Хуҷанд, Самарқанд, тарҷумаи аҳволи ашхоси машҳурин» [239].

Муҳаққиқи ҷавон М. Атоев дар рисолаи илмии худ доир ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, муайян кардааст, ки «Бухорои шариф» беш аз 50 дарсади маълумоти нашрнамудаашро аз рӯзномаву маҷаллаҳои пештози кишварҳои хориҷӣ ҷамъоварӣ намуда, «баъд аз тарҷума, таҳрир ва ташреҳ пешкаши хонандагони тоҷикзабони Аморати Бухоро намудааст» [176, с. 91].

Ҳамон тавре ки журналистони байналхалқӣ вазифаи огоҳ кардани аудитория аз рӯйдодҳои хориҷӣ ва байналхалқиро бевосита ва бавосита амалӣ мекунанд, муҳаррирони рӯзномаи «Бухорои шариф» аз сарчашмаҳои иттилоотӣ дар шакли мустақим, бевосита ва бавосита аз агентиҳои иттилоотӣ ва зиёда аз 40 рӯзнома ва маҷаллаҳои хориҷӣ истифода намудаанд. «Сарчашмаи маводди хориҷии «Бухорои шариф» рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои Русия, Эрон, Туркия, Озарбойҷон, Италия, Олмон, Англия ва дигар кишварҳо гардиданд [221, с. 74]. Аз ҷумла, маводди нашрияҳои «Барий Журнал», «Бирж вайд», «Вақт», «Дейли экспресс», «Еврожурнал», «Звезда», «Корреспондент», «Қонун», «Матин», «Раннее утро», «Русское слово», «Сабоҳ», «Садо», «Самая правда», «Стампа», «Танин», «Трибуна», «Туркестанский Курьер», «ЖунТурк» ва дигар нашрияҳо истифода гардиданд. Ҳамчунин маводди матбуоти форсизабони Эрон, Ҳиндустон, Афғонистон ва дигар кишварҳо низ бознашр мешуданд. Ба қавли муҳаққиқ Ш.Б. Муллоев: «Дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» ахбор ва мақолаҳо аз рӯзномаҳои «Сироҷ-ул-ахбор», «Ҳабул-матин», «Мулло Насриддин», ҳамчунин маводди рӯзномаҳои чопи Русия «Тарҷумон» ва «Шуро» нашр мешуданд» [81, с. 46-47]. Аз ҷумла, мақолаҳои Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, ки дар рӯзномаҳои «Ҳаб-ул-матин» ва «Урват-ул вусқо» нашршуда буданд, «бознашр мегаштанд» [180, с. 75]. Муҳаққиқ Ф.М. Ғоибова чунин мешуморад, ки дар нашрияҳои «Бухорои шариф», «Ойина» ва «Самарқанд»

таъсири ақидаҳои С.Ҷ. Афғонӣ «баръало эҳсос мегардад» [19, с. 34]. Воқеан ҳам чунин назарҳо заминаи воқеӣ дорад, зеро нашрияҳои умумифорсӣ дар Бухоро паҳн мегардиданд.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» вақте аз як сарчашма ахбори бештар дар як шумора истифода мебарад, онро ба таври махсус қайд менамояд. Аз ҷумла, пас аз рубрикаи асосии «Муҳорибаи Туркия ва Итолиё» сарчашма чунин ишора гардидааст: «Ахбороти «Рускуя слуву» Исломбул» [553]. Чун замони нашри рӯзнома ба давраи ҷанги Италия ва империяи Усмонӣ рост омада буд, ахбори хориҷии «Бухорои шариф» дар ин хусус бештар интишор гардидааст. Баъзе аз маводди дохилӣ ва хориҷӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» бо имзои «Мухбири махсус» нашр гардидааст, зеро ки «рӯзнома дар Ишқобод, Самарқанд, Истонбул ва дигар шаҳрҳо хабарнигорон доштааст» [239]. Вале номи аслии мухбирони махсус ва мухбирони бухороии нашрияро ба хотири таъмини амнияти муаллифон ошкор намекарданд. Зеро дар ҷомеае ки рӯзномаро «китоби бобиён» ва рӯзномахониро мояи бадмазҳабӣ медонистанд, фаъолият дар матбуот хеле хавфнок буд. Аз ин рӯ, дар рӯзномаи «Бухорои шариф» муаллифон бо имзоҳои мустаори «Сомонӣ», Сиёҳпӯш, Амир ибни Русул [176, с. 81], Бухороӣ, Расул ибни Амин [176, с. 91], М.С., М.Р., М.Б., М-Ҳ., С.Ъ., Б.Х., Н.А., Х.Н., Ҷалол, Сироҷ, С. Мирзо [176, с. 117-118] ва ғайра мавод интишор менамуданд.

Дар муаррифии авзои олам ба хонандагони тоҷик нақши сармуҳаррири рӯзнома Мирзоҷалол Юсуфзода хеле бузург аст ва дар ин ҷода таҷрибаи чандинсолаи ӯ дар матбуоти Озарбойҷон кор дод. Ӯ дар баробари бохабар намудани хонандагон аз рӯйдоди дохилу ҷаҳон, дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии онҳо ва гирифтани сабақ аз ҳаводиси олам саҳми бузург доштааст. Адибону публитсистони тоҷик, хосса сардабири рӯзномаи «Бухорои Шариф» М.Ҷ. Юсуфзода ба назари муҳаққиқ Салимзода О. кӯшиш ба харҷ доданд, ки шаҳомату бузургии гузаштагонро ёдрас карда, аҳволи фалокатбори Бухорои шарифро нишон дода, ба ин васила ҳушдор доданд, ки ««Бухорои шариф» на ба хотири хидматгузорӣ ба ҳукумати таззории рус ва манғитиёни аморати Бухоро

рӯ ҷониби амал ниҳодааст, балки чашми сару дили мардумро ба ҷониби худшиносиву озодихоҳӣ боз намояд ва раҳнамун созад» [107, с. 49].

Нахустрӯзномаи тоҷикӣ дар ташаккули афкори ҷомеа нақши хеле бузург дошт ва дар ин маврид муҳаққиқ М. Атозода чунин қайд намудааст: «Афкоре ки рӯзномаи «Бухорои шариф» таблиғ мекард, на танҳо ба мардуми тоҷик, балки ба сокинони кулли минтақа муҳим буд» [9, с. 23]. Чунин нуфузи рӯзномаро қаблан муҳаққиқ П. Гулмуродзода таъкид карда буд: ««Бухорои шариф» на танҳо дар қаламрави аморату байни мурдумони Осиёи Миёна, балки Эрону Афғонистон, Русияву Ҳиндустон ва Қафқозу Туркия ва дигар мамлакатҳои мусулмонӣ ном бароварда» [240, с. 18]. Ҳамзамон муҳаққиқи мазкур шуҳратёбии рӯзномаро ба «шарофати Мирзо Ҷалол Юсуфзода» [20, с. 118] нисбат медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки таҳлили авзои олам ва ҳамоҳанг намудани он ба дид ва мавқеи сиёсии кишвар яке аз вазифаҳои журналистикаи байналхалқӣ мебошад. Журналисти байналхалқӣ ҷиҳати омода намудани чунин мавод метавонад аз кишварҳои дигар бевосита худ иттилоот ҷамъоварӣ намуда, маводро омода намояд ва ҳам метавонад ба дигар кишварҳо сафар накарда, дар асоси маводди дигар ВАО маводди таҳлилии худро анҷом диҳад. Дар рӯзномаи «Бухорои шариф» бештар ба таҳияи мавод дар асоси маводди нашрияҳои хориҷӣ тавақҷуҳ намуданд. Масалан, дар мақолаи «Аҳаммияти буғозҳо» (Аҳаммияти гулӯгоҳҳо С.М.) муаллифи маводди мазкур «Сомонӣ» дар асоси ахбори матбуоти баъзе кишварҳои Аврупо, Русия ва Туркия коҳиш ёфтани тиҷорати байналхалқӣ дар пасманзари 15 рӯзи баста шудани гулӯгоҳи Дарданел ва Босфорро дар ҷавоб ба ҳуҷуми қувваҳои мусаллаҳи баҳрии Итолиё таҳлил намудааст.

«Буғоз» калимаи туркӣ буда, маънои гулӯгоҳро дорад. Тавре маълум аст, дар ҳудуди Туркия гулӯгоҳҳои Дарданел ва Босфор ҷойгир буда, ягона роҳи обии пайвандгари баҳрҳои Сиёҳ, Мармар, Эгей ва Миёназамин ба уқёнусҳо мебошад. Аз ҷумла, муаллиф муҳиммияти масъаларо ба хонандагон чунин шарҳ додааст: «Медонед, ки ба воситаи ҳуҷуми киштиҳои ҷангии Итолиё ба Буғози Чаноқ-қалъа давлати Усмонӣ Буғозро ба воситаи «мин»-ҳо баста шуд ва ҳеч киштӣ натвонист аз Буғоз убуру мурур кунад. Ва ба воситаи ин буғозҳост, ки Исломбул

яке аз бузургтарин марокизи тиҷоратии олам ба ҳисоб меравад» [556]. Ҳамзамон муаллиф аз хисороти молии Русия, Англия, Руминия, Булғористон ва дигар кишварҳои ҳавзаи Баҳри Сиёҳ дар пайи ин ҳодиса иттилоъ дода, ба хонандагон маълум намудааст, ки аҳаммияти сиёсии гулӯгоҳҳо зиёда аз аҳаммияти тиҷоратишон аст. Зеро Туркия ба хотири мудофиаи пойтахти худ ва таъсир расондан ба рақибон бо бастани гулӯгоҳҳо фишор меовард.

Муҳаққиқ Муҳаммадиқбол Атоев зимни таҳқиқ муайян намудааст, ки мақолаҳои рӯзномаи «Бухорои Шариф» ду навъ мешаванд: сармақола ва мақолаҳои умумитаҳлилӣ. Мақолаи «Аҳаммияти буғозҳо» низ намунаи мақолаи умумитаҳлилӣ мебошад. Дар мақолаҳои умумитаҳлилӣ як масъала баррасӣ гардида, бо мисолу далелҳои муайян асоснок карда шудааст. «Дар онҳо масъалаи муҳокимашаванда бо таклифу пешниҳод ва назару андешаи ҳамраъёна доир ба соҳаҳои муайян иброз шудааст» [220, с. 290].

Тавре қайд гардид дар рӯзномаи «Бухорои шариф» авзои замон ва таҳаввулоти ҷаҳон низ барои аудитория шарҳ ва таҳлил мегардид ва Мирзо Сироҷи Ҳаким яке аз бунёдгузорони нашрияи мазкур дар мақолааш «Баъзе аз фавоиди рӯзнома» онро «ойинаи ҷаҳоннамои ҳама халқи олам» қаламдод намудааст. Инчунин ӯ зарурати нашрияро чунин таъкид кардааст: «Рӯзнома чизест, ки ҷумларо воқифи ҳоли ҳамдигар мекунад, агар моён имрӯз ҷароид хонем, баъд мефаҳмем, ки зиндагонӣ ва маъишати Аврупо чӣ гуна будааст» [239].

Муҳаққиқон А.Х. Азимов ва Н.У. Ғаффоров чунин мешуморанд, ки назари Мирзо Сироҷи Ҳаким дар бобати аҳаммияти рӯзнома ва нақши он дар рушди миллат суханҳои хушку холӣ ва бепоя набуданд, балки натиҷаи «саёҳати мамолики гуногун, дидани пешрафти кишварҳои мутараққӣ, шиносоӣ бо матбуоти онҳо, мутолиаи осори маорифпарварони халқҳои дигар аз ҷониби ӯ буданд» [213, с. 4]. Табиист, ки сафарҳои Мирзо Сироҷи Ҳаким ба кишварҳои Аврупо, Русия ва Осиёи Ҷанубӣ, таҳсил дар хориҷа зимни таҳлил ва шарҳи авзои олам дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ба ӯ хеле мадад намудаст. Андешаи

муҳаққиқ О. Салимзода дар мавриди «Мирзо Сирочи Ҳаким аз зумраи поягузорони матбуоти тоҷик» [107, с. 98] буданро мо ҳам ҷонибдорӣ менамоем.

Дар замоне ки Туркия, Русия ва Британияи Кабир барои нуфузи бештар доштан дар Осиёи Марказӣ ба ҳам дар ихтилоф буданд ва тарғиботи матбуотии онҳо ба сокинони минтақа афзуд, фаъолияти нашрияи миллие чун «Бухорои шариф» дар ташаккули афкори миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ нақши бориз дошт. Дар ин мавриди муҳаққиқон С. Гулов ва Х. Мавлонов ба ин назаранд, ки «Бухорои шариф» «дар ташаккули афкори ҷомеаи Бухоро дигаргунии ҷиддӣ ворид сохтанд» [247, с. 119].

Ҳамзамон рӯзномаи «Бухорои шариф» нахустин нашрияест, ки хонандагони тоҷикро «бо асарҳои адибони ғарбӣ ва рус» [209, 101], ба монандӣ нависандаҳои бузурги рус Л.Н.Толстой, А.М. Горкий ва дигарон шинос намудааст. Масалан, дар шумораи садуми «Бухорои шариф» асари «Асири қафқозӣ» -и Л.Н.Толстойро нашр гаштааст. Муҳаққиқ М.Атоев муайян намудааст, ки «қиссаву ҳикоя ва достонҳои Л. Толстой дар беш аз 50 шумораи рӯзнома ба нашр расидааст» [176, с. 140]. Муҳаққиқ Г.Р. Рустамова дар такя ба қайдҳои муҳаққиқ Муллоев Ш.Б. нашр гардидани асарҳои Л.Н.Толстойро дар рӯзномаи «Бухорои шариф» тасдиқ намудааст, вале ба нашри 12 асари хурду бузурги нависандаи мазкур аз шумораи 60-уми нашрия то шумораи 101 «таҳти сарлавҳаи «Осори Гроф Толстой» [354, с. 60] ишора намудааст.

Новобаста ба зуд баста шудан рӯзномаи «Бухорои шариф» дар бедории миллати тоҷик хидмати басазоеро иҷро намуд, ки онро метавон чароғе дар дасти соҳибдилон ва ватандӯстон номид, ки «роҳи ояндаи миллатро барои озодии маънавӣ ва сиёсӣ равшан менамуд» [334].

Масъалаи маориф, мактаб ва боло бурдани худшиносии ҷомеа яке аз самтҳои асосии фаъолияти муҳаррирони «Бухорои шариф» буд, ки дар саргаҳи ин андешаҳо дар баробари маорифпарварони Бухоро инчунин таъсири дигар публитсистон, аз он ҷумла Саийд Аҳмадхон низ меистод, ки тавассути матбуоти форсизабон ба Бухоро ворид мешуд. Ба андешаи муҳаққиқ Ф.М. Ғоибова: «дар консепсияи маорифпарварии Саид Аҳмадхон омӯзиши илм ҷойгоҳи муҳиммро

дорад. Маориф ин роҳи ягонаи ислоҳот дар Шарқ мебошад» [181, с. 18]. Таваҷҷуҳи зиёди муҳаррирони рӯзномаи «Бухорои шариф» ба масъалаи маориф ба амалдорони Аморати Бухоро ва генералгубернатории Туркистон маъқул набуд.

Дар масъалаи омилҳои басташавии «Бухорои шариф» мо андешаи зеринро ҷонибдорӣ менамоем: «чун «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» диққати назари умумии аҳолии Туркистонро ба худ ҷалб карда, дар димоғи хонандагон афкори олия илқо намудан гирифт, ин кор ба кайфияти маъмурони рус мувофиқ наафтод» [390]. Ин ақида аз қайдҳои зерини устод Айнӣ сарчашма мегирад: «Элчихонаи рус дар оғоз гумон карда буд, ки ин газета ҳам ба мисли «Туркистон вилоятининг газети», ки дар Тошканд, зери дасти Остроумов нашр мегардид, барои иғфоли мусулмонон воситае хоҳад шуд» [7, с. 109]. Устод Айнӣ дуруст қайд намуданд, ки рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва замимаи он «Тӯрон» фикри халқро кушода, онҳоро ба маданият ва маориф ташвиқ намуда, маҳбубияти рӯзнома дар ҷомеа боло меравад. Афзоиши эътибор ва нуфузи рӯзномаҳои мазкур дар Бухороро маъмурони рус хатар ба манфиатҳои худ дониста, дастури қатъи фаъолияти нашрияҳоро ба маъмурони Аморати Бухоро ирсол намуда, идомаи нашри онро боздоштанд. Ба андешаи муҳаққиқ Қ. Шарифзода «дар инъикоси масъалаҳои сиёсӣ аҳли эҷоди «Бухорои шариф» басо эҳтиёткор буданд» [138, с. 32], вале нашри мавод аз вазъияти сиёсии Эрон, Афғонистон ва таҳаввулоти Туркияи дар он давра намояндагони ҳукумати Русия ва амири Бухоро хуш намеомад. Ҳарчанд рӯзномаҳои мазкур ба муқобили сиёсати ҳукумати Русияи подшоҳӣ мавод интишор накарда бошанд ҳам, фаъолияти маорифпарваронаи нашрия, мавҷуд будани руҳияи ҷонибдорӣ аз Туркия замони ҷангҳояш бо Италия дар бештари мавод, инчунин афзоиш ёфтани ҳаракати пантуркистон дар Осиёи Миёна омили бастани «Бухорои Шариф» ва замимаи он буда метавонад.

Устод Садриддин Айнӣ нақши барҷастаи рӯзномаи «Бухорои шариф» дар ҳаёти Осиёи Миёнаро чунин баён намудааст: «Азбаски нашри газетаҳо ба давраи ҷангҳои Италия ва Болқон рост омад, онҳо аҳолии аз ҳама чиз бехабари Бухороро

аз таърих, ҷуғрофия, аз сиёсатҳо, аз аҳволи умумии Аврупо, аз афтода истодани олами ислом ба қаъри ҳалокат огоҳониданд» [7, с. 110]. Муаллифон ва муҳаррирони рӯзномаи «Бухорои шариф» дар баробари иттилоърасонӣ дар қавсайн мафҳумҳои илмӣ, техникӣ ва номҳои манотиқи ҷуғрофии барои аудиторияи худ ноошноро шарҳ доданд. Муҳаққиқ С. Гулов нақши нестнашавандаи нашрияи мазкур дар таърихи тамаддуни моро қайд намуда, таъкид менамояд, ки «нашрияи «Бухорои шариф» қайҳони кашфношудаеро мемонад, ки барои даҳҳову садҳо таҳқиқот мавод медиҳад» [242, с. 10].

Рӯзномаи «Бухорои шариф» аз ҷониби устод Садриддин Айнӣ, донишмандон Муҳаммадҷони Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Иброҳим Усмонов, Давлат Давронов, Валӣ Самад, Пайванди Гулмуродзода, Қироншоҳ Шарифзода, Абдухолиқи Набавӣ, Ҳамза Боқиев, Мурод Муродӣ, Олимҷон Салимзода, Қаҳҳори Расулиён, Нуъмонҷон Ғаффоров, Аъзамҷон Азимов, Намоз Ҳотамзода, Наҷмиддин Ковиёнӣ, Муҳаммадиқбол Атоев ва даҳҳо муҳаққиқи дигар таҳқиқ шудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ И. Усмонов чунин таъкид намудааст: «Ба ибораи дигар «Бухорои шариф» сарчашмаи журналистикаи тоҷикии Осиёи Миёна буд» [372, с. 125].

Иштироки фаъол дар инъикоси навигариҳои олам, таҳлил ва баррасии вазъи ҷаҳон ва нақши бориз доштани рӯзномаи «Бухорои шариф» дар ташаккули ҷаҳонбинии аудитория ва шинохти олам моро бовар мекунонад, ки рӯзномаи мазкурро на танҳо сарчашмаи журналистикаи чопии тоҷик, балки журналистикаи байналхалқии тоҷик низ эътироф намоем.

Журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони ҳукумати Шуравӣ дар навбати худ ба марҳилаҳои алоҳида ҷудо мешавад:

– журналистикаи байналхалқии тоҷик аз соли 1924 то соли 1941;

– журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ

– журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони «ҷанги сард»

– журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони бозсозӣ

Ҳар як марҳила вобаста ба авзои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон чунин тақсимбандӣ гардид. Муҳтавои маводди ВАО дар

доираи сиёсати иттилоотии давлати Шуравӣ таҳия ва паҳн мешуд. Аз ҷумла дар солҳои сиюми асри XX масъалаи инқилоби маданӣ ва маҳви бесаводӣ дар матбуоти тоҷик бештар баррасӣ мегардид. Яке аз самтҳои фаъолияти ВАО дар он давраро муҳаққиқ А. Азимов: «тарғиби ҳамкориҳои байналхалқии зиёиён» [5, с. 21] мешуморад. Журналистикаи байналхалқии тоҷик аз соли 1924 то соли 1941 масъалаи мубориза бо капитализм, бедории сиёсӣ, бартарии коммунизм аз давлатҳои буржуазӣ, мубориза бо Англия ва дигар кишварҳои зидди коммунистиро ташкил медод. Мақолаҳои Абулқосим Лоҳутӣ, устод Садриддин Айнӣ ва дигар рӯзноманигорони машҳури давр мисол шуда метавонанд. Муҳаққиқ Бахтиёр Зоириён масъалаҳои байналхалқӣ дар публитсистикаи Абдулқосим Лоҳутиро таҳқиқ намуда, андешаи зеринро пешниҳод намудаст, ки ба мавқеи мо мувофиқ аст: «Дар шеъру мақолҳои ба сиёсати байналхалқӣ бахшидааш низ шоир аз мушкилоти синфи коргару деҳқон дар давлатҳои сармоядории Ғарб ёдовар шуда, дар муқобили онҳо ҳаёти осоиштаву ороми меҳнаткашони советиро нишон медиҳад» [255, с. 67].

– журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бештар ба масъалаи мубориза бо фашизм, баланд бардоштани рӯҳияи халқи тоҷик, тарғиби ватандӯстӣ нигаронида шуда, осори публитсистии устод Садриддин Айнӣ, М. Турсунзода, Б. Ғафуров ва дигар журналистон намунаи барҷастае мебошанд. Ба қавли муҳаққиқ Б.Ш. Зоириён «ҷангҳои якуму дуюми ҷаҳон ва таъсири онҳо ба низоми сиёсии дунё, ба қудрат расидани фашизм дар Аврупо, ҳуқуқи инсон, сиёсати хориҷии Иттифоқи Шуравӣ, талоши қудратҳои сиёсии ҷаҳон сари тақсимоти сарватҳои табии сайёра, сиёсати геополитикии Америка» [183, с. 176] аз масъалҳои байналхалқие буданд, ки дар публитсистикаи А. Лоҳутӣ роҳ ёфтанд.

– журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони «ҷанги сард» вобаста ба сиёсати иттилоотии Иттиҳоди Шуравӣ амал карда, масъалаҳои озодии Шарқ, Ҳиндустон ва Африқою мамлакатҳои Амрикоӣ аз зери истисмори мустамликадорони ғарбӣ инъикос гашта, ғуломдорӣ ва беҳуқуқии инсон дар мамлакатҳои ғарбӣ танқид гашта, мавзуи босуръат мусаллаҳшавии кишварҳои

ғарбӣ бозтоб мегардид. Дар ин марҳила дар баробари маводди расонаҳои марказии Шуравӣ рӯзноманирони тоҷик ва ҳатто шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳурӣ ба монанди устод М. Турсунзода, Б. Ғафуров ва дигарон дар пайравӣ аз сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ фаъолияти густарда доштанд. Аз ҷумла, дар публитсистикаи Мирзо Турсунзода вазъияти «Эрон, Ветнам, Индонезия, Ҳиндустону Покистон, муқобилияти девонавори мустамликадорон барои нигоҳ доштани манбаъҳои даромад» [201, с. 62], инчунин авзои кишварҳои Америкаи Лотинӣ ва амалкарди кишварҳои узви блоки ҳарбии Атлантикаи Шимолӣ, озодии кишварҳо аз мустамликаи кишварҳои Ғарб бештар баррасӣ шуданд.

Матбуот ва дигар ВАО дар офариниши симои душман дар мисоли кишварҳои ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Канада ва дигар иттифоқчиёни онҳо пайваста саҳм гузоштанд. Ба андешаи муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев «Публитсистикаи Мирзо Турсунзода дар солҳои 60-70-ум ҳамаи мавзуъҳои актуалии замон ва муҳимтарин масъалаҳои асрро фаро гирифта, барои ҳаёти нав мубориза бурда, дар набардҳо баҳри сулҳ ва озодӣ, мустаҳкамшавии дӯстии халқҳо ва тарбияи одами нав кумак намудаст» [102, с. 156]. Бо оғози моҷароҳои ҳарбии Ветнам, нимҷазираи Корея ва Афғонистон ВАО-и Тоҷикистон аз мавқеи Иттиҳоди Шуравӣ ба аудиторияи тоҷик шарҳ ва тафсир пешниҳод намуданд. Дар ин масъала муҳаққиқ Усмонов И.К. муайян намудааст, ки дар моҳҳои феврал ва марти соли 1980 дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» «қариб 40 мақола ба ҷонибдорӣ аз инқилоби афғонӣ нашр шуд» [121, с. 20]. Аксарияти муаллифони чунин мавод аз Тоҷикистон буданд, аз ҷумла, М. Миршакар, Б. Дарвешов, М. Қаҳҳоров ва дигарон. Масалан, М. Миршакар мақолаи «Қонуни бародарӣ ва ҳамсоядорӣ» -ро дар замони «Инқилоби Сарв» дар Афғонистон навишта буд. Ба андешаи муҳаққиқ А. Қудбиддинов «Миршакар низ чун як адиби сулҳхоҳ ва вассофи дӯстию рафоқат нисбати тақдири Афғонистони ҳамсоя бетафовут набуд» [189, с. 104].

– журналистикаи байналхалқии тоҷик дар замони бозсозӣ ба масъалаҳои худшиносӣ ва эҳёи миллӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, мавҷи радиоҳои тоҷикӣ ва форсии байналхалқӣ ба фазои иттилоотии кишвар роҳ ёфтанд.

Дар навбати худ маводди байналхалқии ВАО-и Тоҷикистон дар замони Шуравӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

А) Маводди байналхалқии муаллифони ВАО-и умумииттифоқӣ

Б) Маводди байналхалқии муаллифони ВАО-и ҷумҳурӣ

Ба маводди байналхалқии муаллифони ВАО-и умумииттифоқӣ тамоми ахбор, маводди таҳлилӣ ва публитсистие дохил мешуданд, ки барои нашр ва паҳн ба ВАО-и ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар Тоҷикистон аз Маскав ирсол мегардиданд. Ин гуна мавод бештар аз агентиҳои иттилоотии АПН, ТАСС ва нашрияҳои умумииттифоқӣ дастрас мешуданд. Ба қавли профессор Иброҳим Усмонов: «журналистикаи тоҷик моли худро надошт» [131, с. 627]. Бояд қайд кард, ки журналистикаи тоҷик он замон як бахши журналистикаи Шуравӣ буд ва ҳамзамон Тоҷикистон субъекти мустақил дар арсаи байналхалқӣ набуд ва табиист, ки ВАО-и байналхалқии худро дар хориҷа дошта наметавонист. Маводди байналхалқӣ аслан пурра омода ба ҷумҳуриҳо ирсол мегашт ва онҳо айнан ва ё дар шакли тарҷума пешниҳоди аудитория мегардид. Дар чунин мавод руйдодҳои байналхалқӣ ва авзои олам вобаста ба мавқеи Иттиҳоди Шуравӣ интишор мешуд. Ба қавли муҳаққиқ А.Ҳ. Қутбиддинов: «Идеяи ленинӣ ва ҳизбияти васоити ахбор самтҳои фаъолияти рӯзноманигоронро муайян мекард» [277, с. 321].

Ба маводди байналхалқии муаллифони ВАО-и ҷумҳуриявӣ ҳамаи маводди ба авзои байналхалқӣ бахшидаи ходимони сиёсӣ, олимон, адибон, рӯзноманигорони ҷумҳурӣ ва дигарон шомил мегарданд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Б. Зоириён муайян намудааст, ки дар мақолаҳои ба мавзуоти байналмилалӣ бахшидаи Саидризо Ализода муҳимтарин масъалаҳои сиёсати байналхалқӣ, аз қабили иттиҳоди миллатҳои мусалмон, муборизаи халқҳои Шарқ ба муқобили империалистони ғарбӣ, муборизаҳои озодихоҳонаи Эрону Афғонистон ва Ҳинду Туркистон ба муқобили Англия ва амсоли ин матраҳ гардидаанд [256, с. 43].

Умумияти маводди байналхалқии он замон дар он буд, ки тамоми навигарӣ, шарҳи авзои олам, муносибатҳои байналхалқӣ, тиҷорат ва дигар соҳаҳои ҳаёт дар доираи идеологияи коммунистӣ омода ва паҳн мегардиданд.

Муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев вазъияти журналистикаи шуравии тоҷик дар солҳои 60-80-умро таҳлил намуда, муайян намуданд, ки бо вуҷуди рушди журналистикаи тоҷик муаммои таблиғи комёбиҳои Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон вуҷуд доштааст. Муҳаққиқ саҳми намояндагони машҳури ҷумҳурӣ бахусус, хидматҳои Устод Турсунзодаро ёдовар гашта, аз ӯ чун «тоқа бодбоне дар ақсои олам» баҳри шиносоии ҷумҳурӣ ва тоҷикон дар тӯли қариб чил сол қайд намуда, ӯро «қосиди сулҳу ҳамбастагӣ, мубаллиғи Тоҷикистону таърихи вақтфарози мулк» номида, баъдан Тоҷикистон дар арсаи иттифоқ ба ҳаллу фасли масъалаҳои доманфарох эҳтиёҷманд гаштанро таъкид карда, масъаларо чунин хулосабарорӣ менамояд: «Муддате ин вазифа ба дӯши Ғоиб Қаландаров буд. Ва баъдан Отахон Латифию Нур Табаров («Комсомольская правда») эстафетаи журналистикаи байналхалқии тоҷикиро сарбаланд идома доданд» [115, с. 46].

Пас аз парокандашавии Иттиҳоди Шуравӣ бештари ВАО-и байналхалқии он абарқудрат дар ихтиёри Русия монд, вале намояндагиҳои он дар хориҷа коҳиш ёфт ва бархе аз онҳо дар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ба ВАО-и миллӣ табдил ёфтанд. Ҳар як кишвар вобаста ба манфиатҳо ва имкониоти худ ВАО-и миллӣ ва байналхалқии худро роҳандозӣ намуданд. Муҳаққиқ Б.Л. Залесский новобаста ба вазъияти гуногун доштани ВАО-и ин кишварҳо чунин назар дорад: «Пӯшида нест, ки журналистикаи байналхалқӣ дар фазои пасошуравӣ на ҳамеша ба меъёрҳои баланд бо чанд сабаб ҷавобгӯ нест» [44, с. 315]. Аммо муҳаққиқ кадом меъёрҳоро дар назар дорад, маълум нест.

Дар доираи Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ ҷиҳати нигоҳдошти фазои ягонаи иттилоотӣ расонаи байнидавлатӣ таъсис дода шуд. ШБТР «МИР», яъне ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» ягона расонаи байналхалқие мебошад, ки Тоҷикистон расман дар баробари дигар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ саҳмияҳои онро дорад ва яке аз бунёдгузорони он ба шумор меравад. ШБТР санаи 9 октябри соли 1992 ташкил шудааст, аммо тайёрӣ ҷиҳати эҷоди фазои ягонаи иттилоотӣ дар доираи ИДМ баъд аз ташкили иттиҳоди мазкур ҷараён дошт. Аз ҷумла, аввалин ҷаласаи кории шурои ҳамоҳангсози ШБТР дар шаҳри Душанбе моҳи апрели соли 1992 баргузор

шуд, ки дар он ба ширкат «бо пешниҳоди тоҷикон номи ШБТР «МИР» гузоштанд» [198, с. 158]. Дар робита ба ин мавзуъ муҳаққиқ Ш.М. Соибназарова муайян намудааст, ки номи телевизиони «Мир»-ро раиси ҳамонвақтаи Кумитаи телевизион ва радиошунавонӣ «Бобоҷон Икромов» [199, с. 8] пешниҳод кардааст.

Ҳаммуассисони ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «МИР» 10 кишвари собиқи Иттиҳоди Шуравӣ буданд: Арманистон, Белорус, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон. Ҳадаф аз ташкили чунин расонаи байнидавлатӣ густариши робитаҳо байни кишварҳои ИДМ, ҳамгироӣ дар байни миллатҳо ва таъсиси «фазои ягонаи иттилоотӣ» [198, с. 10] ба шумор меравад.

Ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» ҳоло аз ду канали телевизионӣ, як истгоҳи радио, як портали интернетӣ ва як низоми моҳвораӣ иборат аст, ки рӯйдодҳои муҳим ва ҷории Иттиҳодро ба таври доимӣ пахш менамояд ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ, месенҷерҳо ва сайтҳои хостинги видеоӣ саҳифаҳо дорад. Иттилоот аз 12 филиал ва намояндагиҳои дар нуҳ кишвар фаъолияткунанда ҷамъоварӣ ва аз студияи марказии Маскав нашр мегардад. Телевизион хабарии «МИР 24» дар 30 кишвар, аз он ҷумла дар ҳамаи кишварҳои ИДМ дастрас аст ва аудиторияи эҳтимолии он тахминан беш аз 184 миллион нафар зиёд мебошад. Шунавандагони барномаҳои радиои «МИР» беш аз 47 миллионро ташкил медиҳад.

Намояндагии ШБТР «МИР» дар Тоҷикистон аз соли 1992 таъсис дода шудааст, ки дар муаррифии кишвар ва инъикоси рӯйдодҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва варзишии ҷумҳурӣ ба сокинони ИДМ саҳми бузург дорад. Намояндагии ШБТР «Мир» дар Тоҷикистон, дар суроғаи кӯчаи Шириншо Шотемур, 61 (рӯ ба рӯйи Боғи кӯдакона), дар ошёнаи якуми бинои 18-ошёна ҷойгир аст. Айни замон роҳбарии бахши тоҷикистонии онро рӯзноманигор Вера Исмоилова ба уҳда дорад.

Дар фазои иттилоотии ИДМ ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» дар қатори расонаҳои машҳур қарор дошта бошад ҳам, мавқеи онро

расонаҳои амрикоӣ, хориҷӣ ва расонаҳои интернетӣ торафт маҳдуд карда истодаанд. Дар фаъолияти телевизион ва радиои «Мир» ҷонибдорӣ аз мавқеи Русия ва ҳифзи забони русӣ ва тарғиби фарҳанги ин кишвар бештар ба назар мерасад, ки чунин мавқеъ боиси камтаваҷҷуҳӣ ба он гашта метавонад. Дар давоми сад соли охир раванди муҳоҷирати миллатҳо дар ҳудуди кишварҳои ИДМ бештар шудааст ва дар чунин шароит ба андешаи муҳаққиқ Ҷ.М. Саъдуллоев ташкили барномаҳои «омӯзиши забонҳои кишварҳои ИДМ» [198, с. 98] аз тариқи телевизиони «Мир» хеле зарур аст. Инчунин пахши барномаҳо ба забонҳои миллии кишварҳои ИДМ боиси бештар гаштани аудиторияи расона ва ҳамчунин афзудани имиҷи он мегардад.

Журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон дар замони Истиқлол марҳилаи дигари журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон аст ва вазифаҳои он аз инҳо иборат аст:

– Муаррифии ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон;

– Инъикос ва шарҳи авзои олам барои аудиторияи тоҷик;

– Бумисозии хабар, яъне инъикоси навигариҳо бидуни мавқеи бегонагон;

– Тарғиби ташаббусҳои байналхалқии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ;

– Муаррифии дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ва дастгирии иттилоотӣ дар ҷалби сайёҳон ва сармоягузорон ба кишвар;

– Муқобилият ба тарғиботи ғаразнок ва душманона нисбати миллат ва давлат, ки дар расонаҳои хориҷӣ, байналхалқӣ ва интернет паҳн карда мешаванд.

Ҳамаи вазифаҳои қайдгардида барои Тоҷикистон муҳимманд, вале вазифаи охирин хеле мубрам аст, зеро дар интернет ва дигар расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ матлабҳои иғвоангез ва буҳтон нисбати давлат ва миллати тоҷик пайдо шуданд ва муҳаққиқ Ф. Мирзоева ба ин назар аст, ки қисми зиёди чунин мавод ба забони англисӣ нигошта шуда, «барои ба муқобили онҳо истодагарӣ карда тавонистан бояд ВАО-и англисзабон вуҷуд дошта бошад» [301, с. 278]. Инчунин барои муаррифии кишвар ва ошно намудани сайёҳон ва хориҷиёни муқими Тоҷикистон доштани матбуоти англисӣ муҳим аст. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳоро ба эътибор гирифта, журналист ва соҳибкори тоҷик Нуралӣ Шоев

нахустин рӯзномаи англисзабон дар Тоҷикистонро бо номи «The Tajik Times» таъсис дод ва пас аз як сол ба «Tajikistan Times» номашро иваз намуд: «рӯзнома ба забони англисӣ 6-уми апрели соли 2009 сабти ном гардида, 23-юми апрел бо номи «The Tajik Times» («Вақти Тоҷикистон») бо теъдоди 500 нусха ва бо формати А3 ба табъ расид» [302, с. 105].

Дар ду саҳифаи нашрия ахбори Тоҷикистон ва дар саҳифаҳои дигар навигариҳои минтақа ва ҷаҳон нашр мегардид, ки қисми зиёди маводди нашрияро матолиби расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ ташкил медод. Моҳи апрели соли 2012 бинобар сабаби мушкилоти молиявӣ ва хонандаи кам доштан нашрияи мазкур аз нашр бозмонд. Ҳарчанд матбуоти пурра англисзабон дар Тоҷикистон пойдор намонда бошад ҳам, дар баъзе нашрияҳо саҳифа ва гӯшаҳо ба забони англисӣ таъсис дода шуданд. Аз ҷумла, маводди англисӣ дар нашрияҳои «Инсон ва табиат» ва «Ҳифзи табиат» нашр гашта, барои тарғиби табиати зебои диёр равона гардидааст. Ба андешаи муҳаққиқ Ф. Мирзоева ««Инсон ва табиат» («Наврӯзгоҳ») аввалин нашрияи соҳавие мебошад, ки саҳифаи англисӣ таъсис додаву масъалаҳои экологиро ба забони англисӣ инъикос намудааст» [192, с. 11]. Барномаҳо бо забони англисӣ дар радиои «Овози тоҷик» ва телевизионҳои «Тоҷикистон», «Сафина» ва «Ҷаҳоннамо» таҳия ва пахш мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки журналистикаи байналхалқии тоҷик аз ду шохаи алоҳида иборат аст: ВАО-и байналхалқии ватанӣ ва ВАО-и байналхалқии кишварҳои дигар, ки барои форсизабонон ва тоҷикон фаъолият доранд. Ҳар расонаи байналхалқие, ки аз ҷониби ҳукумат, муассисаҳои давлатӣ, созмонҳою ҷамъиятҳои ватанӣ ва шаҳрвандони Тоҷикистон барои аудиторияи ватанӣ ва байналхалқӣ таъсис дода мешавад, журналистикаи байналхалқии ватанӣ, яъне Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин ҳар расонаи байналхалқии кишварҳои хориҷӣ, созмон ва ҷамъиятҳои ҷаҳонӣ, муассисаҳои илмӣ ва афроди алоҳида, ки ба забони форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ дар тамоми олам пахш мегарданд, журналистикаи байналхалқии тоҷикро ташкил медиҳанд, зеро дар ҷамъи эрониҳо ва афғонҳо аудиторияи онҳоро тоҷикон низ ташкил медиҳанд. Моро

зарур аст, ки фарқ миёни журналистикаи байналхалқии тоҷик ва Тоҷикистон фарқ гузорем. Зеро мафҳуми тоҷик маҳдуд ба кишвари Тоҷикистон нест, балки он имрӯз аз сарзаминҳои аслии тоҷикзабонон фаротар рафта, қариб тамоми оламро фаро мегирад. Муҳоҷиратҳои тоҷикон дар тӯли асрҳо ва махсусан дар сад соли охир густариш ёфта, ҷамъияти тоҷикон дар бисёр кишварҳо арзи ҳастӣ намуданд. Пайдоиши бахшҳои форсӣ, дарӣ ва тоҷикии расонаҳои ВВС, «Озодӣ», Садои Амрико, радиои байналхалқии Чин ва дигар кишварҳо мисоли равшан мебошанд. Хулоса пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқии тоҷик се марҳиларо тай намудааст:

1. Пайдоиши журналистикаи байналхалқии тоҷик;
2. Журналистикаи байналхалқии тоҷик дар асри ХХ;
3. Журналистикаи байналхалқии муосири тоҷик

2.3. Ҷаҳонишавии ахбори байналхалқӣ ва марҳилаҳои он

Масъалаи шинохти фазои иттилоотии олам аз ҷониби муҳаққиқон якранг нест, зеро ҳар муҳаққиқ вобаста ба самти таҳқиқ ҷанбаҳои алоҳидаи фазои иттилоотиро омӯхта, назари худро дар ҳамон доира иброз намудааст. Зеро фазои иттилоотӣ мавзуи фарох буда, он дорои паҳлуҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, иртиботӣ, сиёсӣ, психологӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, асарҳои зиёди илмӣ ва оммавӣ дар мавзуи фазои иттилоотӣ нашр гаштаанд. Муҳимтар аз ҳама таҳти мафҳуми мазкур ҳудуди мубодилаи иттилоот, захира, коркард ва паҳн намудани иттилоот фаҳмида мешавад. Ба андешаи муҳаққиқ М. Муқимов «ВАО ҳамчун унсури пешбари фазои иттилоотӣ шинохта мешавад» [324, с. 223]. Фазои иттилоотии олам якбора ба вуҷуд наомадааст, он дар баробари рушди ҷамъияти инсонӣ, пайдоиши матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма бомаром ташаккул ёфтааст. Ба миён омадани раванди глобализатсия дар олам ба густариши фазои иттилоотӣ такони бузург бахшид. Ба қавли муҳаққиқ Қ. Шарифзода «Ҷомеаи пешраванда ҳамеша ба манбаъҳои гуногуни иттилоот ниёз дорад» [137, с. 48]. Мавҷуд будани манбаъҳои гуногун аз якрангии муҳтавои расонаҳо ва инҳисори

ВАО пешгирӣ менамояд ва дар натиҷа ҷомеа бо иттилооти босифат таъмин мегардад.

Глобализатсия ин раванди инкишофи ҷомеаи умумиҷаҳонӣ буда, таъсири он тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дарбар гирифтааст. Глобализатсия раванди ба ҳам наздикшавии миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳон аст, ки хусусияти маҳдуди инкишофро инкор менамояд ва тамоми иртибот дар робита ба дигарон шакл мегирад. Муҳаққиқ Х. Ҳ. Сафарзода ба ин назар аст, ки «ҷаҳонӣ шудани дунёи иттилоот барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва миллӣ судманд аст» [362, с. 174]. Ба ибораи дигар глобализатсия ин ҷаҳонишавии сиёсат, иҷтимоъ, иқтисод, фарҳанг ва робитаҳо мебошад. Дар инкишофи равандҳои глобализатсияи муосир нақши техника ва технологияи нави иттилоотӣ, бахусус интернет хеле бузург аст, зеро ба вуҷуд омадани технологияҳои нав дар соҳаи илм, пайдоиши интернет ва ба вуҷуд омадани фазои маҷозӣ, инқилобҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва коркарди иттилоот ба давлатҳои пешрафта имкон дод, ки мақсаду ҳадафҳои худро дар мамлакатҳои гуногун амалӣ намоянд. Инчунин дар раванди ҷаҳонишавӣ нақши омилҳои сиёсию идеологӣ низ хеле барҷаста мебошад.

Глобализатсия як қатор падидаҳои манфиро низ дар худ дорад, ки боиси нигаронии давлатҳо шудааст. Муҳаққиқ М. С. Абдулоҳ вобаста ба ин масъала чунин мешуморад, ки «дар раванди ҷаҳонишавӣ авзои кишварҳо тағйир ёфта, анъанаҳои нек аз байн меравад» [211, с. 144]. Нобаробарӣ миёни аҳолии тамоми ҷаҳон ва кишварҳо бештар гардидааст ва тақсимоти ҷаҳон ба ҷаҳони якум, дуюм, сеюм инчунин, «шимоли сарватманд» ва «ҷануби бенаво» натиҷаи чунин сиёсати ҷаҳонишавӣ аст. Зеро давлатҳои абарқудрат бо иқтисодиёти пешрафтаи худ иқтисодиёти миллии кишварҳоро ба нобудшавӣ оварда, монополисти бозори ҷаҳонӣ гардиданд. Ширкатҳои бузург намояндагии худро дар саросари олам боз намуда, мавқеи истеҳсолкунандагони маҳаллиро маҳдуд ва ҳатто дар баъзе кишварҳо вазъият то ба он ҳадде расидааст, ки ҷойи ошхонаҳои миллиро саросар шабакаҳои ошхонаҳои зудпази Макдоналдс, КФС ва амсоли он забт кардаанд.

Глобализатсия ба истиқлоли сиёсии кишварҳо низ таъсир мерасонад, чунки дар шароити ҷаҳонишавӣ давлат ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳо қисме аз ҳуқуқҳои худро аз даст медиҳад ва дар муносибатҳои байналхалқӣ созмонҳои фаромиллӣ ба ҷойи давлатҳо дар бештари ҳолат қарор қабул мекунанд. Муҳаққиқон С.А. Михайлов ва С.Б. Никонов ба ин назаранд, ки дар шароити ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ва мавҷуд будани низоми ҳуқуқии гуногун «нақши ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзими ҷараёни иттилоот боло меравад» [69, с. 86]. Вобастагии давлатҳо аз ҷиҳати иқтисод ё сиёсат ба ин ё он созмони ҷаҳонӣ омилҳои манфӣ низ дорад. Глобализатсия ҳолатеро бавуҷуд оварда метавонад, ки давлатҳои миллӣ пойбанди созмонҳои фаромиллӣ гарданд. Илова бар ин глобализатсия як қатор таҳдидҳоеро ҳам ба вуҷуд овардааст, ки ба истиқлоли сиёсии давлатҳо ва фазои иттилоотии онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Зеро ташкилотҳо ва ҳаракатҳои харобкор аз имкониятҳои глобализатсия сӯйистифода намуда, ақидаҳои зиддибашарӣ ва ҷангҷӯёнаи худро дар тамоми ҷаҳон бо истифода аз имкониятҳои коммуникатсияи моҳвораӣ, алоқаи мобилӣ ва интернетӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда, афкори солими одамонро тағйир дода истодаанд. Ба андешаи пажуҳишгар К.Ҷ. Фозилов «пайдо шудани шабакаҳои террористии иттилоотӣ, бозӣ бо афкори умум» [378, с. 294] хатар ва таҳдидҳои нав барои давлатҳо мебошанд. Густариши таҳдидҳои экстремистию террористӣ, ғасби фазои иттилоотӣ, бархурди тамаддунҳо ин ҳамаро натиҷаи манфии глобализатсия шуморидан мумкин аст. Аз дигар тараф глобализатсия ба яке аз абзорҳои амалисозии сиёсати давлатҳои абарқудрат мубаддал гардид. Ҳамзамон глобализатсия ба фарҳанг ва забонҳои миллӣ низ таъсири манфии худро мерасонад. Фарҳанг ва забонҳои миллатҳои кӯчак ба пуррагӣ аз байн мераванд ва ҷойи онҳоро фарҳанг ва забони ягона мегирад. Глобализатсия «хавфи нестшавии ҳувияти миллиро бештар мегардонад» [99, с. 104]. Дар чунин раванд пойдории ҳар як давлати миллӣ аз ҳимояи истиқлоли сиёсӣ, арзишҳои фарҳанги миллӣ ва забони он, рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва худогоҳии шаҳрвандон вобаста мебошад. «Ҷараёни фаъоли паҳншавии ахбор ва мубодилаи иттилоот миёни минтақаҳои оламро, ки бо

воситаи иртиботи моҳворавӣ, кабелӣ, системаи компютерӣ ва дастгоҳҳои мухобиротӣ амалӣ мегардад, глобализатсияи иттилоот мемонанд» [89, с. 5].

Роҳёбии маводди зиёди ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ дар ВАО-и кишварҳо «экспансияи иттилоотӣ» [1]-ро ба вуҷуд меорад. Дар 50 соли охир ғасби фазои иттилоотии олам аз тарафи ИМА ва ҳампаймоёнаш хеле густариш ёфтааст, ки он ба амрикоишавӣ ва ғарбишавии фарҳанг ва афкори ҷомеаи кишварҳоро ба бор овард. Дар ин масир давлатҳои алоҳида аз худ дарак дода, ба муқобили экспансияи иттилоотии ИМА бархурди иттилоотӣ намуданд. Зиддияти Русия, Эрон, Чин ва дигар кишварҳо ба таҳоҷуми иттилоотии Ғарб мисол шуда метавонад.

Ташаккули системаи паҳншавии глабалии иттилоот тавассути ВАО, рушд ва инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва интернет ба пайдоиши фазои иттилоотии нав мусоидат намуд, ки дар он ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон ба ҳам алоқамандии зич доранд. Иттилоот дар асри навин мавқеи асосиро пайдо намуда, «ҳамчун омили бағоят муҳимми ҳаёт ва тараққиёти инсон ва ҷамъият донистa шудааст» [88, с. 10]. Эҳтиёҷи ҷомеа ба иттилоот хеле афзудааст ва пешрафту тараққиёти ҷомеаро бе огоҳ будан аз навигариҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ тасаввур кардан душвор аст. «Ҷаҳонишавӣ тақозо менамояд, ки аксари муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва сиёсӣ характери умумиҷаҳонӣ касб намоянд» [393]. Имрӯзҳо глобализатсия дар ҷаҳон дар соҳаҳои тиҷорат, иқтисод, сиёсат, иттилоърасонӣ ва дигар соҳаҳои муҳимми ҳаётӣ вусъат гирифтааст. Саҳми расонаҳои байналмилалӣ, телевизионҳои моҳворавӣ, интернет, платформаҳои гуногун ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар аксаряти давлатҳо паҳн мешаванд, дар раванди ҷаҳонишавӣ басо бузург мебошад. «Интернет низ сарчашмаи маълумот буда метавонад» [74, с. 10]. Иттилоот ба яке аз маҳсулоти асосии глобалии ВАО мубаддал гаштааст, ки дар ҷаҳон талабот ба он зиёда аст. Мавқеи интернет дар олам хеле афзудааст ва ба андешаи муҳаққиқ А. Қудбуддинов «ҷомеа як навъ ғуломи ахбору иттилоъ низ гаштааст» [274, с. 314]. Агар дар ибтидо ахборро агентиҳои иттилоотӣ ба матбуот мефурӯхтанд, сипас радиоҳо ва акнун дар баробари онҳо телевизионҳои

глобалӣ ва расонаҳои иттилоотии онлайнӣ низ ба хариду фурӯши иттилоот машғул ҳастанд. Ба ВАО-и давлатҳои гуногун харидории иттилоот нисбат ба сарф кардани маблағ барои ҷамъоварӣ ва таҳияи иттилоот арзонтар аст. Мубодилаи васеи иттилоот дар ҷаҳон ба глобализатсияи иттилоот оварда расонд. Муҳаққиқон М.С. Имомзода ва Ҷ.М. Саъдуллоев ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои онро таҳлил намуда, чунин мешуморанд: «Даҳсолаи охири асри XX-ро, амалан, оғози асри глобалии иттилоотӣ шуморидан мумкин аст» [259, с.304]. Ақидаи мазкур воқеият дорад, зеро дар ин давра бо фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ маҳдудиятҳо дар олам коҳиш ёфта, раванди босуръати ҳамгироии кишварҳо афзоиш ёфт.

Ҷараёни паҳншавии ахбори байналхалқӣ аз панҷ марҳила иборат аст. Марҳилаи аввал аз миёнаҳои асри XIX оғоз ёфта, то нимаи аввали XX давом мекунад ва агентиҳои иттилоотӣ нақши асосиро дар паҳн кардани иттилоот бозиданд.

Дар аксар маврид баъзе муҳаққиқон ҷаҳонишавиро ба маънои ғарбишавӣ ва ё амрикоишавӣ мефаҳманд, ки пеш аз ҳама аз таъсири бештари ин кишвар ба дигар кишварҳо мебошад. Аз ҷумла, дар фазои иттилооти ҷаҳон ВАО-и ИМА мавқеи муҳиммро доранд. Дар ИМА оҷонсиҳои зиёди иттилоотӣ фаъолият мекунанд, ки саҳми онҳо дар ҷаҳонишавии ахбор хеле назаррас аст. Вале аз ҳамаи оҷонсиҳои иттилоотии ИМА се оҷонсии иттилоотии он –»Ассошиэйтед пресс» (Associated Press), Юнайтед пресс интернешнл (United Press International) ва «Блумберг» (Bloomberg) аз тамоми олам иттилоъ ҷамъ карда, боз ба тамоми дунё ахбор пахш мекунанд ва аз ин рӯ мақоми ҷаҳонӣ доранд. Инчунин давлатҳо метавонанд аз агентиҳои иттилоотии байналхалқӣ барои пешбурди «неруи нарм» истифода намоянд ва дар ин маврид муҳаққиқи амрикоӣ Родриго Замит чунин назар дорад: «Агентиҳои иттилоотии байналхалқӣ хеле бонуфузанд, зеро онҳо аксарияти ахбори байналхалқиро таҳия менамоянд» [174, с. 145].

Радиоҳои байналхалқӣ марҳилаи дуюми паҳншавии ахбори байналхалқӣ мебошанд, ки аз миёнаҳои асри XX оғоз шудааст. Таърихи пайдоиши радиошунавонии байналхалқӣ дар миёнаҳои солҳои бистуми асри гузашта оғоз

шудааст. Аз ҷумла, ИМА соли 1924 ба пахши барномаҳои радиоӣ барои Америкаи Лотинӣ, Олмон аз соли 1926 дар мавҷҳои дароз, Британияи Кабир ва радиои Нидерланд аз соли 1927 барои кишварҳои Осиё ва Африка дар мавҷҳои кӯтоҳ, радиои Полша аз соли 1928 дар мавҷҳои кӯтоҳ, радиои Маскав аз 29 октябри соли 1929 дар мавҷҳои кутоҳ ва дароз, радиои Ватикан аз соли 1933 дар мавҷҳои кӯтоҳ ба фаъолият шуруъ карданд. Дар аввали тобистони соли 1938 барномаҳои махсуси радиои миллии ИМА Эн-Би-Си барои кишварҳои Аврупо ва Америкаи Лотинӣ «ба 6 забон дар ҳаҷми 16 соат дар як рӯз расонида шуд» [71, с. 9].

Бояд таъкид кард, ки пас аз агентиҳои ахборӣ дуюмин расонаи байналхалқӣ ин радиоҳои байналхалқӣ буданд ва онҳо дар раванди глобализатсияи иттилоот имрӯз низ нақши муассир доранд. Дар марҳилаи дуюми ҷаҳонишавии иттилоот ИМА бо таъсиси радиоҳои байналхалқӣ ба тарғиботи байналхалқии худ оғоз намуд, ки яке аз ҳадафҳои онҳо «тарғиби тарзи ҳаёти ғарбӣ» [108, с. 26] ва инҳисори афкори кишварҳои дигар аст. Радиои BBC яке аз нахустин радиоҳои байналхалқии дар ин самт муваффақ аст, ки ҳоло ба нашри маводди телевизионӣ ва контентҳои интернетӣ бартарӣ дода, нашри барномаҳои радиоӣ ба баъзе забонҳоро қатъ намудааст.

Дар охирҳои асри XX телевизионҳои моҳворавӣ рушд намуданд ва ба фазои иттилоотии ҷаҳон шабакаҳои телевизионии ахборӣ роҳ ёфтанд ва ин марҳилаи наве дар ҷаҳонишавии ахбор буд. Яке аз нахустин шабакаҳои телевизионии байналхалқӣ телевизиони CNN мебошад. Соли 1980 шабакаи ахбори кабелии CNN – Cable News Network аз ҷониби Тед Тернер дар Атланта ба пахши барномаҳо шуруъ кард. Ширкати BBC танҳо соли 1991 ба пахши барномаҳои телевизиони байналхалқиаш шуруъ кард ва он ба замони ҷанги Ироқ ва ИМА рост омад. Шабакаи телевизионии «Euro News», ки 1 январи соли 1993 дар шаҳри Лион ба фаъолият пардохт, низ аз ҷумлаи телевизионҳои байналхалқӣ буда, дар миёни тамошобинон маҳбубияти хосса дорад. То замони ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ворид шудани шабакаи «Алҷазира» кишварҳои ғарбӣ аксаран дар фазои иттилоотии кишварҳои арабӣ бартарӣ доштанд ва як навъ нобаробарии

иттилоотӣ на танҳо дар ин манотиқ, балки дар тамоми олам вуҷуд дошт. Шабакаи «Алҷазира» соли 1996 аз ҷониби амири давлати Қатар Шайх Ҳамад бинни Халифа Ал-Санӣ таъсис ёфта, дар миёни насли навинии шабакаҳои моҳвораии минтақа бо фаъолияти чашмрас сабқатро аз дасти дигар шабакаҳои пешрафтаи ҷаҳони Араб гӯё рабудааст.

Нашрияҳои байналхалқии International Herald Tribune, Wall Street Journal, Economist, Newsweek, Time ва ғайра дар тамоми ҷаҳон васеъ паҳн мешаванд, ки ин марҳилаи дигаре дар ҷаҳонишавии ахбор аст.

Имрӯз ҷаҳонишавии ахбор марҳилаи навини онлайниро тай карда истодааст ва тавассути интернет истифодабаранда ахбори нашрияҳо, телевизионҳо, радиоҳо ва агентиҳои иттилоотиро дастрас карда метавонад. Дар марҳилаи панҷуми ҷаҳонишавӣ ВАО на танҳо шакли иттилоърасонӣ ба аудиторияи худро дигар кард, балки ташаккул ёфт ва равандҳои наверо аз сар гирифт. Муҳаққиқ Л.Б. Залесский чунин мешуморад, ки «Интернет-журналистика як қисми журналистикаи байналхалқӣ аст» [44, с. 296]. Воқеан ҳам дар журналистикаи байналхалқии муосир интернет ва имконоти иртиботии он нақши бузург доранд.

Равандҳои муосири ҷаҳонишавии ВАО пеш аз ҳама ба интернет сахт иртибот доранд, зеро дар фаъолияти онҳо беш аз пеш ба он алоқаманд аст. Ба андешаи мо равандҳои муосири ташаккули ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ин пайдоиши журналистикаи онлайнӣ, мултимедиавӣ, журналистикаи шаҳрвандӣ, ВАО-и транснатсионалӣ (фаромиллӣ) ва блогнависӣ аст.

Имрӯз бо рушди техникаву технологияи рақамӣ, шабакаи байналмилалии интернет иттилоъро ҳамон лаҳза метавон ба тамоми олам паҳн кард. Муҳаққиқ И. Усмонов интернетро «сареътарин навъи журналистика» [128, с. 374] номидааст. Воқеан ҳам Интернет ВАО-и фаврӣ аст, зеро маводди интернет фавран ба аудитория рафта мерасад ва ҳар лаҳза нав ба нав ахбори тоза вориди он мегардад.

Бо истифода аз имкониятҳои интернет сомонаҳои интернетии ВАО ба вуҷуд омаданд. Ҳамин аст, ки ҳамаи ВАО мехоҳанд дар интернет мавқеъ дошта бошанд ва иттилоъро зудтар ба омма пешниҳод намоянд. Дар ин масъала муҳаққиқ Т. Ғ.

Ҳасанова ба ин назар аст, ки «имрӯз гузариши фаъоли як қисм ВАО-и анъанавӣ (ва ё пурра табдил додан) ба блогосфера ба назар мерасад» [379, с. 306]. Масалан, рӯзномаи «Фараж» моҳи августи соли 2025 номи худро бо «Фараҳ» иваз намуда, ба далели камбудии молиявӣ ба шакли электронӣ гузашт. Дар замони онлайнии журналистика на танҳо ВАО, балки жанрҳои журналистӣ низ ба он мутобиқ шуданд ва ташаккул ёфтанд. Бо шарофати интернет навъҳои дигари мусоҳиба ба монандӣ онлайн-конфронс, онлайн-мусоҳиба ва онлайн-пурсиш [191, с. 127] пайдо шуданд.

Технологияи ҳозира ба журналистика шароити хеле васеъро фароҳам овардааст. Бахусус Интернет ҳамчун сарчашмаи иттилоот ва ё маълумот ба журналистон хизмат мекунад ва «бештари журналистон мусоҳибаро дар интернет мегузаронанд ва ҳар кадомашон дар пресс-конфронсҳои интерактивӣ иштирок мекунанд» [51, с. 263].

Ғайр аз ин, интернет воситаи пурсамари иртибот аст, ки аз руйи як қатор ҷиҳатҳояш бар телефон, факс ва дигар воситаҳои алоқаи анъанавӣ афзалият дорад. Муҳаққиқ Ҷовид Муқим вобаста ба ин хусусияти интернет чунин андеша дорад: «Яке аз муваффақиятҳои интернет ин дастрасии муштариён ба иттилои гуногун мебошад» [307].

Раванди дигари ҷаҳонишавии ВАО имрӯз пайдоиши журналистикаи чандрасонаӣ аст. Интернет ба ВАО имконияти чандрасонаӣ, яъне ба ВАО-и мултимедиавӣ, шуданро дод. Радио, телевизион, агентиҳои иттилоотӣ ва ҳатто нашрияҳо низ барои афзудани аудиторияи худ ва чандрасонаӣ гаштан талош намуда, сомонаи интернетии худро таъсис доданд. ВАО-и чандрасонаӣ ва ё мултимедиавӣ (multimedia) ҳамаи имкониятҳои ВАО-ро дар худ дорад. Аз матбуот матн ва тасвир, аз радио овоз ва аз телевизион навор дар ВАО-и чандрасонаӣ ҷойгир мешавад. Ба таври дигар бигӯем, аз тариқи ВАО-и мултимедиавӣ истифодабарандаи интернет ҳам матнро мехонад, ҳам садоро мешунавад ва ҳам сурат ва наворро тамошо мекунад, яъне интернет имкониятҳои матбуот, радио ва телевизионро муштарак намудааст.

ВАО-и электронии муосир дар баробари пахши барномаҳо тавасути телевизион ва радио, боз бо истифода аз интернет дар сомонаи расмии худ, саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳо, замимаҳои мобилӣ ва пахши моҳворавӣ фаъол буда, тариқи хадамоти гуногуни электронӣ, аз ҷумла, почтаи электронӣ, подкаст ва ғайра ба аудиторияи худ мавод ирсол менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз равандҳои нави ташаккули журналистика ин пайдоиши журналистикаи шаҳрвандӣ мебошад. Бисёреҳо ба он назаранд, ки журналистикаи шаҳрвандӣ бо пайдоиши интернет алоқаманд аст, вале дар асл чунин нест. Ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри гузашта дар Фаронса ва баъдтар дар дигар кишварҳои аврупоӣ маҷаллаҳои худсохт пайдо шуданд, ки аз чандин маҷаллаҳо бурида, ҷамъоварӣ мешуданд ва барои доираҳои худӣ пешниҳод мегаштанд [288, с. 253]. Аммо дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ низ журналистикаи шаҳрвандӣ мавҷуд буд, зеро коргарону деҳқонон барои матбуот хабару гузоришҳои худро мефиристоданд. Аслан онҳо дастпарварони университети мухбирону коргару деҳқон буданд, ки барои беҳтар гаштани робитаи ҷомеа бо матбуот ба онҳо тарзи тайёр кардани матн барои матбуотро омӯхта буданд.

Дар журналистикаи ИМА мафҳуми «civic journalism» ва «citizen jourmalism» роиҷ аст, ки ҳарду маънои журналистикаи шаҳрвандиро медиҳанд. Ба ибораи дигар бигӯем ба фаъолияти журналистӣ машғул шудани шаҳрвандон журналистикаи шаҳрвандӣ мебошад, ки онҳо ҳарчанд мутахассиси ин соҳа набошанд ҳам, ба таҳияи маводди журналистӣ ҳаваскорона машғул мегарданд. Журналистикаи шаҳрвандӣ бо рушди интернет васеъ густариш ёфта, яъне интернет асосгузори он набуда, балки боиси оммавӣ гаштани он шудааст.

ВАО-и транснатсионалӣ ё фаромиллӣ он ВАО-е мебошанд, ки берун аз ҳудуди кишвари худ низ нашр ва паҳн мегарданд. Дар миқёси ҷумҳуриҳои собиқи Шуравӣ нашрияҳои «Комсомолская правда» ва «Аргументи и факти» мисоли ин гуна ВАО шуда метавонанд, зеро берун аз ҳудуди Русия ҳам нашр ва паҳн мегарданд. Дар байни мамлакатҳои арабӣ бошад, нашрияи «Аш-Шарқ ул-авсат», ки дар Лондон ва 12 давлати арабию аврупоӣ нашр ва бисёр кишварҳо паҳн мегардад, мисол шуда метавонад.

Глобализатсияи иттилоот шароити нобаробарро барои ширкаткунандагони бозори иттилоотии ҷаҳонӣ пешкаш менамояд. Ҳамин назарро муҳаққиқ Дана Медеуова ҷонибдорӣ намудааст: «ҷаҳонишавӣ нобаробарии ҷаҳониро пурзӯр карда, давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодию техникӣ заифро ба давлатҳое тобеъ мекунонад, ки дорои навтарин техникаи иттилоотонӣ мебошанд» [59, с. 136]. Вале ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Гулмаҳмад Зокиров ҷаҳонишавӣ имконият медиҳад, ки «маҳдудиятҳо ва зиддиятҳои гузаришӣ дар иттилоот аз байн бардошта шаванд…» [45, с. 581]. Ҳарду андеша дар шароити рӯз ҷавобгӯйи талабот аст. Чун иттилооти дохилии мо пурра дастраси омма нест ва аудиторияи ВАО-и Тоҷикистон рӯ ба ВАО- и хориҷӣ меоварад ва ин ба назари мо ногузир аст. Аз ин рӯ, масъалаи таъмини амнияти фазои иттилоотӣ хеле масъалаи актуалӣ боқӣ мондааст. Муҳаққиқ А.С. Нуров дуруст қайд намудаст, ки унсури асосии фазои иттилоотиро «худи иттилоот ташкил медиҳад» [342, с. 292]. Фазои иттилоотӣ сарвати умумии инсонӣ ба шумор рафта, таъмини амнияти он заминаи рушди босуботи тамаддуни ҷаҳонӣ аст. Дар робита ба бехатарии фазои иттилоотии байналхалқӣ назари коршиносон ва мавқеи субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ ягона нест. Аз он ҷумла, Федератсияи Русия дар масъалаи таъмини амнияти фазои иттилоотӣ ташаббускори қабули санади байналхалқӣ гардид. Федератсияи Русия лоиҳаи консепсияи амнияти байналмилалии иттилоотиро ба Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намуд. Ҷониби Русия қабули чунин санадро бо он асоснок менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии ҷилавгирӣ аз иғвоҳои сиёсӣ ва рад кардани иттиҳомоти беасос дар мавриди истифодаи тахрибкоронаи фанноварихои иттилоотию коммуникатсионӣ ташаккул меёбад. Ҳадафи ин ҳуҷҷат кӯшиши танзими раванди табдил додани технологияҳои иттилоотӣ ба як абзори фишор ва ҷилавгирӣ аз таҳдидҳои геополитикӣ мебошад.

Муовини котиби Шурои Амнияти Федератсияи Русия Олег Храмов дар робита ба масъалаи қабули консепсияи мазкур ба расонаҳо чунин изҳор дошт, ки Русия дар якҷоягӣ бо як гурӯҳи ҳамфикрон лоиҳаи конвенсияи таъмини амнияти байналмилалии иттилоотиро омода ва ба СММ пешниҳод кардааст. Ҳадафи он

фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои пешгирӣ кардани ҳар гуна иғвоҳои сиёсӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ (IT) мебошад. Дар шароити муқовимати геополитикӣ бо Ғарб, Русия таҳти фишори маҷмуи иттилооти мураккаби харобиовар ва таъсироти техникии ҷанги гибридӣ дучор мешавад. Ҳамзамон Олег Храмов таъкид намудаст, ки Иёлоти Муттаҳида барои нигоҳ доштани бартариҳои бузургманишии технологӣ дар фазои иттилоотӣ «чораҳои маҳдуд кардани равандҳои илмию техникии рақибонро пурзӯр мекунад» [469].

Ҷониби Русия зарурати рушди минбаъдаи раванди музокирот оид ба масъалаҳои амният дар соҳаи ТИК-технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро баррасӣ карда, гурӯҳи корӣ оид ба ин самт дар доираи Созмони Милали Муттаҳидро ташкил намуд, ки фаъолияти он дар охири соли 2025 ба анҷом расид. Хусусияти фаромарзии таҳдидҳои муосири иттилоотӣ баланд бардоштани самаранокии рушди системаи байналмилалии амнияти иттилоотиро талаб менамояд. Агентии иттилоотии ТАСС хабар дод, ки Русия принсипи ташаккули системаи одилонаи глобалии амнияти иттилоотии байналмиллалиеро ҷонибдорӣ менамояд, ки «бар асоси риояи меъёрҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмии эътирофшудаи ҳамкорӣ дар фазои киберӣ иборат бошад» [469].

Бояд қайд намуд, ки таъсиси чунин система танҳо тавассути таъмини амнияти баробар ва масъулияти дастаҷамъона ба даст овардан мумкин аст. Санаи 24 декабри соли 2024 бо қарори 79/243 Ассамблеяи Генералӣ лоиҳаи «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи киберҷиноят» [435] қабул гардид, ки ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои тавассути истифодаи системаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содиршаванда равона гардидааст. Ташаббускори қабули ин лоиҳа ҷониби Русия буда, давлатҳои ҷонибдор давоми соли 2025 онро имзо намуданд ва то 31 декабри соли 2026 ниҳодҳои марказии СММ дар қароргоҳи он шаҳри Ню-Йорк санади мазкурро имзо менамоянд. Қабули конвенсияи мазкур аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳамкориҳои минбаъда дар мубориза бо ҷиноятҳои компютерии

байналмилалӣ, аз ҷумла табодули саривақтии далелҳои электронӣ заминаи ҳатмӣ фароҳам меорад.

Профессори ДДМБМ (Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналхалқии Москва)-и Вазорати корҳои хориҷии Русия Елена Зиновева дар робита ба конвенсияи мазкур ба хабаргузории ТАСС чунин изҳор дошт, ки сарнавишти лоиҳаи конвенсияи Русия дар бораи таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ аз мавқеи Иёлоти Муттаҳида вобаста нест, зеро он аз ҷониби кишварҳои узви созмони БРИКС+, кишварҳои Африқо, Ховари Миёна ва Амрикои Лотинӣ, ки ба коҳиш додани хатарҳои киберфазо ва таҳкими амният ва суботи муҳити рақамӣ манфиатдор мебошанд, дастгирӣ карда мешавад. «Афзоиши таҳдидҳои нобаҳангом ба фазои иттилоотӣ зарурати қабули бечунучарои ҳуҷҷати амнияти иттилоотии аз ҷониби Русия пешниҳод шударо новобаста ба мавқеи Ғарби коллективӣ ва ИМА бештар менамояд» [516].

Бархӯрди маъмурияти президенти нави ИМА Доналд Трамп ба ташаббусҳои Русия дар соҳаи амнияти иттилоотӣ як саволи боз боқӣ мемонад, зеро президент Трамп борҳо аз ниҳодҳои байналхалқӣ интиқод намуда, ҷонибдори коҳиш додани уҳдадориҳои байналхалқии ИМА дар доираи созмонҳои байналхалқӣ аст. Ба гумон аст, ки ӯ ба таҳкими нақши СММ дар амнияти фазои иттилоотӣ манфиатдор бошад.

Бояд ёдовар шуд, ки Русия аз соли 1998 инҷониб мавзуи амнияти фазои иттилоотиро дар сатҳи СММ пешбарӣ карда, ба қабули санадҳои ҳатмӣ, аз ҷумла конвенсия оид ба таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ таъкид менамояд. Масалан, 18 ноябри соли 2019 СММ қатъномаи пешниҳоднамудаи Россияро «Дар бораи мубориза ба истифодаи иттилоот ва фанноварихои мухобиротӣ бо ҳадафҳои ҷиноятӣ» дар як раъйдиҳӣ қабул кард» [321, с. 248]. Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Финландия, Ҷопон ва Канада аз ҷамъи кишварҳое буданд, ки муқобили қабули он қатънома раъй доданд.

Ҳамзамон пешниҳодҳо дар мавриди мудирияти низоми интернетии ҷаҳон аз тарафи як ниҳоди алоҳидаи байналмилалӣ ва берун бурдани назорати пурраи он аз дасти ИМА ҷой доранд, вале ИМА комилан муқобил аст, зеро Интернет ба

ИМА на танҳо манбаи даромади бузурги молиявӣ гардидааст, балки дар ҷамъоварии иттилоот аз тамоми кураи Замин, назорати фазои иттилоотии олам ва бурдани ҷангҳои гибридӣ ӯро забардаст гардонидааст. Чунин вазъиятро «неоколониализми рақамӣ ва истифодаи технологияро ҳамчун воситаи фишор» [516] аз ҷониби ИМА маънидод менамоянд. Русия, Чин, Эрон ва як қатор кишварҳо комилан муқобили чунин таҳдидҳо ҳастанд. Русия ва Чин дар алоҳидагӣ ба таъсиси алоқаи алтернативии интернетро ба роҳ монда истодаанд. Аз ҷумла, Русия дар коркарди низоми Рунет ва дигар платформаҳои аналоги ғарбӣ даст ба кор аст.

Аҳаммияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии байналмиллалӣ сол аз сол актуалӣ мегардад, зеро сатҳи таҳдидҳои иттилоотӣ ба таври қобили мулоҳиза тағйир ёфта истодааст ва истифодаи технологияҳои рақамӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ба маҷрои асосӣ табдил ёфт. Дар ин самт афзоиши ҳамкориҳои амалӣ ва омӯзиши мутахассисони амнияти иттилоотӣ ба манфиат аст.

Яке аз навгониҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ пайдоиши падидаи «ҳактивизм» аст, ки барои фишори сиёсӣ истифода мешавад. Ҳактивизм ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра тавассути ҳамлаҳои киберӣ мебошад. Ин истилоҳ аз омезиши калимаҳои англисии «hack» (рахнанамоӣ) ва «activism» (фаъол) бармеояд. Маъмулан ҳактивистҳо ба думболи манфиати молиявӣ ё дигар фоида нестанд. «Онҳо созмонҳои бузург, ниҳодҳои давлатӣ ё ходимони ҷамъиятиро мавриди ҳадаф қарор медиҳанд, ки амалашон хилофи идеологияи рахнагарон аст» [469]. Масалан, ҳамлаи киберӣ метавонад бар зидди созмоне нигаронида шавад, ки ба ақидаи рахнагарон ва ё фармоишгари онҳо ҳуқуқҳои инсон ё озодии иттилоотро поймол мекунад. Рахнагароне, ки ба созмонҳо бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба осебпазирӣ ҳамла мекунанд, метавонанд ҳамчун «ҳактивист» ҳисобида шаванд. Барои чунин намуди рахнагарон даромади молиявӣ дар иҷрои ҷинояти кибернетӣ аҳаммият надорад, балки омилҳои сиёсӣ ангезаи кирдори ҷиноии онҳо буда метавонад. Масъалаи густариши «ҳактивизм» барои тамоми олам тамоюли комилан

хавфнок гардида, шумораи чунин ҳамлаҳо нисбат ба солҳои пеш афзоиш ёфтааст.

Доир ба мушкилоти таъмини бехатарии иттилоотии байналхалқӣ коршиносон назарҳои гуногун доранд, ки риояи принсипҳои баробарии давлатҳо ва дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлатҳо, яке аз он назарҳо мебошад. Ҳамчунин таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудани кишварҳо ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар робита ба ҷорӣ намудани механизмҳои танзими ҳолатҳои фавқулода, ки имкон медиҳад на танҳо тафтиш, балки пешгирии ҷиноятҳо дар муҳити рақамӣ пурсамар гардад.

Рушди осоиштаи муҳити рақамӣ ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки дар он технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ ба омилҳои асосии амният табдил меёбанд. Тавре ки назорати силоҳи ҳастаӣ суботро дар асри 20 таъмин намуд, уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи киберамният метавонанд механизмҳои ҳифзи фазои рақамиро ба вуҷуд биёрад. Таҳия ва қабули конвенсияи таъмини амнияти байналмилалии иттилоот ва таъмини риояи он амали муҳим дар самти бехатарии фазои иттилоотӣ маҳсуб меёбад.

Рушд накардани саноати истеҳсоли воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷумҳурӣ вобастагӣ аз истеҳсолкунандагони хориҷиро бештар намудааст, ки инро омили дигари таъсиррасонӣ ба фазои иттилоотии Тоҷикистон шуморидан мумкин аст. Воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ ва байналхалқӣ дар фазои иттилоотии кишварҳо нақши муассир пайдо карда истодаанд ва дар робита ба ин масъала муҳаққиқ Х. Сафаров чунин назар дорад: «Дар бисёр маврид воқеоти кишварҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз диди бегона муаррифӣ мешавад ва аҳолии дунё кишварро аз зовияи расонаҳои хориҷӣ мешиносанд» [202, с. 20]. Нуфузи бештари расонаҳои хориҷӣ дар кишвар хатар ба амнияти иттилоотӣ низ мегардад, бахусус замоне ки дар инъикоси рӯйдодҳои кишвар расонаҳои хориҷӣ аз расонаҳои миллӣ пешсаф ва аудиторияи бузургро фаро гирад.

Дар фазои иттилоотии Тоҷикистон бахши тоҷикии радиои «Озодӣ», ки таблиғгари манфиатҳои ИМА мебошад, мавқеи намоёнро соҳиб гардидааст, зеро тавонистааст таваҷҷуҳи аудиторияро ба худ ҷалб намояд ва барои ин «аз технологияҳои иттилоотии муосир васеъ истифода мебарад» [324, с. 224]. Ҳамзамон бахши мазкур ба пахши оҷилии ахбор талош менамояд, ки ин боиси таваҷҷуҳи аудиторияи зиёд гардидааст, ҳарчанд ки дар ахбори онҳо таҳрифи воқеият ва тарғибот бештар ба назар мерасад. Пас расонаҳои миллиро зарур аст, дар пахши саривақтии ахбор бештар аҳаммият дода, нагузоранд, ки расонаҳои хориҷӣ дар ташаккули афкори ҷомеаи мо таъсиргузор боқӣ монанд.

Фазои итилоотии як кишварро маҷмуи ВАО ва захираҳои иттилоотие ташкил медиҳанд, ки аҳолӣ имконияти дастрасӣ ба онҳоро доранд. Дар ҳамин ҳол фаровонии воситаҳо ва ташаккулёбии технологияи коммуникатсионӣ боиси он гардидааст, ки ҳар оила ва ҳатто ҳар шахс «муҳити иттилоотӣ» [94, с. 194] -и худро доро бошад. Новобаста ба бештар шудани шумораи воситаҳои ахбори оммаи электронӣ, фаъолгардидани сомона ва саҳифаҳои ВАО-и ватанӣ дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ масъалаи пурра гардондани фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвишовар боқӣ мондааст. Зеро таваҷҷуҳи сокинон ба ВАО-и хориҷӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогерҳо бештар гардида, онҳо таҳти таъсири бегонагон ва баъзе блогерони каммаърифат қарор гирифтаанд. Ҳарчанд бо таъсиси Асосиатсияи блогерони Тоҷикистон ва ҷалби онҳо ба машваратҳои зарурӣ, муҳтавои контенти бисёре аз онҳо беҳтар шуда бошад ҳам, ҳамоно боз блогероне пайдо шуданд, ки хилофи одоби инсонӣ, ахлоқи миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ амал менамоянд. Дар бартараф намудани чунин мушкилот ва таҳкими амнияти фазои иттилоотии миллӣ зарур аст, ки ВАО-и ватанӣ дар пахши иттилооти воқеӣ ва оҷилӣ иқдом намуда, ба боварии аудитория бештар сазовор гарданд. Муҳаққиқ М. Муқимов дар ин масъала ба ин назар аст, ки «барои ин саводи расонаии аҳолиро баланд бардошт» [324, с. 222].

Масъалаи таъмини амнияти фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим барои мо ба шумор меравад, зеро таъсири ВАО-и байналхалқӣ, хориҷӣ, саҳифа ва каналҳои созмонҳо ва гурӯҳҳои ифротӣ дар

платформаҳои гуногун ба ҷомеаи мо зиёд гашта истодааст. Ҳолати мазкур рақобати пурзурро дар фазои иттилоотии кишвар баҳри пурра таҳти назорат қарор додани он ба миён овардааст. ВАО-и Тоҷикистон ва мутахассисон талош доранд, ки худро ба шароити нав мутобиқ намоянд. Вобаста ба ин ҳолат кӯшишҳо дар самти татбиқи амалии технологияи нави иттилоотию коммуникатсионӣ аз тарафи расонаҳои миллӣ фаъолона ҷараён дорад. Ҳамзамон ходимони сиёсӣ, чеҳраҳои фарҳангӣ, аҳли зиё, олимон, омӯзгорони зинаҳои гуногуни таҳсилот ва донишҷӯён доир ба масоили муҳимми ҷомеа ва авзои олам, таҳдидҳои терроризм ва равандҳои муосири ҳаёт назари худро тавассути расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ баён менамоянд. Сарфи назар аз ин ҳамоно ҷомеаи мо, бахусус бархе аз наврасон ва ҷавонон мавриди мағзшӯйии қуввaҳои беруна қарор гирифта, даст ба амалҳои ғайриқонунӣ мезананд, ки ин натиҷаи пойбанди интернет, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ гардидан мебошад. Ба андешаи Т. К. Рашидова: «ҷаҳонишавӣ бевосита ба афкори наврасон ва ҷавонон таъсир расонда, онҳоро аз омӯзиши илм ва санъат бозмедорад» [351, с. 82]. Ҷиҳати пешгирии чунин вазъият таваҷҷуҳ ба мустаҳкамсозии фазои иттилоотӣ аз тарафи ниҳодҳои дахлдор ва интихоби дурусти майдони иттилоотӣ аз ҷониби аҳолӣ хеле муҳим мебошад. Паҳншавии иттилооти ғайриқонунӣ ва ғайриахлоқие, ки ҷомеаро ба таҳрик меандозад, гурӯҳҳои ғайрирасмии ҷавононро дар интернет созмон медиҳад, таъсиррасонии манфиро ба шахсияти одамон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет ба вуҷуд меорад, аз ҷониби профессор Ҷамшед Саъдуллоев ҳамчун «терроризми иттилоотӣ» [198, с. 220] маънидод шудааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи амнияти фазои иттилоотии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро таъсири ВАО-и байналхалқӣ ва давлатҳои хориҷӣ зиёд гашта истодааст. Чунин вазъият бешубҳа рақобати пурзӯрро дар байни расонаҳои хабарӣ баҳри ба даст овардани фазои иттилоотӣ ба миён овардааст. ВАО-и Тоҷикистон ва мутахассисони онроро зарур аст, ки худро ба шароити нав мутобиқ намоянд. Бояд дар таҳаввулоти муосири илмиву

техникӣ, бахусус дар татбиқи технологияи нави иттилоотию коммуникатсионӣ фаъолона ширкат варзид.

Глобализатсияи ахбор дар Тоҷикистонро метавонем шартан ба се марҳила тақсим намуд. Аввалин марҳила ин роҳёбии ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон аст. Мавҷи ҷаҳонишавии ахбор ба Тоҷикистон пас аз Истиқлол вусъат гирифт, ки ин дар натиҷаи мавқеъ пайдо намудани ВАО-и кишварҳои хориҷӣ дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ба вуҷуд омад. Дар ин миён радиоҳои хориҷии форсизабон ва тоҷикӣ хеле фаъол гаштанд. Муҳаққиқ А.З. Сабуров дар пажуҳиши худ доир ба ин мавзуъ чунин қайд намудааст: «Маркази иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ба таври доимӣ иттилооти иҷтимоӣ, сиёсӣ, ва иқтисодӣ аз ҳаёти Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба ИТАР-ТАСС ҷиҳати паҳннамоӣ дар давлатҳои Муштаракулманофеъ, кишварҳои хориҷаи наздику дур равон мекард» [197, с. 78]. Аммо чунин шеваи ҳамкорӣ дар муаррифии ҷумҳурӣ самараи кам медод.

Истифодаи маводди ВАО-и хориҷиву байналхалқӣ дар ВАО-и Тоҷикистонро марҳилаи дуюми воридшавии ҷумҳурӣ ба ҷаҳонишавии ахбор номидан мумкин аст, ки бо истифода аз имкониятҳои телевизионҳои моҳворавӣ ва дигар ВАО аз ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ дар ВАО-и Тоҷикистон васеъ истифода менамуданд. Омода ва паҳн намудани ахбор дар бораи рӯйдодҳои ҷумҳурӣ ва муаррифии Тоҷикистон тавассути ВАО-и ватанӣ ва байналхалқӣ марҳилаи сеюми воридшавии Тоҷикистон ба ҷаҳонишавии ахбор аст. Оғози ин марҳила аз ташкилшавии ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» оғоз ёфт, ки аз ҷониби 10 давлати ИДМ соли 1992 ташкил шуда буд. «Бахши тоҷикии «Мир» аз соли 1993 фаъолият менамояд» [197, с. 88]. Марҳилаи мазкур замоне ба таври васеъ имконпазир гардид, ки ВАО-и Тоҷикистон дар шабакаи ҷаҳонии интернет саҳифаҳои худро боз намуданд, шабакаҳои телевизионии давлатӣ ба моҳвора пайваст шуданд ва ВАО-и нав дар ҷумҳурӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Фарқи марҳилаи сеюм аз дигар марҳилаҳо дар он аст, ки акнун Тоҷикистон на ҳамчун як истеъмолгар дар бозори иттилоотии ҷаҳон фаъолият менамояд, балки акнун ҳамчун яке аз паҳнкунандагони ахбор ба фазои

иттилоотии ҷаҳон ворид шудааст. Ба фаъолият оғоз намудани радиои «Овози тоҷик» бо 8 забон, телевизиони иттилоотии «Ҷаҳоннамо», муарриифии Тоҷикистон дар телевизиони «Евронюс» ва маҷаллаҳои байналхалқӣ мисоли гуфтаҳои болоянд.

Бояд қайд намуд, ки ВАО-и Тоҷикистон дар бозтоби рӯйдодҳои ҷумҳурӣ нақши бузург дошта бошанд ҳам, аммо дар инъикоси навигариҳо ва пешниҳои шарҳи авзои дунё ҳанӯз побанди маводди ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ боқӣ монданд. Ин раванд ҳам дар матбуот, радио ва телевизионҳою сомонаҳои интернетии тоҷикӣ зиёдаст ва ин боиси он мегардад, ки як воқеаро ВАО-и мо аз чанд мавқеъ баён менамоянд. Барои таҳияи ахбори байналхалқӣ мо имконияти фиристодани хабарнигорони худиро надорем, вале дар муқоиса ба чанд манбаи хабарӣ метавонем воқиятро муайян намуда, ҳақиқатро ба аудитория расонем.

Дар масъалаи инъикоси воқеоти ҷумҳурӣ дар сатҳи байналхалқӣ ва истодагарӣ ба муқобили таҳоҷуми иттилоотии кишварҳои алоҳида дар шароити ҷаҳонишавӣ интернет воситаи хеле ҳам мувофиқ ва арзон ба ҳисоб меравад, ки аз шаҳрванди оддӣ сар карда то мутахассис метавонанд, дар он сомонаи худро боз намоянд.

«Қайд кардан ба маврид аст, ки оҷонсиҳои бузурги иттилоотӣ низ дар раванди ҷаҳонишавии иттилоот фаъолона иштирок доранд ва ахборро аз тамоми ҷаҳон ҷамъоварӣ намуда, ба ВАО ирсол менамоянд ва ба ҷараёни ҳамоиши иттилоотӣ вусъат мебахшанд. Қаблан муҳаққиқон вазифаи агентиҳои ахбориро дар ҷамъоварӣ ва паҳн намудани ахбори оммавӣ ба дохили давлат ва миёни давлатҳо медиданд. Аммо имрӯзҳо аксари агентиҳои иттилоотӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияи компютерӣ саҳифаҳои интернетиашонро таъсис доданд ва метавонанд ахборро бевосита ба аудитория расонанд» [63, с. 18].

Дар миёни 6 агентии иттилоотии Тоҷикистон аз ҳама бештар агентиҳои иттилоотии АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва «Авасто» фаъол буда, дар ҷараёни густариши ахбори Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳон саҳмгузор ҳастанд. АМИТ «Ховар» сомонаи худро бо забонҳои русӣ, англисӣ, тоҷикӣ, форсӣ ва арабӣ, «Азия-Плюс» сомонаашро бо забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ, Авесто

бо забонҳои англисӣ, русӣ ва арабӣ сомонашро фаъол кардааст ва дигар агентиҳо танҳо бо забони тоҷикӣ ва русӣ саҳифа доранд. Дар баробари пурқувват намудани бахши ахбори англисии сомонаҳои интернетӣ ба ВАО-и Тоҷикистон зарур аст, ки мавқеи ҷойгиршавии ҷумҳурӣ ва вазъи демографии кишварҳои ҳамсояро ба назар гирифта, фаъолияти худро ба роҳ монанд. Аз ҷумла ба забонҳои чинӣ, туркӣ, ҳиндӣ, урду, дарӣ, уйғурӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва туркманӣ ба роҳ мондани сомонаҳо ба манфиати ҷумҳурӣ аст. Аз ҷониби дигар иттилоот ба забонҳои англисӣ, олмонӣ, испанӣ дар интернет дар бораи Тоҷикистон зиёд карда шавад. Вобаста ба ин масъала мо ба назари зерини муҳаққиқ Ф. Мирзоева мувофиқем, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ паҳн кардани иттилоъ ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлолро «бо забони англисӣ» [192, с. 4] ниҳоят муҳим медонад.

Бархе аз ВАО-и Тоҷикистон аз равандҳои муосири ҷаҳонишавии ВАО қафо намонда, сомонаҳои интернетӣ, сомонаҳои мултимедиавии худро таъсис додаанд, журналистикаи шаҳрвандӣ низ пайдо шудааст ва ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ВАО-и Тоҷикистон низ аз равандҳои муосири глобализатсияи ВАО қафо намондаанд, балки ба қадри имкон кӯшиш доранд, ҳамқадами замон бошанд.

Дар боби дуюми рисола таърихи пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқӣ дар ҷаҳон ва Тоҷикистон, нақши рӯзномаи «Бухорои шариф» дар журналистикаи байналхалқии тоҷик, ҷаҳонишавии ахбори байналхалқӣ ва марҳилаҳои он мавриди баррасии илмӣ қарор додем. Муайян намудем, ки журналистикаи байналхалқии тоҷик марҳилаҳои пайдоиш, журналистикаи байналхалқии тоҷик дар асри XX-ро убур намуда, марҳилаи муосирро тай менамояд. Маълум гардид, ки журналистикаи байналхалқии тоҷик аз ВАО-и байналхалқии ватанӣ ва ВАО-и байналхалқии кишварҳои дигар, ки барои форсизабонон ва тоҷикон иборат аст. ВАО-и байналхалқии тоҷик аз ВАО-и байналхалқии Тоҷикистон фарқ дошта, бахшҳои форсӣ, дарӣ ва тоҷикии расонаҳои ВВС, «Озодӣ», Садои Амрико, Радиои байналхалқии Чин ва дигар кишварҳо мисоли онҳо мебошанд.

Журналистикаи байналхалқии муосир дар раванди ҷаҳонишавии ахбор нақши муассир дошта, бо таъсири глобализатсия ва рушди техника ва технологияи иртиботӣ ВАО-и Тоҷикистон низ ба фазои байналхалқии иттилоот роҳ ёфтанд ва барои пайдо намудани мақоми худ пайваста талош доранд.

БОБИ III
НАҚШИ ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ИМИҶИ МУСБАТИ ДАВЛАТ

3.1. Имиҷсозӣ дар журналистикаи байналхалқӣ

Дар зери мафҳуми «симои давлат» маъмулан маҷмуи хусусиятҳои ба ҳам алоқаманди низоми ташаккулёфтаи давлатро (иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, миллӣ, демографӣ ва ғ.), ки асоси эътибори кишварро дар шуури ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян мекунанд, дар назар дошта мешавад. Тасаввуроти дигар миллатҳо доир ба давлатеро ҳамчун симои давлат маънидод намудан мумкин аст ва имиҷи давлат дар шуури одамон дар зери таъсири омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, равобити байналмилалӣ ва дигар вижагиҳо ҷой мегирад. Инчунин имиҷи давлат аз стереотипҳо ва маводди тавассути воситаҳои ахбори омма паҳнгашта ташаккул меёбад. Ба қавли муҳаққиқ Ҷ. Муқим: «ВАО силоҳи пурқудрати таъсиррасонӣ ба муҳити иттилоотӣ ва имиҷӣ давлат мегардад» [76, с. 5].

Аз даврони пайдоиши матбуот дар ташаккули имиҷи кишвар журналистика нақши ҳалкунанда мебозад ва истифода аз имкониятҳои ВАО дар ин самт ба яке аз ҷузъҳои фаъолияти байналмилалии давлатҳо мубаддал гаштааст. Аз ин лиҳоз, на танҳо «симо», балки «имиҷи расонавии кишвар» мафҳуми муҳим буда, он аз «маҷмуи ғояҳои эҳсосии дар асоси иттилооти аз ВАО гирифташуда» [237] иборат аст.

ВАО дар ҷаҳони муосир на танҳо манбаи асосии иттилоот, балки роҳи асосии таъсиррасонӣ низ мебошад, ки ба шарофати он тавони истисноии ташаккул ва танзими афкори ҷомеаро доранд ва ба шуури тамоми ҷамъият таъсири пурзӯри психологӣ мерасонанд. Маъруф Абдуҷабборов, корманди Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин назар аст, ки дар ягон марҳилаи ташаккулёбии давлат ба мисли имрӯза нақши иттилоот ҳамчун воситаи

амалисозии сиёсати хориҷии давлат то ба ин андоза зиёд, муҳим ва ҳалкунанда набуд. Агар дар замони гузашта иқтидори ҳарбӣ, сармоя, захираҳои иқтисодӣ муайянкунандаи нуфузу эътибори давлат дар сиёсати байналхалқӣ буданд, «пас ҳоло ба онҳо воситаҳои навини иттилоотию иртиботӣ зам шуданд, ки акнун бидуни истифодаи онҳо сиёсатгузории дурусти дохилӣ ва хориҷию байналмилалии кишварҳои ҷаҳон аз имкони воқеӣ берун мебошад» [212].

Маъракаҳои иттилоотӣ, ки пайваста идома доранд, ба раванди ташаккули симои расонаии давлат таъсири бузург мерасонанд. «Маъракаи иттилоотӣ» як амали мураккаби пешакӣ ба нақша гирифташуда ва ҳамоҳангшуда дар соҳаи алоқаи ВАО тибқи барномаи мушаххас, яъне нақшавӣ мебошад. Вазифаи асосии маъракаи иттилоотӣ мусоидат намудан ба ташаккули афкори мусоиди ҷамъиятӣ дар тамоми ҷаҳон мебошад. Раванди умумиҷаҳонии иттилоотрасонӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятии ҷомеаи байналмиллалӣ нигаронида шудаанд, ки чунин категорияро ҳамчун симои давлати хориҷӣ эътироф менамоянд. Яке аз механизмҳои кории маъракаҳои иттилоотӣ, ки ба ташаккули имиҷи давлат таъсир мерасонад, интишори мавод тавассути шабакаҳои телевизионии байналмиллалӣ мебошанд, ки дар миёни онҳо, албатта, Си-Эн-Эн мавқеи пешсафро ишғол мекунад.

Чжу Сяотун ва А.В. Двидов дар баробари дигар муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки «воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ ба ташаккули эътибори ҷаҳонии мамлакат таъсири калон мерасонанд» [388]. Иттилооти нодуруст ё манфии дар хусуси давлат, ки дар сатҳи байналмилалӣ паҳн мешавад, на танҳо боиси поймол шудани симои миллӣ гашта метавонад, балки омили нофаҳмиҳо дар байни кишварҳо ва ҳатто ихтилофоти байни онҳо гардад. Азбаски афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ ба омили муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфта аст, «нақши имконоти ВАО дар сиёсат босуръат меафзояд» [251].

Дар баробари ин инкишофи техника ва технологияи коммуникатсионӣ ВАО низ рушд намуданд. ВАО дар замони муосир яке аз унсурҳои асосии сиёсат буда, «вазифаи имиҷсозиро иҷро мекунанд» [262]. Ба ташаккули имиҷи кишварҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ВАО-и байналхалқӣ нақши муассир доранд ва симои мусбат ё

манфии кишвар ба равобити байналхалқии он таъсири ҷиддӣ расонида метавонад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат давлатҳо ба нашри мавод дар расонаҳои байналхалқӣ таваҷҷуҳи хосса медиҳанд, зеро он яке аз омилҳои пайдоиш ва ташаккулёбии имиҷи кишвар ва ҳамзамон як василаи таъсиргузор дар бунёди равобити байналхалқӣ буда метавонад.

Симои давлатҳо ва миллатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ тавассути интишори иттилоот ва дигар маводе ташаккул меёбад, ки ВАО-и байналхалқӣ, ВАО-и миллӣ ва шабакаҳои иҷтимоию платформаҳои интернетӣ паҳн менамоянд. Нуфузи давлат ҳатто дар соҳаи фарҳанг ва фароғат низ аз расонаҳои байналхалқӣ вобастагӣ дорад, зеро дар бунёди имиҷи мусбат онҳо нақши ҳалкунанда доранд. Бар асоси таҳқиқот имиҷи давлат дар ҷараёни хабарҳои байналхалқӣ метавонад якҷониба ва ё ғаразнок созмон дода шавад. Чунин ақида вуҷуд дорад, ки дар ҳоли ҳозир симои давлатҳои рӯ ба инкишоф дар расонаҳои байналхалқии давлатҳои пешрафта хеле таҳриф шудааст. Мусаллам аст, ки ин гуна симои «нодуруст»-и кишвар дар муносибатҳои байналхалқии он таъсири манфӣ мерасонад. Маҳз аз ҳамин хотир давлатҳои аз ҷиҳати ВАО камиқтидор бештар дар масъалаи ташаккулёбии имиҷи мусбати худ дар ташвиш буда, аз фаъолияти ғайриқаноатбахши баъзе аз ВАО-и байналхалқӣ дар ин самт изҳори норозигӣ менамоянд. Муҳаққиқ О.В. Зегонов чунин мешуморад, ки барои давлатҳо дар арсаи байналхалқӣ «безараргардонии иттилооти манфӣ» [182, с. 28] бе ёрии расонаҳои глобалӣ номумкин аст. Воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ, ки аксаран ба давлатҳои пешрафта ва ё шаҳрвандони сарватманди онҳо тааллуқ доранд, на ҳамеша ахборро дар бораи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дуруст пешкаш мекунанд, ба шуури мардум ва андешаҳои онҳо дар бораи ин кишварҳо то андозае таъсири манфӣ мерасонанд. Илова бар ин «ҳангоми инъикоси ҳодисаҳои доғи байналхалқӣ ВАО-и Ғарб хеле кам аз воқеият ҳарф мезананд» [313, с. 267].

Теъдоди хабарҳои мусбат дар гардиши умумии ахбор ниҳоят ночиз аст ва он боиси ба вуҷуд омадани имиҷи нодурусти кишваре мегардад, ки ба воқеият мувофиқат намекунад ва чунин ҳолат ба бунёди муносибатҳои байналхалқӣ дар асоси принсипи шарикӣ халал мерасонад.

Имиҷи мусбати давлат дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналхалқӣ ҳамеша нақши бориз дошта, дар ҳамкориҳои байниҳукуматӣ, байналхалқӣ ва ҳатто дар гуфтушунид бо созмонҳо, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои гуногун дар саросари олам таъсир расонида метавонад. Мутаносибан, имиҷи манфӣ метавонад боиси дарки манфӣ дар бораи ин ё он кишвар шавад ва чунин ҳолат аз эҳтимол дур нест, ки боиси сар задани моҷароҳои байналхалқӣ шуда метавонад, зеро имрӯзҳо вазъияти дунё хуб набуда, баъзе кишварҳо аз доираи қавонуни байналмилалӣ берун рафта, манфиатҳои худро аз суботи умумиҷаҳонӣ боло медонанд. Ҳамин тариқ «симои кишвар дар муносибатҳои байналхалқӣ ниҳоят муҳим аст» [388].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд соли 1991 ҳамчун давлати соҳибистиқлол арзи ҳастӣ карда бошад ҳам, дар ҷумҳурӣ талошҳо барои офариниши симои кишвар соли 1999 оғоз шуданд. Дар он вақт ҳукумати кишвар як нусхаи пурраи шумораи маҷаллаи маъруфи «Огонёк»-ро, ки ба Тоҷикистон бахшида шудааст, харидорӣ кард. Чунин кӯшиш баъдан дар расонаҳои Аврупо ва Амрико низ сурат гирифтанд. Соли 2012 Сафорати Тоҷикистон дар ИМА бо шабакаи ABC 7, News Channel 8 USA барои тарғиби минбаъдаи имиҷи кишвар дар хориҷа шартнома ба имзо расонида буд. Бар асоси ин тавофуқ, соати 6:43 дақиқаи 3 декабри соли 2012 (бо вақти Вашингтон) навори таблиғӣ дар бораи Тоҷикистон намоиш дода шуд. Навори мазкур то 21-уми декабри соли 2012 дар барномаҳои хабарии ин шабака ҳамарӯза ба муддати 30 сония (дар маҷмуъ 90 маротиба) ба тамошобинони амрикоӣ пахш карда шуд. Соли 2011 таҳти сарпарастии ширкати давлатии ТАЛКО дар остонаи таҷлили 20-умин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба хотири ошноии бештари ҷаҳониён бо кишвар наворҳои таблиғи дар бораи ҷумҳурӣ аз тариқи шабакаи телевизионии Евронюс пахш гардиданд. Аз 25 август то 9 сентябр ҳамарӯза дар шабакаи телевизионии Euronews наворҳо дар ҳаҷми 30 сония пахш мешуданд. Бино бар иттилои расонаҳо арзиши ин тарҳ беш аз 120 ҳазор евроро ташкил додааст. Дар идомаи ин раванд сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар расонаҳои кишварҳои мизбон нашри матолиби таблиғотӣ доир ба Тоҷикистонро ба роҳ монданд. Дар Тоҷикистон шуруъ аз соли 2012 то ба имрӯз дар сатҳи давлатӣ барои муаррифии ҷумҳурӣ ҳамчун як кишвари барои

сайёҳӣ мусоид талошҳои зиёде ба харҷ дода шудааст. Ҳадаф аз эълони соли 2018 – Соли рушди сайёҳӣ ва таъсиси Кумитаи рушди сайёҳӣ маҳз ба рушди сайёҳӣ ва баланд бардоштани имиҷи кишвар равона гардида буд. Сафоратхонаҳои Тоҷикистон низ барои муаррифии ҷумҳурӣ ба унвони як кишвари сайёҳӣ ва рушди ин соҳа талошҳои зиёде кардаанд. Ба андешаи Иршод Сулаймонӣ «ин кӯшишҳо баъзе натиҷаҳои мусбат бахшиданд» [483].

Имрӯзҳо ба чунин масъалаҳо, монанди назорати давлатии афкори ҷамъиятӣ дар бораи мамлакатҳои дигар бештар диққат дода мешавад. Баъзе аз давлатҳо, хосса абарқудратҳо ҷиҳати маълум кардани имиҷи худ ва ё рақибонашон дар ҷаҳон аз тариқи тадқиқотҳои сотсиологӣ афкори ҷомеаи ҷаҳониро меомӯзанд ва дар асоси натиҷаи чунин пажуҳишҳо самтҳои фаъолияти ВАО-и байналхалқии худ ва сиёсати иттилоотиашонро муайян менамоянд. Аз ин усул бештар ИМА истифода карда, ба офариниши имиҷи манфии Русия барои аудиторияи Осиёи Марказӣ даҳсолаҳо талош дорад ва маблағгузориро дар ин самт бештар намудааст.

Бояд қайд намуд, ки расонаҳои байналхалқии ғарбӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги Ғарб ва Амрико гардидаанд. «Дар асри ХХ маҳз ҷангҳои иттилоотӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи бархӯрди идеологияҳои коммунистӣ ва ғарбӣ гардид» [262]. Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА на танҳо бо воситаи ВАО-и байналхалқии худ муборизаи иттилоотӣ мебурданд, балки аз тариқи ВАО-и давлатҳои ба худ ҳампаймон ин амалро анҷом медоданд. Дар замони Шуравӣ тасаввуроте вуҷуд дошт, ки «журналистикаи байналхалқӣ дастгоҳи амалигардонии сиёсати хориҷӣ аст» [44, с. 12].

Муносибатҳои ИМА ва Чин пас аз ҳамлаи неруҳои Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ба сафорати Чин дар Белград дар ҷараёни ҷанги Югославия, ки боиси марги се нафар ва захмӣ шудани бисту ҳафт шаҳрванди Чин гардид, якбора бад гардида буд. Моҷаро бо пардохти ҷубронпулӣ 4,5 миллион доллар аз ҷониби ИМА ба оилаҳои ҳалокшудагон, захмиёни ҳодиса ва 28 миллион доллар барои сафоратхона ва пардохти 2,87 миллион доллар аз ҷониби Чин барои тахриби бинои сафорати ИМА дар Чин ҳал гардид. Вобаста

ба рушду муносибатҳои давлатҳо ва ё коҳишёфтани ҳамкориҳои байнидавлатӣ симои давлат метавонад иваз гардад. «Масалан, дар солҳои 90-уми қарни гузашта мушкилот ва дастовардҳо дар рушди равобити Иёлоти Муттаҳида ва Чин боиси он шуд, ки имиҷи Чин дар расонаҳои амрикоӣ аз «пайрави режими коммунистии Шуравӣ» ба «шарики боэътимоди стратегӣ тағйир ёбад» [433]. Аммо чунин вазъият доимо яксон наметонад ва бо таъсири равандҳои муосири сиёсати ҷаҳонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ё ягон бархӯрд миёни давлатҳо метавонад боз ба марҳилаи зиддият баргардад. Ҳар як раванд новобаста аз он ки дар сатҳи миллӣ ё байналхалқӣ ҷараён мегирад, метавонад ба рушд ва коҳишёбии муносибатҳои кишварҳо таъсиргузор бошад. Иваз гаштани роҳбарон дар кишварҳо, рақобат бо дигар давлатҳо, эҳтиёҷ ба захираҳо ва дигар омилҳо дар ивазнамоии сиёсати хориҷӣ бетаъсир наметонанд. Таҳлили чунин ҳолат дар мисоли равобити Чин ва ИМА маълум намуд, ки пас аз ҳодисаи ҳамла ба сафорати Чин дар Югославия муносибатҳои Чин ва ИМА бо гузашти замон беҳтар гаштанд, вале вобаста ба мавқеи ИМА дар масъалаи ҷазираи Тайван ва ҷорӣ намудани таҳримҳо нисбати Чин дубора ҳолати сардӣ дар равобити ин кишварҳо ба миён омад. Аз ҷумла, дар сомонаи намояндагии Чин дар Иттиҳоди Аврупо қайд намуданд: «онеро ки сафоратхонаи моро дар Югославия бомбарон намуд, фаромӯш намекунем» [432]. Аз ин ҷо бармеояд, ки бо рахна шудани муносибатҳо миёни кишварҳо мушкилоти собиқ боз ба меҳвари бархурдҳо бармегарданд.

Рушди иқтисод ва комёбиҳои давлат дар соҳаҳои гуногун низ дар баланд гаштани мақоми байналхалқии он мусоидат карда метавонад. Масалан, дар асри XXI пас аз беҳбуди назарраси қудрати миллии Чин имиҷи он ба самти беҳтар тағйир ёфт, зеро маҳсулоти чинӣ бо арзиши нисбатан дастрас ба тамоми олам паҳн гардида, мутахассисони чинӣ бо кордонии худ ҳамаро дар ҳайрат гузоштанд.

Муҳаққиқ Р. Замит ба ин назар аст, ки авзои кишварҳои абарқудрат дар маркази таваҷҷуҳи расонаҳои байналхалқӣ қарор доранд ва ҳангоми инъикоси рӯйдодҳои кишварҳои рӯ ба инкишоф «бештар ба он чизҳои манфӣ ва ҳолатҳои

фалокатбор (ба монанди, табаддулоти давлатӣ, фоҷеаҳои миллӣ ва фалокатҳо) таваҷҷуҳ менамоянд» [174, с. 137]. Воқеан чунин ҳолат вуҷуд дорад ва Тоҷикистон низ борҳо ба чунин бархӯрди расонаҳои байналхалқӣ дучор шудааст.

Таъмин намудани амнияти иттилоотии давлат дар ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, дар радифи дигар ҷузъҳои амнияти давлатӣ ба аҳаммияти махсус эҳтиёҷ дорад. Авзои байналмиллалӣ аз ибтидои соли 2022 инҷониб пуртазод гардида, бархурди манфиатҳо миёни кишварҳо бештар гашта, муносибатҳои геополитикӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ коҳиш ёфт. Бархурдҳои субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ авҷ гирифта, муборизаҳои иттилоотӣ вусъат ёфтанд ва дар чунин шароит кишварҳои рӯ ба инкишофро зарур меояд, ки ба масъалаи амниятии иттилоотии худ таваҷҷуҳи бештар намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар давлатҳо аз мушкилоти мазкур дар амон нест ва барои муаррифӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналхалқӣ ва густариши робитаҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ба ташаккули имиҷи худ беш аз пеш таваҷҷуҳ намояд. Масъалаи мазкур дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти олии Тоҷикистон қарор дорад: «Барои Тоҷикистон масъалаи ҳифзи мартабаву манзалат, обрӯю эътибор ва шарикии боэътимод дар мадди аввал қарор дорад» [485].

Муҳаққиқон М. Оқилова, С. Эшонова амнияти иттилоотиро «ифодагари ҳимояи имиҷи сиёсии давлат» [344] медонанд. Дуруст аст, ки тавассути пахши иттилоот дар хусуси пешрафтҳои давлат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ раванди ҳамкориҳо бо дигар давлатҳо беҳтар гардида, имиҷи мусбати давлат дар зеҳни аҳли сайёраи Замин тақвият меёбад.

Илова бар фаъолияти ВАО-и миллӣ ва байналхалқӣ дар самти муаррифии фарҳангу арзишҳои миллатҳо саҳми сафоратхонаҳо ва марказҳои фарҳангии давлатҳо дар дигар кишварҳо кам нест. Истифода аз имкониятҳои ВАО дар соҳаи сиёсати хориҷии кишварҳо ба пайдоиши мафҳуми «дипломатияи иттилоотӣ «замина гузошт. Намояндаҳои расмӣ дар назди созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, сафирон ва консулҳо илова бар иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ

дар хориҷа, метавонанд дар муаррифии миллат ва давлати худ саҳмгузор бошанд. Эҷоди симои мусбати давлати худ дар хориҷа ба яке аз вазифаҳои доимии Вазорати корҳои хориҷии давлатҳо ва намояндагиҳои дипломатии он табдил ёфта, вобаста ба ташаккулёбии техника ва технологияи комуникатсионӣ гуногуннавъ ва серсоҳа гардидааст. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳодҳои зертобеи он дар хориҷа низ ҷиҳати баланд бурдани имиҷи Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ аз дипломатияи иттилоотӣ бештар истифода менамояд. Эҷоди симои мусбати Тоҷикистон дар хориҷа ба ташаккули афкори нек мусоидат намуда, дар шинохти Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ва башардӯст мадад менамояд. Зимни таҳқиқ муайян гардид, ки дар татбиқи дипломатияи иттилоотӣ таҳаввулот ба миён омадааст. То асри XXI барои ташаккули имиҷи давлатҳо субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ асосан аз хидмати ВАО-и ватанӣ, хориҷӣ ва байналхалқӣ истифода мекарданд. Дар ҳоли ҳозир бо ташаккулёбии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ бештар аз имконоти шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳо, блогҳо ва платформаҳои гуногун истифода намуда, аз усулҳо ва форматҳои нави таъсиррасонӣ ба шуури аудиторияи байналхалқӣ корбарӣ менамоянд. Истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ, ба мисли «facebook», «twitter», «instagram», «youtube», «вконтакт» дар инкишофи равобити дипломатии кишварҳо бештар гардидааст. Муҳаққиқон М. Оқилова, С. Эшонова пешниҳод доранд, ки «дар ҳар як кишвар вобаста ба маъруфияти шабакаи иҷтимоӣ сарукор гирифтан лозим аст» [344].

Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет дар самти муносибатҳои байналхалқӣ ба пайдоиши мафҳумҳои «дипломатияи интернетӣ», «дипломатияи рақамӣ», «дипломатияи шабакавӣ», «дипломатияи электронӣ», «онлайн-дипломатия», «веб-дипломатия» «Твитпломатия», «Facebook-дипломатия», «YouTube-дипломатия», «зумпломатия» мусоидат намуд. Маъруф Абдуҷабборов, корманди Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин падидаро на ҳамчун ивазкунандаи дипломатияи анъанавӣ балки ҳамчун «усули фосилавии дипломатия» ва «дипломатияи иттилоотӣ» [212] қабул дорад. Дар

баробари истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун усули иртибот бо ҳамкасбони худ сафирон ва кормандони намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Тоҷикистон саҳифаҳои расмиро дар платформаҳои гуногун таъсис дода, дар баробари инъикоси фаъолияти худ, инчунин ба муаррифии ҷумҳурӣ дар арсаи байналхалқӣ талош доранд.

Ҳамчунин Тоҷикистон метавонад таҷрибаҳои байналхалқии истифодаи дипломатияи ҷамъиятиро ҳамчун як абзори таблиғи «қувваи нарм» дар ташаккули имиҷи кишвар роҳандозӣ намояд. Муҳаққиқ Б.Х. Баҳриев дипломатияи ҷамъиятиро «ҳамчун низоми ҳамкорӣ байни як давлат ва ҷомеаи давлати дигар» [223, с. 64] мешуморад, ки ҳадафи он барқарор намудани муносибати дарозмуддат, таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва ташаккули имиҷи мусбати кишвар дар хориҷа мебошад. Чунин сиёсат бо истифода аз ВАО-и дохилӣ ва хориҷӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, мубодилаи таълимӣ, истифодаи захираҳои диаспораҳо ва дипломатияи фарҳангӣ тадбиқ мегардад.

Аз таҳқиқ маълум гардид, ки намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ ҷиҳати муаррифии ҷумҳурӣ ва густариши робитаҳо бо ташкил кардани рӯзҳои фарҳангӣ ва таҷлили ҷашну маросимҳои миллӣ симои мусбати Тоҷикистонро таҳким мебахшанд. Намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон ҷиҳати муаррифии имконоти иҷтимоиву иқтисодӣ, фазои мусоиди сармоягузориву ҷалби сайёҳон аз сомонаву шабакаи иҷтимоӣ истифода менамоянд.

Дар самти таҳкими имиҷи мусбати Тоҷикистон илова бар чорабиниҳои Вазорати корҳои хориҷӣ ва ниҳодҳои зертобеи он дар дохили ҷумҳурӣ низ маъракаҳои иттилоотӣ аз ҷониби вазоратҳо, муассисаҳои давлатию хусусӣ ва соҳибкорон роҳандозӣ мегарданд. Ташкили сафарҳои журналистони байналхалқӣ ва хориҷӣ, мусоидат намудан дар нашри филмҳо, таҳияи наворҳои таблиғотӣ ва сабти барномаҳои гуногун аз гӯшаҳои сайёҳии кишвар аз ҷумлаи маъмултарин иқдомҳо мебошанд. Масалан, санаи 23-28 апрел бо дастгирии ширкати истеҳсолии оби «Сиёма» ҳайати эҷодии барномаи маъруфи шабакаи телевизиони «НТВ»-и Федератсияи Русия «Поедем, поедим!» ба Тоҷикистон

омада, бо имконоти сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ аз наздик шинос шуда, тарзи омода намудани таомҳои миллиро ба навор гирифт. «Кумитаи рушди сайёҳӣ якчанд шабакаи бонуфузи иттилоотии ҷаҳонӣ, аз қабили «НТВ» ва «Моя планета»-и Федератсияи Русия, «BBC World News» ва «National Geografic»-ро ҷалб намуд, ки дар ин замина табиати нотакрор, мероси бойи таърихию фарҳангии мамлакатамон ба навор гирифта шуда, таблиғу ташвиқ мегардад» [446].

Дар шабакаи телевизиони «НТВ» барномаи «Поедем, поедим!» лоиҳаи маърифатӣ -таблиғотӣ аст, ки дар ҳудуди Федератсияи Русия ва кишварҳои дигари ҷаҳон пахш мегардад. Бояд қайд кард, ки тавассути барнома асосан фарҳангу тамаддун ва минтақаҳои сайёҳии кишварҳои дунё муаррифӣ мегардад ва ҳайати эҷодии барномаи мазкур маротибаи сеюм дар бораи Тоҷикистон барнома омода менамояд.

Ҳамкориҳо бо телевизионҳои байналхалқӣ ҷиҳати беҳтар намудани симои Тоҷикистон дар ҳоли густариш аст ва дар ин самт ҳамкорӣ бо барномаи телевизионии «Магия вкуса» аз шабакаи «Моя планета»-и Федератсияи Русия, шабакаи ҷаҳонии «BBC World News», шабакаи ҷаҳонии «National Geografic» ва дигар расонаҳои байналхалқӣ идома доранд.

Муаррифии иқтидори сайёҳии Тоҷикистон аз ҷониби масъулон дар чорабиниҳои байналхалқӣ ба ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон ва ҷаҳонгардон мусоидат менамояд. Дар соли 2023 намояндагони соҳаи сайёҳии мамлакат дар намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ ва саноатии Теҳрон-2023 дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон, «ITB Berlin-2023» дар шаҳри Берлини Ҷумҳурии Федеративии Олмон, «MITT-2023» дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия, Форуми байналмилалии сармоягузории Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар шаҳри Лондони Британияи Кабир, «Arabian Travel Market» дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб иштирок карданд.

Омода ва пахши барномаҳои тарғибӣ аз ҷониби кормандони шабакаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҷиҳати муаррифии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ва баланд гардидани эътимоди сайёҳон барои сафар ба Тоҷикистон

мусоидат менамояд. Ширкатҳои сайёҳӣ барои тарғиби имконоти худ аз телевизион, радио, матбуот, сомонаю шабакаҳои интернетӣ, лавҳаҳои тарғибӣ ва дигар воситаҳои имконпазири иттилоотӣ васеъ истифода мебаранд.

Яке воситаҳои таблиғотии муосир блогҳои интернетӣ мебошад, ки дар муқоиса ба ВАО-и анъанавӣ танҳо аз ҷониби як ё якчанд нафар фаъол ҳастанд ва на ҳамаи блогерон таҳсили журналистӣ доранд, вале аудиторияи онҳо дар саросари олам метавонад ба якчанд миллион нафар расад. Ҳамкорӣ бо блогерони байналхалқӣ ва хориҷӣ барои муаррифии Тоҷикистон бештар шуда истодааст ва моҳи апрели соли 2023 сафари Ҳусейн Ҳасанов блогери озаритабори Русия ба Тоҷикистон ташкил карда шуда буд. Ҳусейн Ҳасанов яке аз блогнависони маъруфи Русия аст, ки саҳифаи ӯ беш аз 26 миллион нафар обуначӣ дорад.

Яке аз ҷойҳои тамошобоби ҷумҳурӣ Китобхонаи миллии Тоҷикистон аст ва блогер Ҳусейн Ҳасанов сафарашро ба Китобхонаи миллӣ наворбардорӣ намуд ва аксҳо гирифта дар шабакаҳои иҷтимоӣ гузошт ва «ба меҳмон китобҳои «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён»-и Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо забони русӣ тақдим шуд» [403].

Сафари Ҳусейн Ҳасанов ба Тоҷикистон ба замоне мувофиқ омад, ки нисбати ӯ дар Русия парванда оғоз гардида, ӯро ба насупурдани андоз, пулшӯйӣ ва таблиғи қимор муттаҳам намуданд. «Роскомнадзор», Хадамоти федеролии назорат дар бахши алоқа, технологияҳои иттилоотӣ ва иртибототи Русия, саҳифаҳои ӯро дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар рӯйхати сомонаҳои мамнуъ даровардааст. Хабаргузории русии «Mash» рӯзи 29-уми апрели соли 2023 бо такя ба «Роскомнадзор» навишт, ки «нисбат ба Ҳусейн Ҳасанов (Гусейн Гасанов) барои таблиғи қимор парванда боз шудааст» [471].

Ҳангома атрофи сафари Ҳусейн Ҳасанов бо ҳамин анҷом наёфт, зеро ӯ бо дрон кӯдакеро дар Тоҷикистон таъқиб намуда, ба навор гирифт, ки он навор пур аз саҳнаи тарсдиҳии кӯдак ва хандаҳои ноҷойи блогер буд. «Ҳусейн Ҳасанов баъди танқидҳои зиёд видеои навраси тоҷикро аз блоги худ тоза кард» [508].

Радиои «Озодӣ» бо нашри хабар ва гузоришҳо дар атрофи сайёҳати блогери мазкур тасаввуроти манфиро бештар дар зеҳни ҷомеаи тоҷик эҷод намуд. Аз ҷумла, дар сомонаи радиои мазкур хабари «Ҷаримаи як маъюб барои убури роҳе, ки блогери озарӣ аз он мегузашт» [510] паҳн гардид. Ҳарчанд ҳадаф аз даъвати блогер Ҳусейн Ҳасанов ба Душанбе муаррифии Тоҷикистон ва имиҷсозии кишвар миёни ҳаводорони чандмиллионаи блогер ва рушди сайёҳӣ нигаронида шуда бошад ҳам, ахбори радиои «Озодӣ» ва наворҳои мухолифон хашми корбаронро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба бор оварда.

Баъзе аз сарояндагон ва блогерони тоҷик низ миллионҳо пайрав дар саҳифаҳояшон доранд, ки истифода аз имкониятҳои онҳо дар муаррифии кишвар бамаротиб арзон ва осон аст. Масалан, Абдурозиқ машҳуртарин блогери тоҷик буда, дар Ютуб 1,5 миллион ва дар Инстаграм беш аз 8 миллион обуначӣ дорад, ки дар миёни онҳо шахсиятҳои машҳури Ҳиндустон, Аморати муттаҳидаи Араб ва дигар кишварҳо зиёданд. Блогери тоҷик дар лоиҳаҳои бузург дар ҳамкорӣ бо ситориҳои ҷаҳонӣ фаъолият кардааст. Аз ҷумла, дар филме бо ҳунарманди машҳур Салмон Хон нақш офаридааст. Наворҳои Абдурозиқро ҳудуди 40 миллион маротиба тамошо кардаанд. Миёнаҳои моҳи майи соли 2025 Абдурозиқ Эгамов ба ватан баргашт ва аз нақшаҳои худ дар мусоҳиба бо мухбири хабаргузории ««Азия Плюс»» иброз намуд, ки «дар ин сафари худ мехоҳад фарҳанги Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад» [400].

Новобаста аз он ки таваҷҷуҳ ба воситаҳои муосири коммуникатсионӣ бештар гардидааст, ҳамзамон ҳамкорӣ ба хотири офаридани симои давлатҳо бо ВАО-и байналхалқӣ аз байн нарафтааст. Усулҳои асосии кор бо ВАО дар саросари ҷаҳон инҳоянд: тартиб додани пресс-релизҳо, баргузории конфронсҳои матбуотӣ барои журналистони хориҷӣ, табодули афкори коршиносон, барқарор кардани робита бо журналистони алоҳидаи хориҷӣ, ташкили маъракаҳои иттилоотӣ, изҳороти расмии Вазорати корҳои хориҷӣ ва мақомоти баландпояи давлат дар хусуси воқеаҳое, ки аудиторияи хориҷӣ ба онҳо мароқ зоҳир карда метавонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имконият ва захира дар ин самт бо расонаҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, дар ташаккули имиҷи

мусбати кишвар талош дорад. Аз ҷумла, бахшида ба 20 солагии Истиқлоли Тоҷикистон тавассути шабакаи телевизионии «Евронюс» силсилаи наворҳои таблиғӣ доир ба Тоҷикистон нашр гардиданд.

Стереотипҳо дар хусуси кишвар, ки маънои симои устувори кишвар ва сокинони онро ифода мекунанд, ҷузъи ҷудонашавандаи симои давлат мебошанд. Стереотипҳо дар мавриди кишварҳо ба аудиторияи хориҷӣ имкон медиҳанд, ки аз рӯйи маводди хондаашон дар бораи давлати дигар боз ҳам равшантар ва образноктар хулоса баранд. Масалан, теъдоди зиёди расонаҳои Ғарбӣ хусусияти манфии Русияро шадидан ва дидаву дониста таъкид мекунанд, ки дар миёни онҳо масъалаҳои фасод дар он кишвар, бесуботӣ, авторитаризм, шубҳа ва интиқод, амалиёти вижаи ҳарбӣ дар Украина ҷойи махсусро ишғол мекунад ва дар баробари ин, стереотипҳоеро, ки дар зеҳни ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷой гирифтаанд, пурзӯр мекунанд. Бо ин амал рақибони Русия ҳисси русбадбинӣ ва ҳарос аз ин кишварро дар зеҳни аудиторияи миллӣ ва байналмилалии расонаҳояшон тақвият дода, бо воситаи тарс додан аз Русия таваҷҷуҳи аудиторияро аз баъзе масоили ҳассоси марбут ба давлаташон ба дигар сӯ равона месозанд. Нисбати Тоҷикистон дар расонаҳои байналхалқие чун «Ню-Йорк Таймс» стериотипҳои «давлати қафомондаи пасошуравӣ» [230, с. 127] ва амсоли ин бештар истифода мегарданд.

Ҷиҳати беҳтар гаштани имиҷи кишвар корбурди 7 усули пешниҳоди иттилоотро бамаврид меҳисобем:

1. Нашри мақола ва мусоҳибаҳои шахсони расмӣ дар ВАО-и байналхалқӣ

Мисол: «Якуми ноябри соли 2022 дар маҷаллаи бонуфузи «Diplomatic World» мусоҳибаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ ба табъ расид» [416].

Ҳамчунин дар маҷалла оид ба имконоти рушди сайёҳии устувор дар кишвар, Эъломияи ниҳоии «Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» [549] ҷо дода шудаанд.

2. Нашри маводди таблиғӣ дар ВАО-и байналхалқӣ

Дар ин бахш сафоратхонаҳои ҷумҳурӣ фаъол буда, дар остонаи ҷашнҳои миллӣ, байналмилалӣ ва ё замони баргузории чорабиниҳои дар сатҳи байналхалқӣ созмондодаи Тоҷикистон амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, 8 марти соли 2023 Сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд дар Кувайт дар якҷоягӣ бо намояндаи доимии Котиби генералии СММ оид ба раванди омодагиҳо ба «Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба баррасии миёнамуҳлати Даҳсолаи об нишасти хабарӣ баргузор намуданд» [463].

Муаррифии Тоҷикистон дар олам аз таъсиси намояндагии расонаҳои Тоҷикистонро дар хориҷа ва ё афзудани ҳамкориҳо бо расонаҳои хориҷӣ ва журналистони алоҳидаи хориҷӣ вусъати тоза мегирад. Тоҷикистон ва Эрон равобити худро дар солҳои охир тақвият бахшида истодаанд. Дар 7 шумораи рӯзномаи бонуфузи эронии «Осиё» аз 10 декабри 2022 то 24 январи 2023 таҳти унвони «Тоҷикистон — диёри ёрон» [499] силсиламақола бо аксҳои ҷолиб ба табъ расид, ки ба қалами рӯзноманигори эронӣ Ҳамиди Деҳқон тааллуқ дорад. Зимни таҳқиқ маълум намудем, ки рӯзноманигори эронӣ аз натиҷаи сафари якҳафтаинааш ба Тоҷикистон дар охири моҳи ноябри соли 2022 силсиламақолаҳои худро эҷод намудааст. Ҳамиди Деҳқон аз ҷумлаи рӯзноманигорони машҳур ва таҷрибадори Ҷумҳурии Исломии Эрон ба шумор меравад.

3. Иштирок дар чорабиниҳои байналхалқӣ ва истифода аз имконоти ВАО-и байналхалқӣ.

Мисол: «Мусоҳибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид-2023 бо хабарнигори телевизиони СММ Шакунтала Санзиран» [442].

4. Ташкили саёҳати журналистони байналхалқӣ.

Ташкил намудани саёҳати журналистони хориҷӣ ва байналхалқӣ дар таҷрибаи аксарияти давлатҳо ҷой дорад ва новобаста аз он ки саёҳатро давлатҳои мутараққӣ созмон додаанд ё давлатҳои рӯ ба инкишоф, ҳадафи ҳамаи онҳо муаррифии имконот ва густариши робитаҳои байни давлатҳо мебошад. Бо

мақсади муаррифии зарфияти сайёҳии Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳӣ пайваста барои намояндагони ВАО ва меҳмонони хориҷӣ пресстурҳо ва инфотурҳо ташкил карда мешаванд. Аз ҷумла, «Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолони шабакаҳои иҷтимоии Давлати Кувайт, ки зимни ифтитоҳи хатсайри нахустин дар масири Ал-Кувайт – Душанбе – Ал-Кувайт ба мамлакати мо омаданд, барои боздид аз мавзеъҳои назаррабо саёҳати иттилоотӣ доир намуд» [506].

Бояд қайд намуд, ки сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар ҳоли рушд аст ва бино бар иттилои сомонаи ««Sputnik Тоҷикистон» дар давоми 9 моҳи соли 2024 «аз Тоҷикистон зиёда аз 1 миллиону 223,2 ҳазор хориҷиён боздид намуданд» [488]. Мувофиқи омори навин дар шаш моҳи аввали соли 2025 ба Тоҷикистон «беш аз 761 ҳазор сайёҳ омаданд» [445].

5. Изҳороти расмӣ дар атрофи масъалаҳои муҳимми ҷаҳон, минтақа ва кишвар.

Вобаста ба масъалаҳои муҳимми кишвар, минтақа ва ё ҷаҳон мақомоти расмии кишварҳо мавқеи худро тавассути ВАО иброз намуда, манфиатҳои миллии кишвари худро ҳимоя менамоянд ва ё амал ё пешниҳоди дигар субъектҳои муносибатҳои байналхалқиро ҷонибдорӣ менамоянд. Намунаи ин усул «Изҳороти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон нисбат ба барқароршавии муносибатҳои дуҷонибаи Эрон ва Арабистони Саудӣ» [426] шуда метавонад.

6. Пешниҳоди саривақтии иттилоот ба намояндагиҳои ВАО-и байналхалқӣ ва ватанӣ.

7. Таъсиси маркази имиҷсозӣ дар сохтори ВКХ ва ташкилотҳои зерсохтори он дар хориҷи кишвар.

Доир ба самтҳои номбаршуда Тоҷикистон дар 5 самти аввал таҷрибаи кофӣ дорад ва вобаста ба имконот аз онҳо истифода менамояд. Дар самти шашум пешравиҳои назаррас хеле каманд, зеро дар замони моҷаҳои марзӣ бо Қирғизистон иттилооти расмӣ ва фаврӣ аз ҷониби мо хеле дер пешниҳод гардид ва расонаҳои байналхалқӣ ва ҳатто маҳаллӣ низ аз маводди расонаҳои қирғизӣ ва дигар кишварҳо истифода намуданд. Ҷониби муқобил бо ташкили пресс-

конфронс ва сафари журналистони байналхалқӣ вазъиятро ба манфиати худ намоиш дода, Тоҷикистонро ҳамчун «кишвари ишғолгар» муаррифӣ намуд. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Ҷ. Саъдуллоев дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ моҷароҳо бештар хусусияти «қавмӣ ва ҳудудӣ» [198, с. 53] доранд. Моҷарои мазкур бештар хусусияти ҳудудӣ дошт.

Расонаҳои англисзабон ва русӣ ҳамчун сарчашма бештар ба расонаҳои қирғизӣ мурочиат намуданд, зеро маводди фаврӣ аз ҷониби онҳо бештар нашр гашта буд. Дар натиҷа назари ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати мо каме тағйир ёфт. Муҳаққиқ М. Муқимов ба ин назар аст, ки «дар бораи муноқишаи марзӣ дар расонаҳои хориҷӣ хабарҳои гуногун ва беасоси зиёд паҳн шуданд» [323, с. 305].

Телевизионҳои байналхалқӣ ва умуман расонаҳои байналхалқӣ ба хотири сарфаи маблағ теъдоди бунгоҳҳои хабарнигорӣ ва мухбирони хориҷиашонро кам намудаанд ва «ахбори доғ»-ро аз агентиҳои иттилоотӣ, фрилансерҳо, ВАО-и маҳаллӣ харидорӣ менамоянд ва ё аз Ютубканалҳо дастрас менамоянд. Масалан, шабакаи телевизионии CNN дар хусуси моҷароҳои марзии Тоҷикистон ва Қирғизистон дар соли 2022 дар такя ба иттилооти агентии иттилоотии «Рейтер» навори видеоиро аз яке аз ютубканалҳои қирғизӣ паҳн намуд. Набӣ Юсуфов, муассиси сомонаи таҳлилии «Нуқта» дар ин масъала ба ин назар аст, ки Қирғизистон маълумоти расмиро саривақт пахш мекард, аммо ин кор аз тарафи Тоҷикистон бо таъхир сурат мегирифт. Журналисти мазкур ҳамчунин назари ҳамкасби хориҷии худро низ далел оварда: «маълумоти фаврӣ аввалин шуда аз он тараф (Қирғизистон) расид. Аз ҷониби Тоҷикистон, баръакс, қариб иттилоъ набуд. Бинобар ин, ҳамкори хориҷии ман посух дод, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сарчашмаи якум бовар кард» – гуфт муассиси сомонаи таҳлилии «Нуқта» [517].

Аз таҳқиқи ин масъала ба чунин хулоса омадем, ки мушкилии асосии мо дар набардҳои иттилоотии соли 2022 аз ҳамкории зич надоштани масъулон бо намояндагони ВАО-и ватанӣ ва байналхалқӣ, суст будани фаъолияти бахши хориҷӣ ва байналхалқии расонаҳои миллӣ ба шумор меравад ва бо ислоҳи ин камбудиҳо аз такрори чунин ҳолатҳо пешгирӣ намудан зарур аст.

Марказҳоии имиҷсозӣ ва ё таблиғотӣ дар таҷрибаи кишварҳои абарқудрат ва давлатҳои дигар мавҷуданд ва таъсиси айнан чунин сохтор дар таркиби намояндагиҳои ВКХ дар хориҷа ҷиҳати ҳимояи манофеи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ муҳим буда, чунин вазифаи пурмасъулро танҳо ба дӯши сафоратхонаҳои кишвар дар хориҷа гузоштан камсамар аст.

Собит гардид, ки ташаккули имиҷи давлат тавассути ВАО-и байналхалқӣ яке аз усулҳои озмудашуда буда, он ба равобити сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо таъсири амиқ мегузорад. Инчунин зимни таҳқиқот маълум гардид, ки расонаҳои байналхалқӣ ба ташаккулёбии имиҷи кишварҳо таъсири бузург расонида метавонанд, ҳамзамон ҳолат ва дурнамои равобити байналхалқии кишварҳоро инъикос ва таҳил карда, ба ҷараёни минбаъдаи онҳо ВАО-и байналхалқӣ дахолат карда метавонанд. Дар ҷомеаи иттилоотии муосир ҷойгоҳи расонаҳои байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи давлат ва густариши равобити байналхалқӣ хеле бузург аст. Дар Тоҷикистон ба ташаккули симои мусбати кишвар ҳавасманд буда, дар ин самт аз хидмати ВАО-и байналхалқӣ, хориҷӣ, ватанӣ ва блогерҳои хориҷӣ бештар истифода менамоянд. Офаридани имиҷи мусбати давлат ва миллат на танҳо аз фаъолияти идораҳои дахлдор ва ширкатҳои ватанию соҳибкорон вобаста аст, балки ба ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, махсусан онҳое, ки дар хориҷа ба муҳоҷирати меҳнатӣ, таҳсил ва ё саёҳат қарор доранд, вобастагии бузург дорад. Корнамоиҳои чандин муҳоҷири тоҷик дар Русия, муносибати хуби тоҷикистониён нисбати шаҳрвандони Русия, ки пас аз 24 -уми феврали соли 2022 ба Тоҷикистон омаданд, боиси дигаргун гаштани афкори ҷомеаи Русия нисбати тоҷикон гардида, имиҷи миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистон боло рафт.

3.2. Симои Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ

Дар муносибатҳои байналхалқӣ имиҷи мусбати кишвар нақши муҳим мебозад, зеро он дар раванди густариши робитаҳо таъсиргузор аст. Муҳаққиқ И. И. Баротов ба ин назар аст, ки барои ташаккул ва рушди имиҷи мусбати кишвар

комёбиҳои назаррас дар бахши иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмӣ -фарҳангии шаҳрвандон зарур аст, ки «тавассути он кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ мегардад» [178, с. 3].

Заминаҳои шиносоии оламиён бо Тоҷикистон ҳанӯз дар замони ҳокимияти Шуравӣ поягузорӣ гардида буд ва ҷумҳурӣ ҳамчун яке аз бахши ҷуғрофии Иттиҳоди Шуравӣ дар доираи сиёсати Шуравӣ муаррифӣ мегардид. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX таваҷҷуҳи расонаҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ ба Тоҷикистон афзоиш ёфт. Ба андешаи профессор Иброҳим Усмонов: «Тоҷикистон ҳамчун кишвари мубориз, озодихоҳ ва миллатпараст талаққӣ меёфт» [124, с. 8]. Воқеан ҳам бо ба даст овардани Истиқлоли сиёсии Тоҷикистон таваҷҷуҳи расонаҳои ҷаҳонӣ ба кишвари мо бештар гардид, зеро ҷумҳурӣ муносибатҳои байналхалқии худро оғоз менамуд ва назарҳо атрофи Тоҷикистон мусбат буданд, вале оғози ҷанги шаҳрвандӣ ва иттилооти ғаразноки расонаҳои баъзе кишварҳои манфиатдор имиҷи манфии кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд овард. Дар ин самт расонаҳои русӣ хеле фаъол буданд ва ҷаҳониён аз диди онҳо ба Тоҷикистон баҳо медоданд. Ба андешаи муҳаққиқон М.А. Сафарзода ва Н.А. Кӯчарзода «ҷанги шаҳрвандии аввали солҳои соҳибистиқлолӣ боиси он гардид, ки симои Тоҷикистон дар ВАО-и дохиливу хориҷӣ манфӣ муаррифӣ гардад» [360, с. 444].

Ҳарчанд ҷанги шаҳрвандӣ соли 1997 ба анҷом расид, вале вазъияти кишвар дар расонаҳои ҷаҳонӣ ба далели каме ноамнӣ ва гоҳ-гоҳе амали террористӣ иттифоқ афтодан манфӣ инъикос мегардид. Шуруъ аз соли 1999 марҳилаи нав дар муаррифии ҷумҳурӣ оғоз ёфт, ки он натиҷаи бештар ба равобити байналмилалӣ ворид гардидани Тоҷикистон, ба даст овардани сулҳу субот ва фаъол гардидани намояндагиҳои бештари ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ дар ҷумҳурӣ буд.

Тағйирёбии авзои олам пас аз ҳодисаҳои 9 сентябр дар Афғонистон ва 11 сенябр дар ИМА таваҷҷуҳи ҷаҳонро ба Афғонистон ва минтақа бештар намуд. ВКХ ҶТ тартиби аккредитатсияро барои хабарнигорони хориҷӣ осон кард ва онҳо барои инъикоси авзои Афғонистон ба Тоҷикистон омаданд. Намояндагони

расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар баробари авзои Афғонистон доир ба Тоҷикистон низ маводди зиёде интишор намуданд. Ҳамзамон Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалии худро бештар намуд, ки ин боиси боз ҳам бештар таваҷҷуҳ намудани расонаҳои ҷаҳонӣ гардид.

Бо барқарор гардидани робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷаҳон ба назари муҳаққиқ М.З. Баҳромзода «Тоҷикистон имкон пайдо кард, ки мавқеи худро дар ҷаҳон пайдо намуда, дар ҳалли проблемаҳои глобалӣ нақш гузорад» [179, с. 34]. Бояд қайд кард, ки заминаҳо барои гузариш ба марҳилаи нави ҳамкориҳои байналхалқиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 1-уми октябри соли 1999 дар иҷлосияи 54-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид гузошта буд. Зеро пешниҳоди ӯ дар бобати соли 2003-ро ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза» эълон намудан 20-уми сентябри соли 2000 Маҷмаи умумии СММ дар иҷлосияи 55-ум қабул кард. Муҳаққиқи тоҷик Х. Самиев ба ин назар аст, ки вижагии сиёсати хориҷӣ ин «нишондиҳандаи фаъолнокии амали кишвар дар саҳнаи байналхалқӣ аст» [355, с. 7].

Шуруъ аз соли 2003 ташаббусҳои байналмилалии барномаҳои даҳсолаи марбут ба об, мубориза бо терроризм, таъмини сулҳу субот дар Афғонистон, ҳифзи пиряхҳо аз ҷониби Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба созмонҳои байналхалқӣ ва ҳамоишҳои сарони давлатҳо пешниҳод гардиданд. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон, бахусус дар соҳаи об доимо дар сатҳи байналмилалӣ дастгирӣ ёфтанд, ки «ин амр дар болоравӣ ва вусъати обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидааст» [431].

Тавре маълум аст, вобаста ба масъалаҳои об панҷ ташаббуси ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи СММ пазируфта шуд. Дар ҳошияи ин ташаббусҳо чорабиниҳои байналмилалӣ дар чандин кишвар аз ҷумла, конфронсҳои байналхалқӣ дар Тоҷикистон ҳам доир гардид. Ба андешаи муҳаққиқ М.А.Муқимов «ҷомеаи ҷаҳон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси поягузори ҳама ташаббусу иқдоми байналмилалӣ дар соҳаи об эътироф кардааст» [316, с. 15].

Ташаббусҳои ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон дар созмонҳои байналхалқӣ, баргузории чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сиёсӣ ва дигар ҳамоишҳои дорои аҳаммияти минтақавӣ ва байналхалқӣ ба ташаккулёбии имиҷи мусбати кишвар низ мусоидат намуданд. Ба андешаи муҳаққиқ М.З. Баҳромзода «СММ нахустин созмони байналмилалие мебошад, ки иқдоми глобалии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ ва дастгирӣ намудааст» [12, с. 33].

Аз 10 то 13-уми июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо иштироки беш аз ду ҳазор намоянда аз 100 давлати дунё, созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, созмонҳои молиявӣ, ташкилотҳои хоҷагии об ва дигар ҷонибҳои манфиатдор баргузор гардид. Ҷиҳати инъикоси конфронси мазкур 300 нафар хабарнигори дохиливу хориҷӣ иштирок доштанд.

Дар робита ба Конфронси байналмилалии сеюми сатҳи баланд «Об барои рушди устувор» хабару мақолаҳо ва гузоришҳои зиёд дар расонаҳои ҷаҳон ва сомонаҳои созмонҳои байналмилалӣ мунташир гаштанд. «Нашри ин матлабҳо, пеш аз ҳама, баёнгари онанд, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеан ҳам, бо иқдомоти хайрхоҳонаи худ мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст» [434]. Аз ҷумла, сомонаи ЮНЕСКО дар хусуси иштироки директори генералии худ дар конфронси мазкур гузориши «Сафари расмии директори генералии ЮНЕСКО Одри Азуле ба Тоҷикистон»-ро нашр намуд. Дар гузориши мазкур иттилоъ дода мешавад, ки ЮНЕСКО дар Душанбе лоиҳаи минтақавии таъсиси системаҳои огоҳсозии бармаҳал дар Осиёи Марказӣ «барои ҳифзи минтақаҳои осебпазир аз обхезии дар натиҷаи обшавии босуръати пиряхҳо бавуҷудояндаро муаррифӣ намуд» [453]. Сомонаи созмони ЮНЕСКО дар ахбор ва ҳисоботи худ аз ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар самти илм, фарҳанг ва маориф маводди зиёде интишор намуда, доир ба мероси ғайримодии бо пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон қабул намудааш, маълумоти васеъро пешниҳоди аудиторияи худ гардонидааст.

Аъзошавии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид «барои рушди ҳамкориҳои кишвар бо созмонҳо, ниҳодҳо ва муассисаҳои махсуси СММ замина гузошт» [257, с. 101]. Узвият дар Созмони Милали Муттаҳид барои Тоҷикистон на танҳо роҳро барои ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар намуд, балки минбари СММ як воситаи муаррифии Тоҷикистони ташаббускор гардида, Тоҷикистон «дар ҳалли масъалаи глобалии иқлим ташаббусҳои зиёдеро дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ нишон додааст» [11, с. 79]. Аз ин ҷиҳат, дар сомонаи СММ ва расонаҳои зертобеи он ҳамеша ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СММ ва махсусан ташаббусҳои байналмилалии ҷониби Тоҷикистон муаррифӣ мегардад. Аз ҷумла, СММ мавқеи худро доир ба Конфронси байналмилалии сеюми сатҳи баланд «Об барои рушди устувор» чунин муайян намудааст: «Раванди оби Душанбе як ибтикори муҳимми Ҳукумати Тоҷикистон барои пуштибонӣ аз татбиқи аҳдофи байналмилалии мувофиқашудаи марбут ба об аст» [529].

Дар мавриди Конфронси байналмилалии Душанбе агентии иттилоотии ТАСС низ хабару гузоришҳо интишор намуда, ҷараёни онро пайгирӣ ва аз натиҷа ба аудиторияи худ иттилоъ додааст. Аз ҷумла, ТАСС ба конфронс чунин баҳогузорӣ нумудааст: «Маротибаи сеюм аст, ки чунин конфронс Душанбе баргузор мегардад, қаблан дар солҳои 2018, 2022 баргузор гашта буд» [444].

Мавриди зикр аст, ки дар расонаҳои кишварҳои Осиёи Миёна, Россия, Чин, Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Иттиҳоди Аврупо, ИМА, баъзе аз кишварҳои африқоӣ ва арабӣ конфронси мазкур бозтоб гардид. Масалан, мусоҳибаи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо Асад Байг (Assed Baig) хабарнигори бахши англисии телевизиони байналмилалии Ал-Ҷазира дар ҳошияи Конфронси сеюми байналхалқии Душанбе нашр гардид. Дар ибтидои мусоҳиба навори кӯтоҳ аз ҷараёни конфронси мазкур, манзараҳои шаҳри Душанбе, стендапи мухбир дар макони баргузории конфронс намоиш дода шуда, сипас мусоҳиба пешкаши тамошобинон гардид. Зимни мусоҳиба Сироҷиддин Муҳриддин на танҳо ба саволҳо дар мавриди мушкилоти об дар олам ва минтақа, ташаббусҳои байналхалқии Тоҷикистон, рушди гидроэнергетика дар кишвар, тағйирёбии иқлим, ҷавоб дод, балки авзои олам,

мушкилоти мубориза бо қочоки маводди мухаддир, авзои Афғонистон, мубориза бо терроризм, ҷонибдории Тоҷикистон аз ҳалли дипломатии моҷарои Русия ва Украина, масъалаи ҳуқуқи инсон дар кишварро шарҳ дода, «ахбори нодурусти дар хусуси Тоҷикистон паҳн гаштаро бо далелҳо рад намуд» [545].

Хабарнигорони хориҷии иштирокдори конфронси байналмилалии Душанбе ба иштироки намояндаҳои кишвари худ дар конфронс, суханрониҳои онҳо дар ин ҳамоиш аҳаммияти бештар дода, натиҷаҳои конфронсро дар асоси иттилооти барои намояндагони конфронс пешниҳодшуда манзури аудиторияи худ намуданд. Дар васоити ахбори оммаи кишварҳои арабӣ кори Конфронс ба андешаи Комрон Сафар, Шодмон Абдураҳим ва Судоба Файзалӣ ба таври густурда инъикос гардид. «Масалан, «рӯзномаи мисрии «Олам-ул-явм» (Ҷаҳони имрӯза https://alalamelyoum.co) суханрониҳои намояндагони Миср ва суханронии онлайнии вазири хоҷагии об ва обёрии Миср, раиси Шурои вазирони оби Африқо, доктор Ҳони Сувайлам дар ин Конфронси сатҳи баландро нашр намудааст» [434]. Бояд ёдовар шуд, ки конфронсҳои байналхалқии то соли 2018 дар Тоҷикистон баргузоргардида «дар рӯзномаҳои мисрӣ ҷараёни он ва натиҷаҳои ин конфронсҳо пурра инъикос шудаанд» [261, с. 82].

Дар ҷараёни конфронси соли 2024 дар Душанбе сафар ба мавзеъҳои таърихӣ, фароғатӣ ва иншооти гидроэнергетикии кишвар барои иштирокдорони конфронс ташкил гардид, ки ин табдир барои боз ҳам бештар ошно намудани имкониятҳои сайёҳӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва муаррифии симои аслии Тоҷикистон ва тоҷикон дар ҷавоб ба маъракаҳои иттилоотии ғаразноки мавҷуда буд.

Бо қабули Эъломияи Душанбе конфронси сеюм дар санаи 12-уми июн анҷом ёфт. Дар ҳошияи конфронси мазкур «9 форум, 5 муколамаи интерактивӣ, 15 чорабинии канорӣ гузаронда шуд» [466]. Инчунин дар шаҳри Душанбе Фестивали обу пиряхҳо, барномаи консертӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва иқтидори саноативу кишоварзии Тоҷикистон пешкаши иштирокчиёни конфронс гардид. Ташаббусҳои сатҳи байналхалқии кишвар ба назари муҳаққиқ С.А. Солихуҷаева аз он дарак медиҳанд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати

хориҷии худ ба ҳалли мушкилоти сатҳи байналмилалӣ таваҷҷуҳи хосса менамояд» [367, с. 103].

Сомонаи радиои «Озодӣ» ҳамеша тамоми рӯйдодҳои Тоҷикистонро инъикос менамояд, аммо дар хусуси Конфронси сеюми байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе ҳамагӣ 1 гузориш нашр намуд. Дар гузориши мазкур на ҷараёни конфронс, балки проблемаи норасоии об дар Тоҷикистон ва баҳсҳои обӣ миёни сокинони минтақаҳои наздимарзии Тоҷикистон ва Қирғизистон бозтоб шуда, оҳанги танқид ва нохушояндро ба худ дошт. Танҳо дар анҷоми гузориш боз ба мавзуи конфронс баргашта, боз бо оҳанги манфӣ чунин навиштанд: «Мунтақидон бар инанд, ки чунин ҳамоишҳо бештар хислати таблиғотӣ доранд...» [518].

Сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» дар муқоиса ба сомонаи радиои «Озодӣ» маводди ғаразнок нисбат ба конфронси мазкурро нашр накарда бошад ҳам, дар маводди дар ҳошияи конфронси мазкур омода намуда, аз ҳамкориҳои Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ва мушкилоти об дар Тоҷикистон бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Сомонаи мазкур танҳо дар собиқаи хабарҳо дар бораи баргузории сеюмин Конфронси байналмилалӣ дар Душанбе хабар додааст. «Sputnik Тоҷикистон» ҳамзамон ба масъалаи сармоягузорӣ ба соҳаи об дар ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ намудааст: «Дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ ва беҳдошт 10 лоиҳа ба маблағи умумии 278 млн доллар ва панҷ лоиҳа дар соҳаи обёрӣ ва мелиоратсия ба маблағи 215 млн доллар амалӣ мешаванд» [478].

Дар ҷараёни баргузории Конфронси сеюми байналмилалӣ дар Душанбе сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» се мавод нашр намудааст, ки дутои он ба мушкилоти соҳаи об дар Тоҷикистон бахшида шуда, яктои дигар доир ба вохӯрии ҷониби Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар ҳошияи конфронси мазкур ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ хабар дода, дар собиқаи ин мавод танҳо аз баргузории конфронси мазкур ёдоварӣ гаштанд. Маводди пурра ба ҷараёни конфронс ва натиҷаи он бахшидашуда аз ҷониби сомонаи мазкур нашр нагардид. Вобаста ба чунин шеваи корбарии расонаҳо муҳаққиқ Ҷовид Муқим дуруст қайд намудааст, ки «як рӯйдодро дар як вақт қариб ҳамаи

расонаҳои иттилоотии бузурги олам хабар медиҳанд, вале тафсири он рӯйдод аз ҳар яки ин расонаҳо якранг нахоҳад буд. Ҳар яке аз дидгоҳи худ ва пеш аз ҳама вобаста ба сиёсати давлати худ ба ин ҳодиса баҳо хоҳад дод» [73, с. 5].

Шабакаи телевизионии «Евронюс» соли 2024 дар бораи мусобиқаи гӯштини ҷудо дар Тоҷикистон гузоришҳо нашр намуд, аммо аз мусобиқаи ҷаҳонии гӯштини миллӣ ва Конфронси сеюми байналхалқии об дар шаҳри Душанбе маводде нашр накард, телевизиони байналхалқии CNN низ аз чорабиниҳои байналхалқии Тоҷикистон хабаре надод. Пас маълум мегардад, ки расонаҳои байналхалқии мазкур бештар бар ивази подош аз пайи нашри маводди фармоишӣ ҳастанд. Новобаста аз он ҳолат ҷараёни конфронс ва симои Тоҷикистон дар расонаҳои кишварҳои ширкаткунандаи конфронс ва сомонаи расмии СММ дар сатҳи хуб инъикос гардид.

Баргузории мусобиқаҳои байналхалқии варзишӣ дар Тоҷикистон боиси боз ҳам афзудани таваҷҷуҳи расонаҳои ҷаҳонӣ мегардад. Аз 3 то 5-уми майи соли 2024 аввалин рақобатҳои ҷудои Гранд-Слами Душанбе-2024 дар доираи сайри ҷаҳонии ҷудо дар Муассисаи давлатии «Қасри теннис ва маҷмааи варзишии обӣ» -и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе баргузор гардид. Мусобиқаи мазкур дар расонаҳои байналхалқӣ низ инъикоси худро ёфт. Аз ҷумла, гузориши телевизиони Евронюс аз мусобиқаи ҷудо Гранд Слам дар Душанбе хеле шавқовар ва тамошобоб буд, зеро шореҳи варзишӣ бо ҳаяҷон ва эҳсоси гуворо мусобиқаро ба оламиён шарҳ медод: «Тамошои маҳорати ҷудочиён моро бо меҳмоннавозии бебаҳо ва мероси ғании фарҳангӣ ошно мекунад, ки Душанбе ва Тоҷикистонро воқеан аҷиб мегардонад» [404]. Инчунин дар гузориш суханронии ғолиби мусобиқа дар вазни беш аз 100 кг Тедди Ринер, «шоҳи ҷудо»-ро пешниҳод намуданд, ки қаноатмандии худро аз меҳмоннавозии тоҷикона ва дастгирии мухлисон чунин баён намуд. Анна Мария Вагнер варзишгари дигаре, ки соҳиби медали тиллои мусобиқаи мазкур дар Душанбе гардид, бо як фараҳмандӣ дар гузориши Евронюс иброз дошт, ки мухлисони тоҷик на танҳо аз варзишгарони худ, балки ба ӯ ва дигар варзишгарон низ мухлисӣ карданд.

Аз 29 то 31 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид. Дар баробари дигар расонаҳо намояндагони расонаҳои байналхалқӣ «Euronews», CNN, «Al-Jazira», TRT дар чорабинии мазкур даъват гардида буданд. Телевизиони «Евронюс» дар хусуси конфронси мазкур гузориши худро нашр намуд: «Эмомалӣ Раҳмон, раисиҷумҳури Тоҷикистон, дар як конфронси байналхалқии сатҳи баланд дар Душанбе пешниҳод кард, ки як пажуҳиши бузурги пиряхҳо оғоз шавад» [546].

Радиои «Озодӣ» дар инъикоси конфронси байналмилалӣ дар Душанбе нисбат ба соли 2024 фаъолтар гардида, дар моҳи май 5 мавод нашр намуд. Сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» беш аз 20 мавод дар хусуси конфронси навбатӣ нашр намуд.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки аз аввали соли 2025 номи Тоҷикистон беш аз пеш дар сархати расонаҳои ҷаҳонӣ давр мезанад. Дар баробари ибтикороти камназири Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин баргузории чорабиниҳои гуногуни минтақавӣ ва байналхалқӣ, муҳимтар аз ҳама ҳалли мушкилоти марзӣ бо Қирғизистон таваҷҷуҳ ба Тоҷикистонро бештар намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Қирғизистон санаи 12-уми марти соли 2025 рафтанд ва Изҳороти муштарак доир ба таҳкими минбаъдаи дӯстӣ ва ҳамсоягии накӯ ба имзо расид. Ҳамчунин Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ ба имзо расид, ки баҳсҳои марзиро хотима дод. Таҳкими равобит миёни ду кишвари ҳамсоя дар расонаҳои минтақа ва ҷаҳон пӯшиши иттилоотии густурдаро касб намуд.

Дар шароити пуризтироб ва нооромии олами муосир хотима додан ба як моҷарои байнидавлатӣ хеле ҳодисаи нодир аст ва расонаҳо ба инъикоси он таваҷҷуҳи зиёд намуданд. Аз ҷумла, агентии иттилоотии «Рейтер» иттилоъ додааст, ки сарварони давлатҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дар бораи таъини марзи муштараки худ созишнома имзо карданд, то ба баҳси тулонии марзӣ, ки «тайи чанд соли охир боиси талафоти ҷониву молӣ гардидааст, хотима бахшанд»

[536]. Рӯйдоди мазкур дар сомонаҳои дигар расонаҳои ҷаҳон инъикоси бештар ёфт. Чунин руҳия пас аз имзо шудани Шартнома миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон пӯшиши бештар ёфт, зеро 31-уми марти соли 2025 сарварони се кишвари ҳамсоя дар шаҳри Хуҷанд ҷашни Наврӯзи байналмилалиро таҷлил намуданд. «Имзои Шартнома миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сокинони сайёра сазовори таҳсину офарин шуд» [513]. Чунин рӯйдоди фараҳбахш боиси нашри хабару гузоришҳо дар расонаҳои бонуфузи олам гардид. Аз ҷумла, Евронюс, France 24, «Sputnik Тоҷикистон», радиои «Озодӣ» ва дигар расонаҳо инъикос намуданд. Санаи 31-уми март телевизиони Би-Би-Си гузориши «Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар ҷашни Наврӯз дар Хуҷанд созишномаи марзӣ имзо карданд»-ро нашр намуд. Аз ҷумла, дар гузориш таъкид шудааст, ки Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар мавриди ҳалли баҳсҳои марзӣ бидуни миёнҷигарии кишварҳои дигар ба тавофуқ расиданд ва барои тавсеаи равобити сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона замина боз карданд. Дар маҷмуъ расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар мавриди мулоқоту вохӯриҳои намояндагони се кишвари ҳамсоя, имзои созишномаҳо ва ҳалли масъалаҳои марзӣ хабару гузоришҳои зиёд нашр намуданд, ки ҳамагӣ назари нек доштанд.

Табиат ва дигар имконоти сайёҳии кишварҳо яке аз воситаҳои муҳимми муаррифгари онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон низ ба ҷамъи кишварҳои барои сайёҳӣ мусоид шомил мешавад. Рушди сайёҳӣ ба муаррифии симои мусбати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд. Бо ин мақсад ниҳодҳои марбута нашри маводди иттилоотӣ доир ба сайёҳӣ, таҳияи харитаҳои сайёҳӣ, буклетҳо, роҳнамо барои сайёҳонро ба роҳ мондаанд. Ҳамзамон портали миллии сайёҳӣ бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ фаъол гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар таваҷҷуҳ ба соҳаи сайёҳӣ дар кишвар дар баробари роҳбарияти кишвар ва масъулони соҳа журналистони тоҷик низ саҳмгузоранд.

Онҳо дар баробари инъикоси мавзеъҳои сайёҳӣ инчунин мушкилоти соҳаро таҳлил намуда, андешаҳои худро роҷеъ ба рушди соҳа пешниҳод менамоянд. Аз ҷумла, хабарнигори рӯзномаи «Ҷумҳурият» Меҳрангез Қодирова соли 2018 дар мақолаи худ «Сайёҳии байналмилалӣ. Таваҷҷуҳи бештар мебояд!» андешаҳояшро дар мавриди муаррифии мавзеъҳои сайёҳӣ қайд намуд. Дар мақола муаллиф ҳушдор медиҳад, ки на ҳама маълумоти дар бораи Тоҷикистон ба хориҷиҳо пешниҳод мегардида саҳеҳанд. Журналист пешниҳод менамояд, ки аввалтар аз ҳама Тоҷикистонро ҳамчун мамлакати сайёҳӣ бояд ба мамолики Ғарб ошно намоем ва дар масъалаи муаррифии шоистаи мамлакат дар сатҳи байналмилалӣ «истифода аз реклама дар ВАО-и маъруфи ҷаҳонӣ (ба монанди ВВС ва Евронюс)» [438] ба роҳ монда шавад.

Бояд қайд кард, ки ҳамкорӣ бо телевизионҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар самти муаррифии кишвар таҷрибаи нав нест, аммо аз ҷиҳати камтар будани чунин мавод дар солҳои пеш андешаи журналист то андозае дуруст аст. Ҳамкорӣ бо шабакаи телевизиони байналхалқии «Евронюс»-ро Тоҷикистон ҳанӯз соли 2011 оғоз карда буд. Аз ҷумла, бахшида ба ҷашни 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон наворҳои кутоҳи таблиғотӣ дар бораи ҷумҳурӣ аз тариқи телевизионии Евронюс пахш гардиданд [296, с. 235].

Ҳамкорӣ бо телевизиони «Евронюс» дар ин самт идома дорад. Масалан, дар хусуси шаҳри Душанбе, «ифтитоҳи майдони Истиқлол ва маҷмуаи Тоҷ, таърихи шаҳр, ёдгориҳои таърихӣ ва манзараҳои гулбоғҳои Душанбе навори тарғиботӣ аз тариқи телевизиони Евронюс паҳн гардид» [421].

Ҳамчунин шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ бо Раиси Шурои директорони шабакаи телевизионии «Евронюс» Педро Варгас Сантос Давид 30 майи соли 2025 мулоқот намуданд. Дар ин хусус АМИТ «Ховар» хабар дод, ки мулоқоти ҷонибҳо дар доираи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе баргузор шуд. «Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои ҳамкорӣ бо шабакаро баррасӣ намуданд» [465].

Солҳои охир бо мақсади муаррифии имкониятҳои сайёҳии кишвар сафари журналистон ва блогерони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ бештар ташкил гардиданд. Дар

баробари ин мақолаҳо, мусоҳибаҳои роҳбарияти ҷумҳурӣ, сафирони Тоҷикистон дар расонаҳои байналхалқӣ ба афзудани эътибори ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Лозим ба ёдоварист, ки давлатҳо, ширкатҳо, ҷамъиятҳо ва ё созмонҳои гуногун дар саросари олам ба хотири муаррифии худ дар сатҳи байналхалқӣ ва ё дар фазои иттилоотии кишваре ба нашрияҳо чопи маводди таблиғӣ фармоиш медиҳанд ва ё ба пуррагӣ саҳифаҳои нашрияро барои ҷойгир намудани маводди худ харидорӣ менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин таҷриба истифода менамояд. Масалан, «9 сентябри соли 2021 дар Брюссел бахшида ба ифтихори 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашри махсуси маҷаллаи «Diplomatic World»» [528] ба забони англисӣ интишор гардид. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин шумораи маҷаллаи «Diplomatic World» ҳаёти Тоҷикистон инъикос гардида, ба дастовардҳои ҷумҳурӣ дар замони Истиқлол ва ҷойгоҳи афзояндаи кишвар дар арсаи байналхалқӣ аҳаммияти махсус дода шудааст. Маҷалла аз паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Шурои Аврупо Шарл Мишел оғоз гардида, тарғибгари дастовардҳои 30 солаи кишвар буда, аз мақолаҳои роҳбарони мақомоти давлатии Тоҷикистон иборат аст. Ҳамзамон маҷалларо бо аксҳои таҷассумкунандаи зебоиҳои Тоҷикистон ороиш додаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нашри мақолаи сарварони кишварҳо ё анҷом додани мусоҳиба бо онҳо дар расонаҳои давлатҳо аксаран дар доираи ягон санаи муҳим ва ё ташрифоти давлатӣ амалӣ гардида, бештар ба таҳкими равобити кишварҳо нигаронида шудааст. Масалан, 4-уми июли соли 2024 «мусоҳибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори Агентии иттилоотии «Синхуа»» [459] дар сомонаи агентии мазкур нашр шуд. 5-уми июли соли 2024 дар сомонаи АМИТ «Ховар» матни пурраи мусоҳибаи мазкур ба забони тоҷикӣ нашр гардид. Бояд қайд кард, ки ин мусоҳиба дар ҳошияи сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба Тоҷикистон рӯзҳои 4-6 июли соли 2024 анҷом дода шуд.

Дар суҳбат вазъи кунунии муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорию шарикии стратегии Тоҷикистону Чин, ҳадафҳо ва дигар самтҳои равобити дуҷонибаи кишварҳо баррасӣ гардида, сарвари Тоҷикистон ба саволҳои хабарнигори Чин посухҳои мушаххасу пурмуҳтаво доданд.

Сомонаи АМИТ «Ховар» иттилоъ медиҳад, ки «мусоҳибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзноманигори чинӣ дар Агентии иттилоотии «Синхуа», сомонаҳои интернетӣ ва дигар васоити ахбори омма ба таври васеъ инъикос гардид» [498].

Сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар дигар кишварҳо низ барои муаррифии ҷумҳурӣ ба унвони як кишвари сайёҳӣ ва рушди ин соҳа дар ҷумҳурӣ талошҳои зиёде намуданд. Ба андешаи Иршод Сулаймонӣ ин кӯшишҳо «натиҷаҳои мусбат бахшиданд» [483].

Дар баробари ниҳодҳои давлатӣ ва чеҳраҳои расмии кишварҳо ҳамчунин ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ низ метавонанд дар муаррифии кишвар саҳм гузоранд, чунин афрод дар миёни шаҳрвандони Тоҷикистон кам нестанд. Ҳамзамон шаҳрвандон метавонанд ба коҳишёбии эътибори ҷумҳурии худ дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат намоянд. Тайи як даҳсолаи охир иштирок ва ё ҳамчун гумонбар дар амалҳои террористӣ дастгир гардидани якчанд шаҳрванди Тоҷикистон дар ИМА, Туркия, Эрон, Афғонистон, Сурия ва Русия назари оламиёнро ба Тоҷикистон ва миллати тоҷик тағйир дод. Ҳодисаи террористии шаҳри Маскав рӯзи 22 марти соли 2024 ангезаи тоҷикбадбиниро дар Русия ва баъзе кишварҳо афзоиш дод. Расонаҳои русӣ маъракаи зидди тоҷикон ва муҳоҷиронро ба роҳ монданд. Вобаста ба ин қазия расонаҳои байналхалқию хориҷӣ ва шабакаҳои интернетии ғайрирусӣ назари худро бо шубҳа баён намуда, «фаъолияти мақомоти қудратии Русия» [537] ва шиканҷаи гумонбаронро маҳкум намуданд.

Рӯзномаҳои «Вашингтон Пост», «Новая газета Европа», «Ле монд» ва дигар нашрияҳо хабар ва мақолаҳои зиёде атрофи ин қазия чоп намуданд. Шабакаи телевизионии CNN дар сомонаи худ дар баробари пахши ахбор, инчунин як маводди муфассали таҳлилиро интишор кард, ки аз «афзоиши хушунат алайҳи

муҳоҷирони тоҷик дар Русия, вазъияти нохуби онҳо» [527] ва бархӯрди нодурусти русҳо ба тоҷикон бахшида шудааст. Бахши тоҷикии радиои «Озодӣ» силсилаи маводдро атрофи ин ҳодиса омода карда, онро дар рубрикаи «Ҳамла ба «Крокус» ҷой дод ва 287 маводдро то 5-уми июни соли 2024 нашр намуд. Ин гуна мавод бештар ба амали террористӣ, вазъияти гумонбарон, раванди мурофиаҳои судӣ, назари масъулон аз Русия, муносибат бо муҳоҷирони тоҷик дар Русия ва дигар кишварҳо, назари коршиносони мустақили хориҷӣ ва ватанӣ ба фоҷиаи мазкур ва таъсири он ба ҳаёти муҳоҷирон, гуфтушунидҳои ҷониби Русия ва Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар бештари маводди рубрикаи «Ҳамла ба Крокус» фаъолияти сохторҳои қудратии Русия, изҳороти мансабдорони ин кишвар ва муносибати русҳо ба тоҷикон танқид ва симои Русия манфӣ инъикос гардида, оҳанги даъват ба ҷомеаи тоҷик барои пайдо кардани самтҳои нави муҳоҷират ҷой дорад. Пас аз ҳодисаи «Крокус» то кадом андоза ивазгардидани мавқеи тоҷикистониён ба Русия яке аз мавзуъҳои доимии ин рубрика гардидааст. Радиои «Озодӣ» дар такя ба коршиносони худ шикояти муҳоҷирон аз боздошт, шиканҷа ва ихроҷ аз Русияро иттилоъ додааст.

Дар ин миён чандин суҳбатҳои телефонӣ ва мулоқоти Президенти Русия Владимир Путин бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир гардид ва ҷонибҳо дар масъалаи мубориза бо таҳдиди террористӣ, инчунин соҳаи муҳоҷират табодули афкор карданд. Ҳамчунин хабар дода мешавад, ки талошҳои ахири неруҳои муайян барои ба таври сунъӣ шиддатнок намудани вазъ дар атрофи муҳоҷирони кории ба Русия воридшаванда, «якҷоя пешгирӣ карда мешавад ва онҳо наметавонанд муносибатҳои бародаронаи бо вақт санҷидашудаи мардумони ду давлатро халалдор намоянд» [407].

Зимни таҳқиқи сомонаи радиои «Озодӣ» рӯзи 16 майи соли 2025 маълум гардид, ки рубрикаи махсус доир ба амали террористии Крокус дигар вуҷуд надорад, вале дар сомонаи мазкур 475 мавод нашр гардидааст, ки дар он ишорае ба ҳодисаи Крокус, ёдоварӣ аз он фоҷиа ва ё навигарӣ дар атрофи гумонбарон ва фаъолияти мақомоти қудратии Русия мебошанд.

Дар ҳамон замоне ки расонаҳои Русия ва баъзе аз кишварҳои манфиатхоҳ бори маломатро бар сари тоҷикон бор мекарданд, чеҳраи тоҷиконро дар олам манфӣ муаррифӣ менамуданд, сомонаи нашрияи Korean Times хотираҳои неки президенти ширкати Dae-kwang International Co соҳибкор Чу Чунг Дояро доир ба Тоҷикистон аз замони фаъолияташ дар соҳаи тиҷорати пахта (солҳои 90) нашр кардааст.

Чу Чунг Доя лаҳзаҳои фаъолият дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ, муносибати неки мардуми ин сарзамин ба куриёиҳои аз тарафи Сталин муҳоҷиршуда дар замони Шуравӣ, меҳмоннавозӣ ва таърихи пурғановати тоҷиконро ёд карда, маълумоти васеъро роҷеъ ба ҷашни Наврӯз пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, пайдоиши ҷашни мазкур, нақши он дар ваҳдати маънавӣ ва иҷтимоии халқҳои Тоҷикистон, мероси фарҳангии беш аз шаш ҳазорсола будани Наврӯзро таъкид намуда, моҳияти онро чунин баён намудааст: «Наврӯз руҳияи сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва оғози навро тақассум мекунад. Он одамонро сарфи назар аз мансубияти динӣ ва ҷамъиятӣ, дар эҳтиром ба табиат ва саъю кӯшиш ба ояндаи нек муттаҳид менамояд» [542].

Нашри мавод оид ба ҷумҳурӣ, муаррифии комёбиҳои он дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ, ширкати намояндагони кишвар дар ҳамоишҳои гуногуни минтақавӣ ва байналхалқӣ, аз он ҷумла форумҳои сайёҳӣ ва намоишгоҳҳои тиҷоратӣ як амали одӣ намояд ҳам, аз дидгоҳи «қувваи нарм» ва мавқеи дипломатияи ҷамъиятӣ, ин як фаъолияти доимиест, ки ба ташаккули имиҷи мусбати давлат нигаронида шудааст.

Паҳн гардидани иттилооти нодуруст ва манфӣ доир ба кишваре дар ВАО-и хориҷӣ ба густариши дипломатияи ҷамъиятӣ мушкили ҷиддӣ эҷод мекунад. Дар ин хусус муҳаққиқони тоҷик З. Сайидзода ва Ф. Саидов чунин қайд мекунанд: «инъикоси воқеоти Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ (аз ҷумла Русия) ба таври возеҳ нокифоя ва номукаммал аст. Аксарияти маводдҳои нашршуда нисбат ба ҷумҳурӣ оҳанги манфӣ доранд» [105, с. 37]. Чунин тасвири манфии симои кишвар на ҳамеша худ аз худ пайдо мегарданд, балки он натиҷаи кӯшишҳои ҳадафноки ҷониби манфиатдор ё афроди боғараз мебошад.

Дар фазои иттилоотии Русия симои Тоҷикистон ва тоҷикон зарурат ба ислоҳро дорад. Барои аз байн бурдани стереотипҳои манфии мавҷуда сафири вақти Тоҷикистон дар Русия Имомуддин Сатторов чунин мешуморад, ки ВАО набояд танҳо дар бораи ҷиноят ё ҳамлаи террористии содиркардаи нафаре хабар диҳад. Ба андешаи ӯ: «Бояд дар бораи он чизе, ки моро муттаҳид мекунад, суҳбат кунем» [492]. Сарфи назар аз мансубият ба фазои умумии ИДМ, байни ҷомеаҳои Тоҷикистон ва Русия норасоии иттилоотӣ ба назар мерасид. Тақвият ёфтани ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Русия дар соли 2025 ва бештар гаштани ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ вазъияти мавҷударо каме тағйир дод.

Муҳаққиқ С.Ф. Назаршоева ба ин назар аст, ки баланд бардоштани имиҷи кишвар муносибати мунтазамеро талаб мекунад ва бояд барномаи мукаммали фарогирандаи ҳамаи самтҳои сиёсати давлатӣ, барномаҳои миллӣ ва ғайра фаъолият намоянд. «Барномаҳое заруранд, ки симои мусбати давлатро ба вуҷуд оранд» [335].

Ҳамин тавр дар ташаккули имиҷи мусбати кишвар ва миллат на танҳо масъулин, балки ҳар як шаҳрванд ва намояндаи миллат нақш гузошта метавонад. Дар баробари тавсеаи ҳамкорӣ бо расонаҳои байналхалқӣ дар самти ташаккулдиҳии имиҷи Тоҷикистон инчунин бедор намудани худшиносӣ ва баланд намудани саводи расонаӣ дар миёни муҳоҷирони тоҷик яке аз роҳҳои дигари муаррифии миллат ва давлат мебошад. Дар ташаккули имиҷи мусбати кишвар ҳар як шаҳрванд бо амали худ дар хориҷа метавонад, саҳмгузор бошад, ки ин масъулияти бузурге ба дӯши мо аст. Дар ин самт истифода аз таҷрибаи Ӯзбекистон бамаврид аст, зеро дар ин кишвар тасмим гирифтанд, ки муҳоҷироне, ки қонунҳои кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷиронро вайрон карда, ихроҷ шуданд «ё эътибори Ӯзбекистонро паст заданд» [402], ба муддати ду сол шиносномаи хориҷӣ надиҳанд.

Муаррифии миллатҳо ва кишварҳо дар ВАО яке мавзуъҳои доимӣ ба шумор рафта, таваҷҷуҳ ба он аз нахустин рӯзномаҳо сарчашма мегирад. Ишора ба миллат ва ё шаҳрвандии қаҳрамони мавод яке аз амалҳои маъмулии журналистон дар ВАО-и муосир гардидааст, ки он дар баробари пешниҳоди маълумот дар

бораи қаҳрамон метавонад эҳсоси мусбат ё манфиро дар зеҳни аудитория ба вуҷуд орад. ВАО ва дигар воситаҳои иртиботи интернетӣ як ҷузъи асосии ҳаёти одамон гардидаанд ва инъикоси амали намояндаи як миллат ё шаҳрванди давлате тавассути онҳо метавонад боиси хуб ва ё бад муаррифӣ гардидани симои миллате ва ё давлате дар арсаи ҷаҳонӣ гардад. Хосияти таъсирнамоӣ ба афкори умум доштани ВАО-ро муҳаққиқи варзидаи тоҷик Асадулло Саъдуллоев дарк намуда чунин қайд намуданд: «афкори умум чун ҳосилаи таъсири фаврӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ мақоми босазо дорад» [112, с. 55].

Муаррифии симои миллатҳо ва давлатҳо бисёр вақт аз аҳдофи редаксионии ВАО, сиёсати иттилоотии кишварҳо ва муассисони расонаҳо, мавқеи журналистон ва муаллифони мавод дар блогҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, бо ҳадафҳои мухталиф дар ВАО миллатҳо муаррифӣ мегарданд. Ҳарчанд офаридани симои миллатҳо дар расонаҳо мавзуи нав набошад ҳам, аммо вобаста ба авзои замон зудтағйирёбанда аст. На танҳо сард гаштани робитаҳо миёни кишварҳо, балки аз амали як шахс ва ё гурӯҳе мумкин аст, симои як миллат ва ё давлат дар арсаи ҷаҳонӣ зуд тағйир ёбад. Офаридани чеҳраҳои сиёсии байналхалқӣ тақозо менамояд, ки журналистон аз «донишҳо ва ҷаҳонбинии сиёсии зарурӣ бархӯрдор бошанд» [273, с. 79]. Расонаҳои манфиатдор бо бад инъикос намудани чеҳраи намояндагони миллати дигар симои манфии миллатеро дар зеҳни оламиён ҷой дода истодаанд, ки дар натиҷаи он эҳсоси миллатгароӣ, хушунат, табъиз ва кинаю адоват ва душманӣ миёни одамон бештар гашта истодааст. Чунин раванд барои миллатҳо ва давлатҳое, ки сокинонаш бештар дар муҳоҷирати меҳнатӣ ҳастанд, хеле хатарбор ва оқибатҳои ногувор дар пай дорад. Дар ин масъала миллати тоҷик истисно нест ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон афзоиш ёфтааст.

Муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон ба Русия ва дигар кишварҳо пас аз фурӯпошии ИҶШС характери оммавӣ гирифта, Русия ва Қазоқистон кишварҳои асосии қабули муҳоҷирони тоҷик гаштаанд. Бархе аз расонаҳои Русия симои тоҷиконро хеле манфӣ ба ҷомеаи худ нишон дода, боиси авҷгирифтани руҳияи бадбинӣ гардида буданд. Дар ин масъала муҳаққиқ Г. Сайфиддинова назари ба

мо ҳамсонро дорад: «таҳриф кардани имиҷи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик танҳо омилҳои фарҳангиву иҷтимоӣ надорад, балки то ҷое аз сиёсати ҳадафмандона низ бархӯрдор аст» [106, с. 107]. Вобаста ба сиёсати ҳокимони Русия ва ҳодисаҳо дар ин кишвар на танҳо муносибат бо муҳоҷирон тағйир меёфтанд, балки симои онҳо дар расонаҳо иваз мешуданд.

Офаридани чеҳра ва ё симосозӣ дар журналистика як амали маъмулӣ ва доимӣ аст. Воқеан ҳам журналистон дар бораи одам ва барои одамон менигоранд. Журналист ҳамчун қаҳрамони асари худ нафареро интихоб мекунад, ки бо амалаш дар ҷомеа шинохта шудааст ва ё ягон кореро анҷом додааст, ки арзандаи ба омма муаррифӣ гардидан аст. Ҳар як чеҳраофаринӣ боҳадаф буда, бо муаррифии корнамоии нафаре дигаронро ҳам ба иҷрои он амали нек раҳнамоӣ мекунанд, имиҷи нафареро дар ҷомеа боло мебардоранд ва ё амали ношоистаи нафареро маҳкум намуда, нафрати ҷомеаро ба сӯйи ӯ равона созанд. Ҳамзамон ВАО имкон доранд, ки ба имиҷ ва нуфузи чеҳраҳои сиёсӣ таъсир расонанд. Дар журналистика чеҳраофаринӣ бештар ба гурӯҳи сеюми жанрҳои публитсистика, яъне жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ хос медонанд. Аммо дар журналистикаи байналхалқӣ новобаста ба жанр дилхоҳ маводде ки доир ба ягон миллат ва давлат омода мегардад, дар офариниши симо саҳм гузошта метавонад.

Дар журналистика ҳангоми чеҳрасозӣ асосан ҷанбаъҳои ҷудогонаи шахс баррасӣ мешаванд. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик М. Муродов дар офариниши чеҳра «мавқеи ҷаҳонбинии муаллиф, мақсади ҳаётӣ ва самти арзишӣ, ғоя, майлу рағбат ва гуфтори журналист» [82, с. 52] мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки чеҳраофаринӣ дар журналистикаи байналхалқӣ аз хурдтарин жанри публитсистика – хабар оғоз меёбад, чунки иттилои нахустинро дар бораи қаҳрамони оянда журналистон дар ҳамин жанр меофаранд. Сипас муаррифии бештари қаҳрамон дар қолаби жанрҳои гузориш, мусоҳиба ва ё очерк идома меёбад. Офариниши симои қаҳрамони журналист бо ҳамин ба анҷом намерасад, балки дар сурати марг ҳам онҳо аз ёди журналистон намераванд, вобаста ба марги чеҳраҳои шинохта некролог (таъзиянома) менависанд, доир ба

фаъолияти онҳо ва паҳлуҳои норавшани ҳаёташон тадқиқотҳои журналистӣ анҷом дода мешаванд.

Сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» дар баробари расонаҳои тоҷик дар муаррифии чеҳраҳои Тоҷикистон, таҳқиқи зиндагӣ ва фаъолияти ашхоси маъруфи тоҷик ва муҳоҷирони тоҷик дар Русия талош дорад. Ба хотири ҷилавгирӣ аз такрор зарур мешуморем, ки шартан симоҳои офаридаи сомонаро дар доираи навъҳои зерин ба ҳам муттаҳид созем:

1. Симоҳои хабарсоз

Дар ин навъи мавод афродеро ворид мекунем, ки дар ҷомеа бо амали худ машҳуранд ва ҳар сухан, амали онҳо ва ё ҳар иттифоқе ки бо ӯ ва аъзои хонаводаи онҳо рӯй медиҳад, таваҷҷуҳи ВАО ва аудиторияро ҷалб менамояд. Журналистон ҳам доимо ҳаёти онҳоро пайгирӣ менамоянд, то ки дар хусуси ин гуна афрод маводде омода намоянд ва аудиторияи худро бештар намоянд. Ҳар иттилои дар хусуси чеҳраҳои хабарсоз нашргардида аудиторияи расонаро бештар менамояд. Ба андешаи муҳаққиқ А.А. Коркина «эҷод кардани симои мусбати сиёсатмадори кунунӣ аз фаъолияти навоварона иборат хоҳад буд» [265], яъне дар хусуси ширкати ӯ дар кушодани объектҳо ва ғайра иттилоъ дода мешавад. Дар ҷараёни таҳқиқ маълум намудем, ки чеҳраҳои хабарсози сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» инҳоянд: Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори сулҳу ваҳдат ва пешвои миллӣ, Рустами Эмомалӣ – раиси Маҷлиси миллӣ ва раиси шаҳри Душанбе, Сироҷиддин Муҳриддин – Вазири корҳои хориҷии ҶТ, ҳунармандон - Нигина Амонқулова, Далер Назаров, Мадина Ақназарова, Мубориз Усмонов, Меҳрнигори Рустам, Шабнами Сурайё ва дигарон.

2. Симоҳои сиёсӣ

Дар ин намуди чеҳраҳо асосан сиёсатмадорон ва афроде шомил мегарданд, ки фаъолияти онҳо бештар ба сиёсат рабт дорад. Ҳар маводде ки дар робита ба аъзои ҳизбҳои сиёсӣ ва сиёсатмадорон нашр мегардад, қаҳрамони онро ҳамчун симои сиёсӣ эътироф намуданамон мумкин аст. Ҳамзамон баъзе аз мансабдорон низ дар навбати худ чеҳраҳои хабарсоз мебошанд. Мисол: Эмомалӣ Раҳмон –

Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллӣ, Рустами Эмомалӣ – раиси шаҳри Душанбе, Қоҳир Расулзода – сарвазир ва дигарон.

3. Симоҳои фарҳангӣ ва варзишӣ

Ашхоси фарҳангӣ ва варзишгарон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи расонаҳо қарор доранд, зеро онҳо дар ҷомеа маъруф буда, ҳар навгоние ки дар ҳаёт ва фаъолияти онҳо иттифоқ меафтад, барои аудитория ҷолиб аст. Масалан, дар сомонаи мавриди таҳқиқ мавод бештар дар бораи ҳунармандон: Афзалшо Шодиев, Шабнами Сурайё, Ҷурабек Муродов, Далер Назаров, Мадина Акназарова, Меҳрнигори Рустам, варзишгарон: Дилшод Назаров Комроншоҳи Устопириён, Беҳрӯз Хоҷазода, Темур Раҳимов ва дигарон навишта шудаанд. Зимни таҳқиқ маълум намудем, ки бештаре аз маводди сомонаи мазкур дар қолаби хабар таҳия шудаанд.

4. Симоҳои мусбат

Одамони одие, ки бо амали некӣ худ дар ҷомеа шуҳрат пайдо карданд ва дар машҳуршавии онҳо расонаҳо нақш доранд, ба ин гурӯҳи чеҳраҳо дохил мебошанд. Маслан, дар мусоҳибаи «Кумак кардан душвор нест: чӣ гуна Парвиз тариқи YouTube ба ниёзмандон ёрӣ мерасонад» [470] мухбири «Sputnik» Рубен Гарсия аз Парвиз Иброҳимов дар хусуси корҳои хайриявиаш аз тариқи шабакаи YouTube суҳбат намудааст. Ёрии муҳоҷири тоҷик ба 1000 кӯдаки ятими қавми руҳинҷо дар Мянмар ва дигар кумакҳояш ба ниёзмандон дар Русия боиси он гардид, ки журналист бо ӯ мусоҳиба орояд ва ӯро ҳамчун як тоҷики накӯкор муаррифӣ намояд.

Нашри чунин мавод хеле зарур аст, зеро пеш аз ин солҳо расонаҳои русӣ дар симои тоҷик «паҳнкунандагони маводди мухаддир», «ҷиноятқор», «бегона аз фарҳангу тамаддун» ва ғайраро расонаӣ намуда, нафрату адовати сокинони маҳаллиро нисбат ба ҳамватанони мо бедор мекарданд. Шуруъ аз соли 2015 то соли 2022 нашри мавод дар хусуси корнамоиҳои тоҷикон дар Русия хеле зиёд гардиданд. Аз ҷумла, «моҳи августи соли 2015 ронанда Равшани 47-сола дар дохили нақлиёти худ борхалтаеро бо 852 ҳазор рубл ва либос пайдо карда, баъди ҷустуҷӯҳои зиёд онро ба соҳибонаш–оилаи кар ва гунгҳои пир баргардонид»

[490]. Маълум гардид, ки соҳибони маблағ пирони оҷиз буданд ва мактуби миннатдории онҳо ба унвони роҳбари ширкат, сипосномаи ширкат ба муҳоҷир ва таваҷҷуҳи расонаҳо ба инсонгарии марди тоҷик ва бисёр амалҳои ба ин монанди тоҷикон боиси каме дигаргун гардидани афкор нисбати муҳоҷирон гардид.

5. Симоҳои манфӣ

Шахсоне, ки бо амали ноҷойи худ ба ҷомеа зарар расондаанд ва ё гумонбар ба ҷиноят ҳастанд ва расонаҳо дар хусуси онҳо иттилоъ паҳн намуданд, мисоли чеҳраҳои манфӣ шуда метавонанд. ВАО ба ошкорсозии чеҳраи аслии ҷинояткорон адовати ҷомеаро нисбати онҳо бештар менамоянд ва ё аз шарри ин гуна афрод эҳтиёт намуданро ҳушдор медиҳанд. Асосан дар журналистика офаридани симои душман нисбат ба террористон, низомиёни кишвари рақиб ва мухолифони сиёсӣ бештар мушоҳида мешавад. Дар баробари ин журналистон на танҳо қаҳрамонҳои манфиро бадном мекунанд, балки «дар симои онҳо ҷинояткорони ашадии касбиро намоиш медиҳанд, то ки дар заминаи он ба «мо» ва «худиҳо» ҳамчун қаҳрамон хуб муносибат намоянд» [216, с. 65].

Дар сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» дар хусуси чеҳраҳои манфӣ маводди зиёд нашр мешавад, ки дар Тоҷикистон ва ё хориҷ аз он ба амалҳои ноҷо даст задаанд. Гумонбарон ба ҳамлаи террористии Крокус дар шаҳри Маскав, ки бештарашон шаҳрвандони Тоҷикистонанд, мисол шуда метавонад. Бо пайдо шудани далелҳои нав доир ба ин қазия ва идомаи тафтишот расонаҳо атрофи гумонбарон силсилаи маводдро нашр менамоянд ва ин гуна одамон ба чеҳраҳои хабарсоз ҳам табдил меёбанд. Яке аз ин гуна чеҳраҳои хабарсози «Sputnik» шаҳрванди Русия Сёмин [437] қотили кӯдаки тоҷик Ҳувайдо Тиллозодаи 5-сола дар соли 2018 мебошад. Ҷараёни ба ҷавобгарӣ кашида шудани гумонбар чандин сол идома ёфта, дар ниҳоят даст доштани ӯ дар ҷиноят исбот шуд, ҳарчанд суд нисбати Сёмин ҳукм бароварда бошад ҳам, вале аз сабаби дар беморхонаи рӯҳӣ буданаш зиндон нашудааст. Сомонаи «Sputnik» давоми ин солҳо доимо доир ба ин қазия ва талошҳои падари Ҳувайдо мавод интишор менамуд.

6. Симоҳои тоҷикони муввафақ

Симо ё портрет воситаи офариниши образ ва имиҷ мебошанд, ки «журналист бо ёрии симосозӣ мехоҳад ғояи матнро тавассути хислати одамон ифода намояд» [253]. Намунаи ин категория муҳоҷирони тоҷик ва фарзандони онҳо мебошанд, ки берун аз Тоҷикистон ба комёбиҳо ноил гардиданд ва бархе аз онҳоро дар саросари ҷаҳон мешиносанд. Ба ин гуна афрод Далер Назаров, Самир Абдураззоқов – пианинонавози тоҷик, Манижаи Сангин ва монанди онҳо мисол шуда метавонад. Ба далели мувофиқ наомадани мавқеи Манижаи Сангин ба моҷарои Русия ва Украина дар солҳои охир «Sputnik Тоҷикистон» дар бораи ӯ чизе нашр намекунад. «Sputnik Тоҷикистон» бо ин амали худ исбот намуд, ки «бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад» [314, с. 251].

Тоҷикони муввафақ дар муаррифии миллати худ, фарҳанг, забон ва таърихи худ талош менамоянд ва зиёд шудани сафи онҳо боиси баланд шудани имиҷи миллат дар ҷаҳон мегардад. Дар замоне, ки миллати тоҷикро бадхоҳон дар ҷаҳон манфӣ муаррифӣ намуда истодаанд ва ҳисси тоҷикбадбиниро дар кишварҳои алоҳида ривоҷ медиҳанд, маҳз амали нек ва фаъолияти мусбии тоҷикон дар олам ҷавоби сазовор ба онҳо буда метавонад.

Дар маводди «Маскав: Далер Назаров бо иҷрои суруде аз Лоиқ мухлисонро гирёнд» [439] маҳбубияти ҳунарманди шинохтаи тоҷик Далер Назаров миёни миллатҳои тоҷик, рус, қазоқ, қирғиз, ӯзбек ва дигар халқҳои собиқ Шуравӣ қайд гардида, саҳми ӯ дар муаррифии тоҷикон таъкид шуда, аз Далер Назаров ҳамчун ҳунарманде, ки метавонад намояндагони кишварҳои пасошӯравиро якҷо кунад, номбар карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар сомонаи мавриди таҳқиқ на танҳо ба муаррифии тоҷикони муваффақи Русия, балки олам низ тавақҷуҳ зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, дар маводди «Тавсифи Раҳмон аз «бизнес»-и гулкории шаҳрванди Тоҷикистон дар Эквадор» қайд гардидааст, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаъомади тантанавӣ бахшида ба ифтихори Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон зимни суханронӣ аз афроде, ки дар хориҷ аз қаламрави Тоҷикистон қарор доранд, вале дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон саҳмгузорӣ мекунанд, бо ифтихор аҳсанхонӣ намуд. Аз ҷумла, Эмомалӣ Раҳмон аз Саид Толибов

шаҳрванди Тоҷикистон ва муқими Эквадор ситоиш кард, ки тавонистааст дар давоми ду сол дар Эквадор парвариш ва фурӯши гули садбаргро дар майдони 40 гектар замин ба роҳ монда, фурӯши онро ба 30 кишвари дунё роҳандозӣ намудааст. Ҳамчунин Толибов ширкати худро бо номи «iRose» таъсис додааст ва «8 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон низ бо кори доимӣ таъмин ҳастанд» [489].

Бояд қайд кард, ки муаррифии тоҷикони муваффақ ба як бахши доимии маводди «Sputnik Тоҷикистон» мубаддал гардидаст. Масалан, дар бораи пианинанавози 10-солаи тоҷик Самир Абдураззоқов якчанд маводдро омода кардааст. Самир Абдураззоқов набераи ҳунармандони машҳури тоҷик Ҳабибулло Абдураззоқов ва Шарофат Рашидова буда, падар ва модараш ҳам ҳунарманди тоҷиканд, ки ҳоло дар Шветсия мактаби мусиқии худро доранд. Дар маводди «Тоҷик буданашро нагуфтанд: ранҷиши корбарону посухи падари Самир ва шабакаи аввали Русия» баъд аз иштироки Самир Абдураззоқов дар барномаи «Лучше всех!» омода гаштааст. Тоҷикон дар сомонаҳо аз ишора нашудани миллати Самир нигаронӣ намуданд. Падари Самир ҳам ҳамфикр буданашро иброз намуд, вале намояндагони Шабакаи аввали Русия қайд намуданд, ки вақти танзими барнома ба ин паҳлуҳо аҳаммият намедиҳанд.

Максим Галкин ровии барнома Самирро аз Шветсия гӯён муаррифӣ кард. Нисор Абдураззоқов падари Самир баъди барнома дар Фейсбук навишт, ки дар суҳбат бо Самир сухан аз Тоҷикистон зиёд буд, аммо вақти танзим бурида шуд. Намояндаи «Sputnik Тоҷикистон» бо падари Самир суҳбат карда, асли воқеаро пурсон шуд: «Ман хеле мехостам, ки дар барнома қисмате монад, ки Самир худро тоҷик мегӯяд» [495]. Инчунин ӯ қайд намуд, ки Максим бо Самир сӯҳбати тӯлоние дошта, аз Самир миллати ӯро мепурсад ва Самир ҷавоб додааст, ки албатта худро тоҷик меҳисобад. Волидони Самир зодаи Тоҷикистонанд ва бобою бибиаш дар Тоҷикистон ҳунармандони номианд. Ба қавли Нисор писараш Самир ҳар ҷое ки ҳунарнамоӣ мекунад, ӯ на танҳо Шветсия, балки Тоҷикистонро низ муаррифӣ мекунад.

Маврид ба зикр аст, ки дар муаррифии миллатҳо ҳунармандон нақши бориз доранд ва ҳунарнамоии онҳо дар саҳнаҳои ҷаҳонӣ боиси афзудани нуфузу

эътибори миллат мегардад. Дар баробари ҳунармандон ва варзишгарон имрӯз зебосанамон низ бо иштирок дар намоишҳои байналхалқӣ муаррифгари миллат ва давлати худ мешаванд. Дар озмуни зебоии «Miss Tourism World» соли 2018, ки дар Ҷумҳурии мардумии Чин баргузор гардид, Сабрина Зуҳурова зебосанами тоҷик ширкат намуд. Ӯ ба «Панҷгонаи беҳтарин»-и озмуни мазкур шомил мегардад, вале хоҳиши дар саҳна бо «бикини» рақсиданро ба далели барои духтари тоҷик номуносиб будан рад мекунад. Дар маводди «Сабрина Зуҳурова дар бораи хонадоршавӣ ва «тарк»-и озмунҳои зебоӣ гуфт» сабабҳои дигар дар озмунҳои зебоии байналмилалӣ ширкат накарданро баён намуд. «Сабрина афзуд, ки барояш аз тоҷ дида, шарафу номус муҳимтар аст» [473]. Тавре Сабрина иқрор мешавад, чунин тасмими ӯ дар пайи шарҳҳои зиёди ҳамватанон дар саҳифаҳои расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ гирифта шуд. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Дӯстмурод Бобоев «шахси муосир дар олами зиёди иттилоотӣ зиндагонӣ мекунад» [14, с. 39] ва тасдиқи ин гуфтаҳоро мо дар мисоли мазкур маълум намудем.

Варзишгарон низ дар муаррифии миллат ва давлати худ саҳми бузург доранд ва «Sputnik Тоҷикистон» ҳамеша ҳаёти варзишгарони тоҷик дар Тоҷикистон ва хориҷаро инъикос менамояд. Тамоми чорабиниҳои варзишии кишвар ва чорабиниҳое ки варзишгарони тоҷик ширкат менамоянд, дар расонаи «Sputnik Тоҷикистон» нашр мегардад. Дар баробари инъикоси ҳаёти варзишгарони номии кишвар инчунин дар муаррифии варзишгарони ҷавон низ расонаи мазкур саҳм мегузорад. Мисоли ин хабари соҳиби медали тилло гардидани шоҳмотбози навраси тоҷик Сабрина Абророва дар Русия ва бо 8 хол ҷойи дуюмро сазовор гардидани дастаи Тоҷикистон дар V-умин Бозиҳои ҷаҳонии наврасон (World Junior Compatriot Games), ки дар шаҳри Ханти-Мансийски Русия баргузор шуд. «Вай дар 11 даври мусобиқа соҳиби 10.5 хол гардид, яъне дар 10 давр ғалаба карда, 1 бозиро мусовӣ анҷом дод» [514]. Сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» доир ба комёбиҳои Сабрина Абророва дар мусобиқаи қаҳрамонии Осиёи Ғарбӣ, яъне боз соҳиби 2 медали нуқра гардиданаш дар мусобиқаи шаҳри Деҳлии Ҳиндустон иттилоъ додааст.

Теъдоди маводди муаррифгари тоҷикон пас аз оғози амалиёти ҳарбии Русия ба муқобили Украина дар сомонаи «Sputnik» каме коҳиш ёфт, зеро инъикоси авзои Русия ва амалиёти ҳарбии он аҳаммияти бештар пайдо карданд. Ҳамлаи террористии рӯзи 22 марти соли 2024 дар толори консертии Крокус Сити Ҳолли шаҳри Маскав, ки дар натиҷа беш аз 140 нафар кушта шудаанд ва садҳо нафар ҷароҳат бардоштанд. Вобаста ба парвандаи Крокус аз 20 муттаҳам 18 нафар боздошт шуданд, ки бештарашон зодагони Тоҷикистонанд ва «Sputnik Тоҷикистон» ба рӯйдоди мазкур бештар таваҷҷуҳ намуда, маводди фаровон чоп намуд. Дар расонаҳои кишварҳои Ғарб, бахусус радиои «Озодӣ» иттилооти муқобили мавқеи Маскавро дар робита ба амали террористӣ, бахусус гумонбарони тоҷики он паҳн намуданд. Дар интернет даъватҳои зиддитоҷикӣ ва зиддимуҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби баъзе аз русҳо бештар нашр гашта, амалиёти вижаи мақомоти қудратии рус бар муқобили муҳоҷирон, махсусан тоҷикон роҳандозӣ гардид. Руҳияи миллатгароӣ ва муҳоҷирбадбинӣ дар ҷомеаи рус афзоиш ёфт. Дар ин масъала муҳаққиқ М. Муқимов ба ин назар аст, ки «Барангехтани кина ё адоват истифодаи оммавии ғояҳоеро дорад, ки ба эҷоди низоъ байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, миллӣ, ва динӣ нигаронида шудааст» [325, с. 76]. Воқеан ҳам расонаҳо дар нифоқангезӣ васеъ истифода мешаванд. Дар ҳоле ки бештари расонаҳои русӣ ба паҳн намудани афкори зидди ғайрирусҳо машғул мегарданд, расонаҳои ғарбӣ ва дигар кишварҳои муқобили Русия баръакс руҳияи русбадбинӣ ва ё русҳаросиро дар саросари олам, махсусан кишварҳои пасошуравӣ таблиғ менамоянд.

Муҳаққиқ М. Муқимов ҷой доштани табъиз ва миллатгароӣ дар расонаҳои Русияро тасдиқ намуда, муайян кардааст, ки «дар Федератсияи Русия барои барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ нисбат ба Тоҷикистон, ду маротиба камтар ҷазо пешбинӣ шудааст» [325, с. 79]. Муҳаққиқи мазкур тахмин менамояд, ки шояд ҳамин сабукии ҷавобгарӣ омили афзоиши чунин ҷиноятҳо гардидааст. Ба андешаи мо дар баробарии ин омилҳои дигар низ ҷой доранд. Баъзе ҳизбҳои сиёсӣ, сиёсатмадорон ба хотири ҷонибдории бештар пайдо намудан дар ҷомеаи

Русия ҳадафмандона ба барангезии масъалаҳои миллӣ даст мезананд. Омили дигар равона кардани таваҷҷуҳи ҷомеа аз масъалаҳои муҳимми Русия ба масъалаҳои миллӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад, то ки пеши роҳи афзоиши норозиён аз ҳокимият гирифта шавад.

Сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» дар ҷавоб ба расонаҳои Ғарбӣ дар хусуси ҳаёти ду гумонбари амали террористӣ мавод интишор намуд. Аз ҷумла, дар хусуси собиқаи ҷиноии гумонбаршаванда Фаридуни Шамсиддин чунин хабар дод: «бо ҳукми суди ноҳияи Ҳисор ба шаш сол равонаи зиндон» [511] шуда буд. Ҳамчунин дар ин мавод атрофи муҳоҷирати меҳнатии ӯ дар Русия ва сафараш ба шаҳри Истанбули Туркия дар аввали соли 2024 ва алоқамандиаш бо созмонҳои террористӣ иттилоъ дода мешавад. Ҳамчунин мусоҳиба бо волидайни афроди гумонбар дар амали террористӣ дар Крокус аз тариқи сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» нашр гардид, то ки расонаро ба яктарафа инъикоси ҳодиса айбдор нанамоянд. Ин ҷо журналист меъёрҳои этикаи касбиро низ риоя намудаст. Дар хусуси риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ муҳаққиқ С. Гулов чунин назар дорад: «риояи меъёрҳои этикаи касбӣ аз талаботи муҳимми фаъолияти журналистон мебошанд» [241, с. 36].

Роҳбарият ва баъзе аз масъулони Русия оқибатҳои нохуби бегонаситезӣ дар ҷомеаи русро дарк карда, русҳоро ба таҳаммулпазирӣ ва худдорӣ аз миллатгароӣ даъват намуданд. Аз ҷумла, Сергей Наришкин яке аз ҳадафҳои ҳамлаи террористӣ дар Крокусро нақзи ҳамоҳангии миллатҳо дар ИДМ номид. Ҳамзамон Владимир Путин, президенти Русия, зимни муроҷиати худ ба шаҳрвандон қайд кард, ки «дар паси ҳамлаҳои террористӣ дар манотиқи мухталифи ҷаҳон на танҳо гурӯҳҳои тундгаро, балки хадамотҳои вижаи баъзе аз кишварҳо низ даст доранд. Мақсади онҳо вайрон кардани асосҳои конститутсионӣ ва ноором кардани давлатҳои соҳибихтиёр, инчунин барангехтани кинаю адоват байни миллатҳо ва динҳо аст» [418].

Сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» на танҳо навигариҳои марбут ба амали террористии Крокусро инъикос намуд, балки силсилаи маводдро аз фаъолияти ҷамъиятҳои тоҷикони Русия, сафорати Тоҷикистон дар он кишвар, ҳамдардии

мақомоти Тоҷикистон ва фаъолони ҷумҳурӣ ба зарардидагони ҳамлаи террористӣ ва ҷониби Русия, ҳамкории мақомоти тоҷик бо мақомоти қудратии Русияро нашр намуд. Кормандони «Sputnik Тоҷикистон» вазъияти ҳассосро дарк намуда, дар маводди худ кӯшиш менамуданд ба иғвогарӣ ва кинаю адоватангезӣ миёни миллатҳо боис нагарданд. Дар ҳамон рӯзҳои аввали ҳодиса хабари корнамоии писарбачаи тоҷик дар Крокус ситиро нашр намуданд: «Як зодаи Тоҷикистон бо номи Бунавшоҳ Эркин шаби ҳамлаи маргбор ба Крокус Сити Хол як марди оғӯшта дар хунро наҷот дод» [443]. Вақте кормандони меҳмонхонаи «Aquarium» аз амалиёти террористӣ воқиф гашта, маҳалли кории худро тарк карданд, Бунавшоҳ меҳмонхонаро тарк накард ва то омадани кормандони милитсия ҳамроҳ бо ҷабрдида истод ва ба қадри имкон мадад расонид. Инҷо қавли муҳаққиқ Зеленина Е.В. дар хусуси он ки журналистика «аз одами хурд имкони ба қаҳрамони замон табдил доданро дорад» [253] тасдиқи худро ёфт.

Инчунин «Sputnik Тоҷикистон» таъзияномаҳои созмонҳои гуногуни ҷамъиятии тоҷикон дар Русияро нашр намуд, ки «ба хонавода ва наздикони кушташудагон дар ҳамлаи террористӣ дар Маскав изҳори ҳамдардӣ баён карданд» [496]; «Мо мардуми бародарем: Дар Маскав «Шаби дӯстии Русияву Тоҷикистон» баргузор шуд» [440].

Аз таҳқиқи расонаи «Sputnik Тоҷикистон» чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки сиёсати иттилоотии он пеш аз ҳама ба имиҷсозии кишвари Русия равона гардида, рақобат барои азхуднамоии фазои иттилоотӣ бо радиои «Озодӣ» барои аудиторияи тоҷик аст. Радиои «Озодӣ» кӯшиш менамояд, ки вазъи муҳоҷирони тоҷик дар Русияро бадтар ҷилва намояд ва ҳисси русбадбиниро дар ҷомеаи тоҷик, бахусус насли нав густариш диҳад. Дар сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» баръакси ин ҳол ба мушоҳида мерасад ва он кӯшиш менамояд, ки ба муқобили иттилои сомонаи радиои «Озодӣ» муборизаи иттилоотӣ барад. Сомонаи мазкур доир ба вазъияти Русия, тағйирот дар қонунҳо ва дигар асноди Русия барои муҳоҷирони корӣ ва хориҷиён, усулҳои қонунии фаъолияти корӣ дар Русия барои муҳоҷирон, ҳаёти муҳоҷирон дар ин кишвар, махсусан ҳаёти оилаҳои шаҳрвандии Русияро гирифта, маводди мусбат инъикос менамояд. Ҳамзамон

воқеаҳои нохуш, фалокат, нақзи ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик дар Русия ва ҷиноятҳое ки нисбати муҳоҷирон дар ин кишвар рӯй доданд, дар сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» ба таври доимӣ ва бо ҷонибдорӣ аз мавқеи Русия инъикос карда мешавад, то ки душмани иттилоотии онҳо радиои «Озодӣ» аз он сӯйистифода нанамояд. Пайгирии қазияи қатли Ҳувайдо Тиллозода ва мурофиаи судии айдоршаванда дар давоми якчанд сол аз тариқи «Sputnik Тоҷикистон» далели ин гуфтаҳост.

«Sputnik Тоҷикистон» дар хусуси тоҷикони муваффақи олам солҳои пеш маводди зиёд интишор мекард ва ҳоло таваҷҷуҳ бештар ба тоҷикони Русия равона гардидааст. Лозим ба ёдоварист, ки қабл аз «Sputnik Тоҷикистон» радиои «Озодӣ» лоиҳаи нашри мавод дар хусуси тоҷикони дар хориҷа муваффақгаштаро ба роҳ монда буд. Чунин мавод таваҷҷуҳи аудиторияи тоҷикро бештар ҷазб менамояд ва аз ин рӯ, «Sputnik Тоҷикистон» низ аз ин таҷриба истифода намуд. «Sputnik» солҳои охир бештар ба муаррифии тоҷикони Русия машғул аст ва ин ҳадафи сиёсӣ дорад, зеро Русия аз ҳисоби тоҷикон ва дигар халқҳои собиқ кишварҳои Шуравӣ мехоҳад вазъи демографии Русия ва масъалаи норасоии кадрҳо, махсусан сарбоз ва афсаронро дар сарзамини худ ҳал намояд. Новобаста ба амали террористӣ дар Крокус бо иштироки зодагони Тоҷикистон нашри мавод дар бораи мавзеъҳои сайёҳии Тоҷикистон дар сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» ҳамоно идома дорад. Ҳарчанд дар сомонаи «Sputnik» ва баъзе расонаҳои русӣ матлабҳои зиддимиллатгароӣ дар ҷомеаи рус нашр ва кинаю адоват миёни халқҳо, махсусан руҳияи зиддитоҷикӣ маҳкум гашта бошад ҳам, бархе аз корбарони одӣ ва доираҳои манфиатдор дар шабакаҳои иҷтимоӣ ошкоро ба миллатгароӣ даст зада, баъзе аз муҳоҷирони кории тоҷикро озор доданд.

Дар раванди таҳқиқ ҳамчунин маълум шуд, ки маводди манфӣ дар бораи Тоҷикистон ва миллати тоҷик нисбат ба солҳои қаблӣ дар хабару гузориш ва маводдҳои таҳлилии «Sputnik» нисбати зодагони Тоҷикистон камтар гаштааст. Аммо чунин ҳолат доимӣ буда наметавонад, зеро фаъолияти «Sputnik» ва дигар расонаҳои Русия аз авзои замон, муносибати давлатҳо ва дигаргуниҳо дар сиёсати иттилоотии Русия вобастагӣ доранд. Масалан, «ҳодисаи аз дасти

кӯдакдузд дар шаҳри Маскав наҷоти кӯдак» [408] рӯзи 24 июли соли 2024 аз ҷониби муҳоҷирбачаи тоҷик – Муҳаммадҷонро расонаҳои Русия инъикос накарданд. Дар ҳамин ҳол аз ҳодисаи дарафтодани муҳоҷири тоҷик ва ӯзбек ба вакили парлумони Русия дар шаҳри Самара хабарҳо дар расонаҳои русӣ зиёд нашр шуданд.

Аз таҳқиқ собит гардид, ки муаррифии миллатҳо дар расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар замони муосир ҳанӯз ҳам аз масъалаи ҷиддӣ ба ҳисоб меравад, зеро нисбат ба журналистони касбӣ корбарони шабакаҳои интернетӣ фаъолтар гардида, дар масъалаҳои миллӣ, барангехтани кинаю адовати миллию динӣ зиёдаравӣ мекунанд.

3.3. Муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ

Журналистикаи байналхалқӣ давра ба давра ташаккул ёфта, гуногунпаҳлу гардид, ки он натиҷаи фарогирии мавзуъҳои бештар ва васеъшавии соҳаи инъикос мебошад. Журналистикаи байналхалқии муосир бештар хусусияти универсалӣ дошта, навигариҳои тамоми соҳаҳо ва мавзуъҳоро инъикос менамояд. Ба ибораи дигар, инъикоси авзои ҷаҳон ва навигариҳои гуногун хосси журналистикаи ахбории байналхалқӣ аст, аммо журналистикаи соҳавӣ низ дар ҳавзаи журналистикаи байналхалқӣ хеле рушд намудааст. Фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ ва сомонаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, фароғатӣ ва амсоли он далели ин андеша мебошад.

Журналистикаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои ояндадори журналистика маҳсуб ёфта, он ба журналистикаи байналхалқӣ алоқамандии зич дошта, яке аз самтҳои муосири журналистикаи байналхалқӣ ба шумор меравад [292, с. 28]. Таваҷҷуҳ ба ягон соҳа ё масъала аз тарафи ВАО беҳуда набуда, дар заминаи нақшаи муайян ва аҳдофи муассисон роҳандозӣ мегардад. Қабл аз он ки ба саволҳои «Чаро дар журналистикаи байналхалқӣ ба соҳаи сайёҳӣ рӯ оварданд?» ва «Чӣ

журналистони байналхалқиро ба инъикос ва тарғиби сайёҳӣ водор намуд?» ҷавоб ҷустан зарур аст, моҳияти масъала баррасӣ гардад.

Сайёҳӣ ба қавли муҳаққиқ Искандарӣ Насруллоҳ «саноати даромаднок» [184, с. 4], яъне яке аз соҳаҳои сердаромадтарини ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад ва барои баъзе давлатҳо манбаи асосии даромад мебошад. Аз ин рӯ, давлатҳо талош доранд, ки соҳаи сайёҳиро рушд намуда, сафи сайёҳонро ба кишварашон афзоиш диҳанд. Аслан ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI таҳаввулоти сиёсии олам пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва густариши ҷаҳонишавӣ, бахусус вусъат ёфтани доираи фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар тамоми олам такони ҷиддӣ бахшид. Иттиҳоди Шуравӣ давлати пӯшида ба шумор мерафт, зеро омаду рафти сайёҳони хориҷӣ ба ин давлат мушкил буд ва сафари сайёҳони дохилӣ ба хориҷа сахт назорат мешуд. Новобаста ба талаботи зиёд матбуоти сайёҳӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ кам буда, мувофиқ ба идеологияи Шуравӣ амал мекард, оламро якҷониба инъикос менамуд ва дар хусуси аҷоибот ва пешравии кишварҳои дигар хеле кам мавод нашр мекард. Ба андешаи муҳаққиқи рус Юлия Ростовская «чунин холигоҳро маҷаллаи «Вокруг света» кӯшиши пурра намуданро дошт, ки бештар ба сайёҳатҳои байналхалқӣ нигаронида шуда буд» [353, с. 38].

Ҳоло давлатҳо ба хотири беҳтар намудани имиҷи байналхалқии кишварашон ва ширкатҳои сайёҳӣ барои рушди тиҷорат ба ҳамкории бештар бо ВАО-и байналхалқӣ рӯ оварданд. Зеро то кадом андоза инъикос гаштани имкониятҳо ва захираҳои сайёҳии олам дар расонаҳои байналхалқӣ ба пешрафти соҳа таъсири бузург мерасонад.

Муҳаққиқони рус дар пайравӣ ба муҳаққиқони Ғарбӣ журналистикаи сайёҳиро «Трэвел-журналистика» меноманд, зеро дар доираҳои касбӣ чунин истилоҳро қабул карда буданд. Ба назари муҳаққиқи рус Н. В. Кривсов «мафҳуми аз забони англисӣ гирифташуда кӯтоҳ ва фаҳмо аст» [268, с. 349].

«Трэвел-журналистика», яъне журналистикаи сайёҳӣ ба журналистикаи соҳавӣ дохил мешавад. Дар журналистикаи сайёҳӣ журналист асосан атрофи сафарҳояш, мавзеъҳои сайёҳӣ, вазъият ва дурнамои соҳаи мазкур ба аудитория

мавод омода менамояд. Истифодаи унсурҳои дигар илмҳо низ дар журналистикаи сайёҳӣ ба назар мерасад ва ҳиссаи донишҳо ва маълумоти илмӣ вобаста ба он аст, ки мавод ба кадом самт равона гардидааст. Агар маводди журналист ба таърихи пайдоиши ин ё он мавзеъ бахшида шуда бошад, пас дар чунин мавод маълумоти таърихӣ фаровон истифода мегардад. Агар дар хусуси олами ҳайвонот ва набототи мавзеъҳои сайёҳӣ журналист иттилоъ диҳад, донишҳои ҷуғрофӣ ва табиатшиносӣ дар мавод корбаст мегардад. Ҳангоми муаррифии миллатҳо ва халқиятҳои ҷудогона журналист метавонад аз донишҳои мардумшиносӣ истифода намояд. Ҳарчанд истифодаи маълумоти таърихӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ, санъат, урфу одатҳои халқҳо, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар соҳаҳо дар журналистикаи сайёҳӣ маҳдуд нест, вале онҳо ҳамчун пуркунанда хидмат менамоянд. Маҳорати нигорандагӣ ва суханварии журналист дар журналистикаи сайёҳӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Шӯру шавқи эмотсионалии журналист дар бораи мавзеи сайёҳӣ, инъикоси баланди манзараҳо ва истифодаи усулҳои муосири намоишгарӣ дар журналистикаи сайёҳӣ хеле муҳимманд. Ба андешаи Л.Г. Вихорева «бо ёрии журналистикаи сайёҳӣ одамон бо ҷаҳон ошно мешаванд ва аз таърихи кишварҳои хориҷӣ бохабар мегарданд» [234, с. 454].

Трэвел-журналистика ҳарчанд истилоҳи нав дар журналистикаи байналхалқии муосир бошад ҳам, решаи он ба умқи таърихи чандинҳазорсолаи инсоният рафта мерасад. Намунаҳои аввалини онро аз адабиёти шифоҳӣ, нақлу ривоятҳо, қиссаҳо, афсонаҳо ва достонҳо пайдо кардан мумкин аст. Инчунин аз адабиёти классикӣ даҳҳо асарҳоеро пайдо намудан мумкин аст, ки ҳамчун саромади журналистикаи сайёҳӣ баромад карда метавонанд. Метавонем сафарномаҳои адибон, сиёсатмадорон, ҳарбиён, тоҷирон, олимон ва сайёҳонро низ ҳамчун сарчашмаи пайдоиши публитсистикаи сайёҳӣ эътироф намоем. Ба қавли муҳаққиқ Н. Бозоров: «Сафарнома дар адабиёти тоҷик таърихи хеле қадима дорад» [15, с. 4]. Аз ҷумла, асари «Ҳудуд-ул-олам» (муаллифаш номаълум), «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, ёддоштҳои сайёҳон ва боз даҳҳо асари дигар мисол шуда метавонанд. Ба андешаи муҳаққиқи эронӣ

Насруллоҳи Искандарӣ «Сафарнома»-и Носири Хисрав «намунаи очерки сафарии асримиёнагист» [49, с. 59]. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки журналистикаи сайёҳӣ нахуст дар адабиёт ба шакли сафарнома зуҳур намуда, бо пайдоиши матбуот ба он гузашта, бо рушди ВАО ва дигар воситаҳои коммуникатсионӣ умумиҷаҳонӣ гаштааст.

Сарфи назар аз он ки дар асрҳои гузашта сафарҳои тӯлонӣ душвор ва гарон буданд, вале олимон, сайёҳон ва журналистон ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Одамон ба хондани сафарномаҳо ва очеркҳои сафарӣ хеле мароқи зиёд доштанд, зеро тасаввуроти онҳо ба ҷаҳон, миллатҳо, кишварҳо маҳз тавассути ҳамин гуна мавод пайдо мегашт. Сайёҳӣ ба шуғли доимии бархе аз одамон табдил ёфт ва бо пайдоиш ва ташаккулёбии соҳаи ҷаҳонгардӣ ва инъикоси ин соҳа дар ВАО журналистикаи сайёҳӣ низ аз зуҳури худ дарак дод. Зеро дар баробари сафарномаҳо, очеркҳои сафарӣ дар матбуот боз нашрияҳои махсус ба ин соҳа бахшидашуда таъсис ёфтанд. Аз ҷумла, маҷаллаи илмӣ - оммавии «Нешнал ҷеографик» мисоли ин гуфтаҳо шуда метавонад, ки соли 1888 ташкил шуда, ҳоло дар баробари матбуот дорои телевизиони ҳамноми худ аст.

Дар миёнаҳои асри XX сайёҳони чехӣ И.Ганзелка ва М. Зикмунд тамоми ҷаҳонро тай кардаанд. «Аз натиҷаи сафари онҳо филмҳо, гузоришҳо барои радио ба 11 забон омода шудаанд, ки ба онҳо шуҳрати ҷаҳонӣ овард» [369].

Журналистикаи сайёҳӣ тавсифгари кишварҳою миллатҳои ҷаҳон буда, аксар вақт ин таҷрибаи шахсии муаллиф дар сафар аст, ки саргузаштҳояшро ба аудитория нақл менамояд. Журналисти сайёҳӣ бояд дар бораи он чизе нависад, ки ба одамон наздик аст, то онҳо ӯро бифаҳманд. Навиштан дар бораи саёҳатҳои худ ин як роҳи ҷолиб аст. Нақлҳои журналисти сайёҳӣ метавонанд дар бораи сокинони маҳаллӣ бошанд, ки дар роҳ ӯро пешвоз гирифтаанд, ё ин ки дар бораи ҳайвонот ё объектҳои меъморӣ. Нависандаи амрикоӣ муаллифи чандин китоб дар мавзуи сайёҳӣ Пол Теру фарқи байни маводди доир ба сайёҳӣ навишташуда аз адабиёти бадеиро ба он монанд мекунанд, ки «чизеро бо чашм мебинӣ ва ё чизеро дар тасаввуроти худ меофарӣ» [170, с. 14].

Журналистикаи сайёҳӣ аз доираи жанри ёддошт ва эссеҳои сайёҳӣ баромада, ба тамоюлоти зудтағйирёбандаи ҷомеа мутобиқ шуда, ба пеш ҳаракат мекунад ва ҳоло дар расонаҳои муосир ҷойгоҳи худро дорад. Ҳамин тавр, трэвел-журналистон ба «роҳбалади олами саёҳат» [120, с. 5] табдил меёбанд. Бояд гуфт, ки журналистикаи сайёҳӣ на ҳама вақт ба анъанаҳои маъмули журналистӣ пайравӣ мекунад ва аксар вақт қолабшиканӣ дар он ба назар мерасад. Масалан, ахбор ба аудитория ба таври фароғатӣ низ пешкаш карда мешавад. Ногуфта намонад, ки фароғат бахшидан дар баробари иттилоъ додан яке аз вазифаҳои журналистикаи сайёҳӣ ба шумор меравад.

Муҳаққиқи амрикоӣ Ян Борм дар шинохти трэвел-журналистика ба ин назар аст, ки тамоми матнҳои гуногуншакле ки асоси онро сайёҳӣ ташкил медиҳанд, «метавонем ба журналистикаи сайёҳӣ нисбат диҳем» [145, с. 13].

Сарфи назар аз он, ки на ҳама трэвел-журналистикаро ҷиддӣ қабул мекунад, ин шохаи журналистика дар офариниши симои фарҳангии миллатҳо, муаррифии фарҳанг ва анъанаҳои гуногун ва тавассути иттилоот ба пайвандии миллатҳо талош менамояд. Дар замонҳои пеш аудиторияро ба ҳайрат овардан осонтар буд, зеро шумораи ками одамон метавонистанд берун аз кишвари худ сафар кунанд. Акнун сафар ба дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ осон шудааст, зеро иртиботи нақлиётии зиёд фаъол аст. Ширкатҳои сайёҳӣ дар таҳияи аснод ва ташкили сафарҳо мададгори сайёҳон гаштанд. Имрӯз сайёҳон аксар вақт дар бораи таассуроташон аз сафарҳо қайдҳо, аксҳо ва сабтҳои кӯтоҳи видеоиро дар интернет мегузоранд. Баъзеҳо ҳатто дар шарҳҳо бо муштариёни худ тамос гирифта, маслиҳат медиҳанд, ки дар куҷо истанд, ба куҷо сафар кунанд.

Трэвел-журналистика табиатан синтетикӣ мебошад, зеро он на танҳо фароғати аудитория, балки маърифатро ҳам дар бар мегирад, ба аудитория донишу далелҳои навро дар бораи ҷаҳон меомӯзонад. Ҳамин тавр, трэвел-журналистика самти махсусест, ки вазифаи он пешниҳод намудани иттилоот дар бораи ҳаёт, фарҳанг, таърих, урфу одат, анъана ва санъати кишварҳои гуногун мебошад. Бояд қайд кард, ки журналистикаи сайёҳӣ на танҳо дар ВАО-и анъанавӣ рушд меёбад, балки аз ҳама бештар дар интернет равнақ ёфтааст.

Интернет ва блогосфера дар рушди журналистикаи сайёҳӣ низ нақш доранд. Андешаи мазкур тасдиқи худро дар мақолаи муҳаққиқи рус А.А. Бобров ёфтааст: «ташаккули низоми чандрасонаӣ дар журналистикаи муосир ба рушди журналистикаи сайёҳӣ низ мусоидат намуд» [225, с. 55]. Имрӯзҳо блогҳои сайёҳӣ хеле маъмуланд, ки ба аудитория имкон медиҳанд, ки на танҳо бо ҷузъи матнии мавод шинос шаванд, балки видео тамошо кунанд ва сабтҳои аудиоиро гӯш кунанд. Журналистикаи сайёҳӣ як соҳаи махсуси журналистика мебошад ва дар навбати худ И.В. Показаниева чунин мешуморад, ки ба истеъмолкунандаи васоити ахбори омма «маълумоти сайёҳатӣ медиҳад» [346].

Бояд қайд кард, ки журналистикаи сайёҳӣ соҳаи васеи мавзуӣ мебошад, ки муаллиф дар интихоби мавзуъ хеле озод буда метавонад. Дар журналистикаи сайёҳӣ ҳатто имконияти баррасии масъалаҳои астрономӣ ва диние мавҷуд аст, ки ба ҳаёти одамони мавриди таваҷҷуҳ дахл доранд. Журналисти сайёҳӣ метавонад ба масъалаи баррасишаванда аз нуқтаи назари гуногун муроҷиат намояд. Ҳангоми сафар журналист ҷойҳои навро меомӯзад ва ба онҳоро ба аудитория муаррифӣ мекунад, ба одамони дигар кишварҳо, ҳолати равонӣ ва фаъолияти онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Журналистикаи сайёҳӣ воситаи муҳимми таблиғи дониш дар бораи дигар кишварҳо ва халқҳо, густариши иртиботи байналмилалӣ мебошад, ки ин нуктаро муҳаққиқ Л.Г. Вихорева ҷонибдорӣ намуда чунин иброз намудааст, ки яке аз вазифаҳои асосии журналистикаи сайёҳӣ «ба вуҷуд овардани эҳтиром» [235, с. 95] нисбат ба ҳамдигар дар зеҳни одамони миллатҳои гуногун аст. Ҳамзамон ин соҳаи журналистика аҳаммияти афзояндаи функсияи ҳамгироӣ ва иртиботиро дар ҷаҳони муосир пайдо намуда, он ба самти тиҷоратӣ бештар майл дорад. Ин асосан бо сабабҳои объективӣ, аз ҷумла омилҳои иқтисодӣ ва инчунин тамоюли умумии ҳаракати ВАО ба мавзуъҳои фароғатӣ вобаста аст.

Самтҳои ташаккулёбии журналистикаи сайёҳиро метавон чунин тасниф намуд:

а) тафсири сайёҳатҳо, ки иборат аз обуранги бадеӣ ва тавсифи хабарнигории рӯйдодҳои муҳим ва ҷолиби сафар;

б) қайдҳои сафар – ёддоштҳои журналисти дар сафар бударо эссеи сайёҳӣ номидан мумкин;

в) ҳисобот – баёни муфассал ва натиҷагирӣ аз сайёҳат;

г) шарҳ – падидаҳои мушоҳидашавандаи соҳаро тавсиф медиҳад;

д) тавсия – маводди дорои ин нишонаҳо бештар хусусияти таблиғотӣ дошта, то андозае аз рекламаи пӯшидаи фармоишӣ ва ё аз таваҷҷуҳи шахсии журналисти сайёҳӣ сарчашма мегиранд, зеро табъ ва завқи аудитория ба майлу хоҳиш ва манфиати журналист ҳамеша созгор нест. Бинобар ин рӯзноманигорони сайёҳӣ бояд бодиққат бошанд, хулосаҳои саросемавор набароранд ва албатта «роҳи дурусти ҷамъоварии маълумотро интихоб намоянд» [117, с. 32].

Функсияҳои журналистикаи сайёҳӣ то андозае ба вазифаҳои журналистикаи анъанавӣ мувофиқат мекунанд. Тавре қайд кардем, функсияҳои фароғатӣ, фарҳангӣ, коммуникатсионӣ ва таблиғотӣ -истинодӣ дар журналистикаи сайёҳӣ бештар маъмул мебошанд. Дар навбати худ, матнҳои марбути саёҳат нақшҳои таълимӣ ва ҳам амалиро иҷро мекунад.

Имрӯзҳо дар ВАО раванди азбайнравии бархе жанрҳо, пайдоиши жанрҳои нав ва ё омезиши онҳо, қолабҳои нав ҷараён дорад ва ҳатто жанри баъзе аз маводди журналистиро муайян намудан мушкил гаштааст. Трэвел-журналистикаи муосир намунаи олии ин раванд буда, «сарҳади байни жанрҳоро муайян намудан мушкил аст» [173, с. 8].

Омезиши жанрҳо дар маводди журналистикаи сайёҳӣ ба назар мерасад, ки «барномаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ унсурҳои «филмҳои ҳуҷҷатӣ» -ро доранд» [346]. Инчунин баъзе унсурҳои барномаҳои таълимӣ, ток-шоуҳои тафреҳӣ бо иштироки баранда, реалити-шоу, сериал ва навори рекламавӣ низ дар барномаҳои телевизионӣ доир ба саёҳат вуҷуд доранд. Ровии барнома доимо аз як ҷо ба ҷойи дигар сафар мекунад ва дар чунин барномаҳо ҳунари актёрии ровӣ хеле муҳим аст, зеро бинандаро ӯ аз паси худ ба сайри ҷаҳон мебарад. Ҳамзамон баранда ҳамчун роҳнамо баромад карда, аудиторияро ба қабули иттилоот омода месозад ва масъули болидаруҳии тамошобинон буда, ба тамошобоб гаштани барнома саҳми бузург дорад.

Дар барномаҳои сайёҳии муосир ду раванд бештар ба назар мерасад: аввалан, барномаҳо барои аудиторияи муайян омода ва пахш мегардад. Дуюм, таваҷҷуҳи аудиторияро ба барнома тавассути ҷалби ашхоси машҳури ҷомеа – ҳунармандон, сарояндагон, олимон, шоуменҳо, сиёсатмадорон, тоҷирон зиёд менамоянд. Барномаҳои сайёҳӣ дар худ вобаста ба хости муаллифон хислати ҳуҷҷатнокӣ, тафреҳӣ ва истеъмолиро доранд ва онҳо меомӯзонанд, тафреҳ медиҳанд ва ё кумак менамоянд.

Дар қолаби ҳуҷҷатӣ барномаҳои сайёҳӣ ба нашри иттилооти маърифатӣ майл намуда, вазифаи онҳо иттилоърасонӣ ва маърифатбахшӣ ба тамошобинон аст. Дар чунин барномаҳо баранда шахсияти машҳур ва шинохта аст. Дар барномаҳои мазкур бештар маълумоти ҷуғрофӣ, таърихӣ, наворҳои бойгонӣ ва аксҳо истифода мешаванд. Иштирокдорони бевоситаи рӯйдод – сокинони маҳаллӣ, коршиносон ё намояндагони ҳокимият буда метавонанд, ки барои рангорангии барнома мусоидат менамоянд.

Дар қолаби намоиши тафреҳӣ ба тамошобин ҳамчун дӯст муроҷиат карда мешавад. Баранда ба тамошобинон дар доираи барномаи тафреҳӣ аз ошпазӣ оғоз намуда, то барномаҳои бозӣ ба саргармсозии аудитория машғул мегардад. Ҳаҷв дар чунин барномаҳо мавқеи намоён дорад.

Дар қолаби барнома барои истеъмолгарон ба аудитория ҳамчун муштариён муроҷиат менамоянд. Чунин барномаҳо шавқмандии тамошобинонро ба саёҳат бештар намуда, доир ба маконҳои истироҳатӣ маълумот медиҳад. Хислати истеъмолии барнома онро ба реклама наздик менамояд, зеро манзараҳои дилфиребро намоиш медиҳад, доир ба вақтгузаронӣ, таомпазӣ, интихоби хушгузаронӣ ва иттилооти сайёҳӣ маслиҳатҳои заруриро медиҳанд. Ҳамин тавр низоми истеъмолии барномаҳои сайёҳӣ тамошобинонро ба истеъмолгари хизматрасониҳои сайёҳӣ табдил медиҳад.

Мавқеи журналистикаи сайёҳӣ дар ВАО-и байналхалқӣ ҳоло хеле пеш рафтааст. Дар аксар маврид муҳаққиқон зимни пажуҳиши фарҳанги хориҷиён ва инъикоси симои онҳо дар ВАО-и миллӣ ба муҳтавои маводди рубрикаҳои байналхалқии матбуот ва ё ба бахши ахбори байналхалқии телевизион таваҷҷуҳ

менамоянд. Аз ҳама бештар истифода гардидан ва ё «ҳоким» будани жанри муайяни журналистӣ дар телевизион аз маҳбубияти онҳо дар бозори тафреҳӣ вобастагӣ дорад.

Барои ВАО-и муосир ахбори байналхалқӣ хеле камаҳаммият гардидааст, ба истиснои навигариҳои ҷангҳо ва офатҳои табиӣ. Аммо офаридани симои «дигарон» аз қолаби барномаҳои анъанавии ахборӣ ва дигар мавод берун мемонад, зеро дар филмҳои муосир, сериалҳо, реалити-шоуҳо ба афзоиши шуҳрати самтҳои муайян дар соҳаи сайёҳӣ, муаррифии кишварҳо аз ҷиҳати мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва ҷойгоҳи мусбат ё манфии онҳо дар арсаи байналхалқӣ таваҷҷуҳ карда мешавад. Барои боз ҳам беҳтар дарк намудани равандҳои гуногунсамти ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла барои муҳаққиқони ВАО зарур аст, ки ба трэвел-журналистика низ таваҷҷуҳ намоянд. Таҳқиқи ин самт бисёре аз нозукиҳои раванди ҷаҳонишавиро муайян менамояд, ки ба назари аввал ноаёнанд, аммо ба зиндагии ҳаррӯзаи мо таъсир мерасонанд.

Инъикоси фарҳангҳои бегона дар асри ҷаҳонишавӣ ба андешаи муҳаққиқи амрикоӣ Элфрид Фюрзих «ба ҷомеа таъсири амиқ дорад» [152, с. 80]. Вазифаи журналисти сайёҳ аз расонидани таҷрибаи дигарон иборат аст ва он бо воситаи пешниҳоди ҷанбаҳои нави ягон фарҳанг ва ҳаёти кишваре ба аудитория мебошад. Муҳаққиқи дигари амрикоӣ Карл Сантос дар мавриди трэвел-журналистҳо ба ин назар аст, ки онҳо «пули иртиботи фарҳангӣ» [164, с. 397] мебошанд, ки иттилоотро аз як фарҳанг ба дигар интиқол медиҳанд. Барои барномаҳои сайёҳии муосир хислати гуногунрангӣ хос аст, зеро барнома аз омехтагии якчанд сужаи саёҳати 10-15 дақиқагӣ иборат буда, наворҳо ҳамдигарро зуд-зуд иваз менамоянд, аммо тамошобин танҳо ҳамон навори ҷолиб ва ҳайратоварро дар хотир нигоҳ медорад. Чунин тарзи пахши барнома дар зеҳни одамон таассуроти нодурустро доир ба журналисти сайёҳ ба вуҷуд оварда метавонад, ки чи тавр як шахс дар як лаҳза дар гӯшаи олам асту як лаҳза пас дар дигар гӯшаи он. Ҳамзамон ҳама журналисти сайёҳро донандаи тамоми олам медонанд, ки андеша низ пурра дуруст буда наметавонад.

Трэвел-журналистика ба ташаккули ҷаҳонбинии аудитория дар хусуси олам ва фарҳангҳо таъсири беҳамто дорад ва дар натиҷа қолабишавии донишҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, тавассути ахбор ва барномаҳои гуногуни ВАО симои одамони қитъаи Африқо ҳамчун қафомондатаринҳо ҷилва дода шудааст, аммо дар ин қитъа кишварҳои сарварманд ва қудратманд кам нестанд. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ дорои силоҳи ҳастаӣ буд ва аз доштани он даст кашид.

Ба фаъолияти трэвел-журналистика ҷаҳонгардӣ ва ҷаҳонишавӣ хеле таъсири бузург доранд. Рушди ҷаҳонгардӣ дар охири асри XX дар пайи тағйирёбии низоми сиёсии ҷаҳон, яъне фурӯпошидани Иттиҳоди Шуравӣ ва густариши ҳамкории кишварҳо ба афзудани гурӯҳҳои сайёҳон ва дигаргун шудани муносибатҳои байналхалқӣ оварад расонд. Омӯзиши трэвел-журналистика дар иртибот ба соҳаи сайёҳӣ ба дарки дурусти ҷараёнҳои фаъолияти ВАО-и муосир, ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа низ мусоидат менамояд.

Ахбори ВАО на танҳо ба афзоиши сайёҳон мусоидат намуд, балки дар асоси он муҳоҷирон ва гурезагон низ ба кишварҳои дорои имкониятҳои хубӣ сайёҳӣ рӯ оварданд, зеро дар он кишварҳои барои онҳо ҷойи кор пайдо намудан осонтар намуд. Соҳаи сайёҳӣ яке аз бахшҳои асосии иқтисоди ҷаҳон гардид ва бо шарофати он аз соли 1975 инҷониб маҷмуаи маҳсулоти дохилӣ дар тамоми олам ба таври миёна 4 фисад афзоиш дорад. «Мувофиқи тахминҳои муҳаққиқон то соли 2030 шумораи сайёҳон дар рӯйи Замин ба 1,8 млрд нафар мерасад» [430].

Ҷамъияти трэвел-журналистон гуногун аст. Масалан, дар миёни онҳо журналистоне ҳастанд, ки барои ВАО-и маъмулӣ мавод омода месозанд ва боз ҳастанд журналистони озод-фрилансерҳо ва блоггерон, ки барои сомонаҳо ва дигар ВАО маводро мефурӯшанд. Баъзе аз фрилансерҳо ва блоггерони саёҳатнигор ба ҷамъиятҳои касбӣ, ба монанди Ҷамъияти ҷуғрофидонҳои Русия, Ассосиатсияи трэвел-журналистони Амрикои Шимолӣ ва ғайра аъзо ҳастанд. Ҳамчунин ба трэвел-журналистика ҷуғрофидонҳо, сайёҳон, экологҳо ва одамони одӣ низ машғул мегарданд, ки саёҳатро дӯст медоранд.

Дар ВАО ба афзоиши таваҷҷуҳи аудитория ва рекламадиҳандагон ба соҳаи сайёҳӣ аҳаммият дода, маводди зиёди тарғиботиро вобаста ба соҳаи мазкур омода ва паҳн намуданд. Дар замони муосир телевизионҳои моҳворавии сайёҳӣ бештар гаштанд. Масалан, «Travel Channel», «GEM Treval» ва амсоли онҳоро метавон номбар кард. Ин ҷо дар бораи шабакаи ТВ «Глазами туриста» ва ғайраро метавон мисол овард, ки он ҷо маводди блогерон дар бораи сайёҳӣ пахш мегардад, ки на ҳамеша касбӣ таҳия шудаанд. Албатта, шарҳи ин наворҳо андешаи субъективии муаллифон аст. Инчунин дар шабакаҳои глобалии телевизионӣ низ барномаҳои сайёҳӣ омода ва пахш мегарданд.

Дар хориҷа аз мафҳуми «трэвел-райтер» низ истифода менамоянд, ки маънои сафарноманависро дорад. Аммо ин мафҳум аз журналистика дида бештар ба адабиёт наздиктар аст. Сароғози ин соҳаи журналистикаро метавон жанри очерки сафарӣ донист. Дар замони муосир на ҳамаи идораҳои ВАО очеркнависони штатӣ доранд, ки доир ба саёҳат нависанд ва аз ин рӯ, мухбирон ва фрилансерҳо ба ин кор машғуланд. Трэвел-журналист на ба адабиёт, балки пеш аз ҳама ба журналистика сарукор дорад. Тавре медонем, дар очеркҳои сафарӣ аз унсурҳои адабиёт истифода бурдан мумкин аст ва муаллиф метавонад баъзе лаҳзаҳоро аз обуранги бадеӣ диҳад, аммо дар маводди трэвел-журналисти муосир ин унсурҳо хеле кам истифода мегарданд, зеро хонандаи муосир бештар ба воқеият назар меандозад. Ба андешаи муҳаққиқон Э. Дэнис ва Ҷ. Мэррилл фарқи журналистика аз адабиёти бадеъӣ дар он аст, ки «эҳсосотро канор гузошта, факт ва андешаро аз ҳам ҷудо менамояд» [25, с. 177]. Аммо ба фарқ аз журналистикаи анъанавӣ дар журналистикаи сайёҳӣ баёни эҳсосоти муаллиф, барандаи барнома ва таъсиррасонӣ ба эҳсосоти аудитория зиёд ба назар мерасад. Сарфи назар аз ин баъзе трэвел-журналистон аз аксҳо, наворҳо ва матнҳои дар интернет гузоштаи сайёҳон истифода мебаранд ва ҳатто нафароне ҳам пайдо гаштанд, ки ба ҷое сафар накарда, дар асоси маводди дигарон ва сомонаҳо доир ба дигар кишварҳо мавод омода месозанд. Чунин мавод дар маҷаллаҳои рангаи занона бештар истифода мегардад. Трэвел-журналистика на ҳамеша ба анъанаҳои маъмули журналистика содиқ аст ва на ҳамеша аҳаммияти ҷамъиятӣ

доштан ё надоштани маводро ба назар мегирад. Аз ин ҷиҳат, трэвел журналистика миёни реклама ва шоу дар калавиш аст. Асосан трэвел-журналистика ҷанбаҳои сайёҳиро бо мақсади иттилоотӣ ва вақтгузаронӣ баён менамояд, ки хеле кам дар худ ҷанбаи таҳлилиро дорад. Трэвел-журналистика ҳанӯз дар худ номаълумиҳои зиёд дорад, зеро соҳа ба пуррагӣ таҳқиқ нашудааст.

Дар трэвел-журналистика ҷанбаи молиявии фаъолияти он хеле муҳим аст, зеро бесармоягузорӣ идома ёфтани кори трэвел-журналист ғайриимкон аст. Сафар ба кишварҳои дур ва машғул шудан ба фаъолияти журналистӣ дар он ҷо ба сармоягузорӣ эҳтиёҷ дорад. Танҳо як қисми ками идораҳои ВАО ба журналист сафархарҷии кишвари хориҷаро пардохт менамоянду халос, чунки аз ҷиҳати молиявӣ чунин иқтидорро надоранд ва агар дошта бошанд ҳам, намехоҳанд барои муаррифии кишваре аз ҳисоби редаксия маблағе харҷ намоянд. Аз ин рӯ, маводди сайёҳӣ аз тарафи ширкатҳои сайёҳӣ, агентиҳои тарғиботӣ ва кишварҳои пазиранда маблағгузорӣ мегардад. Чунин тарзи кори трэвел-журналистон аз пайи худ мушкилот низ дорад, ки он хусусияти ахлоқиро доро мебошад. Яке аз масъалаҳои баҳснок дар он аст, ки оё ба журналист ё муаллифи маводди сайёҳӣ барои амали худ маблағ гирифтан мумкин аст ё не? Идомаи саволи мазкур он аст, ки аудитория аз ин амали журналист огоҳ карда шавад ё на? Бештари трэвел-журналистон ба ин назаранд, ки саёҳати бепул барои анҷоми кори онҳо лозим аст ва «он ба сифати мавод таъсире надорад, зеро онҳо воқеиятро таҳриф намекунанд» [155, с. 70].

Ташкилотҳое фаъолият доранд, ки бо ширкатҳои телевизионӣ дар самти рушди туризм ҳамкорӣ менамоянд. Этикаи журналистӣ чунин тарзи фаъолиятро ҳамчун реклама эътироф менамояд, аммо агар манфиатҳои шабакаи телевизионӣ, ширкати сайёҳӣ ва тамошобинон ба ҳам созгор бошад, журналистон гузашт менамоянд ва барномаҳо омода месозанд.

Сохторҳои давлатӣ ҳамчун сарпарасти сайёҳати трэвел-журналистон бо мақсади тарғиби самти сайёҳӣ ва созмон додани имиҷи мусбати кишвари худ барномарезӣ менамоянд. На ҳамаи кишварҳо таҷрибаи бойи истифода аз имкониятҳои пресс-турҳои журналистонро доранд. Аз ин рӯ, ҷаласаҳои бисёр ва

нишастҳои матбуотии тӯлонӣ барои трэвел-журналистон чандон натиҷаи хуб намеорад, чунки онҳо ба ҷаласаҳо банд гашта, минтақаҳои сайёҳӣ ва маконҳои дилфиребро ба навор гирифта наметавонанд. Дар натиҷа маводди журналистон нусхабардорӣ аз ҳамдигар мегардад. Чунин вазъият барои созмондиҳандагон ягон суде намеорад ва онҳо маблағҳои худро ба бод медиҳанд.

Дар телевизионҳои тоҷик низ тақлид намудан ба барномаҳои сайёҳии дигар шабакаҳои телевизионӣ ҷой дорад. Масалан, «журналист Нуралӣ Шоев солҳои 2006 - 2012 ҳамчун муаллиф ва ровии барномаҳои «Тоҷикистон – хонаи ман» дар телевизиони «Сафина», «Сайри олам», «Сайри меҳан», «Нобиғаҳои миллат» ва ғайраҳо дар телевизиони «Тоҷикистон» фаъолият намудааст» [302, с. 106]. Барномаи «Сайри олам»-ро ӯ аз ҷараёни сафарҳояш ба хориҷа омода мекард, ки дар тақлид ба барномаҳои сайёҳии телевизионҳои Русия таҳия мегашт.

Миёни муҳаққиқон чунин назаре ҳаст, ки бештари журналистони дар барномаҳои сайёҳии бепул ширкатнамуда, ба таърифи кишвари сафаркардаашон дода мешаванд. Саёҳати бепул ва ҳуҷраи барҳаво дар меҳмонхона ва ҳамзамон кумаки роҳбаладон ба сифати маводди журналистон бетаъсир намемонад ва дар мавод натиҷаи он бараъло намоён мешавад. Аммо маводде ки бо сарпарастии ношир омода мешаванд, нисбат ба маводди аз тарафи касе, ширкате ва ё давлате сарпарастӣ гардида хеле ҷаззоб, самимӣ ва табиӣ мебароянд. Аз тарафи дигар ноширон талаб менамоянд, ки мавод доир ба сайёҳӣ бояд хонданибоб бошад ва хароҷоти сафарро пӯшонда тавонад. Ҳамин тавр трэвел-журналистонро фишори ошкоро ва пӯшида ҳамеша пайгирӣ менамояд, ки ҳисси қарздории журналистро дар назди муҳаррир ва ё ҷониби кишвари даъваткарда ба вуҷуд меорад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки тамоми трэвел-журналистон аз ширкатҳои сайёҳӣ ва хадамоти сайёҳӣ намояндагӣ намуда, фаъолияти онҳоро инъикос менамоянд. Чандин намунаҳои журналистикаи илмӣ-оммавӣ мавҷуд аст, ки дар назди аудитория обрӯи хосса доранд. Масалан, маводди маҷалла, сомона ва телевизиони National geographic ва «Вокруг света», барномаҳои шабакаҳои телевизионии Discovery ва «Моя планета» мисоли гуфтаҳои болоянд. Зимни таҳқиқи трэвел-журналистика метавон ба ин назар расид, ки дар ин бахши

журналистикаи байналхалқӣ пеш аз ҳама ба ҷанбаи молиявӣ аҳаммият дод, зеро он ба воқеият таъсир мерасонад. Ин яке аз омилҳои муҳимме аст, ки трэвел-журналистикаро метавонад туъмаи зудҳазми рекламадиҳандагон гардонад. Аз ин ҷо мушкилоти этикии трэвел-журналистика оғоз меёбад ва барои ин нигоҳ доштани тавозун миёни фишори ширкати сайёҳӣ ва кӯшиши ба воқеият мутобиқ пешниҳоди мавод ҷой дорад.

Барномаҳои сайёҳӣ ҳамчун маводди глобалии телевизионҳо дар худ ба андозаи кам ё зиёд ҷанбаи сиёсӣ, идеологӣ ва дигар амсоли онро доро мебошанд. Ҳамин тавр барномаҳо аз қабл дар қолабе тарҳрезӣ гардида, симои ровии барнома, муҳтавои муаррифии фарҳанги хориҷӣ ва захираҳои молиявии аз он ба дастоянда ба назар гирифта мешавад. Шореҳ дар барномаи сайёҳӣ доир ба таасуроти худ аз сафарҳо ва ҳаёти одамон, урфу одатҳои миллатҳоро қайд намуда, дар баробари муаррифии кишварҳо оид ба масоили фарҳангӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва равобити байналмилалӣ дахл менамояд ва ҳамзамон ба вазъи сайёҳӣ баҳогузорӣ низ менамояд. Аммо дар ҳамин ҳол дар барномаҳои тафреҳӣ ва илмӣ -оммавӣ ширкатҳои тиҷоратӣ на ҳамеша ба инъикоси воқеият ҳавасманданд ва онҳоро танҳо даромади зиёд писанд аст.

Сайёҳӣ ба яке аз соҳаҳои сердаромади иқтисоди бархе кишварҳо табдил гашта, рақобат миёни кишварҳо дар самт афзоиш ёфтааст. Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳ ба журналистикаи сайёҳӣ низ бештар гардида, он як соҳаи даромадноки журналистика гардид. Рушди журналистикаи сайёҳӣ барои кишварҳое, ки дар ҷалби бештари сайёҳон талош доранд, амри зарурӣ аст. Зеро маҳз журналистикаи сайёҳӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки кишвар ва имкониятҳои сайёҳии онро дар байни сайёҳон ва ҷаҳониён тарғиб намояд. Истифода аз имкониятҳои ВАО-и сайёҳӣ ба рушди сайёҳии кишварҳо хеле мусоид ва ивазнашаванда мебошад. Таҷрибаи кишварҳои дунё нишон дод, ки онҳо маҳз тавассути ВАО дар боло бурдани сатҳи соҳаи сайёҳии кишварашон ба муваффақият ноил гардиданд.

Журналистикаи сайёҳӣ кишварҳою миллатҳои ҷаҳонро муаррифӣ менамояд, ки аксар вақт ин тасвири шахсии муаллиф ва саргузаштҳои ӯ низ мебошад. Рӯзноманигори сайёҳӣ бояд дар бораи он чизе, ки ба одамон наздик

аст, нависад, то онҳо ӯро бифаҳманд. Навиштан дар бораи саёҳатҳои худ хеле ҷолиб аст. Ҳикояҳо метавонанд дар бораи сокинони маҳаллӣ бошанд, ки дар роҳ пешвоз гирифтаанд, ё ин ки дар бораи олами ҳайвонот ё объектҳои меъморӣ.

Журналистикаи сайёҳӣ як самти сермавзуъ, бисёржанр ва мураккабест, ки ба мавзуи махсуси баррасӣ, тавсиф, таҳлил, яъне иттилооти марбут ба сафар ва сайёҳӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ, журналистикаи сайёҳиро метавон як ихтисоси васеъ арзёбӣ кард, ки таърих, ҷуғрофиё, санъат, гастрономия, этнография ва ғайраро дар бар мегирад. Масалан, дар доираи «сайёҳӣ» аллакай як бахши алоҳидаи «гастрономӣ» [268, с. 347] ба воя расидааст, ки ба нӯшокиҳо ва таомҳои мамлакатҳо ва халқҳои гуногуни ҷаҳон бахшида шудааст.

Журналистикаи сайёҳӣ ба ташаккули тасаввуроти муайяни ҷаҳон ва тасаввурот дар бораи фарҳангҳо ба аудитория таъсир мерасонад. Гузашта аз ин, журналистикаи сайёҳӣ бо соҳаи сайёҳӣ робитаи қавӣ дорад ва ин соҳа ба равандҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонад, ки дар навбати худ боиси афзоиши таваҷҷуҳи илмӣ ба соҳаи «ҷомеашиносӣ ва антропологияи байналмилалӣ мегардад» [151, с. 55]. Бояд қайд намуд, ки трэвел-журналистика ва ҷаҳонишавӣ алоқамандии зич дошта, густариши ҳамгироӣ миёни давлатҳо ба рушди он мусоидат менамояд. Ҳангоми пажуҳиши трэвел-журналистика набояд танҳо таваҷҷуҳ ба ҷанбаи журналистии он бошад, балки ба бахшҳои мухталифи дониш низ аҳамият дод, ки дар ҷавҳари он мавҷуданд. Дар трэвел-журналистика унсурҳои фарҳангшиносӣ, этнография, таббохӣ, гиёҳдармонӣ, ҷомеашиносӣ, равобити байналхалқӣ, таърихнигорӣ ва дигар соҳаҳо ба андозаи кам ҳам бошад вуҷуд доранд.

Журналистикаи сайёҳӣ ба худшиносии миллии мардум таъсир мерасонад, иттилоотро аз як заминаи фарҳангӣ ба контексти дигар табдил медиҳад ва дар шуури аудитория симои муайяни фарҳангҳои гуногунро ташаккул медиҳад. Дар ин хусус профессори коллеҷи Бостон Элфрид Фюрсич қайд менамояд, ки муаррифии дигарон тавассути ВАО, яъне фарҳангҳои хориҷӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ «таъсири ҳалкунанда доранд» [152, с. 60]. Нақши рӯзноманигори сайёҳ дар мубодилаи таҷрибаи «дигарон»: яъне кашф кардани он чизи «нав» дар

кишваре ё фарҳанге ва алоқамандсозии ин «навгонӣ» бо пойгоҳи донишҳои мавҷудаи аудитория мебошад. Карла Сантос, профессори Донишгоҳи Иллинойс қайд мекунад, ки рӯзноманигорони сайёҳ «пайвандгарони иҷтимоӣ-фарҳангӣ» [164, с. 397] мебошанд, ки иттилоотро аз як контексти фарҳангӣ ба контексти дигар табдил медиҳанд.

Журналистика ба муносибати одамон, ҷамъиятҳо ва давлатҳо аз замони зуҳури худ то ба имрӯз таваҷҷуҳ дошт ва дорад. Инчунин журналистика қудрати ба онҳо таъсир расонданро низ дорад, ки дар натиҷа муносибатҳо метавонанд, рушд ёбанд ва ё гусаста гарданд. Журналистикаи сайёҳӣ дар табиати худ аксаран ба васлгарӣ майл дорад, вале то кадом андоза чунин аст, масъалаи ҳалношуда ва ё мавзуи пурра баррасӣ нагашта мебошад. Зеро як гурӯҳ трэвел-журналистон ба фарҳанг, таърих ва анъанаҳои халқҳои гуногун таваҷҷуҳ намояд, дигарон бошад ба тасвири табиати нотакрори кишварҳо машғуланд.

Даромади баъзе давлатҳо аз ҳисоби туризм хеле зиёд ва сайёҳӣ бахши асосии иқтисоди онҳо ба ҳисоб меравад, махсусан Макао, Малдив, Сейшел ва ғайра. Ҳиссаи бахши сайёҳӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ тақрибан 35% -ро ташкил медиҳад. Давлатҳо кӯшиш менамоянд ин соҳаи сердаромадро бештар вусъат дода, буҷаи худро ғанӣ гардонанд. Вобаста ба ин масъалаҳои рушди ҷолибияти кишварҳо ва инкишофи туризм яке аз мавзуъҳои муҳим боқӣ мемонанд. Ҳалли ин масъала дар баробари беҳтар намудани инфрасохтори сайёҳӣ ба ташаккули имиҷи кишварҳо низ вобастагии бузург дорад. Дар ташаккули имиҷи сайёҳии кишварҳо ВАО нақши асосиро мебозанд.

Як қатор олимон дар таҳқиқоти худ «ҷозибаи сайёҳӣ» -ро аз мавҷудияти «ҷойҳои аксбардорӣ», беназирии намоиши сайёҳӣ (ҳам биноҳои таърихӣ ва ҳам манзараҳои табиӣ) қайд намуданд, ки ба сайёҳон ҳолати равонии махсуси эмотсионалӣ, қаноатмандии эстетикӣ аз сафарро мебахшанд.

Трэвел-журналистон ҷолибияти сайёҳиро барои ҷалб кардани сайёҳон истифода мебаранд ва бештари онҳо аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ ва давлатҳо барои ин амалашон ҳавасманд гардонида мешаванд, ки ин ба муҳтавои мавод бетаъсир наемонад ва ҷанбаи таблиғии мавод меафзояд. Афзоиши ҷараёни

сайёҳӣ дар заминаи маводди ВАО асоси воқеӣ дорад, зеро сайёҳонро ба ҷойҳои мусоид барои аксбардории манзараҳои зебо роҳнамоӣ мекунад.

Воқеан ҳам ҷолибияти сайёҳӣ бо қобилияти қонеъ кардани ниёзҳои муштарӣ – сайёҳ пайвандии зиёд дорад. Нишондиҳандаҳои ҷолибияти сайёҳии мамлакатҳо аз сиёсати давлат дар бахши сайёҳӣ, хусусиятҳои миллӣ, инфрасохтор, арзиши вақтхушӣ, шароити экологӣ ва амният иборат мебошанд. Дар муаррифии ин паҳлуҳои сайёҳӣ нақши ВАО зиёд аст. Рақобат бо кишварҳои пешсаф дар соҳаи сайёҳӣ ҷиҳати ба дастовардани сайёҳон хеле осон нест ва маҳз журналистони сайёҳ бо интишори маводди ҷолиб метавонанд, дар ин самт ба ширкатҳои сайёҳӣ ва кишварҳо мадад намоянд. Бояд ёдовар шуд, ки журналистикаи сайёҳӣ дар бораи фарҳангҳои гуногун, умуман ҷаҳон мавод ба нашр мерасонад, ҷаҳонбиниро тағйир медиҳад, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки «хонанда дар бораи кишвар таассуроти пурра ва боэътимод дошта бошад» [100, с. 74].

Дар тамоми давру замони журналистика ҳамчун пули иртиботӣ миёни тамаддунҳо, миллатҳо ва кишварҳо фаъолият мекунад. Ҳарчанд истифодаи ВАО ҳамчун воситаи ҷанги иттилоотӣ низ ҷой дорад, вале онро барои амалӣ намудани мақсади пок, муаррифии давлатҳо, миллатҳо, густариши равобит, мустаҳкам намудани муносибатҳо метавон истифода кард. Муаррифии кишварҳо аз инъикоси ҳаёти онҳо дар воситаи ахбори омма бисёр вобастагӣ дорад [285, с. 64].

Дарвоқеъ ахбори паҳнгардида на танҳо дар шинохт, балки ба имиҷи давлатҳо таъсири бевоситаи худро мегузорад, ки зарари он бениҳоят бузург аст. Бахусус барои кишварҳое ки ВАО-и пуриқтидор ва ҷаҳонӣ надоранд. Чунин ҳолат борҳо барои Тоҷикистон иттифоқ афтод ва яке аз онҳо нашри очерки сафарии «Таджикистан: из советского прозябания в светлое будущее» (Тоҷикистон: аз фаромӯшии шуравӣ то ояндаи дурахшон) хабарнигори махсуси «Комсомолская правда» Сергей Пономарёв аст. Ӯ ба Тоҷикистон сафар карда, дар санаи 16 июли соли 2016 очерки мазкурро нашр кард ва Тоҷикистонро «ватани Равшану Ҷамшудҳо» номид. Нашрияи «Комсомолская правда» низ зери сарлавҳаи мавод чунин қайд намуд: «Сергей Пономарёв мухбири махсуси мо ба

кишваре, ки ба Русия образи муҳоҷири Осиёи Марказиро туҳфа карда буд, сафар кард, то бо русҳои дар он ҷо боқимонда вохӯрад» [460]. Вале муаллиф аз рӯйи супориши редаксия амал накард, балки бо мақсади ҳаҷв ва манфӣ муаррифӣ намудани Тоҷикистон маводди мазкурро омода намуд. Таҳқири миллати тоҷик дар очерки мазкур хеле зиёд аст. Дар баробари каме васф кардани Тоҷикистон муаллиф боз таҳқирро идома дода, вазъи истироҳатгоҳҳои кишварро баҳогузорӣ намудааст. Муҳаққиқ М.Б. Шоҳиён ба ин назар аст, ки дар навиштаи журналист унсурҳои муҳокима-манфиат ва муҳокима таҳқир равшан аст. «Ӯ касбияти журналистӣ ва меъёрҳои этикиро вайрон намудааст, ки ба журналистикаи Россия таъсири манфӣ дорад» [392, с. 214].

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ назари баъзе аз сокинони Русия ва журналистони он ба собиқ ҳамватанони худ начандон хуб аст. Муҳаққиқ Дӯстмуроди Бобо дар ин маврид дуруст қайд намудааст: «Тоҷикистон ва тоҷикон дар маводди журналистони рус на ҳама вақт беғаразона ва бетарафона инъикос меёбанд» [224, с. 37].

Маҳз нашри очерки сафарии Пономарёв боис гардид, ки медиамагнати тоҷик Шарифи Ҳамдампур аз идомаи ҳамкорӣ бо «Комсомолская Правда» дар нашри замима даст кашад. Замимаи тоҷикистонии рӯзномаи «Комсомолская Правда» аз соли 2016 инҷониб нашр намешавад. Ба андешаи муҳаққиқ Х. Сафаров дар баъзе ҳолатҳо расонаҳои хабарии Русия фактҳоро таҳрифкорӣ намуда, «ҳангома сохтанӣ мешаванд, ки ин боиси хушунати байнидавлатӣ мегардад» [358, с. 58]. Маҳз маводди ғаразноки Сергей Пономарёв боис гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ранҷид ва Вазорати корҳои хориҷии Русия ба шаҳрвандонаш тавсия дод, ки зимни сафарҳои хориҷӣ бо назардошти фарҳанги мардуми ҳамон сарзамин амал кунанд, то мушкил пеш наояд. Дар тавсияномаи вазорат муайян карда шудааст, ки шаҳрвандони Русия дар кадом кишвар аз кадом амалҳо парҳез кунанд, то сабаби нороҳатӣ ва хашми сокинони маҳаллӣ нагарданд. Таъкид карда шудааст, ки русҳо зимни сафар ба Тоҷикистон арзишҳои миллӣ ва динии шаҳрвандони ин кишварро эҳтиром намуда, нисбат ба китоби «Қуръон» сухани бад нагӯянд. Дар Тоҷикистон ба арзишҳои мазҳабӣ,

сару либоси миллӣ бо тамасхур нигоҳ накунанд. Инчунин ба шаҳрвандони Руссия ҳушдор дода шудааст, ки ҳар сухани носазо вобаста ба тоқиву ҷомаи мардон, рӯймоли занон ва дар ҳаққи адабиёти исломӣ бахусус китоби «Қуръон» метавонад хашми сокинони маҳаллиро ба бор орад. Дар Тоҷикистон бо либоси боз оббозӣ кардани занон, ҳарфҳои тавсифомез ба занҳо аз ҷониби бегонагонро мардум қабул надорад.

Сарфи назар аз баҳси «Комсомолская Правда» имрӯзҳо расонаҳои сайёҳии русӣ дар муаррифии Тоҷикистон саҳмгузор ҳастанд, зеро иртиботи наздики Русия ва Тоҷикистон ва ҳамзистии муштараки беш аз якасраи халқҳои рус ва тоҷик таваҷҷуҳи онҳоро ба худ мекашад. «Сайёҳӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳам алоқаманданд» [268, с. 360], қайд менамояд муҳаққиқи рус Н.В.Кривтсов.

Бояд қайд кард, ки журналистикаи сайёҳӣ аксар вақт дар байни реклама ва намоиши саргармкунанда ҷойгир буда, ба аудитория миқдори ками маводди таҳлилиро пешниҳод менамояд, дар ҳоле ки журналистикаи ҷиддӣ бидуни он наметавонад вуҷуд дошта бошад. Барномаҳои сайёҳӣ вобаста ба мақсади муаллиф ба андешаи муҳаққиқ И. В. Показанева метавонанд: «хусусияти ҳуҷҷатӣ, фароғатӣ ё истеъмолӣ дошта бошанд» [346]. Пешниҳоди маълумот ба аудитория, фароғат бахшидан ва ё ёрӣ кардан ба сайёҳон ҳадафи барномаҳои сайёҳӣ мебошанд.

Дар ҳолати хусусияти ҳуҷҷатӣ доштани барнома ба тамошобин ҳамчун субъекти маърифатӣ муроҷиат мекунанд. Таваҷҷуҳ ба иттилооти таълимӣ бештар дода мешавад, вазифаи барнома маълумот додан ва равшанӣ андохтан барои бинанда аст. Одатан муҷрии чунин барнома шахси бонуфуз аст. Дар барнома далелҳои ҷуғрофӣ ва таърихӣ зикр шуда, аз сабтҳои бойгонӣ ва аксҳо истифода мешавад. Иштирокдорони бевоситаи чорабиниҳо – сокинони маҳаллӣ, коршиносон ё хабарнигорон-фаъолони муҳимме мебошанд, ки барои фаҳмидани ҳадафи барнома ёрӣ мекунанд. Дар реҷаи фароғатӣ, барнома ба тамошобин ҳамчун «дӯст» муроҷиат мекунад. Баранда ба тамошобинон телевизиони фароғатиро бо доираи васеи жанрҳои фароғатии худ пешкаш мекунад – аз барномаҳои сайёҳии табохӣ (кулинарӣ) то бозӣ ва намоишҳои саргармкунанда

(реалити) диққат ба фароғати одами миёна равона мегардад. Дар ин гуна барномаҳо ҳаҷв ҳамчун яке аз роҳҳои таъкиди тафовути «мо» ва «дигарон» ҷойи муҳиммро ишғол мекунад. Дар реҷаи мазкур барнома ба тамошобин ҳамчун «истеъмолкунанда» ишора мекунад. Ҳадафи коммуникатсионии барнома илҳом бахшидан ба тамошобин ба саёҳат, яъне фароғат аст. Реҷаи истеъмолии барномаро ба дастури таблиғотии ягон кишвар, минтақаи сайёҳӣ ва ё иншооти сайёҳӣ табдил медиҳад ва бо ин мақсад манзараҳои зебо намоиш дода мешаванд, имконият оид ба вақтхушӣ, ошхона ва дигар маълумот барои саёҳат пешниҳод мешавад. Ҳамин тариқ, тарзи истеъмолии барномаҳои сайёҳӣ бинандаро истеъмолкунандаи хидматҳои сайёҳӣ месозад. Мисоли барҷастаи чунин намоиш аз телевизиони «Пятнитса»-и Русия барномаи «Орёл и Решка» буда метавонад.

20-уми августи соли 2018 дар шабакаи «Пятнитса» барномаи «Орёл и Решка» Тоҷикистон ва шаҳри Душанберо намоиш дод. Мувофиқи тартиботи барнома, яке аз ровиён ду рӯзро бо сарфи 100 доллар гузаронида, дигаре аз корти тиллоӣ метавонад дилхоҳ маблағро масраф намояд. Ровиёни барномаи мазкур Настя Ивлеева ва Антон Птушкин аз кӯчаю хиёбон, боғҳо, марказҳои фарҳангӣ -фароғатӣ, бозорҳо ва дигар мавзеъҳои шаҳри Душанбе, маконҳои сайёҳии Варзоб, Сафеддара, НБО Норак, «Чилдухтарон» ва Яғноб дидан намуда, таассуроти худро бо эҳсосот баён менамоянд. Аз ҷумла, ровиён қайд карданд, ки Душанбе бисёр шаҳри сабз аст ва хиёбону кӯчаҳои ободу васеъ ва тоза дорад. Биноҳои бузургу боҳашамат Настяро ба ҳайрат оварда ва Антон Душанберо шаҳри қасрҳо номид. Журналистони сайёҳ бештар аз усули муқоисанамоӣ кор гирифта, мавзеъҳои Тоҷикистонро бо маконҳои қаблан дидаашон муқоиса карда, ба аудитория каму зиёдатӣ ва ё бартариашонро баён менамоянд. Масалан, вақте Антон ба бозори «Меҳргон» рафт. Ӯ бозори мазкуро бо «Тоҷ Маҳал» муқоиса карда, «Меҳргон»-ро «қасри хӯрока» [452] номид. Ӯ аз фаровонии меваҳо ба ҳайрат омада, хост каме мева харад, аммо вақте фурӯшандагон фаҳмиданд, ки ба Тоҷикистон меҳмон шудааст, меваҳоро ройгон доданд.

Журналистони сайёҳ аз усули баҳогузорӣ фаровон истифода менамоянд. Масалан, Настя пас аз истеъмоли хӯрок дар чойхонаи тоҷикӣ ҳамаи хӯрокҳои

миллиро писандид, вале ба таъсири онҳо ба саломатӣ бо як ҷумла баҳогузорӣ намуд: «Агар ман дар Тоҷикистон зиндагӣ мекардам, зани аз ҳама фарбеҳ мебудам» [452].

Журналистони сайёҳ инчунин ба бартарии як кишвар аз дигар кишварҳо ва ё як минтақаи сайёҳӣ аз дигар маконҳои сайёҳӣ таваҷҷуҳи бештар доранд ва ин хулосаи худро дар анҷоми барнома ҳатман ба тамошобинонашон пешкаш менамоянд. Аз ҷумла, Антон пас аз шабгузаронӣ дар манзили як сокини деҳаи «Меҳробод»-и ноҳияи Восеъ меҳмоннавозии соҳибхона ва ташкили сафари ӯ ба Ҳулбук саёҳаташ ба Тоҷикистонро чунин хулосабарорӣ мекунад: «Дороии Тоҷикистон дар табиат, одамон ва анъанаҳои мардумаш аст. Ҷони Тоҷикистон ҳамин аст. Ту ин ҷо сайёҳ не, балки меҳмоне ҳастӣ. Тоҷикистон бояд номи кумитаи сайёҳиашро ба кумитаи меҳмоннавозӣ тағйир диҳад. Ин кишвар маро сахт шигифтзада кард» [452].

Баъд аз нашри барномаи «Орёл и Решка» дар сомонаҳо гуфтугузор дар бораи намоиш надодани тамоми ҷойҳои боздиди ровиёни ин барнома зиёд интишор шуд ва баъдан масъулони барномаи телевизионии «Орёл и Решка» дар бораи Тоҷикистон ва пойтахти он шаҳри Душанбе бахши наверо нашр намуданд, ки пештар дар барнома ҷой надоштанд. Ҳамчунин муаллифони барнома пас аз дар телевизион мунташир шудани «Орёл и Решка» лаҳзаҳо ва саҳнаҳои аҷоиби дар Тоҷикистон дидаашонро ҷамъ оварда, барномаи дигаре омода кардаанд. Умуман ба фарқ аз Пономарёв муаллифони барномаи «Орёл и Решка иқлиму табиат, мардум ва анъанаҳо, махсусан меҳмоннавозии тоҷикистониёнро тавсиф намуданд.

Барномаҳои сайёҳӣ дар шабакаҳои телевизионии байналхалқӣ асосан ба ду категорияи тамошобинон равона мегардад:

1. Сайёҳоне, ки хоҳиши дидани аҷоиботи олам ва донистани ҷаҳонро мехоҳанд;

2. Тамошобиноне, ки асрори табиат, мавзеъҳои сайёҳӣ ва аҷоиботи ҳаёти одамони дигар кишварҳоро меписанданд.

Барномаҳои сайёҳӣ маҳз дар телевизион хеле рушд карданд ва аз пурбинандатарин барномаҳо ба шумор мераванд. Масалан, дар собиқ давлатҳои Шуравӣ ва Россия барномаи «Вокруг света» маҳбубияти хос дорад. «Вокруг света» барномаи сайёҳии шабакаи «Россия» мебошад, ки аз 26 феврали соли 2000 ин номро гирифтааст, пештар он бо номи «Планета Земля» таҳия ва пахш мешуд. Баъдан барнома дар телевизиони мустақили «Мир» («НТВ Мир») дар солҳои 2006-2009 идома ёфтааст. Соли 2010 барномаи мазкур номи «Моя планета»-ро гирифт ва аз соли 2011 инҷониб мунтазам бо номи ҳозирааш пахш мегардад. Дар тӯли фаъолияти барнома борҳо қолаб ва ровиёни он иваз шуданд. Барномаи «Вокруг света» борҳо дар мавриди Тоҷикистон гузоришҳо додааст. Муаллиф ва ровии барнома Михаил Кожухов аз Истаравшан, Хоруғ ва дигар шаҳрҳои Тоҷикистон дидан намудааст.

Азбаски барномаи «Вокруг света» бештар ҷанбаи маърифатӣ дорад, Михаил Кожухов дар сафари худ ба Бадахшони Тоҷикистон аввалан дар хусуси Помир каме ба тамошобинон иттилоъ дода, манзараҳои қуллаҳои баланди кӯҳҳои Помир, намои шаҳри Хоруғ ва ҷо-ҷо аз гашту гузори мардуми ин минтақа намоиш дод. Сипас ӯ ба хонаи Гелос ном сокини Хоруғ меҳмон гашта, дар хусуси хонаҳои сутундори бадахшӣ, моҳияти сутунҳо, урфу одати мардуми маҳаллӣ маълумот дод. Кожухов инчунин дар рафти барнома ҷараёни пухтани таоми миллии оши бурида аз орди нахӯдро намоиш дода, ба тамъи оши бурида баҳо дод. Сафари мазкур дар санаи 29 марти соли 2017 дар телевизион намоиш дода шуд. Дар барнома инчунин дар бораи чашмаҳо, зиёратгоҳҳо, одатҳои зиёрати мазорҳо, дуохонӣ, осиёбҳои сангин ва ҳаёти мардуми Бадахшон ба аудитория маълумот дода шуд. Бояд қайд кард, ки бисёре аз анъанаҳои миллӣ ва асбобҳои қадима дар навор ҷо гирифтанд ва ин нисбат ба барномаи қаблӣ хеле касбитар таҳия шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар сафари пешинаи худ Михаил Кожухов барномаро аз саёҳати шаҳри Истаравшан оғоз намуда, дар он гузориш аз бозори он шаҳрро манзури бинандагон гардонид. Дар ҷараёни барнома суҳбати Михаил Кожухов бо як чалпакпази бозори Истаравшан намоиш дода шуд, ки номи

тоҷикии хӯроки пухтаи худро намедонист ва онро бо забони русӣ «пирожки» меномид. Айнан чунин сужа боз дар ҳамон барнома аз Бадахшон нишон дода шуд. Барномаи «Вокруг света» дар гузориши худ аз Бадахшон навори омодасозии «ширчойро нишон доданд» [410]. Камбудӣ асосан аз ҷониби қаҳрамонҳои барнома буд, зеро онҳо бо қошуқи чӯбин чормағзро дар коса майда карданд ва ба саволи журналист дар хусуси доштани ягон асбоби майдакунандаи миллӣ чизе гуфта натавонистанд. Инчунин онҳо барои омода кардани ширчойи бадахшонӣ аз равғани маскаи «Рама» истифода намуданд ва боз ба саволи Михаил Кожухов дар хусуси равғани маскаи тоҷикӣ чизе гуфта натавонистанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳолати қаҳрамонҳои барномаи сайёҳӣ ва худи журналист аз маълумоти зарурӣ бехабар будан, зиндагии воқеӣ ва паҳлуҳои ҳаёти як миллат ба пуррагӣ ошкор намегардад. Дар зимн ин боис мегардад, ки тасаввуроти тамошобинон доир ба як миллат нодуруст шакл мегирад. Қаҳрамонҳои барномаи мазкур ду зани миёнасол буданд, ки бе ягон шарми тоҷикӣ дар тӯли гузориш доимо дар ханда буданд ва аз рафторашон маълум буд, ки онҳо ба хотири тариқи телевизион худро намоиш додан дар барнома ширкат доранд. Бараъло маълум буд, ки онҳо урфу одати мардуми маҳаллиро ба пуррагӣ намедонанд ва ҳам шояд аз муҳоҷират нав баргашта буданд, ки сару либосашон аз аврупоиҳо тафовуте надошт. Журналист бояд пеш аз омадан ба Бадахшон дар бораи он ҷо, урфу одат, таърих, фарҳанг ва хӯрокҳои маҳаллии он маълумоти фаровон ба даст меовард ва ҳамзамон дар интихоби қаҳрамони барнома ҷиддӣ мебуд ва онҳоеро ба навор мегирифт, ки таҷрибаи хуб ва аз асолати миллии худ огоҳ бошанд, на ҳар нафари пешомадаро.

Дар журналистикаи сайёҳӣ таваҷҷуҳ ба ёдгориҳои таърихӣ ва макони руйдодҳо низ мақоми хосса дошта, онро ҷаҳонгардии таърихӣ меноманд. Дар телевизионҳои байналхалқӣ ва кишварҳои пешрафта ба ин самти сайёҳӣ низ аҳаммияти бештар медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар таърихи журналистикаи тоҷик барномаи «Тоҷикони ҷаҳон»-и Саёҳат Неъматова аз Телевизиони Тоҷикистон метавонад ба категорияи ҷаҳонгардии таърихӣ ва ҳам ҷаҳонгардии сиёсӣ ворид шавад. Аз сабаби он ки таърихи муҳоҷират ва ё сукунати миллати

тоҷик дар хориҷаро аз тариқи барномаи мазкур намоиш доданд, онро метавонем ҷаҳонгардии таърихӣ номем. Аз он ҷиҳат барномаи мазкурро ҷаҳонгардии сиёсӣ номидан мумкин аст, ки барнома бахшида ҷашни 1100-солагии давлати аввалини тоҷикон – давлати Сомониён бахшида шуда буд ва ҳамзамон давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон мақсади ҷалби таваҷҷуҳи ҳамватанони бурунмарзӣ ба ҷумҳуриро дошт. Силсилаи барномаи мазкур ва барномаҳои баъдиро, ки бевосита аз ҷониби журналистони тоҷик таҳия ва пахш гаштанд, метавонем сароғози журналистикаи сайёҳии телевизионҳои замони Истиқлоли Тоҷикистон номем.

Муҳаққиқи эронӣ Насруллоҳи Искандарӣ сайёҳиро «ҷаҳонгардӣ» номидааст ва онро ба навъҳои зерин ҷудо кардааст: «ҷаҳонгардии тафреҳӣ, дармонӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, варзишӣ, мазҳабӣ, тиҷоратӣ, сиёсӣ, табиатгаро (экотуризм)» [49, с. 34].

Бояд қайд кард, ки саёҳати тафреҳӣ намуди хеле маъмули саёҳат аст ва одатан дар замони рухсатӣ ва ё мавсими гармо хеле рушд мекунад. Ҷаҳонгардии дармонӣ хосси беморон ва ё афроде аст, ки мехоҳанд ба маконҳои шифобахш, кишварҳое ки дармонпизишкӣ рушд кардааст, рафта, саломатии худро барқарор намоянд. Ҷаҳонгардии фарҳангӣ аз ҷумлаи навъҳои хеле фаъоли саёҳат мебошад, ки дар он гардишгарон ба маконҳои таърихӣ, осорхонаҳо, урфу одатҳои миллӣ, фарҳанг ва иҷтимоиёти кишварҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Ҷаҳонгардии иҷтимоӣ ин сафарҳои одамон ба хотири дидори ошноён ва пайвандонашонро дар бар мегирад, зеро бо сабабҳои гуногун хешу табори баъзе афрод ва ё дӯстонашон дар дигар мамлакатҳо зиндагӣ менамоянд. Ҷаҳонгардии варзишӣ бештар хосси варзишгарон ва афроди ба варзиш алоқаманд буда, кӯҳнавардӣ, дучархаронӣ, қаиқронӣ, пиёдагардӣ, шиноварӣ, давидан ва монанди инҳо ба сайёҳии варзишӣ шомиланд. Миёни мамлакатҳо ташкили мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ба хотири ҷалби меҳмонон рӯ ба афзоиш аст. Боздид аз маконҳои муқаддас, мазорҳо ва масоҷиду ибодатгоҳҳо, иштирок дар ҷашнҳо ва маросимҳои динӣ ҷузъи асосии ҷаҳонгардии мазҳабӣ маҳсуб мешавад. Иштирок дар чорабиниҳои иқтисодӣ, намоишгоҳҳои тиҷоратӣ ва чорабиниҳои ҳамранги

он ба сайёҳии тиҷоратӣ дохил мешавад. Маҳз ба ин хотир мамлакатҳо чорабиниҳои бузурги тиҷоратиро ташкил менамоянд. Сафар ба хотири иштирок дар чорабиниҳои сиёсии байналхалқӣ, семинар, конфронс ва маросими ба сари қудрат омадани сарварони кишварҳоро метавон ҳамчун ҷаҳонгардии сиёсӣ эътироф намуд. Тамошои аҷоиботи табиат ва муҳити зисти сокинони русто шуғли саёҳони табиатдӯст, яъне экотуристон аст.

Дар дунё кишварҳое ҳастанд, ки табиати нодир доранд, аммо ҳанӯз ба оламиён хуб муаррифӣ нашудаанд. Ба андешаи муҳаққиқ Н. Искандарӣ «Тоҷикистон аз қабили чунин кишварҳо маҳсуб меёбад» [49, с. 39]. Аз он замон чандин сол гузашт ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сайёҳон иншооти сайёҳиро беҳтар намуда, дар чорабиниҳои гуногуни дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ имконоти сайёҳии кишварро муаррифӣ намуда, натиҷаҳои хубро дар ин самт ба даст овард.

Давлатҳо ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба имиҷи байналхалқии худ ва ширкатҳои сайёҳии миллӣ ва байналхалқӣ ба хотири густариши даромаднокии худ ва васеъ намудани ҳавзаи фаъолият ба ҳамкории бештар бо расонаҳои байналхалқӣ ҳавасманд гардиданд. Зеро то кадом андоза инъикос гаштани имконот ва захираҳои сайёҳии олам дар расонаҳои байналхалқӣ ба пешрафти соҳа таъсири бузург мерасонад.

Рушди сайёҳӣ дар низоми равобити байналмилалӣ боиси ба ҳам наздикшавӣ, табодули назар байни сокинони кишварҳо ва минтақаҳои мухталиф мегардад. Сайёҳӣ ба пайдоиши равобити дӯстона миёни миллатҳо мусоидат намуда, ба ҳамкории осоишта замина мегузорад ва яке аз омилҳои пойдории сулҳ дар олам мебошад. Вақте сайёҳи хориҷӣ зимни боздид аз кишвари ташрифовардааш оид ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра иттилоъ мегирад, ба хулосае меояд, ки бархе аз иттилооте, ки тавассути ВАО-и хориҷӣ дар ватанаш нисбат он давлат паҳн мегардид, ба ҳақиқат наздик нестанд. Дар чунин вазъият на танҳо назари сайёҳ тағйир меёбад, балки ӯ метавонад воқеиятро ба дӯстон ва обуначиёни худ дар блог ва саҳифаҳои шахсиаш расонад. Ин амал боиси тағйири афкори сайёҳ ва тавассути маводди ӯ имиҷи кишвар метавонад

боло равад. Маҳз ҳамин хусусиятҳои сайёҳиро ба эътибор гирифта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва рушди соҳаи сайёҳиро беҳтар намуда, «ҳифзи ҳуқуқ, манфиатҳои сайёҳон ва субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, бехатарии шаҳрвандон ҳангоми саёҳат, истифодаи мақсаднок ва ҳифзу нигоҳдории муҳити зист, захираҳои сайёҳӣ ва ёдгориҳои фарҳангию таърихиро кафолат медиҳад» [2].

Дар баробари беҳтар намудани шароити қабули сайёҳони хориҷӣ ва фароҳам овардани сабукиҳо ба онҳо дар Тоҷикистон ба масъалаи рушди саёҳати дохилӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Сиёсати давлатиро дар соҳаи сайёҳии дохилӣ тавассути таҳия ва амалӣ сохтани стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ роҳандозӣ гардида, тарғиботи васеи сайёҳии дохилӣ тавассути ВАО, бахусус телевизионҳо густариш ёфтааст. Таваҷҷуҳ ба соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар доираи қабул гардидани солҳои 2019 ва 2021 ба унвони «солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» [455] равнақ гирифт. Соли 2020 5500-солагии яке аз ёдгориҳои қадимаи кишвар – шаҳри қадимаи Саразмро ҷашн гирифтанд ва ин чорабинӣ ба Тоҷикистон имкон дод, ки фарҳанги худро муаррифӣ намуда, аз ҷониби доираҳои илмии ҷаҳонӣ ба башар шинохта гардид.

Дар масъалаи рушди сайёҳӣ ва ҳамчун як кишвари сайёҳӣ муаррифи Тоҷикистон иқдомҳои зиёде амалӣ гардиданд ва маъракаи таблиғотии давлат оид ба таблиғи маҳсулоти туристӣ дар бозори ҷаҳонӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии МІТТ-2022 дар шаҳри Маскав ширкатҳои Тоҷикистон имконоти гардишгарӣ дар кишварро муаррифӣ намуданд. Дар ин намоишгоҳи байналмилалӣ намояндагони Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон ва чаҳор ширкати гардишгарии Тоҷикистон иштирок карданд. «Дар гӯшаи сайёҳии кишвар бартарияти рақобатнокии Тоҷикистон инъикос гардида буд» [441].

Ба рушди соҳаи сайёҳии кишварҳо соддагардонии раводид ва дигар расмиятҳои марбут ба вуруд ва будубош ба шаҳрвандони хориҷӣ низ нақши муҳим дорад. Моҳияти ин масъаларо дар Тоҷикистон дарк намуда, давра ба давра низоми раводид ба саёҳони хориҷиро осон намуда истодаанд. Шуруъ аз 1 майи

соли 2024 шаҳрвандони 25 давлат метавонанд то 30 рӯз бидуни раводид ба Тоҷикистон сафар кунанд. Дар соли 2024 «Тоҷикистон сафари шаҳрвандони 41 давлатро ба ин кишвар осонтар кард» [479].

Инчунин бештар намудани маъракаҳои таблиғотӣ доир ба имкониятҳои сайёҳии ҷумҳурӣ тавассути расонаҳои миллӣ ва байналхалқӣ самара доданд. Тоҷикистон ба кишвари ҷолиби диққати дӯстдорони сайру саёҳати ҷаҳониён мубаддал гардид. Аз ҷумла, дар Намоишгоҳи ҷаҳонии сайёҳии Берлин — 2018 минтақаи баландкӯҳи Бадахшони Тоҷикистон ба садгонаи пешоҳангони глобалӣ дар ҳифзи фарҳанги миллӣ, анъана ва ҷалби мардумон ба соҳаи туризм ворид шуда, «ҷойи аввалро сазовор шуд» [477].

Мувофиқи раддабандии Агентии таҳлилии «ТурСтат»-и Русия дар соли 2017 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба феҳристи 50 кишвари хориҷии барои сайёҳони Русия маъруфтарин ТОР-50 шомил гардид. Ҳамзамон ин созмон маълум намуд, ки пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ба қатори 10 шаҳри дар фаслҳои баҳор ва тирамоҳ барои сайёҳӣ муносиби ИДМ ворид гардидааст. Соли 2018 Тоҷикистон аз ҷиҳати афзоиши сайёҳӣ «аз рӯйи маълумоти Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (UNWTO) ҷойи аввалро ишғол намуд» [450]. Ин нишондодро яке аз расонаҳои бренди сайёҳии ҷаҳонӣ «AFAR» тасдиқ намуда, Тоҷикистонро тибқи натиҷаҳои соли 2018, аз рӯйи афзоиши шумораи сайёҳон (190,1 фоиз зиёд) дар ҷойи аввал қарор дод.

Созмони ҳамкории иқтисодӣ шаҳри Душанберо «Пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021» интихоб намуд. Дар соли 2019 расонаҳои хориҷӣ, аз ҷумла, расонаҳои маъруфи давлатии Федератсияи Россия-ТАСС, Ӯзбекистон-«УзА», Қирғизистон-«Кабар» доир ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон мавод нашр намуданд. Инчунин Тоҷикистон тибқи назарсанҷии маҷаллаи байналмилалии бонуфузи «Lonely Planet» миёни 10 минтақаи беҳтарини саёҳат ва сафар ба Шоҳроҳи Абрешими Осиёи Марказӣ мақоми аввал касб кард. «Маҷаллаи сайёҳии британиявии «Вандерласт» («Wanderlust») дар соли 2020 пиряхи «Федченко», «Гармчашма», «Искандаркӯл, кӯли «Сарез», долони «Вахон», «Қарокӯл» ва «Чапдара»-ро

ҳамчун 7 муъҷизаи табиӣ муаррифӣ карда, барои боздиди сайёҳон тавсия намуд» [477].

Маҷаллаи «The Travel Magazine» аз Британияи Кабир дар моҳи январи соли 2021 доир ба мавзеъҳои сайёҳии Тоҷикистон мақола нашр намуда, имкониятҳои сайёҳии кишвар, ёдгориҳои Қалъаи Ямчун ва шаҳри қадимаи Панҷакентро дар баробари дигар ёдгориҳои кишвар муаррифӣ намуд, ки баъзеи онҳо ба Феҳристи Мероси ғайримодии ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил мебошанд. Бахшида ба эълон гардидани шаҳри Душанбе ҳамчун «Пойтахти сайёҳӣ» - и Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ дар соли 2020-2021» [477] шумораи махсуси маҷаллаи «ECO Heritage» бо забони англисӣ дар 500 нусха нашр гардид, ки дар он дастоварду имконоти сайёҳии шаҳри Душанбе муаррифӣ шуданд.

Бояд қайд кард, ки барои муаррифии Тоҷикистон дар васоити ахбори хориҷӣ ташкили пресс-турҳо нақши бузург доранд. Зимни таҳқиқ муайян намудем, ки дар таҷрибаи ширкатҳои телевизионӣ лоиҳаҳои кишваршиносӣ вуҷуд дорад ва дар қолаби саёҳати гурӯҳи кормандони ВАО, яъне пресс-тур амалӣ мегардад. Чунин барномаҳо одатан аз ҷониби кишвари қабулкунанда, созмони байналхалқӣ ва ё давлати сарпарасти лоиҳа маблағгузорӣ мешавад. Масалан, ИМА, Ҷопон, Чин, Туркманистон, Тоҷикистон ва дигар давлатҳо аз чунин таҷриба зиёд истифода менамоянд [295, с. 293].

Дар моҳи октябри соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» ва ширкати сайёҳии Sky Tour лоиҳаи «Info Tour Across Tajikistan»-ро амалӣ намуд. Дар ҷараёни амалисозии ин лоиҳа 11 нафар намояндагони ширкатҳои сайёҳӣ ва журналистон аз Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Швейтсария, Кувайт, Федератсияи Русия, Қазоқистон, Украина ва инчунин Тоҷикистон бо минтақаҳои сайёҳии Тоҷикистон ошно шуданд. Ҷиҳати ҷалби сайёҳони хориҷӣ дар баробари ташкили сафарҳои журналистон ва намояндагони ширкатҳои сайёҳии хориҷӣ инчунин саёҳати блогерони машҳури хориҷӣ роҳандозӣ гардид, то ки онҳо ба обуначиёни худ имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистонро муаррифӣ намоянд.

Сарфи назар аз он ки журналистикаи сайёҳиро ҳамчун соҳаи «сабук» мешуморанд, нақши он дар муаррифии кишварҳою миллатҳои тамоми гӯшаи ҷаҳон хеле бузург аст. ВАО-и сайёҳӣ метавонад ба равандҳо ва падидаҳои равобити кишварҳо низ таъсири мусбат расонад. Илова бар ин, ба туфайли журналистикаи сайёҳӣ ҷаҳонишавӣ боз ҳам вусъати тозаро ба худ мегирад. Дар журналисти сайёҳӣ пеш аз ҷанбаи иттилоотӣ ташаккул ёфтааст ва нақши он аз мустаҳкам кардани донишҳои мавҷудаи аудитория дар бораи ҳар як кишвар ва фарҳанги дигар бо донишҳои нав иборат аст.

Абарқудратҳо, дигар давлатҳои қудратхоҳ ва ё созмонҳои байналхалқӣ метавонанд бо созмон додани маъракаҳои иттилоотӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии кишварҳо таъсири худро гузоранд. Аз ҷумла, ба натиҷаҳои интихобот, қарорҳои сиёсӣ, равобити иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо таъсири худро мерасонанд. Чунин фишор на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи байналхалқӣ низ амалӣ карда мешавад. «Ҳадаф аз ҷанги иттилоотӣ таъмини ҳифзи муҳити иттилоотии худ ва то ҳадди имкон суст кардани амнияти иттилоотии душман аст» [322, с. 280].

5. Иштироки фаъоли расонаҳои байналхалқӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ ва афзудани ҷанбаи сиёсии муҳтавои онҳо:

Баррасии масоили сиёсӣ дар фаъолияти тамоми ВАО-и байналхалқӣ, ҳатто дар расонаҳои фарҳангиву варзишӣ афзуда, таъсири неруҳои сиёсӣ ба сиёсати иттилоотии онҳо боло рафта, фишор ба журналистони байналхалқӣ аз тарафи дигар давлатҳо зиёд мегардад. Ирсоли нотаҳои эътирозии кишварҳо ба ҳамдигар доир ба фаъолияти баъзе аз расонаи байналхалқӣ, шадид намудани низоми

дарёфти раводид ва аккредитатсия ба журналистони байналхалқӣ дар баъзе кишварҳо ва бекор кардани аккредидатсияи журналистони байналхалққӣ дар пайи нашри мавод дар расонаҳои ҷаҳонӣ мисоли барҷастаи сиёсатзадагии журналистикаи байналхалкӣ мебошад.

6. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар журналистикаи байналхалқӣ:

Паҳн кардани иттилооти дурӯғ, идоракунии афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳамлаҳои киберӣ аксар вақт тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ анҷом дода мешавад.

Ҳамзамон ВАО-и байналхалқӣ дар маъракаҳои иттилоотии гуногун иштирок менамоянд, ки яке аз онҳо маъракаи иттилоотии «муҳофизати сулҳ» аст. Мақсади маъракаи иттилоотии мазкур ба вуҷуд овардани заминаи сулҳ миёни кишварҳо, миллатҳо, қавмҳои гуногуни як кишвар ва эҷоди эътимод миёни нухбагони сиёсии ҷонибҳои ба ҳам муқобил аст.

Бо сабаби истифодаи ВАО-и байналхалқӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ ва ошкор гардидани маъракаҳои иттилоотии онҳо эътимоди ҷомеа коҳиш меёбад. Коҳиши эътимод ба васоити ахбори оммаи анъанавии байналхалқӣ сабабгори афзоиши эътимод ба манбаъҳои қалбакии иттилоот мегардад. Паҳншавии маълумоти бардурӯғ дар фазои иттилоотии байналхалқӣ боиси афзоиши ташаннуҷи сиёсӣ ва бад гардидани муносибатҳои байналхалқӣ мегардад. Муҳаққиқи тоҷик З. Муминҷонов хусусиятҳои фазои иттилоотиро чунин шарҳ додааст: «Дар шароити муосир бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири «сиёсати нарм», ғасби иттилоотӣ, паҳн гардидани иттилооти экстремистӣ, иттилооти фейкӣ ва таъсири онҳо ба шуури ҷамъиятӣ, махсусан таъсири кибертероризм ва киберэкстремизм дар ҷомеа ва киберҳамлаҳои тарғиботӣ дар ҷараёни ҳаёти ҳаррӯза ба назар мерасанд» [329, с. 310].

Доманаи ҷангҳои иттилоотӣ ҳоло аз майдони ВАО-и анъанавӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ низ кӯчид ва паҳн намудани иттилооти бардурӯғ ва тарғибот хеле осон гардид. Хадамоти махсуси кишварҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои гуногун ва ҳатто одамон бо кушодани саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷанги иттилоотӣ мебаранд. Агар қаблан барои ин амал аз «facebook» ё «twitter» васеъ истифода мекарданд, ҳоло инстаграм, телеграм ва ютуб майдони навбатии ҷангҳои

иттилоотианд. Маводди тавассути онҳо пахшгаштаро ҳатто баъзе расонаҳо ҳамчун сарчашмаи боварinок истифода менамоянд. Паҳн гаштани иттилооти нодуруст ва сохта дар шабакаҳои иҷтимоӣ як амали маъмулӣ гаштааст, ки он оқибатҳои нохуш дорад, зеро зиддияти кишварҳо ва миллатҳоро бештар менамояд. Истифодаи ютуб дар ҷангҳои иттилоотӣ онро ба як майдони нави бархӯрдҳо табдил додааст.

Пайдоиши журналистикаи мултимедиавӣ ва хадамоти гуногуни иртиботи омма дар интернет, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои гуногун ва паёмрасонҳо ба журналистикаи байналхалқӣ мушкилоти наверо ба вуҷуд овард. Мутобиқнамоии фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ дар шароити густариши шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо имкон дод, ки ВАО-и байналхалқӣ доираи аудиторияи худро боз ҳам васеътар намояд ва ба марҳилаи нави рушди худ гузарад. «Зеро имрӯз бо рушди интернет қисми зиёди аҳолии дунё рӯ ба шабакаҳои иҷтимоӣ оварданд» [317, с. 291]. Дар ин самт истифода аз имкониятҳои ютубро дар журналистикаи байналхалқӣ нодида набояд гирифт.

«Ютуб хадамоти онлайнии умумиҷаҳонӣ мебошад» [521], ки истифодабарандагон имкони ҷойгирсозӣ, тамошо ва фиристодани наворро доранд. Ютубро шабакаи иҷтимоии гибридӣ низ меноманд. Ютуб бузургтарин видеоҳостинг дар олам аст, ки соли 2005 аз ҷониби Стив Чен, Чад Ҳёрли ва Ҷовид Карим таъсис дода шудааст. Соли 2006 онро ширкати Гугл харидорӣ намуд ва ҳоло беш аз 160 миллиард арзиш дорад. Дар соли 2025 Ютуб бузургтарин вебсайт гардид, ки миллиардҳо истифодабаранда ба қайд гирифта шудаанд. Ютуб дорои наворҳои таълимӣ, ахборӣ, варзишӣ, фароғатӣ, блогҳо ва мавзуъҳои бисёри дигар мебошад.

Ба андешаи Э. Б. Уртаева «YouTube ин видеоҳостинги иҷтимоӣ аст» [371, с. 44]. Дар зери наворҳои Ютуб имконияти шарҳнависӣ ва баъзе амалҳои барои шабакаҳои иҷтимоӣ маъмул ҷой дода шудаанд, аммо соҳибони саҳифаҳо метавонанд гузоштани шарҳҳо ва паҳнамоии он ба дигар истифодабарандагонро маҳдуд ва ё манъ намоянд.

Global Media Insight рейтинги ютуб дар шаш моҳи соли 2025-ро чунин муайян намудааст: «Истифодабарандагони ҳармоҳаи ютуб дар соли 2025 ба 2,70 миллиард нафар расид» [552]. Дар Ютуб беш аз 113,9 миллион канали фаъол мавҷуд аст. Ҳар дақиқа ба ютуб зиёда аз 500 соат навор ворид мегардад ва ютуб дуюмин шабакаи иҷтимоии олам пас аз фейсбук аст. Аз нисф бештари истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ аз ютуб истифода мебаранд. Мувофиқи маълумоти охирини Social Blade дар ютуб тақрибан 65,3 миллион офарандаи контент мавҷудаст. Ҳамарӯза дар ютуб 720 000 соат навор ғайр аз реклама нашр мегардад. Дар соли 2025 истифодабарандагони ютуб аз ҳама зиёд дар Ҳиндустон – 491 миллион нафар, ИМА бо 253 миллион нафар дар ҷойи дуюм ва Бразилия бо 144 миллион нафар дар ҷойи сеюм қарор доранд. Инчунин дар платформаи мазкур барои сохтани наворҳои кӯтоҳ аз зеҳни сунъӣ низ истифода менамоянд.

Ютуб ҳарчанд пурра функсияи телевизионро иваз накарда бошад ҳам, дар самти ташвиқу тарғибот ва ҷанги иттилоотӣ васеъ истифода мегардад. Дар замони муосир ҷангҳои иттилоотӣ бештар ба интернет кӯчидааст, зеро майдони мубориза саросари оламро фаро мегирад. Дар ин масир давлатҳо ва гурӯҳҳо танҳо нестанд, зеро блогерҳо, рӯзноманигорон ва корбарони интернет низ бо таъсиси ютубканалҳои ширкатҳо, ҷамъиятҳо ва канали шахсӣ ҳамвора фаъолият доранд. Гурӯҳҳои алоҳида барои таъсир расондан ба афкори ҷомеа ва мағзшӯйии аудитория наворҳои ғаразноки худро дар каналҳои YouTube ҷой медиҳанд. Дар натиҷа қисме ва ё аксари ба онҳо бовар карда, ба тарғиботи онҳо дода мешаванд, ки он ҳадафи асосии ин гурӯҳҳо мебошад. Дар ин масъала муҳаққиқи ҷавон Ф. Сафарзода дуруст қайд намудааст, ки қаблан журналистон ба ҳолати ҷомеаҳо таъсир расонда, то ҳадди муайян фазои ҷомеаҳоро назорат мекарданд, вале «имрӯз бо пайдо шудани интернет ва шабакаҳои сершумори он ин қудрати журналистика то ҷое заиф гардидааст» [361, с. 244].

Ҷангҳои иттилоотӣ дар ютуб бештар аз сӯйи се намуди каналҳо ба роҳ монда шудааст: ютубканалҳои ВАО (ВАО-и миллӣ, байналхалқӣ, хориҷӣ), ютубканалҳои шахсиятҳои алоҳида (рӯзноманигорон, сиёсатмадорон,

ҳунармандон, афроди машҳур ва одӣ) ва ютубканалҳои қалбакӣ. Субъекти муборизаҳои иттилоотӣ дар ду намуди аввал ба ҷомеа маълум аст ва фаъолияти онҳо бештар ошкоро сурат мегирад, вале субъекти намуди сеюм номаълум аст. Муайян нест, кӣ ё киҳо, кадом ширкат ё давлат муборизаи иттилоотӣ мебарад, зеро маълум нест, ки чунин тарғибот аз тарафи рақибон анҷом дода шудааст ва ё аз ҷониби қуввахои дигари манфиатдор. Аз ҷумла, дар хусуси авзои кишварҳои Осиёи Марказӣ аз тарафи ютубканалҳои гуногун наворҳо нашр мегардад, ки аксаран ба барангехтани низоъ ва паҳн намудани маводди сенсатсионӣ машғуланд [300, с.143]. Айни замон баҳси сарзамини туркзабонҳо будани Тӯрон ва хавфи кандашавии кӯли Сарез барои мо дар ютуб бештар намоиш дода мешавад. Кӯли Сарезро «бомбаи табиӣ» (Простые истории), Кӯли Сарез-бомбаи табиӣ (Political history), Сарезкое озеро грядущая угроза (Центральная Азия), Бомба замедленного действия (Hars Tejas official) ва ғайра. Мавод дар атрофи кӯли Сарез чандин сол аст, зиёд паҳн мегардад, Баъзе аз чунин наворҳо ба воқеият тамоман наздик нест. Кӯли Сарез борҳо ҳамчун объекти ҷанги иттилоотии рақибони Тоҷикистон қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар навори «Таджикистану конец! Предупреждение» аз ютубканали KG KG соли 2022 қасди бо дрон кӯли Сарез ва обанбори Қайроқумро таркондани қирғизҳоро паҳн намуданд, ки ҳеҷ воқеият надошта, таҳоҷуми иттилоотӣ ба муқобили Тоҷикистон буд. Баррасии масъалаи хавфи кӯли Сарез дар баробари ютуб акнун ба расонаҳои русӣ баргаштааст ва ҳоло аз он боз ба ташвиш ёд мекунанд. Масалан, маводди «Бомбаи табиӣ: чӣ гуна террористон метавонанд кӯли Сарезро истифода баранд» [405] дар сомонаи «Sputnik Тоҷикистон» санаи 27 сентябри соли 2024 нашр гардид.

Баҳси сарзамини Тӯрон ва меросбарони он хеле вақт идома дорад ва дар ютуб наворҳои зиёде нашр гашта, канали алоҳидаи Тӯрон таъсис дода шудааст. Наворҳои ба Тӯрон бахшида шуда, доир ба давлатҳои туркзабони имрӯз маълумот медиҳанд ва таҳти ин ном мехоҳанд иттиҳоди кишварҳои туркзабонҳоро ба вуҷуд оранд. Масъалаи таъсиси Ташкилоти кишварҳои туркизабон бо фарогирии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва таъсиси НАТО – и туркӣ

ба андешаи муҳаққиқ Карим Назриев «намоишдиҳандаи он аст, ки заминаи ташкили «Тӯрони Бузург» гузошта шудааст» [337, с. 194].

Бо оғози моҷарои ҳарбӣ миёни Русия ва Украина шабакаи ютуб даҳҳо ҳазор навори тарғиботӣ ва ҷонибдор аз Кремлро нобуд кард, инчунин дастрасӣ ба бисёр каналҳоро маҳдуд намуд. Аммо ба пуррагӣ чунин наворҳоро тоза намудан ба ютуб имкон надод, ҳанӯз ҳам шабакаҳоеро бо ҳазорҳо обуначӣ пайдо намудан мумкин, ки аз сиёсати Русия ҷонибдорӣ менамоянд ва наворҳои онҳоро миллионҳо нафар тамошо мекунанд. Дар чунин каналҳо гоҳо ошкоро ва гоҳо бо пахши мусоҳиба бо шахсиятҳои машҳур, ҳарбиён ва чеҳраҳои расмии Русия ҷонибдорӣ аз ҳукумат ва ҳарбиёни Русия мавод интишор мегардад. Ҳарчанд дастгоҳҳои тарғиботии Русия ҳамоно фаъоланд, аммо онҳо дарк намуданд, ки дар шабакаи ютуб бо ҳарифонашон баробар нестанд. Дар робита ба қазияи баста шудани бархе аз каналҳои ютуб журналист Хуршед Атовулло дар колонкаи «юТУБ» қаноатмандии худро чунин асоснок кардаст: «ин шабака ба воситаи таҳқири дигарон бадал шуд» [79, с. 52].

Ютуб бо сабабҳои гуногун аз ҷумла, барои мунтазам риоя накардани қоидаҳои он ва барангехтани адоват каналҳои тарғиботиро маҳкам менамояд. Аз ҳама бештар каналҳои ВАО-и Русия, ки аз ҷониби ҳукумати он маблағгузорӣ мегарданд, баста шуданд. Масалан, каналҳои Рашша Тудей (RT), «Sputnik», Агентии иттилоотии байналмилалии «Россия сегодня», РБК ва ғайра. Ҳамзамон ютуб дастрасӣ ба каналҳои блогерҳои ҷонибдори ҳукумати Русияро маҳдуд намудаст. Дар Русия ба хотири баромадан аз вазъияти мазкур ба таъсис ва такмили платформаи Рутуб (Rutube) ва «ВКонтакте» («VK Видео») рӯ оварданд.

Ҳарчанд шабакаи ҷустуҷӯйии Гугл воридшавӣ ба сомонаҳои тарғиботии Русия маҳдудият ҷорӣ намудааст, ҳамзамон баъзе аз талаботи мақомоти русро иҷро менамояд. Ютуб дар пасманзари ҷанги Русия ва Украина баҳрагирӣ (монетизатсия) барои истифодабарандагони русиягиро қатъ намуда бошад ҳам, то ҳол дар Русия фаъолият дорад. Иҷрокунандаи вазифаи директори генералии ютуб дар моҳи майи соли 2022 Сюзен Воҷиски қайд намуда буд, ки ҳадаф аз нигоҳ доштани хизматрасонӣ дар Русия «кумак ба шаҳрвандон барои донистани

воқеият ва ошноӣ бо мавқеи олами беруна мебошад» [409]. Дар пайи баста шудани суратҳисоби бонкии бахши русиягии ширкат, намояндагии Гугл худро дар Русия муфлис эълон кард. Моҳи октябри соли 2023 муфлисшавии ширкатро дар Русия эътироф намуданд, ҳамзамон ширкатро барои маҳдуд намудани фаъолияти сомонаҳои русӣ ва рад намудани дархости лағви сомонаҳои ба ҷониби Русия номақбул ҷаримаҳои ҳангуфт намуданд. YouTube аз соли 2020 беш аз 200 канали расонаҳо ва сомонаҳои Русияро масдуд кардааст. Аз аввали соли 2024 ютуб боз дастрасии 83 саҳифаи интернетии Русияро маҳдуд намуд. Роскомнадзор қайд кард, ки «ютуб то ҳол беш аз 61,3 ҳазор маводди мамнуъ, аз ҷумла қалбакӣ дар бораи амалиёти махсуси ҳарбӣ, маводди экстремистӣ ва таблиғоти ҳамҷинсгароиро нест накардааст» [520]. Сарфи назар аз ин ширкати Гугл ҷаримаҳоро пардохт намуда истода, ба маҳдуд намудани каналҳои мухолифони Русия низ иқдом намуд. Аз ҷумла, дасрасӣ ба каналҳои зидди хизмати ҳарбӣ бо дархости Роскомнадзор муваққатан маҳдуд шуд. Вобаста ба ҷангҳои иттилоотии муосир муҳаққиқи варзидаи тоҷик М. Муқимов ба ин назар аст, ки новобаста аз гуногунии платформаҳо ва идеологияҳои сиёсӣ, ки дар ҷаҳон мавҷуданд, «ҷонибдорони ин ё он ақида ҳеҷ гоҳ аз нақшаи тарғиби ҷиддии манфиатҳои худ дар хориҷа даст намекашанд» [321, с. 249].

Ютуб дастрасӣ ба саҳифаҳои ҳунармандон ва варзишгарони Русияро қатъ намуд, ки норозигии оҳангсозон, мураббиҳои варзиш ва варзишгаронро ба бор овард ва онҳо инро ҳамчун таҳрими санъат аз ҷониби Ғарб қабул намуданд. Дар ҷамъи саҳифаҳои басташудаи ютуб канали ҳунармандон Олег Газманов, Григорий Лепс ва Шаман қатъ шуданд. «Суръати дастрасӣ ба ютуб дар соли 2024 заиф гардид» [467].

Ғайр аз он ки давлатҳо метавонанд расман ба ютуб ҷиҳати маҳдуд намудани саҳифаҳо муроҷиат кунанд, инчунин имкон доранд дастрасӣ ба онро дар қаламрави худ маҳдуд ва ё қатъ намоянд. Масалан, дастрасӣ ба ютуб моҳи феврали соли 2008 дар Покистон қатъ гардид ва мақомоти ин кишвар сабаби онро дар нашри маводди зиддиисломӣ эълон намуданд. Моҳи марти соли 2009

ҳукумати Чин низ дастрасӣ ба ютубро дар пайи нашри навори латукӯби роҳибон ва сокинони Тибет аз сӯйи сарбозони чинӣ манъ кард.

Дар ютуб муборизаҳои иттилоотӣ миёни давлатҳои баҳамзид, гурӯҳҳо, халқҳо, муборизаҳои динию мазҳабӣ ва амсоли он хеле густариш ёфтааст. Ҳамзамон ютуб маводде, ки дорои хусусияти шаҳвонӣ ва фаҳш ҳастанд, саҳнаҳои зӯроварӣ, таҳқир, пастзадани шаъну шараф, амалҳои зараровар ё даҳшатнок, иттилооти бардурӯғ, муносибати бераҳмона бо кӯдакон, қонунвайронкунӣ, тарғиби терроризм, спам ва маълумоти нодурустанд, пас аз шикояти тамошобинон метавонад манъ намояд. Ба андешаи А.М. Динаев «низоми маҳдудсозӣ ва пок кардани навор дар ютуб каме мураккаб ва оҳиста ҷараён мегирад» [250]. Маҳз чунин хусусияти ин сомона боиси он гардидааст, ки террористон барои таблиғот наворҳои худро дар ин сомона мегузоранд ва то замони поксозии навор ё бастани саҳифа ҳазорҳо ва ҳатто миллионҳо нафар онро тамошо мекунанд.

Дар майдони ютуб муборизаҳои иттилоотӣ бо Тоҷикистон низ ҷараён дорад ва рақибони Тоҷикистонро ба ду категория ҷудо намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал давлатҳои манфиатдор, расонаҳои хориҷӣ ва афроди алоҳидаро шомил намудан мумкин аст. Табиист, ки мақсади гурӯҳи аввал паст задани имиҷи Тоҷикистон ва зарар расондан ба ҷумҳурӣ дар арсаи байналхалқӣ аст. Ба гурӯҳи дуюм гурӯҳҳо ва афроди алоҳидае дохил мешаванд, ки аз рӯйи кинаю адоват, мавқеи сиёсӣ ва ё супориши хоҷаҳои хориҷии худ ба муқобили ватан ва миллати худ дар ютуб муборизаҳои иттилоотӣ мебаранд. Муҳаққиқ А.С. Нуров ба ин назар аст, ки «таблиғи оммавӣ ва дасткорӣ бо иттилоот аз ҷониби ифротгароёни динӣ бо мақсади бартарии идеологӣ ва ғасби ҳокимият дар фазои иттилоотӣ рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст» [341, с. 359].

Дар солҳои охир муборизаҳои иттилоотии Тоҷикистон бо Қирғизистон ва ҳукумати эътирофнагаштаи Афғонистон дар ютуб ҷараён гирифт. Дар давоми солҳои 2020-2022 ҷангҳои иттилоотии Тоҷикистон ва Қирғизистон дар авҷ буданд, бахусус давраи низоъҳои ҳарбӣ дар ноҳияҳои сарҳадӣ. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан ютуб хабарҳои бардурӯғ атрофи муноқишаҳои марзии

Тоҷикистон ва Қирғизистон хеле зиёд буданд. Муҳаққиқон муайян намуданд, ки туҳмат ба ҷониби Тоҷикистон аз ҷониби корбарони қирғиз ҷой дошт ва баръакс. Атрофи қазияи мазкур баъзе аз расонаҳои хориҷӣ низ ба таҳрифи воқеият роҳ доданд ва бо истифода аз онҳо ВАО-и қирғизӣ ба иғвогарӣ пардохтанд. Иттилооти бениҳоят зиёд ва бардурӯғ ба каналҳои YouTube ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфтанд. Дар ин масъала муҳаққиқ М. Муқимов «нодуруст ташреҳ додани воқеият» [309, с. 308]-ро яке аз омилҳои вайрон кардани одоби касбӣ мешуморад.

ВАО-и давлатии Тоҷикистон доир ба авзои марзи Тоҷикистон ва Қирғизистон хомӯшӣ ихтиёр карданд. АМИТ «Ховар» дар моҳи апрели соли 2021 танҳо як хабарро доир ба мулоқоти роҳбари Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон Саймумин Ятимов ва раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода бо сокинони деҳаҳои Ворух, Чоркӯҳ ва Хоҷаи Аълои Исфара иттилоъ додааст. Аммо журналистони қирғиз он замон пурра ба инъикоси моҷаро ва бурдани ҷанги иттилоотӣ машғул буданд. ВАО-и тоҷик ба иттилооти расмӣ таъмин набуд ва маводди онҳо дар асоси нишондодҳои шоҳидон ва ё маводди ВАО-и хориҷӣ омода мегардид. Вазъияти душвори ВАО-и Тоҷикистонро сармуҳаррир ва муассиси медия холдинги «Азия-Плюс» Умед Бобохонов чунин шарҳ дод: «Дар ҳоле ки ҳамкорони қирғизии мо аз тамоми сохторҳои расмӣ шабонарӯз иттилоъ мегирифтанд, мо ҳеҷ гоҳ аз мақомоти давлатӣ - на аз мақомоти қудратӣ, на аз ҷониби иҷтимоӣ маълумот дарёфт намекардем» [509]. Журналистони қирғиз на танҳо дар шабакаи ютуб, дигар шабакаҳои иҷтимоию паёмрасонҳо, балки дар расонаҳои байналхалқӣ хеле фаъолона таҳоҷуми иттилоотиро ба роҳ монданд.

Бояд қайд кард, ки илова бар сомонаҳои интернетӣ дар YouTube низ каналҳои зиёде наворҳоро оид ба Тоҷикистон, вазъи сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон, фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ нашарот доранд. Баъзе аз ин каналҳо ба хотири баста нагаштан, бо номҳои гуногун фаъолият менамоянд. Моҷарои марзии Тоҷикистон ва Қирғизистон дар ютубканалҳои русӣ ва қирғизӣ бештар инъикос гардид. Тавре маълум аст, дар муборизаҳои иттилоотӣ ҳамоне ғолиб дониста мешавад, ки иттилоотро моҳирона

ба нафъи худ истифода бурда тавонад. Журналистони қирғиз ин нақшро ба нафъи худ иҷро карда тавонистанд. Ҳарчанд ҷониби Тоҷикистон дар задухӯрдҳои дар марзӣ муқовимати қавӣ нишон доданд, аммо дар ҷанги иттилоотӣ мо бохтем.

Дар наворҳои ютуб ҷониби қирғизҳо ҳамеша худро ҳақ мешумориданд ва наворҳои таҳрифноки онҳо ба забони русӣ дар ютуб зиёд нашр шуда, воқеиятро таҳриф намуданд. Инга Сикорская, директори барномаи Мактаби сулҳҷӯён ва технологияи медиавӣ дар Осиёи Марказӣ ҷараёни инъикоси қазияи мазкур дар расонаҳоро пайгирӣ намуда, ба чунин натиҷа омадааст: «Мо тарафи дигарро надидем ва нашунидем. Маълумот бисёр буд, аммо тавозун набуд» [509]. Чунин мавқеъро на танҳо нисбати расонаҳои ду кишвар, балки ба расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ низ метавон нисбат дод, зеро камбудии тавозун дар инъикоси қазияи мазкур бараъло маълум буд.

Чандин каналҳо дар ютуб фаъолият доранд, ки ба таври доимӣ навигариҳои ИДМ, бахусус Тоҷикистон ва Қирғизистонро инъикос менамоянд ва маводди гуногуни ғаразнокро низ пахш мекунанд ва забони нашри онҳо русӣ аст. Корбарони қирғиз дар шарҳҳои чунин саҳифаҳо хеле фаъол буда, ҳатто ба таҳқиру дашном ва бадном кардани тоҷикон даст заданд, ки онро метавон «забони душманона» [319, с. 98] номид.

Бо гузашти чанд моҳ аз моҷарои марзӣ мушоҳида гардид, ки шарҳнависони бетараф ва мусолиҳахоҳ низ бештар шуданд. Бархе аз шарҳнависон ва тамошобини чунин каналҳо ба тафриқаи бегонагон дода нашуданро аз қирғизҳо ва тоҷикон хоҳиш намуданд ва бархе дигар мусалмон будани ҳарду тарафро ёдовар шуда, аз онҳо хатми ҷанг ва бадбинӣ нисбати ҳамдигарро талаб мекарданд. Дар ютубканалҳои қирғизӣ он замон ташвиқи ҷанг ва кинаварӣ идома дошт. Қирғизҳо пас аз он ки ҳукуматашон силоҳҳои нав ва тайёраҳои бесарнишини зарбазани туркиро харидорӣ карданд, боифтихор дар шарҳҳои чунин наворҳо истифодаи ҳарчи зудтари он силоҳҳоро ба муқобили Тоҷикистон талаб менамуданд.

Ҳарчанд солҳои охир вазъият дар сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон муътадил аст, вале ҷанги иттилоотӣ нисбати Тоҷикистон ва миллати тоҷик аз ҷониби баъзе аз рӯзноманигорон ва ютубканалҳои қирғизӣ идома дорад. Масалан, ютубканали қирғизии «KG MERI» бо нашри навори амали террористӣ дар шаҳри Маскав ба барангехтани адовати миллӣ нисбати тоҷикон идома дода, дар титри навор «Тоҷикон миллати баданд» навишт. Раиси ҳамонвақтаи Кумитаи амнияти миллии Қирғизистон Қамчибек Ташиев назари худро дар хусуси ҳодисаи Крокус баён намуд, ки террористон миллат надоранд ва як миллати томро дар ҳодисаи рухдода муттаҳам кардан, дар пайравӣ аз аъзои созмонҳои террористӣ дуруст нест, зеро онҳо «ба барангехтани кинаю адовати миллӣ ва баланд бардоштани эҳсоси зиддимуҳоҷиратӣ дар Федератсияи Русия манфиатдоранд» [493]. Ин мавқеи намояндаи Қирғизистон боиси он гардид, ки ютуб канали «KG MERI» мавқеи худро дигар кунад. Пеш аз ин бо шикояти тоҷикон маъмурияти Ютуб навори тоҷикбадбинии ин ютубканалро ҳазф карда буд. Канали мазкур баъдан беш аз 10 наворро аз дигар каналҳо бознашр намуд, ки аз бегуноҳии тамоми миллати тоҷик дар ҳодисаи Крокусро ҳимоя мекарданд.

Муборизаи давлатҳо миёни ҳам дар замони муосир хеле мураккаб ва пурпечутоб гардида, онҳо дар амалисозии нақшаҳои худ ба ҳар роҳ мераванд. «Солҳои охир вусъати бесобиқа ёфтани талоши абарқудратҳо барои амалисозии манфиатҳои худ, азнавтақсимкунии дунё, мусаллаҳшавии бошитоб, оғози марҳалаи нави «ҷанги сард», густариши бесобиқаи фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ки мутаассифона, хусусияти динӣ касб намудааст» [486]. Ба ин мақсад аз шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ истифода менамоянд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи пуркудрати таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори одамон мубаддал гардида, афкори умум дар заминаи онҳо ташаккул ёфта истодааст. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ талқини ҳаросафканӣ, тундгароӣ ва даъват ба ҷангҳои динию мазҳабӣ бештар гардида, афроди ноогоҳ ба доми фиреб ва дасисаҳои гурӯҳҳои манфиатдор меафтанд. Интернет имкони зиёдеро барои ташкилотҳои ифротию террористӣ ҷиҳати ба доми худ кашидани ҷавонон муҳайё намудааст. Дар натиҷаи чунин мағзшӯиҳо ҳазорҳо нафар ба доми фиреб

афтода, дар ҷангҳои Афғонистон, Сурия ва Ироқ нобуд шуданд ва чандин нафари дигар даст ба амалҳои террористӣ дар Эрон, Туркия, Олмон, Русия ва дигар кишварҳо заданд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 9 марти соли 2024 дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар доир ба ин масъала чунин гуфт: «дар се соли гузашта 24 шаҳрванди Тоҷикистон «дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбуҳи одамон таркондани худ даст задаанд» [396].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оқибатҳои нохуши чунин вазъият ҷомеаро огоҳ намуда, таъкид карданд, ки нагузорем то номи фарзандонамон дар таърих ҳамчун террорист ва ифротгаро сабт гардад. Инчунин иброз намуданд, ки амалҳои террористӣ «аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатҷӯй ва хадамоти махсуси баъзе кишварҳо тарҳрезӣ мешаванд ва онҳо аз бемаърифативу бетаҷрибагӣ ва ноогоҳии баъзе ҷавонони мо истифода мекунанд» [486].

Ҳарчанд ин таъкидҳо санаи 9 - марти соли 2024 ба мардуми тоҷик ироа шуда буд, вале санаи 22 - марти соли 2024 амали террористӣ дар Маскав рӯй дод, ки чанде аз шаҳрвандон ва зодагони Тоҷикистон ҳамчун гумонбар боздошт шуданд. Дар пасманзари воқеаҳои мазкур назорати шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа бештар гардида, дар расонаҳои хориҷӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ маводди зиёде интишор шуданд, ки руҳияи тоҷикбадбинӣ доштанд.

Чандин сол аст, ки дар бархе аз расонаҳои байналхалқӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, бахусус ютуб бар муқобили Тоҷикистон ҷанги иттилоотӣ идома дорад, ки гӯё дар ҷумҳурӣ арзишҳои исломиро нодида мегиранд ва мусулмонон таҳти фишори шадид қарор доранд. Ҳамзамон қуввахои манфиатдор тарғиботи зидди тоҷикиро дар миёни худи тоҷикон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ густариш дода, манқуртшавиро миёни ҷавонон бештар намуданд. Ин амалҳо боис гардид, ки ба ҷойи ифтихори миллӣ ва ҷавонмардии тоҷикӣ, хурофотпарастӣ ва пайравӣ ба экстремизму терроризм дар зеҳни баъзе аз тоҷикони ҳувиятбохта ҷойгир гашт. Муҳаққиқ Х.Қ. Сафарализода вобаста ба ин масъала чунин назар дорад:

«Ҳуҷумҳои иттилоотии беруна одатан аз ҷониби гумоштаҳо ва дастнишондаҳои ташкилотҳои рақиб анҷом дода мешавад» [359, с. 112].

18 сентябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе конфронси байнулмилалӣ таҳти унвони «Нақши олимон ва мутафаккирони тоҷик дар рушди фарҳанг ва тамаддуни исломӣ» баргузор гардид, ки метавон онро ҳамчун посухи Тоҷикистон ба таблиғоти гурӯҳҳои ифротиву террористӣ ва расонаҳои хориҷӣ номид. Дар ин конфронс 50 нафар намоянда аз кишварҳои Арабистони Саудӣ, Амороти Муттаҳидаи Арабӣ, Афғонистон, Эрон, Малайзия, Миср, Кувайт, Туркия, Ӯзбекистон ва созмонҳои байналхалқӣ ширкат намуданд.

Маъракаи иттилоотии зиддитоҷикии аз хориҷа тарҳрезӣ ва амалишаванда ба бадномсозии миллати тоҷик равона гардидааст. Ба андешаи Фаррух Шарифзода, муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон: «Таърих гувоҳ аст, ки фарзандони нобиға ва фарзонаи миллати фарҳангсолори тоҷик тӯли беш аз XIII аср дар раванди ташаккулёбӣ ва рушду густариши фарҳангу тамаддуни исломӣ саҳми арзанда гузоштанду то ба имрӯз мегузоранд» [500].

Баргузор намудани конфронси байналмилалӣ дар мавзуи саҳми тоҷикон дар тамаддуну фарҳанги исломӣ хеле иқдоми дуруст аст, зеро он дар ҳоле сурат мегирад, ки беш аз даҳ сол аст, гурӯҳҳои ифротиву террористӣ ва бархе аз расонаҳои хориҷӣ ба муқобили Тоҷикистон як маъракаи густардаи иттилоотиро ба роҳ монда, ҳукуматро ба зудудани арзишҳои исломӣ ва фишор ба мусулмонони кишвар муттаҳам менамоянд. Аз ҷумла, чунин ҳуҷуми иттилоотии навбатӣ дар пайи тасвиби Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» (2007), «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2024), «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011), «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» (2024) бештар шуд.

Фарид Юнус, профессори муқими Амрико аз мавқеи Тоҷикистон ҷонибдорӣ намуда, онро амали одилона ва комилан ба ҳифзи мазҳаби ҳанафӣ нигаронидашуда эътироф намудааст: «Бо даст ёфтани Тоҷикистон ба Истиқлол мазоҳиби мухталифи бегона, ки аз сӯйи истихбороти минтақаву ҷаҳон савқ

меёфтанд, ба фазои динии ин кишвар ворид карда шуданд» [500]. Фарид Юнус ҳамчунин таъкид намуд, ки нооромиҳои Афғонистон натиҷаи ҷанги мазҳабҳост. Ба андешаи ӯ: «Либосҳои тоҷикӣ мутлақ исломӣ аст ва мардуму давлати Тоҷикистон набояд ба проектҳои ваҳҳобиву салафӣ, девбандиву ихвонӣ ва ғайра сар хам кунанд» [500].

Барангехтани ҷангҳои мазҳабӣ ба амали доимии хадамоти махсуси кишварҳои манфиатдор табдил ёфтааст ва бо истифода аз ҷаҳли мусулмонон онҳо ақидаи диниро ҳамчун як абзори густариши нуфузи худ мубаддал намудаанд. Дар ин муборизаҳо хадамоти махсус мусалмонони роҳгумзадаро ба муқобили рақибони геополитикии худ истифода менамоянд.

Пайдоиши чунин шеваи муборизаҳои иттилоотӣ дар ҷаҳони муосирро борҳо дар суханрониҳои расмии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда, чунин таъкид намуданд: «Манфиатҳои миллӣ тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори омма на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бояд бошанд, балки дар муборизаи таҳмилии иттилоотӣ чун сипари давлат хизмат кунанд, ба хабару мақолаҳои таҳрифӣ ҷавобҳои сазовор дода, ба суботи ҷомеа мусоидат намоянд ва эътимоди мардумро ба фардои нек мустаҳкам созанд» [454].

Масъалаи либоси миллӣ ва тарбияи кӯдак дар Тоҷикистон соли 2024 дар ютуб ба як мавзуи доғ табдил ёфт, ки дар натиҷа таҳоҷуми иттилоотии мавлавиҳои афғон ва ҷонибҳои манфиатхоҳ ба муқобили Тоҷикистон бештар гардид. Ин амал як нақшаи тарҳрезишударо ба муқобили Тоҷикистон буда, ҳадафи он бадном кардани Тоҷикистон миёни мусалмонони олам, барангехтани нафрати тоҷикони Афғонистон ва дунё нисбати Тоҷикистон, ба вуҷуд овардани нифоқ байни мардум ва ҳукумати Тоҷикистон, бахусус муҳоҷирони корӣ мебошад. Баъзе аз муҳоҷирони кории тоҷик ба чунин дасисаҳо бовар намуда, дар асоси чунин тарғибот эҳсоси бегонапарастӣ ва зиддимиллиро ба худ гирифтанд. Барои чунин афрод масъалаи ҳифзи асолати миллӣ, таҳкими амнияти ватан ва муқобилият ба равандҳои зиддитоҷикӣ муҳим нест. Чунин вазъият аз шарҳҳои наворҳои ютуб мушоҳида мегарданд. Масалан, ба наворҳои доир ба авзои

Фаластин бахшидашуда бисёре аз тоҷикони муҳоҷир дар шарҳҳо ҷонибдории худро ба фаластиниҳо баён намуда, нафрати худро ба сӯйи давлати Исроил ва ҳампаймоёни он равона месозанд, вале ба наворҳо доир ба авзои нохуби тоҷикон дар Афғонистони имрӯза дилсӯзӣ ба ҳаммиллатони худ хеле кам аст. Инчунин ба наворҳое, ки дар мавриди эҳёи анъана ва ҷашнҳои миллӣ дар ютуб паҳн мегардад, назари манфии чунин афрод бештар аст, ки ин ҳама нишон аз бегонашавӣ ва зери тарғиботи бегонагон қарор гирифтани онҳо аст. Муҳаққиқ Г.И. Могилевская муайян намудааст, ки «тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ барангехтани моҷароҳои идеологӣ, этникӣ ва динӣ хеле қулай аст» [304]. Зеро сохтори шабакаҳои иҷтимоӣ ба махфияти шахсият, душвор будани ошкорсозии манбаъ ва дарёфти он душвор аст. Ҳамзамон шабакаҳои иҷтимоӣ имкон доранд чандин созмонҳо ва гурӯҳҳои мухолифи ба ҳам алоқаманд набударо бо ҳам муттаҳид намояд. Дар баробари чунин бархӯрдҳои лафзӣ аз тариқи ютуб ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ баъзе аз намояндагони афғонҳо аз Тоҷикистон, махсусан аз Президенти Тоҷикистон барои суханҳои худ узрхоҳӣ намуданд.

Дар замони муосир шабакаҳои иҷтимоӣ ба як ҷузъи асосии ҳаёти одамон табдил ёфта, ҷангҳои иттилоотӣ дар онҳо авҷ гирифтаанд. Дар ин масир ютуб ба як майдони бузурги ҷангҳои иттилоотии Русия, ИМА, Украина, Сурия, Эрон, Туркия ва дигар кишварҳо, ташкилотҳои сиёсӣ, қавмҳою миллатҳо ва созмонҳои экстремистию террористӣ мубаддал гардида, авзои оламро боз ҳам тиратар намудаанд. Дар ютуб каналҳои расонаҳо ва шахсиятҳои машҳури Русияро бастанд, вале на ҳама маводди барои поксозӣ дархост намудаи Роскомнадзор аз тарафи маъмурияти ютуб пок карда шуданд.

Тамошобинони наворҳои тафреҳӣ дар ютуб-каналҳо зиёданд, дар чунин шароит муҳаққиқ Э.А. Легкодух ба ин назар аст, ки «пешниҳоди иттилоот бояд бо истифода аз усулҳои нав, жанрҳо ва роҳҳои ғайристандартӣ сурат гирад» [280, с. 491] то ки сафи тамошобинони саҳифаҳои журналистони байналхалқии таҳлилгар бештар гарданд.

Ба ҳама дастрас будани таъсиси канал ва нашри навор дар ютуб боиси бесару сомонӣ дар шабакаи мазкур ва паҳншавии иттилооти ғаразнок гардид, ки

аз ин раванд миллатҳо, давлатҳо ва ҳатто одамони одӣ зарар дида истодаанд. Тоҷикистон ва миллати тоҷик низ аз ҷангҳои иттилоотӣ дар расонаҳои байналхалқӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, бахусус ютуб зарари маънавии зиёд диданд. Муҳаққиқ Д. Ҳамидов сиёсати иттилоотии кишварҳо ва авзои фазои иттилоотии ҷаҳонро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст: «амнияти миллии кишвар аз амнияти иттилоотӣ хеле вобаста аст» [206, с. 10]. Аз ин рӯ, зарур аст, ки омӯзиши саводи расонаӣ ба муҳоҷирони кории тоҷик тавассути ютуб, телеграм, фейсбук ба роҳ монда шавад. Инчунин наворҳои омӯзишӣ, дарсҳои забонҳои хориҷӣ, қоидаҳои сукунат дар хориҷа, тарғиби маърифати ислом аз ҷониби Шурои уламои Тоҷикистон, ниҳодҳои дахлдор ва нафарони миллатдӯст барои муҳоҷирон дар ютуб бештар нашр гардад, то ки ҷавонони мо аз гирдоби тарғиботи бегонагон раҳо ёбанд ва бозичаи дасти хадамоти махсуси дигар кишварҳо ва созмонҳои ғайриқонунӣ нагарданд. Илова бар ин расонаҳои миллиро зарур аст, ки ҷиҳати пешгирии чунин авзоъ ахбори Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳонро сари вақт тавассути воситаҳои ахбори омма, махсусан саҳифаҳои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ пешниҳоди аудитория намоянд, то ки ҷомеаи мо ба ахбори дурӯғин бовар накунанд ва эътимодашон нисбати ВАО-и ватанӣ бештар гардад. Пойбанди тарғиботи бегонагон мондани аудиторияи тоҷик хатар ба амнияти миллӣ ва оромии ҷомеа буда, бартараф намудани ин ҳазинаи зиёди молӣ, маънавӣ ва замони зиёдро талаб менамояд. Аз таҳқиқи масъалаи истифодаи ютуб дар набардҳои иттилоотӣ маълум гардид, ки он метавонад рақиб ва ё шарики ВАО-и байналхалқӣ бошад ва дар кадом мавқеъ қарор гирифтани Ютуб аз мавқеи ИМА сахт вобастагии калон дорад.

Ҷанги иттилоотӣ дар журналистикаи байналхалқӣ як мушкили печида ва бисёрҷанбаест, ки барои ҳалли он муносибати ҳамаҷонибаро аз субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ ва муассисони расонаҳо тақозо мекунад.

4.3. Нақши ВАО-и байналхалқӣ дар равобити байналхалқӣ

Воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ дар баробари дигар самтҳои ҳаёти байналхалқӣ ба муносибатҳои байналхалқӣ низ таваҷҷуҳ менамоянд. «Дар олами муосир табодули ахбор байни одамон, халқҳо ва давлатҳо ба қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфтааст» [194, с. 310]. Равобити дуҷонибаи кишварҳо, ҳамкориҳои кишварҳо дар доираи созмонҳои минтақавию байналхалқӣ, муносибатҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ, ҳарбӣ ва умуман ҳамаи бахшҳои фаъолияти субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар расонаҳо инъикос гардида, журналистон бо таҳияи маводди таҳлилӣ ҳамкориҳои байналхалқиро шарҳ ва таҳлил менамоянд.

«Дар шароити муосир журналистикаи байналхалқӣ на танҳо афкори ҷамъиятиро ташаккул медиҳад, балки ба самтҳои сиёсати хориҷии кишвар таъсир мерасонад» [60, с. 6]. Расонаҳои байналхалқӣ метавонанд фазои муайянеро ба вуҷуд оранд, ки ба қабули қарорҳои дар сатҳи байналхалқӣ қабулшаванда ва ҷараёни минбаъдаи сиёсати ҷаҳонӣ таъсир гузорад. Ҳамзамон дар баъзе маврид тақдири минтақа ё давлате аз фаъолияти журналистони байналхалқӣ вобастагии бузург дорад.

ВАО-и байналхалқӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ оид ба муносибатҳои байналхалқӣ нақши муҳим доранд. Онҳо ба дарки рӯйдодҳои байналхалқӣ мусоидат менамоянд, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва марказҳои қабули қарорро ба масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ равона намуда, ҳамрайъии одамони кишварҳои гуногунро ба вуҷуд оварда метавонанд. Ҳамчунин дар ҳолатҳое ки миёни ду ва ё зиёда кишвар равобити дипломатӣ қатъ гаштааст, ВАО-и байналхалқӣ нақши миёнаравро иҷро менамоянд ва ҳатто дар барқарорсозии робитаҳои онҳо саҳм гузошта метавонанд. Инчунин ВАО новобаста ба он ки миллӣ аст ва ё байналхалқӣ метавонад, ба муносибатҳои байналхалқӣ таъсири манфӣ расонад, зиддиятро миёни кишварҳо ба вуҷуд биёрад, ҳолатҳои бухрониро шиддат диҳад ва ҳатто боиси ҷангҳо гардад. ВАО-и

байналхалқӣ дар раванди инъикос ва таҳлили муносибатҳои байналхалқӣ вазифаҳои зеринро анҷом медиҳанд:

1. **Ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар ҷаҳон**: ВАО тамоми ҷузъиёти ҳаёти байналхалқиро инъикос намуда, ба дарки авзои байналхалқӣ мусоидат намуда, ба одамон таъсир мерасонад, то ки онҳо воқеаҳои байналхалқиро тавассути тасаввуроти онҳо дар бораи дигар кишварҳо, сиёсатҳо ва фарҳангҳои дигар халқу миллатҳо қабул кунанд. Шинохти миллатҳо, кишварҳо ва дарки равандҳои муносибатҳои байналхалқӣ маҳз ба иттилооти ВАО рабти бевосита дорад.

2. **Муайян намудани рӯзномаи ҳаёти байналхалқӣ:** Воситаҳои ахбори омма муайян мекунанд, ки кадом масъалаҳо муҳимманд ва бояд дар арсаи байналхалқӣ баррасӣ шаванд. Қабули қарорҳои сиёсӣ ва ташаббусҳои байналхалқӣ аз ҷонибдории ВАО-и байналхалқӣ низ вобастагии зиёд дорад, зеро маҳз ВАО минбари таблиғи қарорҳо ва ташаббусҳо буда, давлатҳо барои дастгирии бештар пайдо намудан дар арсаи байналхалқӣ аз хидмати расонаҳо васеъ истифода мебаранд.

3. **Иштирок дар ҳаёти дипломатӣ ва робитаҳои байналхалқии кишварҳо:** Васоити ахбори оммаи байналхалқӣ метавонанд бо роҳи инъикос ва таҳлили ҳаёти байналхалқӣ ва муаррифии кишварҳо ба равобити дипломатии кишварҳо дахолат намоянд. Бо нашри иттилооти созанда ВАО эътимоди ҷонибҳоро ба вуҷуд оварда, дар ҳалли мушкилоти муносибатҳои байналхалқӣ саҳм мегузоранд. Аммо нашри иттилооти бардурӯғ ва ғаразнок тавассути ВАО доир ба рӯйдодҳои ҳаёти байналхалқӣ метавонад дастовардҳои дипломатии ҳосилшударо барбод диҳад. Дар умум таъсири ВАО ба дипломатия хеле бузург аст. Дар замони муосир, ки ҷомеаи иттилоотӣ ном мебаранд, технологияҳои иттилоотӣ ба муносибатҳо ва фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ таъсири амиқ мерасонад, Дар робита ба ин мавзуъ муҳаққиқ З. Муминҷонов ба ин назар аст, ки «шаклҳои зоҳиршавии сиёсиро дигаргун месозанд» [329, с. 310]. Дар ин масъала мо ба андешаи муҳаққиқи мазкур ҳамназарем.

4. **Таъсири ВАО-и ба равандҳои сиёсӣ:** Вазифаи мазкур ба вазифаи қаблӣ монандии зиёд дорад. Воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ тавони онро

доранд, ки бо инъикоси нуқтаи назари гуногун ва таъсир расонидан ба қарорҳои сиёсӣ дар равандҳои муносибатҳои байналхалқӣ ва ба баҳсҳои сиёсӣ саҳм гузоранд. Албатта то кадом андоза саҳм гузоштани ВАО аз мавқеи муассисони онҳо, ҳадаф ва вазифаҳои ба расонаҳо таъин гашта ва мавқеи журналистони байналхалқӣ низ вобастагӣ дорад. Муҳаққиқ С.Д. Қаландаров дар ин маврид чунин назар дорад: «ҳар як сухани гуфташудаи сиёсатмадор ва нодуруст фаҳмидани хабарнигор метавонад, чандинсола кӯшишу заҳмат ва корҳои ташкилшударо барои наздикшавии халқҳо ва мустаҳкам кардани дӯстию ҳамкории миллатҳо, тағйир диҳад» [272, с. 551].

5. **Мусоидат дар муколамаи байни фарҳангҳо**: Яке аз самтҳои дипломатия густариши равобити фарҳангӣ ба шумор меравад, ки онро дипломатияи фарҳангӣ низ меноманд. ВАО барои эҷоди ҳамдигарфаҳмӣ ва муколамаи фарҳангҳои гуногун нақши беназир дорад. Журналистони байналхалқӣ ба таври доимӣ дар чорабиниҳои фарҳангии намояндагиҳои дипломатии кишварҳо, созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ иштирок намуда, ҳамкориҳои илмию фарҳанги кишварҳоро муаррифӣ намуда, бо ин роҳ дар таҳкими дӯстии миллатҳо ва кишварҳо саҳм мегузоранд.

6. **Таъсирасонӣ ба сиёсати ҷаҳонӣ:** Ҳарчанд ВАО ҳамчун субъекти муносибатҳои байналхалқӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ эътироф нагардидаанд, вале амалан онҳо бозингарони фаъоли саҳнаи сиёсии ҷаҳон эътироф шудаанд. ВАО-и байналхалқӣ метавонад ба сиёсати ҷаҳонӣ тавассути тарғиби арзишҳо ва стандартҳои муайян кумак намоянд ва ё бо бадном кардани субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ ба сиёсати ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд. Дар замони муосир журналистикаи байналхалқӣ «ҳамчун як ҷузъи «қувваи нарм»-и кумакрасон ба давлат ҷиҳати расидан ба дастовардҳо дар сиёсат ва савдои хориҷӣ маънидод мегардад» [266, с. 109]. Вале чунин назарро кишварҳои абарқудрат камтар ба эътибор мегиранд ва ВАО-и байналхалқии онҳо вобаста ба сиёсати байналхалқии кишварашон оҳанги ҳукмфармоӣ ва ё фишору тарсдиҳиро ба кор мебаранд.

7. **Муаррифии дастовардҳои дипломатӣ:** ВАО-и байналхалқӣ дар баробари таваҷҷуҳ ба муносибатҳои байналхалқӣ ба муаррифии дастовардҳои дипломатии кишварҳо низ аҳаммият медиҳад. Бахшида ба солгарди муносибатҳои дипломатӣ бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ табрикномаҳо ирсол мегардад, давлатҳо ба ходимони сиёсӣ, адабӣ, илмӣ, роҳбарони дигар давлатҳо, сарварон ва кормандони созмонҳои байналхалқӣ ва шахсиятҳои машҳури хориҷӣ ҷоиза ва унвонҳои фахрӣ тақдим менамоянд, рӯзҳои фарҳангии кишвари худро дар хориҷа барпо карда, ҷашнҳои миллии худро ҳамроҳ бо намояндагони сафоратхонаҳои дигар кишварҳо таҷлил менамоянд. Ҳамаи ин чорабиниҳо эҳтиёҷ ба муаррифӣ дошта, дар ин самт ВАО-и миллӣ ва байналхалқӣ кумакрасони намояндагиҳои дипломатӣ мебошанд.

Роҳбарони давлатҳо, вазирони корҳои хориҷӣ, сафирон ва дигар шахсони расмӣ бо намояндагони расонаҳои байналхалқӣ ва миллӣ доир ба равобити хориҷии кишварашон мусиҳиба анҷом медиҳанд ва ё мақолаҳояшонро дар бобати дастовардҳои муштарак бо шариконашон дар расонаҳои миллӣ ва байналхалқӣ нашр менамоянд.

ВАО ба равобити кишварҳо хавфҳо низ дошта метавонад. Албатта, чунин мавқеъро ВАО дар ҳолати рақобати носолим миёни кишварҳо ба худ мегирад. Васоити ахбори омма инчунин метавонад як манбаи иттилооти бардурӯғ, тақаллубкорӣ дар инъикоси воқеият ва манбаи паҳншавии нафрат бошад, ки боиси сар задани низоъҳо ва бад шудани муносибатҳои байни кишварҳо гардад.

Дар умум нақши воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ дар равобити байналхалқӣ бисьёрсамта ва мураккаб аст. Журналистикаи байналхалқӣ метавонанд дар ташаккули муносибатҳои байналхалқӣ нақши муҳиммро бозанд, аммо он инчунин метавонад дастгоҳи иттилооти бардурӯғ ва иғвоангез гардад, ки ҳосили амали он нифоқангезӣ ва душманӣ мебошанд. Дар замоне, ки тафриқаандозӣ аз ҷониби расонаҳо дар арсаи байналхалқӣ бештар гаштааст, истифодаи радиоҳои байналхалқӣ бо мақсади беҳбудбахшӣ ба муносибатҳои байналхалқӣ зарурат ба таҳқиқро дорад.

Раванди ҳамгироӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ пас аз соли 2016 бо фаъол гардидани Ӯзбекистон дар ин масир тақвият ёфта, дигаргуниҳои мусбат ба вуқуъ омад ва густариши ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон яке натиҷаҳои муҳимми ин раванд аст. Дар баробари Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдор воситаҳои ахбори омма низ имконияти таъсиррасонӣ ба равобити кишварҳоро доранд. Аз ҷумла, радио дар таблиғи дӯстии давлатҳо ва миллатҳо ширкати фаъолона дошта метавонад.

Дар Тоҷикистон беш аз 30 шабакаи радиои давлатӣ ва хусусӣ фаъолият доранд ва дар ин миён радиои «Овози тоҷик» хусусияти радиои байналмилалиро дорад. Радиои «Овози тоҷик» дар заминаи шабакаи ахборӣ -мусиқии «Фурӯғи Ориёно» ва идораи барномаҳои бурунмарзии Радиои Тоҷикистон «1-уми июни соли 2007» [385, с.13] ташкил шудааст. Радиои «Овози тоҷик» барномаҳои худро барои мардуми Тоҷикистон ва кишварҳои дуру наздик бо 8 забон: тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ, русӣ, ӯзбекӣ, ҳиндӣ, арабӣ ва англисӣ ҳамарӯза тули 12 соат пахш мекунад.

Дар замони муосир бо таъсири равандҳои ҷаҳонӣ ва давлатҳои қудратхоҳ масъалаи ҳифзи ҳувияти тоҷикони бурунмарзӣ ва забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳим барои ҷомеаи мо ба шумор меравад. Ҳамон таъкиди устод Айнӣ «рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст: ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё, ки забон надорад» [136, с. 5] ба вазъияти имрӯзаи мо низ дахл дорад.

Идораи барномаҳои бурунмарзӣ яке аз пояҳои радиои «Овози тоҷик» ҳанӯз 16 октябри соли 1949 дар ҳайати радиои Тоҷикистон «бо ташаббуси академик Бобоҷон Ғафуров таъсис дода шуда буд ва дар он давра танҳо ба забони форсӣ ва дарӣ барнома пахш мекард» [475]. Баъдан барномаҳо ба забонҳои форсӣ, дарӣ, англисӣ ва арабӣ пахш мегардид. Таъсис додани Идораи барномаҳои бурунмарзӣ дар миёни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бесабаб набуд. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Саидмуроди Хоҷазод ин тадбир чанд омил дошт: «аввалан, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон ҳаммарзу ҳамзабон мебошад ва роҳбарияти Шуравӣ бо дарки ин матлаб мехост нуфузи кишвари худ ва сиёсати хешро ба ин кишвар,

ки мавриди таваҷҷуҳи мамлакатҳои Ғарб қарор гирифта буд, тақвият диҳад. Сониян, муносибати Иттиҳоди Шуравӣ бо Эрон он вақт рӯ ба беҳбудӣ ниҳода буд ва пахши барномаҳо ба мамлакатҳои форсизабон метавонист заминаи ҳамкориҳои тарафайнро тавсия бахшад…» [132, с. 56].

Идораи барномаҳои бурунмарзии радиои Тоҷикистон то интиҳои ҳокимияти Шуравӣ дар симои Тоҷикистон сохти коммунистӣ ва сиёсати давлати Шуравиро барои эрониён, афғонҳо ва тоҷикони муқими хориҷ таблиғ менамуд. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон самти фаъолияти Идораи барномаҳои бурунмарзӣ низ тағйир ёфт. Аз он замон ба зиммаи шуъбаи мазкур вазифаи муаррифии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва густариши дӯстӣ бо аҳли башар вогузор гардида шуд. Ҷиҳати беҳтар намудани пахши барномаҳои радиоӣ барои хориҷа ва афзудани аудитория зарурати таъсисёбии радиои «Овози тоҷик» ба миён омад. Аз дигар тараф вусъат гирифтани нақши радиоҳои байналхалқӣ ва кишварҳои алоҳида дар фазои иттилоотии минтақа зарурати таъсиси радиои «Овози тоҷик»-ро барои Тоҷикистон муҳим гардонид. Фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ бештар таҳти таъсири расонаҳои хориҷӣ қарор гирифта, дар ташаккулёбии афкори ҷомеаи ин кишварҳо саҳми расонаҳои мазкур афзоиш ёфт. Ҳанӯз соли 2006 муҳаққиқ М. Муқимов пешниҳод намуда буд, ки барои аксуламали таблиғотии радиоҳои хориҷӣ Радиои Тоҷикистонро мебояд пахши барномаҳояшро барои хориҷа тавсеа бахшад: «Барои муаррифии сиёсати давлати Тоҷикистон, муаррифии фарҳангу дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоии мардуми ҷумҳурӣ барои шунавандаҳои кишварҳои хориҷӣ, тавассути бахши бурунмарзии Радиои Тоҷикистон пахши барномаҳоро ба забонҳои кишварҳои абарқудрат-англисӣ, немисӣ, франсавӣ, хитоӣ, испанӣ ва арабӣ ба роҳ мондан зарур аст» [72, с. 65]. Новобаста аз он ки радиои бурунмарзии «Овози тоҷик» бо ҳашт забон таъсис ёфт, бархе аз қисмати ин пешниҳоди муҳим – пахши барномаҳо бо забонҳои хитоӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва испанӣ то ҳанӯз амалӣ нашуданд. Расонаҳои хориҷӣ ба тарғиби дӯстӣ ва ҳамзистии осоишта миёни сокинони Осиёи Марказӣ

чандон ҳавасманд нестанд ва аз ин рӯ, мавзуи мазкур вобаста ба дид ва мавқеи кишварҳо дар расонаҳои миллии кишварҳо баррасӣ мегарданд.

Яке аз рӯйдодҳои асосӣ дар сиёсати хориҷии муосири Тоҷикистон ин густариши равобит бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ба андешаи муҳаққиқ Иброҳим Усмонов сиёсати хориҷии ҳар давлат асосан дар се ченак ба амал меояд ва «муносибати байни ду давлат» [124, с. 23] яке аз ченакҳои асосӣ аст. Тоҷикистон дар равобити хориҷии худ аз ҳамаи ин се ченак истифода менамояд, бахусус дар робита бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ҳамзамон Тоҷикистон равобитро бо Ӯзбекистон дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар асоси эҳтироми мутақобил, манфиатҳои муштарак, риояи созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба, таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башарӣ, инчунин талошҳои муштарак дар ҳалли мушкилоти умумӣ дар минтақа, бахусус дар «Бунёди байналмилалии наҷоти Арал ва раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз ҷумлаи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мебошад» [4, с. 58].

Бояд қайд кард, ки аз 22 октябри соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон барқарор гардидааст. Дар заминаи ҳамкориҳои дар тӯли таърих густаришёфтаи халқҳои тоҷику ӯзбек, дурнамои рушди иқтисодии минтақа, мавқеи ҷуғрофии давлатҳо ва инчунин ҳавасмандии тарафҳо ба таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҳам боиси он гардид, ки Тоҷикистон ва Ӯзбекистон беш аз пеш ба густариши равобит иқдом намоянд.

Афзоиши сафарҳои сарварони ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба давлатҳои ҳамдигар аз соли 2016 инҷониб гувоҳ аз он аст, ки муносибатҳои ин ду кишвар густариш ёфта истодаанд. Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон рӯзҳои 18-19-уми апрели соли 2024 дар тавсеаи муносибатҳои гуногунсоҳаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон саҳифаи нав боз намуд. «Дар доираи ин сафар барои рушди муносибатҳои байни ду давлат 28 созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун ба имзо расид» [476].

Дар баробари инъикоси равобити кишварҳо расонаҳо қудрати таъсиррасонӣ ба муносибати миллатҳо ва давлатҳоро доранд. Ҷиҳати муайян намудани ин ки радиои «Овози тоҷик» дар ин масир чӣ иқдоме намудааст, зарурат ба таҳқиқи барномаҳои радиои мазкур ба миён омад. «Албатта, чунин муносибатҳои мутақобилан судманди дӯстиву ҳамҷаворӣ ва инъикоси ҳамаҷонибаи он дар воситаҳои ахбори омма, бешубҳа, ба рушди муносибатҳо хидмат карда, аз вазъи кунунии онҳо мардумро огоҳ менамояд» [370, с. 132].

Аз таҳлили маводди радиои «Овози тоҷик» маълум гардид, ки маводди доир ба муносибатҳои байнидавлатӣ аввалан дар бахшҳои хабарии барномаҳои радиои «Овози тоҷик» пахш мегарданд ва сипас дар барномаҳои таҳлилӣ ба шунавандагон шарҳ ва тафсири руйдод пешкаш мегарданд.

Мавқеи Президенти кишвар дар сиёсати хориҷӣ нақши меҳвариро иҷро менамояд ва аз ин рӯ, ҳамаи вохӯриҳо, сафари расмию корӣ, гуфтушунид бо намояндагони дигар давлатҳо, созмонҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ва фаъолияти дигари марбут ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ аз тариқи тамоми барномаҳои иттилоотии забонҳои нашри радиои «Овози тоҷик» бозтоб мегардад. Махсусан ҳар як навигарие, ки марбут ба муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон бо ширкати Президенти Тоҷикистон сурат мегирад, радиои «Овози тоҷик» пурра инъикос менамояд. Аз ҷумла, гузориши «Боздиди сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аз хоҷагиҳои деҳқонии «Ватан» ва «Ҳоҷӣ Неъмат»-и шаҳри Турсунзода» [299, с. 103] мисоли равшани гуфтаҳои мазкуранд.

Дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон рӯзҳои 18-19-уми апрели соли 2024 бинои нави сафоратхонаи ин кишвар дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардид. Ҳамзамон роҳбарони давлатҳо дар Душанбе натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олиро ҷиҳати таҳкиму тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамҷаворӣ неку назаррас арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки ба имзо расидани санадҳои нави ҳамкорӣ, бахусус Аҳдномаи ҳампаймонӣ байни ду давлати ҳамсоя, барои густариши бесобиқаи робитаҳо роҳи васеъ боз менамояд.

онлайни форсӣ буда, ба шунавандагони Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон нигаронида шудааст. Шабакаи мазкур барномаҳои динӣ ва мусиқӣ пахш мекунад. Радиои ҷаҳонии порсӣ ба забонҳои англисӣ, форсӣ, туркӣ, афғонӣ ва тоҷикӣ саҳифаи интернетӣ дорад, ки бештар подкастҳои радиоиро ҷой додаст. Соли 2017 Радиои Trans World (TWR) (радиои таблиғоти насронӣ) аввалин барномаро бо номи «Умеди занон» барои бонувони эронӣ дар студияи Истанбул таҳия намуд. Ташкилёбии шуъбаи махсуси форсӣ дар соли 2017 оғоз ёфт. Дар соли 2020 аввалин студияи радиои мазкур дар шаҳри Ялова, қисмати шимолу ғарбии Туркия ташкил карда шуд. Дар соли 2021 студияи мазкур ба шаҳри Анқара интиқол дода шуд. «Бо оғози ҳамкорӣ байни Радиои ҷаҳонии Порс ва Радиои Шима Кристиан дар Туркия афзоиши фаъолияти радиои мазкур мушоҳида мешавад» [494]. Дар соли 2023 студияи нав дар Анқара кушода шуд. Баъд аз шуруи ҳамкорӣ бо радиои Петра Медиа радиои мазкур маводди таблиғотии худро афзоиш дода, ба тавлиди видеоконтент ва таъсиси саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ гузашт.

Радиоҳои муҳоҷирони эронӣ. Муҳоҷирати форсизабонон дар миёнаҳои асри XX, давраи Инқилоби исломии Эрон, ҷангҳои чандинсолаи Афғонистон ва авзои пасошуравии Тоҷикистон дар саросари олам авҷ гирифт. Дар кишварҳои Аврупо, ИМА, Канада, Русия ва дигар кишварҳо ҷамъиятҳои форсизабонон таъсис ёфтанд. Муҳаққиқ А. Ғ. Сано қайд намудааст, ки «умдатарин проблемаҳое, ки ҷомеаи форсизабон ва ба таври кулл аққалиятҳои қавмӣ ба он мувоҷеҳанд, дар қадами нахуст хатари аз байн рафтани доштаҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллии онҳо» [200, с. 147] мебошад. Ҷиҳати ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва ҳувияти худ ҷамъияти форсизабонон ва афроди алоҳида ба таъсиси матбуот, радио ва телевизионҳо иқдом намуданд. Ҳамзамон давлатҳои пазирандаи муҳоҷирон барои боз ҳам бештар тарғиб намудани қонун ва тартиботи худ, мутобиқ гаштани муҳоҷирон ба он ҷомеаҳо барои таъсиси ВАО-и қавмӣ мусоидат намуданд. Масалан, барномаи «Ошноӣ бо қонунҳои Канада» [357, с. 39] аз тариқи телевизиони кабелии чандфарҳангии «Shaw» мисол шуда метавонад.

Зери мафҳуми ВАО-и қавмӣ расонаҳоеро дар назар дорем, ки «барои ақаллиятҳои миллӣ ва қавмӣ (ВАО-и қавмӣ, муҳоҷирӣ, ҷамъиятҳои миллӣ ба забони хориҷӣ) нигаронида шудаанд» [365].

Ҳоло берун аз сарзаминҳои аслии истиқомати форсизабонон радиоҳо барои муҳоҷирони форсизабон таъсис дода шуданд. Чунин радиоҳо дар Австралия, Канада, ИМА ва дигар кишварҳо фаъоланд. Аз ҷумла, дар Австралия радиоҳои муҳоҷирони форсизабон амал менамоянд.

Ассотсиатсияи пахши этникии Квинсленд бо номи Radio 4EB як пахшкунандаи ҷамъиятӣ аст, ки дар ҷанубу шарқи Квинсленд ҷойгир аст. 4EB аз декабри соли 1979 пахш карда мешавад. «14 майи соли 2011 Радио 4EB шабакаи рақамии GLOBAL-ро оғоз кард, ки ба мусиқии ҷаҳонӣ ва анъанавӣ, инчунин нашрҳои нав бо забонҳои гуногун, инчунин барномаҳои иттилоотии бисёрзабона ва англисӣ нигаронида шудааст» [534].

Гурӯҳи форсӣ аз 12 июли соли 1991 дар Радиои 4EB ба пахши барномаҳо шуруъ кардааст. Дар мавҷи 98.1 FM аз тариқи Радиои 4EB барномаҳои «Мано Бешно» ва «Навои дил», дар шабакаи глобалии радиои мазкур «Радиои Чакома» ва «Радиои Меҳрбону» ба забони форсӣ пахш мегарданд.

Барномаи радиоии «Мано бешно» аз тарафи як гурӯҳи дӯстон ҳар рӯзи сешанбе соати 20:00 таҳия мегардад. Дар барнома онҳо дар бораи мавзуъҳои мухталиф, аз ҷумла ахбори асосии ҳафта, мусобиқаҳои варзишӣ, навигариҳои илм, сиёсат, фарҳанг, шеъру адабиёт, муаррифии китобҳо, шарҳи намоишгоҳҳо ва рӯйдодҳои гуногуни шаҳри Брисбен ҳарф мезананд ва суруду мусиқӣ ва ҳикояҳои кӯдаконаро нашр мекунанд. Инчунин, оид ба масъалаҳои гуногуни тиббӣ, онҳо мунтазам дар барномаи худ коршиносон ва табибони муқими Брисбенро даъват мекунанд, то ба муҳоҷирони форсизабон маслиҳати беҳтар пешниҳод кунанд.

«Навои дил» барномаи дигар дар Радиои 4EB аст. Ин барнома бар пояи эътиқоди фарҳангии форсӣ ва таблиғи ахлоқу хирад, ахлоқ ва ҳуқуқи башар аст. Ҳар як барнома масъалаҳои тандурустӣ, бозёфтҳои илмӣ, адабиёт, технология, санъат, мусиқӣ, кино, таърих ва саводнокии забони англисиро дар бар мегирад.

Дар омодасозии барномаи мазкур муҳаррирон Ситора Мотиян, Марям Кия, Парвин Азимӣ, Парвона Мадиҳӣ, Ҳамиди Риёҳӣ, Ромин Аттариён, Насрин Моваҳид, Шаҳрзод Кошонӣ, Шаҳло Пагоутан, Аида Алиҳошим, Воҳид Амирӣ, Саид Таботабоӣ, Парвона Бирак, Ҷавод Рағиб, Муҷтаба Бесантан, Паймон Некназар саҳм мегузоранд.

Паём як барномаи иттилоотӣ ва огоҳӣ буда, ҳар рӯзи ҷумъаи дуюм пахш мешавад. Ин барномаи форсӣ аз панҷ бахши муҳимми аслӣ иборат аст, ки аз ҷумла: ҳамсафарӣ, хабарӣ, фароғатӣ, иттилоот ва омӯзиш. «Ҳамсафарӣ» аз ахбори иҷтимоӣ ва сиёсӣ иборат буда, метавонад хабари ватанӣ, маҳаллӣ, байналмилалиро дар бар мегирад. Инчунин сурудҳои нав, ҳаҷв ва мусоҳибаҳо шунавонида мешаванд. Барномаҳои «Мано бешно» ва «Навои дил» дар сомонаи мазкур подкастҳои худро низ ҷой медиҳанд.

Радиоҳои «Чакома» ва «Меҳрбону» дар низмои Радиои 4EB мақоми глобалӣ доранд, яъне барои аудиторияи васеъ пешбинӣ шудааст. Радиои Меҳрбону бо ҳадафи баҳсу таҳлили мавзуъҳои марбут ба занон таъсис ёфтааст. Ин барномаи радио майл ба эҷоди тафриқаандозии гендерӣ надорад. Инчунин ҳеҷ гуна ҳаракатҳои ҷамъиятиро, ба монанди феминизмро дастгирӣ намекунад. Бо вуҷуди ин, Радиои Меҳрбону кӯшиш мекунад, ки дастоварди ва комёбиҳои занонро муаррифӣ намояд. Инчунин Радиои Меҳрбону бо унвони «Акси садои занон» [522] дар бораи занон мавод нашр мекунад.

Ин барномаи радиоӣ дар авохири соли 2015 бо ташаббуси Воҳиди Фозил оғоз шуда, дар моҳи январи соли 2016 расман ба пахши барномаҳо шуруъ кард ва аз он замон то кунун пай дар пай дар рӯзҳои сешанбе як барномаи яксоатӣ ба забони форсӣ таҳия менамояд.

Дар Радиои этникии 4EB ҳар рӯзи душанбе соати 22:00 барномаи радиоӣ аз гурӯҳи форсӣ бо номи «Чакома» пахш мегардад. Дар барномаи мазкур ашъори шоирон манзури шунавандагон мегардад. Дар барнома кӯшиш мекунанд, ки баъзе маъно ва ғояҳои шеърҳоро ба шунавандагон фаҳмонанд. Ҳамчунин чанд мусиқии ҷолиб ва матолиб ё китобҳоро ба забони форсӣ мешунавонанд.

Дар ИМА низ ВАО-и этникӣ зиёд аст ва дар штати Филаделфияи ИМА соли 2025 радиои тоҷикӣ таъсис ёфт, ки «Радиои Самарқандиён» [543] ном дошта, аз ҷониби тоҷикони самарқандии муқими ИМА ташкил шудааст. Радиои мазкур ҳар рӯзи шанбе дар мавҷи АМ 860 аз соати 13:00 то 13:30 нашр мешавад. Нахустин барномаи «Радиои Самарқандиён» 12 апрели соли 2025 тариқи радио пахш гашт ва подкасти барнома дар сомона ҷой дода шуд. Дар аввалин барнома ровӣ Далер Ҳомидов ва раиси ҷамъияти самарқандиёни Амрико Ҳаким Раббимпур атрофи аҳаммияти таъсиси радиои тоҷикӣ, масъалаи ҳифзи ҳувияти миллӣ, тарғиби адабиёт ва фарҳанги миллӣ ба наслҳои нав, таҷлили ҷашнҳои миллӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи ИМА суҳбат намуданд. Дар барнома ҳам ровӣ ва ҳам мусоҳиби ӯ ташкили радиои тоҷикони самарқандии Амрикоро танҳо барои ҳифзи забон, фарҳанг ва адабиёти худ маънидод намуда, таъкид карданд, ки онҳо «ягон кӯшиши сепаратестӣ ва миллатгароӣ надоранд» [543]. Радиои тоҷикии «Самарқандиён» 11 майи соли 2025 ютубканали худро бо номи «Samarkandian» [544] боз намуд ва рӯзи 12 май 5 наворро нашр кард.

Бояд қайд кард, ки WWDB AM 860 радиои тиҷоратиест бо сигнали тавонои 10,000 ватт дар тамоми водии Делавэр рӯзона барнома пахш менамояд. WWDB барномаҳои фароғатӣ ва иттилоотиро пешниҳод мекунад, ки фарҳанги миллатҳои сокини Филаделфияро инъикос мекунанд. «Ҳамчунин иттилооти молиявӣ, эълонҳо дар бораи амволи ғайриманқул, ободонии хона, рӯйдодҳои ҷорӣ, барномаҳои фароғатӣ ва хабарӣ бо забонҳои полякӣ, олмонӣ, украинӣ ва ғайраро» [523] аз тариқи ин радио пахш мегардад. Муассисони радиоҳои этникӣ ба ширкати Beasley Media Group, ки молики радиои WWDB AM 860 аст, барои пахши барномаҳо дар радио ва платформаҳои рақамии он маблағ пардохт менамоянд. Радиои WWDB AM 860 бо логотипи «Talk 860» [550] машҳур аст.

Муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва М. Шоев масъалаи гуногунрангии этникии ҷомеаҳоро ба назар гирифта, таъкид карда буданд, ки дар замони муосир ҷомеаеро наметавон пайдо кард, ки аз нигоҳи этникӣ мутафарриқ бошад. Ба андешаи муҳаққиқони мазкур рангорангии забонҳо, миллатҳою қавмҳо, халқҳо, урфу одат, суннату анъанаҳо ҷиҳатҳои мусбату манфиро доро мебошанд. «Агар

проблемаҳои ирқию нажодӣ бо тазодҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бархӯранд, раванди сулҳомези ҳаёти ҷамъиятӣ хароб мешавад» [114, с. 45]. Ба хотири рафъи чунин буҳрон ва пайвандсозии ақаллиятҳо ба ҷомеаи кишварҳои муҳоҷирпазир расонаҳои этникӣ таъсир ёфтаанд, вале онро бо расонаҳое, ки барои пешбурди ҷанги иттилоотӣ ва тарғиботи байналхалқӣ равона мегарданд, набояд як донист.

Дар зиёда аз сад соли охир таъсиси расонаҳо барои миллатҳои бегона хеле густариш ёфтааст ва дар ин мавзуъ Кейвон Ҳусейнӣ, корманди Би-Би-Си дар маводди таҳлилии «Овози дигарон: Чаро кишварҳо барои миллатҳои дигар расона роҳандозӣ мекунанд?» чунин овардааст: «Аз он вақт инҷониб на танҳо теъдоди ин расонаҳо афзоиш ёфт, балки доираи барномаҳои онҳо низ сол то сол васеътар шуд. Феълан пахши хабару иттилооти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба 35 забон, Радиои Байналмилалии Чин (CRI) ба 65 забон, хабаргузории давлатии Русия - Спутник ба беш аз 30 забон, расонаи давлатии Олмон Deutsche Welle (DW) ба 32 забон ва Сервиси ҷаҳонии Би-Би-Си ба 42 забон иттилоот мунташир мекунанд. Дар ҳамин ҳол, бархе аз кишварҳо, назири Арабистони Саъудӣ, Исроил ва Русия ба маблағгузории махфии расонаҳои хабарӣ ба забонҳои мухталиф, аз ҷумла форсӣ муттаҳам мешаванд» [474].

Аз таҳқиқ маълум гардид, ки акнун на танҳо теъдоди расонаҳои тарғиботӣ барои форсизабонон зиёд гаштааст, балки ҳаҷми барномаҳои радиоӣ, телевизионӣ ва контентҳо аз тариқи интернет ва дигар платформаҳо сол то сол васеътар шуданд. Феълан зиёда аз 20 кишвар барои форсизабонон барномаҳои радиоӣ, телевизионӣ ва контентҳои интернетӣ пахш менамоянд. Инчунин дар асри XXI рақобат барои фатҳи шуури форсизабонон тавассути радиоҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ, инчунин тавассути платформаҳои гуногуни интернетӣ ва дигар воситаҳои коммуникатсионӣ беш аз пеш густариш ёфта, ба муҳиммтарин бахши тарғиботи байналхалқии кишварҳои абарқударат ва дигар давлатҳо мубаддал гаштааст. Радиоҳои байналхалқии форсизабони ИМА ва Британияи Кабир бештар ба бурдани ҷанги иттилоотӣ ва тарғибот миёни форсизабонон машғул буда, фаъолияти радиоиҳои байналхалқии Русия, Чин, Ҷопон ва Арманистон барои муаррифии дастовардҳои худ ба форсизабонон ва

таҳкими робитаҳо бо ин кишварҳо равона гардидаанд. Мубориза барои ғасби фазои иттилоотии кишварҳои форсизабон ва мағзшӯйии форсизабонон дар саросари олам ҳамона идома дошта, кишварҳои Исроил ва Туркия ба мисли ИМА дар ин самт бештар фаъол гаштаанд.

5.2. Журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо

Дар Раёсати иттилоот ва матбуоти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 зиёда аз 40 намояндаҳои доимии ВАО-и хориҷӣ сабти ном шуда буданд. Аввали соли 2025 дар Тоҷикистон 17 ВАО-и хориҷию байналхалқӣ ва намояндагони зиёди расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ фаъолият доранд. Оҷонсиҳои иттилоотии «ТАСС», РИА «Новости», «Франс-Пресс» (Фаронса), «Рейтер» (Британияи Кабир), ИРНА (Эрон), «Ассошиэйтед-Пресс» (ИМА), расонаҳои «Садои Амрико», «Иран интернешнл», «Радиои Озодӣ «, «Би-Би-Си», «Sputnik», «Первий канал» (Россия), ШБТР «Мир» ва хабарнигорони дигар ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Тоҷикистон фаъолият доранд.

Муҳаққиқон С. Гулов ва М. Анҷум фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ вобаста ба Тоҷикистонро ба ду самт ҷудо намудаанд: «Самти аввал агар пахши барномаҳо бо забони тоҷикӣ дар замони шуравиро фарогир бошад, пас, самти дуюм, фаъолияти бевосита дар Тоҷикистон тавассути боз намудани дафтари ин расонаҳо ва таъйини намояндаҳо ба шумор меояд» [248, с.247]. Ба андешаи мо самти аввали фаъолияти расонаҳои байналхалқии марбут ба Тоҷикистонро «пахши барномаҳо бо забони тоҷикӣ барои Тоҷикистон ва тоҷикон аз хориҷа» номгузорӣ намудан бамаврид аст, зеро ҳанӯз ҳам расонаҳо барои Тоҷикистон ва тоҷикон тарғибот мебаранд. Ҳамзамон фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ барои Тоҷикистон ва тоҷиконро метавонем ба ду давра тақсимбандӣ намоем. Давраи аввал фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ барои тоҷикон дар замони «Ҷанги сард» ва давраи дуюм фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ барои тоҷикон ва Тоҷикистон аз соли 1991 инҷониб.

Илова бар расонаҳои байналхалқии форсизабон таъсири воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои ҳамсоя ба аҳолии Тоҷикистон зиёд аст. Масалан, агар то соли 2007 дар баъзе ноҳияҳои назди сарҳадии Тоҷикистон сокинони кишвар барномаҳои телевизиони тоҷикро бинобар мушкилоти техникӣ тамошо карда наметавонистанд ва каналҳои ҷумҳуриҳои ҳамсарҳад бемамоният дастрас буданд. Ҳоло бо вуҷуди беҳтар гаштани мавҷи шабакаҳои ватанӣ ва бештар шудани теъдоди телевизионҳои миллӣ вазъият ҳамоно ташвишовар аст, зеро афзудани теъдоди шабакаҳои хориҷӣ ва рангорангии муҳтавои онҳо боиси камбинанда гаштани телевизионҳои ватанӣ гаштааст. Ҳадаф аз ин суханҳо нодида гирифтани фаъолияти телевизионҳои миллӣ нест, балки мехоҳем телевизионҳои ватанӣ дар фазои иттилоотии кишвар мавқеи беҳтарро соҳиб гарданд, вале васеъ кардани фазои иттилоотӣ бе пешниҳоди муҳтавои ҷолиб барои ҷалби таваҷҷуҳи аудитория ғайриимкон аст.

Масъалаи муаррифи ҷумҳурӣ тавассути расонаҳои байналхалқӣ мавзуи муҳим барои Тоҷикистон аст. Соли 2007 ҳанӯз замоне ки расонаҳои Тоҷикистон ба монанди имрӯз бисёр набуданд, мо истифода аз имкониятҳои ВАО-и байналхалқии муқими Тоҷикистонро то пайдо кардани шароити мусоид зарур шуморида будем. Тоҷикистон дар ин самт таҷрибаи аввалини худро соли 2001 амалӣ намуда буд. Вазъияти он замонро муҳаққиқ И.К. Усмонов чунин баён намудааст: «Шуруи асри XXI барои Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ давраи басе муҳим ва мувофиқ омад» [125, с. 166], зеро дар ин давра дигаргуниҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ ба вуҷуд омад ва ҳамкории Русия, дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон бо ИМА бештар гардид, ки он дар пасманзари амалҳои террористӣ дар ИМА ба вуқуъ омад. «Пас аз амалиёти терористии 11 -уми сентябри соли 2001 дар шаҳри Ню-Йорк ва Вашингтони ИМА ва сӯйиқасд ба ҷони генерал Аҳмадшоҳи Масъуд дар давоми се моҳ ба Тоҷикистон зиёда аз 2300 хабарнигори хориҷӣ, ки беш аз 50 давлати ҷаҳонро намояндагӣ мекарданд, ташриф оварданд. Онҳо на танҳо дар бораи Афғонистон, балки оид ба ҳаёти имрӯзаи Тоҷикистон маводди зиёдеро омода ва пахш карданд. Дар миёни онҳо кормандони варзидаи бузургтарин ширкатҳои иттилоотии ҷаҳон аз қабили Си-

Эн-Эн, Би-Би-Си, Эн-Би-Си, Эн-Эйч-Кей хабаргузориҳои «Рейтер», «Синхуа», маҷаллаи «Нюс-уик», рӯзномаҳои «Вашингтон Пост», «Жеймен Жибао» ва ғайраҳо буданд» [336, с. 70].

Сабаби яку якбора ба Тоҷикистон омадани хабарнигорони хориҷӣ ва байналхалқиро Д. Назриев сардори вақти раёсати иттилооти ВКХ Тоҷикистон аз он медонад, ки роҳбарияти ҷумҳурӣ авзои минтақаро ба эътибор гирифта, тартиби гирифтани раводид ва аккредитатсияи намояндагони ВАО-и хориҷиро сабук намуданд. Инчунин журналистони тоҷик дар ин давра ҳамчун мухбири ВАО-и хориҷию байналхалқӣ, тарҷумон ва роҳбалади онҳо дар Афғонистон фаъолият намуданд. Муҳаққиқ М. Усмонов муайян намудааст, ки дар он давра нашрияҳои тоҷик тавонистанд аз имконияти кормандони дар Афғонистон будаи худ истифода намоянд: «онҳо ба таври фаврӣ дар хусуси навтарин рӯйдодҳои Афғонистон мавод омода карда ба редаксияҳои худ мефиристоданд» [205, с. 153].

Қайд кардан ба маврид аст, ки аккредитатсияи намояндагони ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ кори мавсимӣ нест, балки давоми сол дар назди Раёсати иттилоот ва матбуоти ВКХ ҶТ мухбирони хориҷӣ ва байналхалқӣ тариқи доимӣ ё муваққатӣ ба қайд гирифта мешаванд ва ҳамзамон вобаста ба баргузории ҳамоишҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди хабарнигорони ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ зиёдтар мегарданд.

Таъсири иттилоот ба муносибатҳои байналхалқии муосир афзудааст. Масалан, ахбори дар бораи давлатҳои паҳнгашта, имконияти таъсир намудан ба равобити хориҷии давлатҳо ва дар пайдоиш ва шаклгирии тасаввуроти гуногун доир ба онҳо дар зеҳни аудиторияро дорад. Иттилооти манфие, ки аз тарафи расонаҳои ҷаҳонӣ нашр мегарданд, хеле таъсири бузурги манфӣ доранд. Аз ин рӯ, чунин ҳолат ба имиҷи кишварҳо зарбаи сахт мерасонад ва таъсири аз ҳама бештар ба кишварҳое мерасад, ки камқудратанд ва расонаҳои заиф доранд. Дар натиҷа эътибор ва нуфузи сиёсии чунин кишварҳо поён меравад ва сармоягузорони байналхалқӣ ба сармоягузорӣ таваҷҷуҳ наменамоянд, робитаҳо коҳиш меёбад.

Соли 2007 вазъи молиявии ҷумҳурӣ ва заиф будани тавоноии расонаҳои миллиро ба назар гирифта, барои муаррифии ҷумҳурӣ аз хидмати расонаҳои хориҷӣ истифода намуданро тавсия намуда будем. Аслан дар ин масъала мо дар такя ба андешаҳои муҳаққиқ ва корманди ВКХ ҶТ Давлат Назриев (Давлаталӣ Назризода) намуда будем, ки айни замон Сафири фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Украина ва ҳамзамон Ҷумҳурии Молдова мебошад. Ӯ мушкилоти инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори оммаи хориҷиро таҳлил намуда, чунин қайд намуда буд, ки дар истифода аз имкониятҳои ВАО-и хориҷӣ дар бораи Тоҷикистон, сиёсат, иқтисод, фарҳанг, илм, табиат ва таърихи он маводди зиёде паҳн мегардад, ки «барои шиносонидани кишвар ба аҳли башар хизмати бузург мекунанд» [336, с. 70].

Муҳаққиқ Сангин Гулов низ фаъолияти намояндагиҳои ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Тоҷикистонро «нишони арҷгузории давлату ҳукумати мо ба арзишҳои умумибашарии озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот» [246, с. 252] маънидод мекунад.

Ҳамин нуктаро роҳбарияти ҷумҳурӣ дар ҳамон давра хуб дарк намуда буданд ва дастрасӣ ба иттилот ва суҳбати роҳбарон дар муқоиса бо хабарнигорони дохилӣ ба хабарнигорони хориҷӣ осонтар буд. Чандин мақола ва мусоҳибаҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дигар ходимони давлатии кишвар дар ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ ба табъ расиданд.

Фазои иттилоотии олам ва мавқеи кишварҳо дар он доимо яксон намемонад ва баъзе назарҳое, ки вобаста ба он қаблан баён шудаанд, бо гузашти замон ва ё бо беҳтар ё бадтар гаштани фаъолияти ВАО тағйир меёбанд. Новобаста ба ин дигаргуниҳо назари муҳаққиқ И. Усмонов дар мавриди он ки кишварҳои бузург имкон доранд тавассути ВАО «ақидаи худро бар сари кишварҳои дигар бор кунанд» [374, с. 5] ҳанӯз ҳам эътибори худро гум накардааст.

Фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ дар сад соли охир баёнгари он аст, ки онҳо дар амалисозии бозиҳои геополитикии кишварҳо саҳми бузург доранд. Осиёи Марказӣ пас аз фурӯпошии Шуравӣ ба минтақаи таваҷҷуҳи

абарқудратҳо табдил ёфт ва талошҳо барои ғасби фазои иттилоотии он густариш ёфтааст. Муҳаққиқ К. Комилов дар ин масъала ба ин назар аст, ки «фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ хеле осебпазир аст» [264, с. 120].

Доир ба мавзуи таърихи пайдоиш, ташаккул, ҳадаф ва вазифаҳои расонаҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ, фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон, мавқеи чунин расонаҳо дар фазои иттилоотии кишвар муҳаққиқони соҳа, журналистон ва коршиносони масоили сиёсӣ ва равобити байналхалқӣ пажуҳишҳо анҷом доданд. Аз ҷумла, пажуҳишгарон И. Усмонов, Ҷ. Муқим, З. Сайидзода, А. Сабуров, Ҷ. Саъдуллоев, С. Мирзоалӣ, Х. Сафарзода, А. Маҳмуд ва дигарон таҳқиқот намуданд. Сарфи назар аз ин ҳанӯз паҳлуҳои норавшан ва наомӯхтаи мавзуъ бисёр аст ва боварӣ дорем, ки муҳаққиқони соҳа дар оянда ба онҳо таваҷҷуҳи бештар хоҳанд кард.

Бояд қайд намуд, ки масоили марбут ба расмиятдарории фаъолияти журналистони хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Вазораи корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раёсати иттилоот ва матбуот вобаста буда, ҳамкориҳо бо расонаҳо дар ин самт густариш ёфта истодааст. Таҷрибаи давраи соҳибистиқлолӣ аллакай исбот кардаанд, ки муносибати боварибахшу беғаразонаи баъзе ВАО-и хориҷӣ, байналхалқӣ ва хабарнигорони алоҳидаи онҳо барои муаррифӣ кардани Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ, мустаҳкам кардани мавқеи сиёсии он ва таъсир расонидан ба ташаккули имиҷи мусбати кишвар, инъикоси навигариҳои кишвар, ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти кишвар мадади бузург расонида метавонад. Муаррифии мусбати кишвар дар ШБТР «Мир» ва бахши форсии телевизиони Би-Би-Сӣ намунаи беҳтарини ин суханҳост.

Таърихи таъсис ва фаъолияти намояндагиҳои расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Тоҷикистон расман аз соли 1991 оғоз шудааст. Ҳол он ки аз охирҳои солҳои 80-уми асри XX ҳамкориро ба бахши форсии радиои Би-Би-Сӣ журналист Муҳиддини Олимпур оғоз намуда буд. Бархе аз расонаҳои имрӯзи хориҷӣ дар замони Шуравӣ ҳамчун расонаи худӣ, яъне намояндагии ВАО-и умумииттифоқӣ ба шумор мерафтанд. Масалан, РИА «Новости» ва ТАСС мисоли ин гуфтаҳоянд.

Агентии иттилоотӣ ва таҳлилии Русия «Новости» яке аз калонтарин агентиҳои иттилоотии ҷаҳон ва Русия ба ҳисоб мерафт, ки «он соли 1991 дар заминаи агентии матбуотии «Новости» ба вуҷуд омадааст» [8, с. 180]. Агентӣ соли 1998 ҳамчун муассисаи тобеъ ба ҳайати Ширкати умумирусиягии телевизион ва радиои давлатӣ (ВГТРК) дохил шуд, унвони Агентии иттилоотии «Вести»-ро гирифт, вале бренди РИА «Новости» -ро нигоҳ дошт. Агентӣ аз 1-уми апрели соли 2004 мақоми байналхалқиро ба даст оварда ва 9 декабри соли 2013 барҳам дода шуда, дар заминаи он ва радиои «Голос Россия» Агентии иттилоотии байналхалқии «Россия сегодня» таъсис гардид, ки ба тарғиботи байналхалқии Россия нигаронида шудааст. Аз ҷумла, Sputnik бахши агентии мазкур аст, ки ба беш аз 30 забони хориҷӣ контентҳои чандрасонаиро паҳн менамояд. Спутник» унвони маҷаллаи хориҷии Агентии АПН аст, ки «аз соли 1967 ба забонҳои хориҷӣ нашр мегардид» [215].

Намояндагии РИА «Новости» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 дар заминаи бюрои тоҷикистонии АПН ташкил ёфт. Ин, албатта, сабаби объективии худро дорад, чунки дар ин сол давлати Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид. Акнун он тобеъи ягон марказ набуда, ҳаллу фасли корҳои дохилии хешро бе ягон супоришу фармони марказ худ қазават мекунад. Маҳз ҳамин сабаб гардид, ки таваҷҷуҳи марказҳои иттилоотӣ, аз ҷумла РИА «Новости» ба он ҷалб шавад.

Соли 1980 ба бюрои тоҷикистонии АПН Шароф Зоҳидов роҳбарӣ мекард ва ҳамроҳи ӯ хабарнигор Ю. А. Земин ва фотожурналист Генадий Ратушенко фаъолият доштанд. Ибтидои соли 1990 Ю. А. Земин роҳбари АПН дар Тоҷикистонро ба зимма гирифт ва то соли 1993 кор кард. Дар ин давра АПН ба РИА «Новости» табдил дода шуд. То соли 1990 бюрои АПН дар «Хонаи дӯстӣ» ҷойгир буд ва соли 1990 ба бинои Рӯдакӣ 18 кӯчид. Генадий Ратушенко то соли 1992, аниқтараш то баста шудани фоторедаксияи агентӣ дар Тоҷикистон ҳамчун фотожурналист фаъолият дошт ва то соли 1995 фотожурналисти ғайриштатӣ маҳсуб меёфт. Аз 16 декабри соли 1993 роҳбарии ин бюроро Наҷмиддин Азизов ба уҳда гирифта то соли 2003 кор кардааст. Якчанд муддат бо ӯ духтараш Парвона Азизова низ фаъолият намудааст. Аз соли 2003 инҷониб Лидия Исамова

хабарнигори ин агентӣ дар Тоҷикистон мебошад [62, с. 45]. Ба ақидаи муҳаққиқони тоҷик Зафар Саидов ва Абдунабӣ Сабуров «РИА «Новости» на танҳо агентии иттилоотӣ, балки агентии таҳлилӣ низ мебошад» [103, с. 16]. Дар соли 1994 намояндагии агентӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 420 маводди ахборию таҳлилиро ба Маскав равон кард, ки бештари онҳо оҳанги сиёсӣ доштанд. Дар давоми панҷ моҳи аввали соли 1995 беш аз 190 мавод ба марказ ирсол кард, ки фарогири вазъияти сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ҳаёти дипломатӣ ва равобити байналхалқии Тоҷикистон ва раванди воқеоти Тоҷикистон буданд.

«РИА «Новости» аз рӯзҳои таъсис додани маркази худ дар ин кишвар аҳд кардааст, ки дар инъикосу интишор ва пахш намудани ҳодисаю воқеаҳои дар кишвар рухдода ва ҳодисаҳою воқеаҳои марбут ба Тоҷикистон аз наздик саҳм бигирад. Ин агентии бонуфузи ҷаҳон мавқеи шинохти худро дар Тоҷикистон ба ҳамин минвол муайян намуд. Мақсади агентӣ аз таъсиси маркази худ дар ин ва ё он кишвар ҷамъоварии ахбор ва интиқол додани он ба паҳнои Русия ва ақсои олам мебошад. Аз сабаби он ки талаботи ҷаҳониён ба ахбор ҳамарӯза афзоиш дорад ва бештар ахбори доғи рӯз таваҷҷуҳи онҳоро ҷалб месозад, агентиҳои машҳури ҷаҳон бештар ба таҳияи ахбор машғул мешаванд. Махсусан ахбор дар бораи кашмакашиҳои дохилӣ, шӯру ошубҳо, низоъҳои миллӣ, табаддулоту инқилобҳо дар бозори байналхалқии ахбор серхаридору сермуштарӣ мебошанд. Ба ин сабаб ҳам дар барномаҳои ахбори ширкатҳои калони байналхалқии васоити электронӣ шуруи барномаҳо аз пахши ин қабил ахбор оғоз мегардад.

Чуноне ки дар назарияи журналистика таълим медиҳанд, вижагии сужаи иттилооти байналхалқӣ дар он аст, ки он бояд фошкунанда бошад ва ҳамзамон дар сатҳи дипломатияи олӣ таҳия гардад. Агар дар паҳну пахши ахбор ба манфиатҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, объективият аз байн рафта, мавқеи онро тасвир ва таъсири субъективӣ фаро мегирад. Аз ин ҷост, ки як воқеаи рухдода аз тариқи якчанд ширкату агентиҳои иттилоотӣ ба таври гуногун шарҳу эзоҳ мебинад ва маънидод мешавад. Ин албатта, норозигии бошандагони фазову вақту макони рухдода ва ҳаммаслакону ёварони онҳоро ба вуҷуд меорад. Баъзан

манфиатҳои якхела доштан ширкату агентиҳоро дар ин гуна мавридҳо ҳаммаслақу ҳамақида мегардонад. Акси ҳол онҳоро аз ҳамдигар дур месозад.

Тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, хоҳ нохоҳ дар пахши ахбор инъикоси воқеият бо тамоми рукнҳояш ба ҷо оварда намешавад, зеро воситаҳои ахбори умум ва кормандони он, яъне «ҳокимияти чорум» хидматгузори ин ва ё он идеология мебошанд ва ҳамин хидматгузорӣ дар инъикоси объективонаи матолиб монеа гашта саддеро ба вуҷуд меорад. Дар ин масъала муҳаққиқ М. Анҷум ҳамназар аст: «Ҳамчунин набояд фаромӯш кард, ки ин расонаҳо сиёсату манфиатҳои давлату ҳукумати худро ифода карда, дар ташаккули афкори ҷомеаи кишварҳое, ки фаъолият менамоянд, нақши назаррас мегузоранд» [175, с. 148].

Хабргузории IRNA моҳи сентябри соли 1991 дар шаҳри Душанбе аввалин намояндагии худ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсис дода буд. Аз давраи аввали фаъолият то соли 2015 садҳо гузориш, ахбор, тафсир ва чандин шумора бюллетен дар хусуси вазъи фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон таҳия ва мунташир шуда, дар Ҷумҳурии исломии Эрон мавриди истифодаи масъулон ва мардум қарор гирифтааст.

Дафтари хабаргузории ИРНА дар Тоҷикистон аз соли 1994 намояндагии рӯзномаҳои Эронро муддате ба зимма гирифта буд. Инъикоси ахбори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва навигариҳои кишварҳои минтақа, ҳамкориҳои онҳо бо Эрон аз самтҳои асосии фаъолияти ин намояндагӣ маҳсуб мешуд.

Маводдҳои дафтари ИРНА дар Душанбе нашршуда тайи солҳои фаъолият бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро дар Тоҷикистон фаро гирифта, бештари матолиб дар асоси маълумотҳои расмӣ ва матолибе низ мустақим таҳия ва ирсол шудааст.

Хабаргузории ИРНА бо тамоми дафтарҳои матбуотии вазорату идораҳо, ба монанди дафтари матбуотии Президент, Маҷлиси Олӣ ва ғайраҳо робита дошт ва хабарнигоронаш пайваста дар нишастҳои матбуотии онҳо иштирок менамуданд ва ахборро бештар аз манбаъҳои расмӣ дастрас мекарданд.

Намояндагии ИРНА бо тамоми дафтарҳои хабарии хориҷӣ ва дохилӣ дар Тоҷикистон иртиботи хабарнигории дӯстона дошт. Ҳамчунин дар мавриди табодули ахбор ба АМИТ «Ховар» низ робита дорад. Аз соли 1991 то соли 1994 Дафтари намояндагии ИРНА ахбори худро тавассути факс ва телефон ва аз соли 1994 хабарро бо телетайп ба Теҳрон ирсол менамуд. Соли 1998 дар намояндагии ИРНА ба ирсоли интернетии хабар гузаштанд.

Аввалин масъули намояндагии дафтари ИРНА дар Душанбе Шаҳобиддин Фарухёр буд, ки аз соли 1991 то соли 1993 дар Тоҷикистон фаъолият дошт ва аз хабарнигорони маҳаллӣ Обид Шукурзода бо ӯ кор мекард. Баъдан аз соли 1993 то соли 1997 Алиризо Хазоӣ роҳбарии ин намояндагиро ба зимма дошт. Дар давраи намояндагии ин дафтарро ба уҳда доштани Алиризо Хазоӣ соли 1993 хабарнигор Сӯҳроби Зиё ба ин дафтар ба кор омад ва то соли 1997 ифои вазифа намуд. Ҳамчунин дар ин давра, яъне аз моҳи декабри соли 1995 Солеҳ Юсуфов ба фаъолияти хабарнигорӣ оғоз намуда, то соли 2008 дар он ҷо фаъолият дошт. Баъд аз ин, ки муҳлати қайд ва раводиди Алиризо Хазоӣ дар Тоҷикистон ба охир расид, ба ҷойи ӯ Меҳрон Ҳақиқӣ аз соли 1997 масъули ин дафтар дар Душанбе шуд ва то соли 1999 ифои вазифа намуд ва Хуршеди Андамиён аз соли 1999 то соли 2001 ҳамчун хабарнигор дар ин хабаргузорӣ буд. Тайи солҳои 1999 то соли 2001 Ҳомид Ҳантайи масъули ин дафтар буд. Аз соли 2001 то 2002 – юм Юсуфи Нажод масъули ин намояндагиро дар Тоҷикистон ба уҳда дошт ва дар он вақт Аҳлиддин Салоҳов ҳамчун хабарнигорӣ маҳаллӣ ба кор шуруъ кард ва то соли 2005 кор кардааст. Аз соли 2002 то соли 2005 Ҳамзаалӣ Нурбор ба вазифаи роҳбари ин дафтар дар Душанбе таъин гардид ва соли 2005 вазифаи масъулиро Саидқосими Қорӣ бар дӯш дошт. Аксарияти хабарнигорони доимии дар Душанбе будаи ИРНА-ро хабарнигорони маҳаллӣ ташкил медиҳанд ва ҳамчунин хабарнигорони эронӣ ба муддатҳои гуногун ба Душанбе омада, дар як муҳлати муайян дар ин намояндагӣ хабарнигорӣ мекарданд [191, с. 56].

Бо ташаббуси Саидқосими Қорӣ 22 майи соли 2005 бахши аксии ИРНА дар Тоҷикистон фаъол шуд ва бори нахуст суратҳои Тоҷикистон рӯйи сайти ИРНА қарор гирифтанд. Тайи ду сол зиёда аз 2000 акс фиристода шуд, ки аз ин шояд

ҳудуди 600-700 акс дар сайт қарор гирифтанд. Ҳамчунин ИРНА архиви бойи аксҳои масъулон, расму оинҳои тоҷикон, ҳамоишҳо, гирдиҳамоиҳое, ки дар Тоҷикистон тайи ду сол баргузор шуд, дорад. Дар рӯзнома ва маҷаллаҳои эронӣ аз ин аксҳои ИРНА истифода мебаранд, ки барои муаррифии Тоҷикистон саҳми худро мегузорад [61, с. 40].

Дафтари намояндагии ИРНА дар Душанбе дар давраи фаъолияти худ бо эҷоди хабару гузоришҳои мустанад ва интишори онҳо дар расонаҳои хабарии Ҷумҳурии исломии Эрон робитаҳои фарҳангӣ ва иттилоотии ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳангро вусъат дода, тавонист дар пайдоиш ва рушди заминаҳои ошноии ҳарчӣ бештари ду миллат саҳми босазо гузорад. Соли 2015 намояндагии ИРНА дар Тоҷикистон фаъолияти худро қатъ кард ва моҳи декабри соли 2024 иҷозати фаъолият дар Тоҷикистонро дубора ба даст овард, вале бо сабабҳои номаълум журналисти аккредитатсияшуда аз хабаргузории мазкур ба фаъолияти худ дар Тоҷикистон оғоз накардааст.

Аз соли 2010 инҷониб дар Тоҷикистон намояндагии хабаргузории «Форс»-и Ҷумҳурии исломии Эрон фаъолият дорад ва онро журналист Қосими Бекмуҳаммад роҳбарӣ мекунад. Журналист Солеҳ Юсуфов аз соли 2008 то 2014 дар он хабаргузорӣ фаъолият дошт.

Журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистонро метавонем ба ду навъ тақсимбандӣ намоем:

1. ВАО-и байналхалқии абарқудратҳо ва кишварҳои дигар.

2. Журналистикаи байналхалқии ватанӣ.

Журналистикаи байналхалқии ватаниро расонаҳои тоҷикистоние ташкил медиҳанд, ки дар Тоҷикистон ташкил шуда, барои муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳон ва баръакс муаррифии олам ба тоҷикистониён нигаронида шудаанд. Намояндагии миллии Ширкати байнидавлатии радио ва телевизиони «Мир», Радиои «Овози тоҷик» ва шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» ВАО-и байналхалқии ватанӣ ҳастанд. Радиои «Овози тоҷик» расонаи бурунмарзии кишвар буда, дар баробари иттилоърасонӣ ба аҳолии кишвар дар фазои

иттилоотии олам фаъол аст, ки дар фасли сеюми боби чорум таърихи таъсис ва фаъолияти онро таҳқиқ намуда будем.

Телевизиони «Ҷаҳоннамо» 5 ноябри соли 2008 фаъолияташро оғоз карда, «барои пур намудани фазои иттилоотии кишвар бо хабару маълумот аз дохил ва хориҷи мамлакат саҳм дорад» [349, с. 284]. Телевизиони мазкур дар баробари ошно намудани сокинони ҷумҳурӣ аз авзои олам, ҳаёти байналхалқиро шарҳ дода, дар муаррифии Тоҷикистон ба оламиён талош дорад. Муассисаи давлатии телевизиони «Ҷаҳоннамо» доираи ҳамкориҳои худ дар бахши мубодилаи иттилоотро бо телевизионҳои «РашаТудей»-и Федератсияи Русия, «Ал-ҷазира»-и давлати Қатар, бахши форсии телевизиони «Би-Би-Си»-и Британияи Кабир, «Пресс-ТВ»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар телевизионҳо ба роҳ мондааст.

Дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» барномаҳои иттилоотӣ нисбат ба барномаҳои таҳлилӣ бартарӣ муҳим доранд. Муҳаққиқ З. Муминҷонов дуруст қайд намудааст, ки «Ҷаҳоннамо аввалин шабакаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст» [328, с. 206]. Барномаҳои шабакаи мазкур ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мегарданд.

Яке аз барномаҳои ҳамарӯзаи телевизиони «Ҷаҳоннамо» ин барномаи «Матбуоти ҷаҳон» мебошад, ки аз моҳи июни соли 2010 таҳия ва нашр мегардад. Дар ин барнома муҳимтарин маводди рӯзномаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ ба забони тоҷикӣ ба аудитория пешниҳод мегардад. Соли 2025 масъулияти таҳияи барномаи мазкур ба зиммаи Лолаи Зинатшоҳ, Моҳрӯ Илёсова ва Лайлии Қурбоналӣ буд. Ҳадафи барнома огоҳ намудани аудитория аз муҳимтарин мавзуҳои матбуоти ҷаҳон аст. Дар барномаи бештар маводди рӯзномаҳои «ЮСА Тудей», «Балтимор-сан» ва «Ню-Йорк таймс»-и – ИМА, «Де-велт» – Олмон, «Комерсант» – Россия, «Ерусалим-пост» – Фаластин, «Таймс оф Индия» – Ҳиндустон, «Ле монд» – Фаронса, «Милли газете» – Туркия ва дигар рӯзномаҳо истифода мегардад. Қаблан барномаи мазкур аз тарафи журналист Барно Соҳибова таҳия мегашт ва ҳамзамон матни барномаи мазкур дар рӯзномаи «Тоҷикистон» бо имзои Соҳибова Барно нашр мегардид.

Барномаи таҳлилии «Геополитика» аз сербинантарин барномаҳои таҳлилии шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» ба ҳисоб меравад, ки дар он авзои ҷаҳон ва муҳимтарин масоили глобалӣ таҳлил мешаванд. Аз Идораи барномаҳои таҳлилӣ инчунин барномаи «Суҳбати рӯз» пешкаш мегардад, ки масоили муҳим дар он ҳаллу фасл карда мешавад. Барномаро дар студияи марказии телевизиони «Ҷаҳоннамо» сабт менамоянд. Журналистон Барно Соҳибова, Азизбек Мавлонов ва Муҳаммадшариф Раҳматуллоев ба барнома як ё ду коршинос, мутахассисони соҳаҳои гуногунро даъват карда, атрофи мавзуъҳои муҳим, масъалаҳо ва ё ҳаводисе суҳбат мекунанд. Новобаста аз он ки телевизиони ватанӣ, аз ҷумла, телевизиони «Ҷаҳоннамо» барои ҳарчӣ бештар қонеъ гардондани талаботи иттилоотии аудиторияи ватанӣ талош намояд ҳам, сафи аудиторияи расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Тоҷикистон афзуда истодааст. Ин масъаларо муҳаққиқ Б. Соҳибова дар рисолаи илмии худ чунин арзёбӣ намудааст: «Телевизиони ватанӣ бояд имконияти ҷалби тамошобинро дошта бошанд, ба ҳадде ки зарурати муроҷиат ба ВАО-и хориҷӣ боқӣ намонад» [203, с. 160].

ВАО-и байналхалқии муқими Тоҷикистон дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) намояндагиҳо ва хабарнигорони ВАО-и байналхалқӣ;

2) намояндагиҳои ВАО-и байналхалқии форсизабон.

Фарқияти ВАО-и байналхалқии хориҷӣ барои форсизабонон, даризабонҳо ва тоҷикон аз журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон дар он аст, онҳо ҳамчун минбари тарғиботи дигар кишварҳо барои форсизабонон ба шумор мераванд. Давлатҳои дигар бо ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ барои мо тарғибот мебаранд. Фарқи журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон дар он аст, ки он ба муаррифии Тоҷикистон, барқарорсозии робита ва ҳифзи ҳувияти ҳамватанон ва ҳамзабонони дар хориҷа қарордошта, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналхалқӣ ва таъмини амнияти иттилоотии фазои иттилоотии ҷумҳурӣ дар муқобил ба тарғиботи ВАО-и тоҷикӣ ва форсизабони дигар кишварҳо ва созмонҳо равона гардидааст. Дар баробари фарқият умумият миёни

журналистикаи байналхалқии тоҷик ва Тоҷикистон дар он аст, ки ҳамаи онҳо барои аудиторияи тоҷикзабон нигаронида шудаанд.

Рушд ва дурнамои журналистикаи байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омодагии касбии журналистони байналхалқии ҷавон ва пурзӯр намудани фаъолияти ВАО-и ватанӣ, бахусус бахшҳои байналхалқии онҳо вобастагии бештар дорад. Профессор А. Нуралиев дар омодасозии кадрҳои журналистони байналхалқӣ зарурати таълими «дарсҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба ҳуқуқи байналхалқӣ» [340, с. 292]-ро таъкид карда буданд.

Дар илми журналистика масъалаҳои таҳаввулот дар журналистикаи байналхалқӣ ва проблемаҳои муосири он, нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи кишвар аз ҷанбаъҳое ҳастанд, ки зарурат ба баррасӣ доранд. Инчунин омодасозии кадрҳо таҳқиқи соҳаи фаъолиятро талаб менамояд. Дар ин маврид профессор М. Муродӣ дуруст қайд намудааст: «Раванди таълим ва омодагии ҳар гуна касб бидуни донишҳои илмӣ буда наметавонад, балки натиҷаҳои илмӣ раванди таълимро ғанӣ мегардонанд ва дар баробари ин раванди таълим маърифати илмиро ба вуҷуд меорад ва онро ба шакл медарорад» [83, с. 3].

Муҳаққиқи белорус Б.Л. Залесский дар китоби худ «Белорусская международная журналистика: особенности, тенденции, перспективы» бештар ба равобити Белорусия бо дигар кишварҳо ва инъикоси он дар расонаҳоро таҳлил намуда, ба ин назар аст, ки дар омодасозии журналистони байналхалқӣ таваҷҷуҳ ба масоили сиёсати хориҷӣ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ дар мадди аввал бошад. Муҳаққиқи мазкур омӯзиши малакаҳои касбии журналистони байналхалқии ояндаро ба 4 сатҳ ҷудо кардааст: «Муҳаққиқи белорус Б.Л. Залесский дар китоби худ «Белорусская международная журналистика: особенности, тенденции, перспективы» бештар ба равобити Белорусия бо дигар кишварҳо ва инъикоси он дар расонаҳоро таҳлил намуда, ба ин назар аст, ки дар омодасозии журналистони байналхалқӣ таваҷҷуҳ ба масоили сиёсати хориҷӣ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ дар мадди аввал бошад. Муҳаққиқи мазкур омӯзиши малакаҳои касбии журналистони байналхалқии ояндаро ба 4 сатҳ ҷудо кардааст:

«1. Минтақавӣ – ҳудудӣ, ки ҳамкориҳои байналхалқии минтақаҳои Белорусияро бо шарикони хориҷӣ фаро мегирад;

2. Идоравӣ – соҳавӣ, ҳамкориҳои байналхалқии вазорат, идораҳо ва субъектҳои дигари хоҷагидориро инъикос менамоянд;

3. Миллӣ, ки ба инъикоси амалишавии сиёсати хориҷии гуногунсамти давлати Белорусия, ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисод ва савдо, илмӣ-техникӣ, истеҳсолию шарикӣ, маданӣ ва сиёсӣ бо дигар кишварҳоро дар бар мегирад;

4. Глобалӣ – байнидавлатӣ, ки аз таҳлили ҳодисаҳои муосир дар миқёси ҷаҳон ва минтақа иборат аст» [44, с. 317].

Дар сатҳи минтақавӣ-ҳудудӣ ҳамкориҳои байналхалқии минтақаҳои Белорусия бо шарикони хориҷӣ омӯзонида мешавад. Дар сатҳи идоравӣ-соҳавӣ, ҳамкориҳои байналхалқии вазорат, идораҳо ва субъектҳои дигари хоҷагидорӣ ва инъикоси онро баррасӣ менамоянд. Дар сатҳи миллӣ ба инъикоси амалишавии сиёсати хориҷии гуногунсамти давлати Белорусия, ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисод ва савдо, илмӣ-техникӣ, истеҳсолию шарикӣ, маданӣ ва сиёсӣ бо дигар кишварҳоро дар бар мегирад. Самти глобалӣ-байнидавлатӣ таҳлили ҳодисаҳои муосир дар миқёси ҷаҳон ва минтақаро фаро мегирад.

Б.Л. Залесский бартариии чунин усули омодасозии журналистони байналхалқии ояндаро дар он медонад, ки донишҷӯён на танҳо проблемаҳои актуалии ҳаёти байналхалқиро меомӯзанд, балки қобилияти мустақилона баҳодиҳӣ ба рӯйдодҳои ҷаҳонро пайдо мекунанд. Дар муқоиса ба Тоҷикистон саноати Белорусия нисбатан пешрафта аст ва дар руҳияи муаррифгари иқтисод ва савдои кишвар тарбия намудани журналистони байналхалқии белорус ба манфиати Ҷумҳурии Белорусия созгор мебошад.

Дар масъалаи омодасозии кадрҳо бояд сараввал муайян намуд, ки кадом модели омодасозии кадрҳо барои Тоҷикистон мувофиқ аст. Ба монанди Русия омода намудани журналистони байналхалқии минтақашинос ва ё ба монанди Чин журналистони байналхалқии донандаи минтақаи фаъолият ва ҳамзамон муаррифгари кишвар? Дар журналистикаи байналхалқии амрикоӣ ва британӣ дар баробари инъикоси авзои олам, шарҳ ва тафсири равандҳои ҳаёти

байналхалқӣ ва масъалаҳо аз дидгоҳи ИМА ва Британия, ҳамзамон ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва ақалиятҳои қавмӣ, табъизи одамон, буҳронҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқи занону кӯдакон, демократия, озодии сухан ва ВАО, ҳимояи ҳамҷинсгароён ва дигар масъалаҳои ҳамсон таваҷҷуҳи бештар менамоянд. ВАО-и байналхалқии америкоӣ ва британӣ як навъ худро «муҳофизи демократия» (С.М.) дар олам вонамуд менамоянд. Муҳаққиқон Р.В.Бекуров, Ю.С. Данилова дар масъалаи омодасозии мутахассисони журналистикаи байналхалқӣ пешниҳод менамоянд, ки таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба забондонӣ ва минтақашиносӣ равона гардад. Ҳамчунин онҳо чунин мешуморанд, ки журналисти байналхалқии муосир бояд универсал буда, аз уҳдаи омодасозии мавод барои расонаҳои гуногун барояд. Иқтидори журналисти байналхалқии муввафақро онҳо боз дар минтақашиносӣ хуб будан мебинанд. Чунин мешуморанд, ки низоми таълими журналистони байналхалқӣ аз курси сеюм тақдиди назар гардид. Онҳо набояд дар доираи мавзуи муайян, яъне сиёсат, иқтисод, фарҳанг, варзиш, ҷангу низоъ ва ғайра тахассус гиранд, балки дарсҳои минтақашиносӣ бештар хонанд ва донандаи хуби минтақае (ИМА, Канада, Австралия, Америкаи Лотинӣ, Аврупо, Африқо, Осиё, ИДМ) гарданд. Бояд журналисти байналхалқиеро омода намуд, ки «малакаи кор дар муассисаҳои консулӣ ва созмонҳои байналхалқиро дошта бошад» [226, с. 23].

Чунин талабот нисбат ба журналистони байналхалқии оянда ба имконият ва талаботи журналистикаи байналхалқии Русия мувофиқ аст, зеро ҳамчун як соҳаи журналистикаи кишвари абарқудрат журналистикаи байналхалқии он ҳам, бояд ҷавобгӯ ба меъёрҳои он бошад. Журналистони байналхалқии Русия на танҳо навигарӣ ва авзои оламро аз диди кишвари худ ба аудиторияи ВАО-и Русия инъикос менамоянд, балки мавқеи Русияро дар ҷаҳон таблиғ намуда, аз манфиатҳои геополитикии он ҳимоя менамоянд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат аз журналистони байналхалқии оянда дар Русия забондонӣ ва минтақашиносиро талаб менамоянд. Дар пайравӣ ба мактабҳои журналистии Русия омодасозии журналистони байналхалқӣ ҳанӯз барои Тоҷикистон барвақт ва номувофиқ аст.

Дар Чин журналистикаи байналхалқӣ мақоми хосса дорад, зеро онҳо дар бораи навигариҳои Чин ва мавқеи он ба рӯйдодҳои ҷаҳонро бо забонҳои гуногун ба аудиторияи ҷаҳонӣ пешниҳод менамоянд. Дар донишгоҳҳои чинӣ ба омодасозии журналистони байналхалқии донандаи таърих ва минтақаи инъикос таваҷҷуҳи хосса медиҳанд. «Консепсияи чинии журналистикаи байналхалқии муосир дониши амиқ ва дарки баланди минтақашиносиро талаб менамояд» [60, с. 7]. Ҳамзамон дар журналистикаи байналхалқии чинӣ ба муаррифии комёбиҳои Чин ва густариши равобити ин кишвар бо олам бартарӣ медиҳанд. Дар пайравӣ ба модели журналистикаи байналхалқии Чин омодасозии журналистони байналхалқии оянда барои Тоҷикистон мувофиқ аст. Вобаста ба масъалаи омодасозии кадрҳо дар журналистикаи байналхалқӣ ва мушкилоти соҳа профессор А. Нуралиев чунин қайд намуданд:

«1. Ҳангоми интихоби ҳайати устодон беҳтар аст, ки омӯзгорон таҷрибаи амалӣ дар низоми журналистикаи байналхалқиро дошта бошанд;

2. Зарурати нашрияҳои махсусгардонидашуда оид ба оммавигардонии журналистикаи байналхалқӣ, инчунин адабиёти соҳавии дар асоси маводди назариявӣ ва амалияи ватанӣ навишташуда. Чунин мавод ниҳоят каманд.

3. Омӯзиш ва коркарди назариявӣ ва амалии журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун як соҳае, ки ба низомдарории мушаххасро талаб менамояд;

4. Такмили мунтазами барномаҳои таълимӣ бо мақсади ба стандартҳои байналхалқӣ наздик намудани он» [340, с. 293].

Дар баробари ба назар гирифтани андешаҳои профессор А. Нуралиев бояд ба масъалаи омодагии техникӣ ва азбарсозии малакаҳои касбии бо технологияи муосир алоқаманд барои журналистони байналхалқии оянда таваҷҷуҳ намуд. Дар расонаҳои байналхалқӣ ва бисёр кишварҳо аз имкониятҳои робот-журналистон ва зеҳни сунъӣ васеъ истифода мебаранд. Дар ин масъала муҳаққиқ И.М. Ҷамолов дуруст қайд менамояд, ки «ояндаи бозори расонаӣ дар самти моделҳои таркибӣ (гибридӣ), ки бо зеҳни мошинӣ ҳамнаво мекунад, рушд хоҳад кард» [389, с. 11]. Аммо вобаста ба ин мавзуъ масъалаи дигар, яъне такмили савияи донишҳои технологии устодони журналистика ба миён меояд ва

муҳаққиқ Н. Солеҳов дар ин хусус чунин назар дорад: «Технологияи нав дар тамоми ҷаҳон чунон босуръат рушд мекунад ва методикаи таҳсилоти рӯзноманигорӣ наметавонад ин тағйиротро ҳазм намояд» [366, с. 25].

Қаблан барои батараф намудани ин мушкилот ҳангоми курсҳои бозомӯзии устодони журналистика дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аҳаммияти ҷиддӣ дода намешуд ва такмили ихтисос барои онҳо дар якҷоягӣ бо устодони филология амалӣ мегардид. Ташкили курсҳои такмили ихтисос барои устодони журналистика дар замони роҳбарии Х. Мирзамонзода дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дигаргун гардида, дарсҳои такмили ихтисос дар алоҳидагӣ барои устодони факултет ташкил гардид. Инчунин устодони журналистика дар семинар ва тренингҳои созмонҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои касбӣ ва дарсҳои алоҳидаи тренерон баҳравар гардиданд. Технологияи иттилоотии муосир доимо дар ҳоли рушд аст ва ҳамқадами замона гардидан қобилият ва заҳмати зиёдро аз устодон талаб менамояд, ҳамзамон иҷрои ин амал аз дастгирии молиявӣ ва фароҳам овардани шароити корӣ низ вобастагӣ дорад.

Муҳаққиқ М. Муродӣ масъалаҳои таълими рӯзноманигорӣ дар донишгоҳҳои кишварро баррасӣ намуда, ба масъалаи омодасозии кадрҳои илмӣ таваҷҷуҳ карда, чунин нуктаро қайд намуданд: «Кӯшиш бояд кард, ки пажуҳишҳои илмӣ ба фаъолияти кафедра иртиботи қавӣ пайдо кунанд ва натиҷаи онҳо дар раванди таълим татбиқ карда шаванд» [333, с. 41]. Дар ин масъала андешаи муҳаққиқро ҷонибдорӣ менамоем, зеро ин суханҳо на танҳо барои пурқувват намудани фаъолияти илмии кафедраҳо равона гардидаанд, балки ҷиҳати дар раванди таълим низ ба пешравӣ ноил гардидан мусоидат менамояд. Муҳаққиқ А. Азимов бошанд дар ин масъала чунин назар дорад: «Рушди журналистика ба вазифаи тарбияи кадрҳо робитаи ногусастанӣ дорад» [5, с. 12]. Дар ҷумҳурӣ теъдоди донишгоҳ ва донишкадаҳои омодакунандаи кадрҳои журналисти байналхалқӣ зиёд шудааст. Қаблан танҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин ихтисос омода карда мешуд, вале ҳоло Донишгоҳи Славянии

Русия ва Тоҷикистон дар бахши рӯзона ва ғоибона, Донишгоҳи байналхалқии забонҳои хориҷӣ ба номи С. Улуғзода ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба омодасозии журналистони байналхалқӣ машғуланд. Ин ҳолат рақобатро барои омодасозии кадрҳо аз як тараф ба миён орад, аз тарафи дигар такрори ихтисос ва камбудани кадрҳои омӯзгории соҳаи журналистикаи байналхалқӣ ба сифати омодасозии кадрҳо бетаъсир наметонад. Муҳаққиқ С.Г. Корконосенко ҳамин гуна масъаларо баррасӣ намуда, «пайдоиши шуъба ва кафедраҳои навтаъсиси бе таҷриба ва бе заминаи кадрӣ» [56, с. 22]-ро коҳишёбии иқтидори педагогикаи журналистика медонад. Агар Русия соли 2001 ба чунин ҳолат гирифтор шуда бошанд, бо гузашти 20 сол ин мавзуъ барои мо ҳам аз масъалаҳои муҳим дар самти омодасозии кадрҳои журналистӣ гардид. Дар ин маврид ниҳоди дахлдор Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд санҷиш гузаронида, хулосаҳои дахлдоро бароварда, барои беҳтар намудани омодасозии кадрҳо ба донишгоҳҳо тавсияҳои заруриро пешниҳод намояд. Аз тарафи дигар кадрҳои омодакардаи ин донишгоҳҳо дар кадом самт ба кор меоянд, масъалаест, ки бояд масъулон таваҷҷуҳ намоянд ва ба қавли профессор Асадулло Саъдуллоев «бо тақозои талаботи замон ва назардошти ояндаи журналистика кор баранд» [115, с. 69]. Дар ин масъала муҳаққиқ И. Ҳамидиён низ бо мо ҳамназар аст: «Ба талаботи бозори меҳнат омода кардани хатмкунандаҳо аз афзалиятҳои муҳим ва масъулияти устодони факултет ва кафедраҳои журналистӣ дониста мешавад» [387, с. 35]. Муҳаққиқи ӯзбек Ф. Муминова масъалаи омодасозии кадрҳои журналистӣ дар кишварҳои пешрафта ва Ӯзбекистонро таҳлил намуда, ба ин назар аст, ки «замони журналистони универсал дар гузашта монд, бояд журналисти соҳавиро тарбия кард: суратгир, пиармен, дизайнер, муҳаррир, менеҷер, маркетолог» [330, с. 110]. Ба назари мо дар замоне ки пешрафти журналистика ба тараққиёти техника ва технологияи рақамӣ, интернет ва воситаҳои муосири коммуникативӣ вобастагии бештар пайдо кардааст, ба роҳ мондани омӯзиши веб-журналистика барои журналистони байналхалқии оянда бояд яке аз самтҳои таълими онҳо бошад. Ҳамзамон дар асри XXI интернет боис гардид, ки аудиторияи ВАО аз

истеъмолгар ба истеҳсолкунандаи мавод табдил ёбад, журналистикаи шаҳрвандӣ рушд намуда, сарҳад миёни муаллиф ва аудитория рахна гардид. Дар чунин шароит дурнамои журналистикаи байналхалқиро метавон чунин арзёбӣ намуд:

1. Ташаккули журналистикаи байналхалқӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ;

2. Афзоиши рақобат миёни ВАО-и миллӣ, байналхалқӣ, глобалӣ ва журналистикаи шаҳрвандӣ;

3. Қабули бештари журналистони маҳаллӣ ва фрилансерҳо дар намояндагиҳои ВАО-и байналхалқӣ;

4. Густариши ВАО-и этникӣ.

Фаъолияти беҳтари ВАО-и байналхалқӣ дар оянда инчунин аз дониш ва малакаҳои касбии мутахассисони соҳа вобастагии бештар дорад, ин масъала бахусус барои Тоҷикистон хеле муҳим аст. Ҷиҳати беҳтар намудани омодагии касбии журналистони байналхалқӣ дар факултети журналистикаи ДМТ зарур аст, ки ҳамкориро бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон густариш дода, таҷрибаомӯзиҳои донишҷуёнро дар муассисаҳои ин ниҳод дар дохили кишвар ва хориҷа роҳандозӣ намоянд. Барои самаранок гардидани ин самт, зарур меояд, ки дар асоси озмуни эҷодӣ ба ихтисоси журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон донишҷӯ интихоб карда шавад, зеро на ҳамаи онҳое ки тариқи имтиҳонҳои Маркази миллии тестӣ ба донишгоҳ қабул мешаванд, барои тайёр кардани кадрҳои сатҳи байналхалқӣ ҷавобгӯянд. Ҳамзамон Вазорати корҳои хориҷӣ метавонад барои таъмини кадрҳои журналистӣ квотаи вазоратро ташкил намуда, бо донишҷӯёни оянда шартномаи сеҷонибаро имзо намояд.

5.3. Махсусиятҳои инъикос ва таҳлили авзои олам барои аудиторияи тоҷик

Инъикоси рӯйдодҳои байналхалқӣ дар васоити ахбори омма ба раванди ояндаи инкишофи ҳаёт дар курраи замин ва муносибат миёни кишварҳову

миллатҳо таъсири бузург доранд, ки ин аз чи гуна арзёбӣ шудани рӯйдод дар ВАО бисёр вобастагӣ дорад. Ахбори паҳнгардида натанҳо дар шинохт ва муаррифӣ, балки ба имиҷи кишварҳо низ таъсир мегузорад.

Муҳаққиқ Р. Замит чунин мешуморад, ки вобаста ба омилҳои гуногун, ба монандӣ ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ё геополитикӣ ба инъикоси ахбори кишварҳо расонаҳои байналхалқӣ таваҷҷуҳ менамоянд. «Масалан, Ҷопон нисбат ба Бразилия дар ВАО-и ИМА зиёд инъикос мегардад, ки ин ба ҳамкориҳои кишварҳо рабти бештар дорад» [174, с. 136]. Инчунин вобаста ба мавзуъ, вазъият ва замон муайянкунандаҳои инъикос фарқ мекунанд, дар журналистикаи ҳамаи кишварҳо чунин ҳолат ҷой дорад, ки ин танҳо падидаи амрикоӣ нест.

Пешниҳоди рӯйдодҳои байналхалқиро дар телевизионҳои Тоҷикистон вобаста ба мавзуъ, минтақа ва соҳаи ахбор метавонем шартан чунин тақсимбандӣ намоем:

Ахбори мавзуӣ. Дар ин бахш мавзуъҳои асосӣ ва доимо инъикосшавандаи бахши ахбори хориҷии телевизионҳои «Сафина», «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» ба эътибор гирифта шудааст. Масалан, навигариҳо доир ба моҷароҳои яроқнок, нооромиҳо дар дигар давлатҳо, амалҳои террористӣ, сӯхтор, муҳоҷират, тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ, бемориҳои сироятӣ, иқтисод, кашфиёт, сиёсат, ҷинояткорӣ дар кишварҳо, рӯйдодҳои фарҳангӣ, моҷароҳо дар атрофи чеҳраҳои шинохтаи ҷаҳон, адабиёт, варзиш ва ғайра сатмҳои ахбори мавзуиро ташкил медиҳанд.

Ахбори минтақавӣ ва ё давлатҳо. Дар ин бахш воқеоти он кишварҳо ва минтақаҳои олам ки бештар таваҷҷуҳи телевизионҳои байналхалқӣ ба онҳо равона карда шудааст, инъикос мегарданд. Зимни таҳқиқи ахбори хориҷии телевизионҳо муайян намудем, ки бештар рӯйдодҳои ИМА, Мексика, Мянмар, Миср, Сурия, Ироқ, Исроил, Иттиҳоди Аврупо, Русия, Чин, Ҷопон, Австралия, Зеландияи Нав, Куриёи Ҷанубӣ, мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ, кишварҳои Африқоӣ, Туркия, Бразилия, Эрон, Бангладеш, Эквадор, Яман, Покистон, Испания пахш шудааст. То соли 2021 рӯйдодҳои Афғонистон бештар инъикос мегашт, вале пас аз иваз гаштани режими ҳукмрон дар Афғонистон инъикоси

авзои ин кишвар хеле кам гашт. Ахбори дигар кишварҳо низ вобаста ба вазъият ва рӯйдодҳо гоҳо зиёд ва гоҳо кам нашр мешаванд.

Ахбори соҳавӣ. Зери ин мафҳум мо ахбореро ки ба ягон соҳа марбут аст, дар назар дорем. Дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои мавриди таҳқиқ бештар ба ахбори тиб, соҳаҳои алоқаи мобилӣ, кино, фаъолияти ширкатҳои машҳур, информатика, техника ва технологияи нав ва амсоли он таваҷҷуҳи бештар доранд.

Дар ҳар барномаи иттилоотӣ доир ба рӯйдодҳои муҳимми ҷаҳон иттилоъ дода мешавад, вале бештар дар бораи офатҳои табиӣ, куштор, террор, дуздӣ, паҳншавии бемориҳо, бебарқӣ (дар фасли зимистон ва ё дар ҳолатҳои фавқулода), намоишҳои эътирозӣ дар давлатҳои пешрафта ва дигар хабарҳои манфӣ инъикос мегарданд. Дар баробари ин пайдарҳамии ахбор аз рӯйи мавзуъ ё муҳиммият кам ба назар мерасад. Ахбор на бояд танҳо барои пур кардани вақти барнома бошад, балки ба аудитория иттилооти зарурирро пешниҳод намояд. Муҳаққиқи ҷавон Раҳими Карим дар ин масъала ба ин назар аст: «Иттилоот на танҳо воситаи хабаррасонӣ ва маълумотдиҳӣ аз рӯйи факту рақамҳои муайян мебошад, инчунин воситаи табодули афкор ва тарғиби огоҳонаи ғояҳо низ ба шумор меравад» [349, с. 286].

Инъикоси рӯйдодҳои хориҷӣ дар барномаҳои иттилоотии «Навид»-и телевизиони «Сафина», «Ахбор»-и телевизиони Тоҷикистон ва «Хабар»-и телевизиони «Ҷаҳоннамо» ба таври доимӣ сурат гирифта, хабарнигорон аз таҳаввулоти нав ба нави олам тамошобинонро огоҳ менамоянд. Инчунин ахбори бемориҳои сироятӣ, аз он ҷумла коронавирус, зуком, бемориҳои мавсимӣ мисол шуда метавонад.

Дар Телевизиони Тоҷикистон барномаи «Имрӯзи ҷаҳон» пурра ба инъикоси ба рӯйдодҳои олам бахшида шуда, дар барнома аз 10 то 20 хабар таҳия ва ҳамарӯза нашр мегардад ва ҳаҷми барнома аз 10 то 15 дақиқа мебошад. Аз хабарҳои ин барнома 4-5 хабари муҳим дар барномаи иттилоотии «Ахбор» истифода мешавад. Аммо на ҳамаи хабарҳои барномаи мазкур ва бахшҳои ахбори хориҷии телевизионҳои Тоҷикистон барои аудиторияи тоҷик аҳаммияти

ҷамъиятӣ доранд. Дар ин масъала муҳаққиқи ҷавон Фирдавс Холов бо мо ҳамназар аст. Ӯ чунин мешуморад, ки хабари ҳуҷуми як марди бо корд мусаллаҳ ба се нафар дар шаҳри Лиони Фаронса барои тамошобинони Телевизиони «Тоҷикистон» ягон аҳаммият надорад. Вобаста ба чунин ҳолат ӯ чунин пешниҳод менамояд: «Бояд аз таҳияи чунин хабарҳо даст кашид ва воқеоте ба таваҷҷуҳи мардум расонда шавад, ки ба доираи васеи мардум тааллуқ дошта бошад» [381, с. 207].

Дар бахши ахбори хориҷии телевизионҳои тоҷик илова ба навигариҳои кишварҳои хориҷӣ боз дар хусуси он чорабиние, ки намояндагони Тоҷикистон ширкат намуданд, иттилоъ пахш мегардад. Солҳои пеш чунин ахбор камтар нашр шуда, бештари ин ахборро навигариҳои варзишӣ доир ба иштироки варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои гуногуни сатҳи ҷаҳонӣ ташкил медод. Бо вусъат гирифтани ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон ва иштироки васеи намояндагони ҷумҳурӣ дар чорабиниҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ теъдоди чунин мавод рӯ ба афзоиш аст.

Дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои Тоҷикистон навигариҳои Русия низ инъикос мешаванд, ки ин бесабаб нест. Зеро муҳоҷирони тоҷик бештар ба ин кишвар сафар мекунанд ва донистани авзои ин кишвар барои мусофирони тоҷик ва аъзои оилаи онҳо хеле муҳим аст. Аз ҷумла, вазъи боду ҳавои ин давлат ва ин ҷиҳатро ба назар гирифта, муҳаррирони барнома аз ҳолатҳои ногувор тамошобинонро огоҳ менамоянд. Аммо дар баъзе маврид хабари паҳн кардаи барномаи «Навид» дар хусуси ягон фалокат дар Русия боиси ташвиши аудитория мегардад. Яъне аҳли оилаи муҳоҷироне, ки узви оилаашон дар Русия кору зиндагӣ дорад, пас аз дарёфти иттилоъ дар хусуси чунин воқеот зуд бо онҳо дар тамос мешавад. Аз як тараф нороҳатии мардум ба вуҷуд ояд, аз ҷониби дигар ба будҷаи оилаҳо зарари моддӣ ворид мегардад, зеро арзиши зангҳо ба Русия гарон шудааст. Аммо агар дар хабар зикр шуда бошад, ки дар ҳодисаи мазкур шаҳрвандони Тоҷикистон зарар надидаанд, пас дар ин маврид муҳаррири бахш ду амали некро ба анҷом мерасонад. Аввалан табъи тамошобинонро хира намесозад, дуюм барои ғанӣ гаштани будҷаи оилаҳои муҳоҷирон саҳм

мегузорад. Вале дар хабари сукути тайёра дар шаҳри Қазон соли 2013 будани шаҳрвандони Тоҷикистон дар миёни мусофирон на инкор шудааст ва на тасдиқ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки на танҳо дар хабари мазкур дар хусуси шаҳрвандони Тоҷикистон иттилоъ надодаанд, балки дар ҳодисаи террористии истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Волгоград ва амали террористӣ дар троллейбус рӯзи дигар ҳалок шудани як нафар ва бистарӣ гардидани як шаҳрванди Тоҷикистон хабар надодаанд.

Дар хусуси ин воқеа Шабакаи телевизионии «Сафина» такрор ба такрор дар барномаҳои иттилоотии худ иттилоъ медод, вале дар аксар маврид ахбори қабли такрор мерафт, ҳарчанд дар нашри бегоҳирӯзии «Навид» шакли пешниҳод дигар шуда бошад ҳам.

Рӯзи 31 декабри соли 2013 дар сархати ахбори хориҷии барномаи «Навид» боз хабари воқеаи Волгоград меистод, вале ин дафъа хабар дорои иттилооти нав буда, дар хусуси маросими дафни ҳалокшудагони ду амали террористӣ иттилоъ дод. Мавҷудияти «факти дорои аҳаммияти иҷтимоӣ» [363, с. 32] таваҷҷуҳи аудиторияро ба маводди ВАО бештар мегардонад. Аммо чунин талабот на ҳамеша аз ҷониби журналистони тоҷик риоя мегардад. Аз ҷумла, телевизиони «Сафина» аз ҳалокати шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳодисаи Волгоград иттилоъ надодааст. Ин дар ҳолест, ки дигар расонаҳо аз ҳалокати онҳо хабар доданд. Бояд ёдовар шуд, ки худи ҳамон рӯзи воқеа сомонаи сафорати Тоҷикистон дар шаҳри Маскав аз будани шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар миёни ҳалокшудагон ва захмиён иттилоъ додааст. Ин фактро оҷонсии иттилоотии «Тоҷнюс» чунин тасдиқ намудааст: Сафорати Тоҷикистон дар Русия хабар медиҳад, ки «дар таркиш Раҳмоналӣ Ғозиев (соли таваллудаш 25-уми марти соли 1971) ҷароҳат бардошта, дар бемористони ёрии таъҷилии рақами 25-и шаҳри Волгоград бистарӣ мебошад» [244, с. 273]. Вале муҳаррирони барномаи «Навид» на танҳо ба сафорати Тоҷикистон дар Русия дар тамос нашуданд, балки аз масъулини Вазорати корҳои хориҷӣ тариқи телефонӣ пурсон нагаштанд, ҳол он ки бе сарф кардани сӯзишворӣ 100 метр масофаро тай карда, ба Вазорат омада

метавонистанд. Ин амал агар иҷро мешуд эътибори шабака дар назди тамошобинонаш бештар мегашт ва дигар ин ки аз нигоҳи касбӣ низ онҳо бурд мекарданд, яъне танҳо истифодабарандаи маводди тайёри дигар шабакаҳо боқӣ намонда, худ низ илова бар он навор омода мекарданд. Инчунин фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ инъикос мегашт ва тамошобин боварӣ ҳосил мекарданд, ки масъулини кишвар ба тақдири шаҳрвандон бепарво нестанд ва аз воқеа огоҳанд.

«Оҷонсии иттилоотии «Тоҷнюс» ҷузъиёти нави ин воқеаро пайгирӣ намуда, аз тақдири минбаъдаи шаҳрвандони Тоҷикистон иттилоъ додааст: …дар таркиши рӯзи аввал сокини 54-солаи Тоҷикистон Тошпӯлод Назаров дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расид. Аммо имрӯз боз гузориш расид, ки Раҳмоналӣ Ғозиеви 42-сола, ки дар ин инфиҷор шадидан захмӣ шуда буд, дар беморхона ҷони худро аз даст додааст» [244, с. 273].

Оҷонсии иттилоотии «Азия Плюс» дар хусуси ҳодисаи террористӣ дар Волгоград, ки 29 декабри соли 2013 ба вуқуъ омада буд, иттилои бештар додаст. Аз он ҷумла, оҷонсӣ рӯзи 30 декабр хабар дода буд, ки «шаҳрванди ҳалокшудаи Тоҷикистон - Тошпӯлод Назаров соли таваллудаш 1960, зодаи шаҳри Турсунзода аст» [244, с. 274] Таҳқиқи воқеаи мазкур нишон дод, ки оҷонсии «Озодагон» низ рӯзи 29 декабр аз ин воқеа хабар дода будааст. «Табиист ки ҳар як ВАО пеш ҳама он ахбореро пешкаши аудитория мегардонад, ки ба онҳо муҳим аст ва аз навигариҳои ҷаҳон он қисматеро иттилоъ медиҳад, ки ба кишвари онҳо ва шаҳрвандони он наздикӣ дорад. Аммо бо вуҷуди хабар додани се оҷонсии ватанӣ ва чандин сомонаи хориҷиву дохилӣ аз захмӣ шудан ва ҳалокати шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳодисаи террористии шаҳри Волгоград бахши иттилоотии телевизиони «Сафина» ноогоҳона ва ё махсус аз он ёдовар нашуданд. Агар ин аз ноогоҳӣ, ғайрикасбӣ будани муҳаррирон ва аз бемасъулиятии онҳо сар зада бошад, онро дар оянда ислоҳ кардан мумкин аст. Вале агар махсусан дар ин бора иттилоъ надода бошанд, бо баҳонаи хира накардани табъи идонаи мардум, пас ин беҳурматӣ нисбат ба аудитория аст ва аз ҷониби дигар ин амал боиси кам

гаштани эътимоди тоҷикистониён ба шабакаи «Сафина» гардидааст» [244, с. 274].

Дар бисёр маврид аз тариқи барномаҳои иттилоотӣ дар хусуси кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ахбори манфии онҳо инъикос карда мешавад. Дар хусуси ҷиноятқорӣ, обхезӣ, садамаҳои нақлиётӣ, сӯхтор, бебарқӣ, бекорӣ ва монанди инҳо.

Лозим тазаккур аст, ки меъёрҳои забони адабӣ на ҳамеша зимни таҳияи ахбори хориҷӣ дар телевизионҳои Тоҷикистон риоя мегарданд. Илова бар ин калимаҳои нав ба нави ғалатиро низ ба кор мебаранд. Аз ҷумла, калимаҳои «ҷангалсӯзӣ», «оташсӯзӣ» ва ғайра.

Мавзуи бекорӣ дар дигар кишварҳо, вазъи муҳоҷирон дар Аврупо, ИМА яке аз мавзуъҳои бештар инъикоскунанда дар барномаи ахбории телевизионҳои мо мебошад, ки дар он аз мушкилии кишварҳои пешрафта ва абарқудрат дар ин самт инъикос мегардад. Шояд бо пахши чунин ахбор мардуми тоҷикро бовар кунонидан мехоҳанд, ки дар масъалаи бекорӣ Тоҷикистон кишвари танҳо нест, бубинед абарқудратҳо ҳам оҷизанд ва чунин мушкилотро доранд. Агар воқеан ҳам чунин бошад, пас ин гуна сюжетҳоро махсусан намоиш медиҳанд. «Мисол: Сатҳи бекорӣ ҳамоно дар кишварҳои Аврупо ва ҳамчунин кишварҳои Ташкилоти иқтисодии ҳамкорӣ ва рушд ҳамчунон нигароникунанда аст» [244, с. 274].

Бояд қайд кард, ки телевизион дар пешниҳоди иттилоъ нисбат ба рӯзномаҳо бартарият дорад, зеро вай метавонад тезтар ва муассиртар хабарро паҳн кунад. Аммо ин афзалияти телевизион дар Тоҷикистон чандон истифода намешавад. Ба қавли муҳаққиқ Ҷовид Муқим «Барномаи «Навид»-и Телевизиони «Сафина» аз нигоҳи муҳтаво ва банду баст аз барномаи «Ахбор»-и «Шабакаи аввал» қариб фарқе надорад. Дар ин барнома низ аксаран иттилое пахш мешаванд, ки навигарӣ нестанд ва аҳаммияти ҷамъиятӣ надоранд» [308, с. 42].

Инъикоси фаъолияти ширкатҳои машҳур ва навгониҳо дар иртибот ба онҳо низ яке аз мавзуъҳои асосии бахши ахбори хориҷии телевизионҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин гуна хабарҳо аз комёбӣ, афзоиши даромади ширкатҳо,

ихтирооти нави онҳо, баҳсҳои судии ширкатҳо ва нокомиҳои онҳо иттилоъ дода мешавад. Сабаби пахши чунин иттилоот шояд дар он бошад, ки маҳсулоти ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ҳам харидорони худро доранд ва ҳам навигариҳои ширкатҳои машҳур диққати тамошобинонро ҷалб мекунанд. Инчунин муҳаррирони барнома мехоҳанд тамошобини онҳо бехабар намонад, ки чӣ асбоби наве ихтироъ шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ Ҷовид Муқим «мувофиқи талаботи хабарнависӣ таҳия нагардидани хабар дар телевизионҳои Тоҷикистон ин аз омилҳои надоштани таҳсилоти журналистӣ, сатҳи пасти касбии журналистӣ, омода набудани роҳбарияти телевизион ва идораҳои иттилоотӣ ба усули нави хабарнависӣ, тиҷоратӣ шудани телевизион вобаста аст» [308, с. 43].

Гузоришҳо дар бахши ахбори хориҷии телевизионҳои кишвар қаблан тавассути моҳвора аз шабакаҳои телевизионии хориҷӣ ва байналхалқӣ дастрас мегаштанд ва ҳоло бошад имкони аз сомона, ютубканал, саҳифаҳои расмии телевизионҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва телеграмканалҳо гирифтан имконпазир аст. Инчунин дар рафти омода кардани гузориш барои бахши хориҷӣ аз шабакаи интернет низ истифода мешавад. На ҳамеша дар интихоб, тарҷума, таҳия ва ҷобаҷогузории хабар муҳаррирони бахши хориҷӣ муваффақанд. Хабарҳоро то андозае ба мавқеи сиёсати хориҷии Тоҷикистон мувофиқ таҳия мекунанд, вале на ҳамеша аз диди Тоҷикистон ва манфиатҳои мардуми он инъикос менамоянд. Муҳаққиқ Ф. Исмоилова дар таҳқиқи худ муайян кардааст, ки телевизионҳои давлатии Тоҷикистон хабарҳоро дар бораи воқеоти Миср аз расонаҳои дигар гирифта, бе таҳрир нашр намуданд ва ин вазъиятро муҳаққиқ чунин баҳогузорӣ намудааст: «ба ҳодисоти Миср телевизионҳои мо аз чашми дигарон менигаристанд» [185, с. 154].

Шабакаи телевизионии «Сафина» баъди ба фаъолият шуруъ намуданаш дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи худро пайдо намуд, зеро шабака рақиб ва ё шабакаи ба худ монандро надошт, яъне ҷойи холиеро соҳиб гашт. Шабакаҳои «Сафина» ва «Шабакаи Тоҷикистон» рақиби иттилоотии «Ҷаҳоннамо» нестанд, зеро дар барномаҳои иттилоотии онҳо танҳо 5-6 дақиқаи охирро ахбори хориҷӣ ташкил медиҳад, вале аз нисф зиёди ахбори «Ҷаҳоннамо»-ро ахбори ҷаҳон

ташкил мекунад. Рақобат миёни ин шабакаҳо кам ба назар мерасад, зеро ҳамаи онҳо мутаалиқ ба давлат мебошанд.

Аз таҳқиқ маълум гардид, ки воқеоти байналхалқиро дар телевизионҳои Тоҷикистон вобаста ба мавзуъ, минтақа ва соҳаи ахбор интихоб ва таҳия менамоянд. Аммо ахбори на ҳамаи давлатҳоро инъикос менамоянд. Масалан, навигариҳои Украина ва атрофи он пахш намешавад, ки ин ба мавқеи бетарафонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ин масъала вобаста аст. Вале аудиторияи тоҷик тавассути дигар ВАО-и кишварҳои хориҷӣ иттилоъ ба даст меоранд ва барои он ки аудиторияи мо бо иттилооти худӣ таъмин гардад ва фирефтаи ҳадафҳои геополитикии абарқудратҳо нашавад, хомӯшӣ роҳи ҳал нест.

Тавре маълум аст, телевизионии «Ҷаҳоннамо» нисбат ба дигар телевизионҳои Тоҷикистон бештар ба инъикоси ахбори ҷаҳон машғул аст ва аксарияти чунин маводди ин телевизион аз расонаҳои байналхалқӣ, хориҷӣ ва сарчашмаҳои интернетӣ гирифта мешаванд.

Маводди аз манбаъҳои номбурда гирифташуда, пас аз тарҷума ва таҳрир дар барномаҳо истифода мешавад. Маводди гирифташуда ду намуд мешавад: матнӣ ва навордор. Маводди матнӣ аз саҳифаҳои рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, агентиҳои ахборӣ ва радио гирифта шуда, ҳамчун матни ахбори барандагон истифода мегардад. Аммо маводди навордор аз интернет ва шабакаҳои телевизионии байналмилалию хориҷӣ дастрас мешавад. Бисёр вақт барои маводди матнии аз интернет ва дигар ВАО пайдо карда, наворро аз шабакаҳои телевизионӣ пайдо намуда, аз онҳо дар якҷогӣ як гузориш ё хабар омода менамоянд.

Барои пур намудани ВАО бо маводди хориҷӣ дар бисёр маврид ВАО-и Тоҷикистон рӯ ба истифодаи маводди ВАО хориҷӣ меоранд. Дар шабакаи «Ҷаҳоннамо» низ истифодаи маводди ВАО-и дигар кишварҳо ҷой дорад. Зимни таҳқиқ муайян намудем, ки истифодаи маводди дигар ВАО дар ин шабака якмаром нест. Дар барномаҳои ин шабака на ба ҳама манбаъҳои ахбор ишора мекунанд ва бештар маврид номи сарчашмаи аслӣ, ки дар як гӯшаи экран мавҷуд аст, бо логотипи телевизиони «Ҷаҳоннамо» пӯшонда мешавад.

Шабакаи «Ҷаҳоннамо» тавре гуфтем аз ахбори ҷаҳон иттилоъ медиҳанд, аммо ин шабака дар хориҷа мухбир надорад ва албатта ин гуна маводдро аз интернет ва ВАО-и хориҷӣ мегирад. Мутаассифона, шояд мо «мегирад» гуфта ғалат намоем, зеро на дар ҳамаи ахбор ишора ба манбаъ ҳаст ва маълум нест кӣ муаллифи ин мавод аст.

Моли дигар ВАО буданашро тамошобин аз ишораҳое чун «Дар мусоҳибае бо як телевизиони Амрико Байден гуфт», «дар мусоҳиба бо телевизиони Русия Лавров гуфт», «тибқи иттилои шабакаи телевизионии «Ал-ҷазира», «яке аз фаъолон ба хабаргузории Рейтер гуфтааст», «дар як нишасти хабарӣ … изҳор кард», «Бино ба иттилои мавҷуда» ва ба монанди инҳо мефаҳмад.

Дар маводди ахбории шабакаи «Ҷаҳоннамо» хабарҳои зиёдеро пайдо кардем, ки муаллиф ва манбаи он зикр нашудааст. Аммо бояд қайд намоем, ки анъанаи истифодаи маводди ВАО-и хориҷӣ танҳо дар шабакаи «Ҷаҳоннамо» вуҷуд надорад, дигар расонаҳои тоҷик низ истифода менамоянд ва ҳатто дар нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф» низ чунин ҳолат вуҷуд дошт, вале дар нашрияи мазкур манбаи хабар ва маводди дигар нашрия ишора гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар ВАО-и дохилӣ ахбори байналхалқиро ба воситаи оҷонсиҳо ва дигар ВАО-и хориҷӣ мегиранд. Иттилооти аз ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ гирифта шуда, аллакай вобаста ба мавқеъ ва назари ин ё он давлат инъикос гардида, на ҳамаи онҳо ҳақиқатанд. Аз ин рӯ, барои инъикоси дуруст, мувофиқ ба мавқеъ ва сиёсати кишвари худ пешниҳод намудани иттилоот ба аудиторияи ватанӣ бояд фаъолияти намояндагии ВАО-и ватаниро дар хориҷа бештар кард, аммо мушкилоти молиявии расонаҳо монеаи бузурге дар ин раванд мебошад. Аз ин сабаб оҷонсиҳои иттилоотии хориҷӣ бо ахбори худ чӣ дар ВАО-и давлатӣ ва чӣ дар ВАО-и хусусиву ҳизбии кишварамон нақши худро гузошта истодаанд ва бештари шарҳу тафсир, воқеоти нави ҷаҳон аз диду назари онҳо баён карда мешавад. Дар ин масъала муҳаққиқ И.К. Усмонов чунин таъкид намуданд: «Ба ин васила худи воқеа не, диди дигарҳо дар бораи воқеа баён мешавад» [129, с. 33].

Гирифтани маводди дигар ВАО дар шабакаи «Ҷаҳоннамо» аз рӯйи зарурат мебошад, зеро шабака дар хориҷа намояндагӣ ва ё мухбире надорад. Аммо баъзан мушоҳида мешавад, ки навор бо матн мувофиқат намекунад. Масалан, дар барномаи «Дунё» дар бораи обхезӣ ва боришоти зиёд дар Сербия иттилоъ дода, дар экран харитаи Сербия ва баъдан ҷойи воқеаро намоиш доданд ва баъдан наттоқ хабари дар Албания низ рӯй додани воқеаи мазкурро иттилоъ дод, вале навори пешина бо харитаи Сербия такроран намоиш дода шуд. Бо ин роҳ кормандони шабака хостанд, ки надоштани наворро пӯшонанд, вале бехабар аз он ки тамошобин гӯл нест ва ӯ ҳам инро мефаҳмад. Хуб мешуд ба ҷойи ҳамон навори такрор рафта, харитаи Албанияро аз интернет пайдо менамуданд [286, с. 213].

Муҳаққиқи журналистикаи тоҷик И. Усмонов ба он назар аст, ки кишварҳои имкониятҳои молиявӣ надошта наметавонанд ба нуқтаҳои доғ хабарнигори худро бифиристанд ва аз ин рӯ, дастнигари ахборе мешаванд, ки аз манбаъҳои бузург меоянд ва бо истифодаи ахбори манобеи мазкур онҳо таҳти таъсири он кишварҳо мемонанд. Ҳамзамон муҳаққиқи мазкур таъкид менамояд: «кишварҳои аз чунин манбаъҳо истифодабаранда, ҳамон гаперо мегӯянд, ки он манбаъ мегӯяд ва дар натиҷа аз ду ҳолат яке ба амал меояд: ё воситаи ахбори мамлакати кӯчак бо истифодаи доимии як манбаи хориҷӣ ҳамеша ҳамсони вай сухан мегӯяд, ё воситаи ахбори мамлакати кӯчак бо истифодаи манбаъҳои мухталиф дар як мавзуъ гапҳои гуногунро мегӯяд. Пагоҳӣ як фикр, чошт ақидаи дигар, шом сухани дигаре ва шаб тамоман фикри нав. Худ раҳгум мезанад ва аудиторияи худро ҳам раҳгум мезанонад» [374, с. 5]. Барои баромадан аз чунин ҳолат муҳаққиқ И. Усмонов пешниҳод менамояд, ки ВАО-и кишвари кӯчак бо истифодаи сурат ва навори дигар кӯшиш намояд, ки сухани худро гӯяд.

Ҳарчанд бо гузашти солҳо ваъият дар ин самт каме беҳтар шуда бошад ҳам, баъзан ҳамон амал такрор мегардад. Аз ҷумла, шабакаҳои телевизионии ватанӣ ахбореро аз расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ бознашр менамоянд, ки мавқеи ҳамон расонаҳо ва ё давлате мебошад. Барои он ки чунин ҳолат умуман рӯй надиҳад, дар назди Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон шуъбаи ахбори хориҷӣ барои ҳамаи шабакаҳои давлатии телевизион ва радиоҳо таъсис дода шавад ва ахбори хориҷиро танҳо дар ин шуъба таҳия намоянд. Инчунин кормандони ин шуъба курсҳои бозомӯзиро гузаранд ё ҳадди ақал дар мавзуи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои он бо журналистон машғулиятҳо баргузор гардад. Мутахассисони Вазорати корҳои хориҷӣ муҳтавои барномаҳо ва иттилооти хориҷии расонаҳои давлатиро таҳлил намуда, эрод ва таклифҳои худро ҷиҳати беҳбуди соҳа ба журналистон пешниҳод намояд. Ҳамзамон робитаи ВАО-и ватаниро бо шабакаҳои дигар давлатҳо дар асоси табодули мавод ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст.

Барои инъикоси рӯйдодҳои ҷаҳон репортажҳои телевизионҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар телевизионҳои Тоҷикистон тарҷума мешаванд. Чунин усули таҳия дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» хеле маъмул аст: «Онҳо ба истифода аз чанд репортаж барои шабакаи худ хабар ё нигориш омода месозанд ва наметавон маводди хориҷии дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» пахшшударо репортаж гуфт» [326, с. 273].

Ҳарчанд телевизиони «Ҷаҳоннамо»-ро ҳамчун истифодабарандаи маводди расонаҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ шиносанд ҳам, мо ҳолатҳои истифода гардидани маводди телевизиони «Ҷаҳоннамо» дар телевизионҳои ҷаҳониро пайдо намудем. Аз он ҷумла, расонаи машҳури байналхалқӣ CNN соли 2012 гузориши Хосият Бӯриева аз телевизиони «Ҷаҳоннамо»-ро истифода намуд. Дар гузориш масъалаи мушкилоти норасоии барқ дар деҳоти Тоҷикистон, буридани дарахтон дар фасли сармо, харобшавии ҷангалзор ва эрозияи замин, кумакҳои созмони UNDP дар эҳёи неругоҳҳои хурди барқи обӣ, таҷрибаҳои аввалин дар истифодаи технологияи нави гармидиҳӣ, истеҳсоли барқ аз панели офтобӣ ва масоили ба норасоии барқ алоқаманд баррасӣ гардид. Гузориши мазкур зери унвони «Тоҷикистон дар CNN» [533] дар ютубканали барномаи «Discover the world» аз телевизиони CNN ҷойгир аст. Барномаи мазкур аз ҷониби журналист Гилермо Ардунио (Guillermo Arduino) таҳия шуда буд.

Инчунин телевизиони CNN дар якҷоягӣ бо телевизиони Созмони миллали муттаҳид – UNTV гузориши «Кишоварзӣ барои об» («Farming for water») [532]-

ро нашр намуд, ки дар он журналист Гилермо Ардунио ба гузоришгари телевизиони Созмони миллали Муттаҳид Элисон Шафер (Alison Schafer) дар хусуси мушкилоти норасоии об дар шимоли Тоҷикистон саволҳо дода, маълумоти бештарро ба тамошобинон пешниҳод намуд.

Дар масъалаи инъикоси авзои олам дар телевизиони Тоҷикистон ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки замони Шуравӣ низ барномаи алоҳида барои ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ бо номи «Ҷаҳони имрӯз» аз соли 1968 вуҷуд дошт. Барномаи мазкур дар ҳаҷми 15 дақиқа ҳафтае се маротиба бо забони тоҷикӣ ва русӣ пахш мегардид. Дар барнома намояндагон аз ҳизби коммунистӣ ва ташкилоти ҷамъиятии «Дониш» ширкат карда, авзои оламро аз диди Ҳукумати Шуравӣ баҳогузорӣ намуда, сиёсати Иттиҳоди Шуравиро тарғиб менамуданд. Ба қавли муҳаққиқ С. Хоҷазод: «Моҳе ду маротиба барномаи «Воқеанигорон дар гирди мизи мудаввар» (то 20 дақиқа) тарҳрезӣ шуда, олимон Мӯсо Раҷабов, Назиршо Латифов, Яҳё Шарифов ва дигарон муҳимтарин ҳаводиси байналмилалиро шарҳ медоданд» [133, с. 64]. Аз идораи тарғиботии телевизион соли 1980 барномаи «Шарҳи мо» ҳафтаи дуюм ва чоруми ҳар моҳ пешниҳод мегашт. Барномаи мазкурро журналист Нур Табаров бо иштироки шахсони огоҳ, аз қабили Нуриддин Салимов, Маҳкам Аслонов ва лекторони Кумитаи марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистон омода менамуд ва дар барнома воқеаҳои муҳимми дунё шарҳу тафсир мегардид.

Таҳлили авзои олам ва масъалаҳои байналхалқӣ дар барномаҳои телевизионӣ дар баробари масоили дохилӣ ҷой дорад, вале барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» яке аз барномаҳоест, ки Телевизиони «Тоҷикистон» бештар ба чунин самт нигаронида шудааст. Дар хусуси ин барнома муҳаққиқ Х. Мавлонов чунин андеша дорад: «он масоили мубрами байналмилалӣ, ба монанди терроризм, ифротгароӣ, ҷангу нооромӣ, фақру гуруснагӣ бар асари таҳдидҳои амниятӣ, муҳоҷирати иҷборӣ, ғарқу ҳалок гардидани гурезагони кишварҳои нооромро хеле пурмуҳтаво ва дақиқназарона инъикос менамояд» [281, с. 292].

Дар барномаҳои «Тоҷикистон ва ҷаҳон» вазъияти ҷаҳони муосир, масоили доғи рӯз барои Тоҷикистон ва ҷаҳон, вазъияти кишварҳои ноором, мушкилоти

паноҳҷӯёни кишварҳои ҷангзада, поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва бераҳмиҳо нисбати одамон дар Афғонистон, Сурия, Ироқ ва дигар гӯшаҳои олам аз ҷониби террористон ва баъзе кишварҳо таҳлил мегардад. Муаллиф дар пасманзари бозтоби чунин масоил ва таҳлили онҳо фазои ором ва осудаи Тоҷикистонро мисол оварда, талош дорад, ки дар шуури тамошобини тоҷик афкори некро ба вуҷуд орад, андешаҳои нопокро аз зеҳни онҳо дур созад ва онҳо аз оромии кишвар ва ободиҳои ватан шукргузор бошанд.

Муҳаққиқ Родриго Замит фарогирии ахбори байналхалқиро омӯхта ба чунин хулоса омадааст, ки рӯйдодҳои марбут ба кишвари аз лиҳози фарҳанг ва ҷуғрофӣ наздик назар ба кишварҳои дур бештар инъикос мегардад. Масалан, аудиторияи амрикоӣ аксар вақт дар бораи Британияи Кабир нисбат ба Ҷопон ахбори бештар мегиранд, зеро «ИМА назар ба Ҷопон дида, бо Британияи Кабир муштаракоти фарҳангӣ, забонӣ ва таърихӣ дорад» [174, с. 136]. Ҳамин тарзи муносибат ва инъикоси рӯйдодҳои олам дар журналистикаи дигар кишварҳо низ мушоҳида мешавад, аммо чунин тарзи фаъолият хосси на ҳамаи расонаҳои Тоҷикистон аст. Масалан, телевизионҳои Тоҷикистон дар бахши ахбори хориҷии худ аз навигариҳои давлатҳои ҳамсоя ва ҳамзабонон дида, бештар рӯйдодҳои кишварҳои пешрафта ва кишварҳои ҷаҳони сеюм, махсусан ахбор доир ба офатҳои табиӣ, садамаҳо ва ё дигар ахбори манфиро инъикос менамоянд. Муҳаққиқ З. Эшматов муайян намудааст, ки «мавзуи моҷароҳои сиёсӣ, дину оин, қатлу хунрезӣ, заминларзаву обхезӣ, фаҳшу фоҳишагӣ ва ғайра» [141, с. 122] барои телевизиони Тоҷикистон дар замони Шуравӣ бегона будааст.

Инъикос ва таҳлили ҳаёти байналхалқӣ яке аз самтҳои фаъолият дар матбуот ва радиоҳои Тоҷикистон низ ба шумор меравад. Дар даврони Шуравӣ маводди хориҷӣ ва байналхалқӣ аз Маскав, яъне аз расонаҳои умумииттифоқӣ, бахусус ТАСС тавассути агентии телеграфии ТоҷикТА ба ВАО-и Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дастрас мегардид ва айнан чунин ҳолатро расонаҳои дигар ҷумҳуриҳои узви Иттиҳоди Шуравӣ доштанд. Дар солҳои аввали Истиқлол инъикоси авзои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар асоси маводди расонаҳои русӣ идома ёфтанд. Маводди расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ аз

рӯзномаҳои русии Русия ва дигар кишварҳо дар матбуоти тоҷик бознашр мешуданд. Инчунин матбуоти маҳаллии Тоҷикистон низ ба бознашри маводди ВАО-и хориҷӣ ва инъикоси масъалаҳои байналхалқӣ низ бетараф нестанд. Ба андешаи муҳаққиқ Б. Қутбиддинов: «Барои матбуоти маҳаллӣ ҳамчун як минбари оммавӣ мавзуъ ва масъалаҳои байналхалқӣ ҳам дар замони Шуравӣ ва ҳам замони Истиқлол ҳеҷ гоҳ бегона набудааст» [278, с. 3].

Яке аз истифодабарандагони маводди ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ нашрияҳои дайджестӣ мебошанд. Нахустин нашрияи дайджестӣ дар ҷумҳурӣ бо номи «Дайжест-пресс» 18 ноябри соли 1994 аз ҷониби Акбари Саттор – яке аз поягузорони матбуоти муосири замони Истиқлоли Тоҷикистон таъсис ёфтааст. То замони дастрасӣ ба интернет дар Тоҷикистон дӯстони Акбар аз Маскав, Алмаато, Бишкек ва дигар шаҳрҳои собиқ Шуравӣ нашрияҳои гуногуни дорои маводди ҳангоманоку хонданиро ба ӯ мефиристонданд. Журналист Акбари Саттор бо маводди ин нашрияҳо шумораи навбатии рӯзномаашро тарҳрезӣ мекард. ««Дайджест пресс», ки рӯзномаи русӣ буд, танҳо барои ҳуруфчинӣ ва саҳифабандӣ заҳмат мехост» [320, с. 56]. Баъдан ба забони тоҷикӣ нашрияи дайжестии «Дунё» таъсис ёфт, ки саҳифаҳои он ҳам аз маводди иттилоотӣ ва таҳлилии матбуоти хориҷию байналхалқӣ иборат аст.

То замони пайдоиши интернет дар Тоҷикистон аз тараиқи радиоҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ низ матбуоти тоҷик ахбори ҷаҳонро дастрас менамуд ва баъд аз фаъол гаштани намояндагиҳои ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва таъсисёбии саҳифаи интернетии онҳо истифодаи мавод аз тариқи интернет бештар роҳандозӣ гардид. Муҳаққиқ И.К. Усмонов такя ба матолиби хориҷӣ намудани журналистонро «на танҳо нишони ҷуръати хос надоштан, балки ҳамчунон дуруст дарк накардани сиёсати хориҷии кишвари худ» [373, с. 4] маънидод намуданд, ки ҳақиқат дорад. Ба андешаи муҳаққиқ В.В. Кулакова: «Журналистони тоҷик ба андозаи даркорӣ дурустии иттилооти интернетиро носанҷида, дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ва барномаҳои радиоӣ ва телевизионии худ истифода мебаранд» [188, с. 13]. Чунин ҳолат воқеан дар ВАО-и тоҷик қаблан бештар буд, вале ҳоло расонаҳо ба чунин камбудӣ камтар роҳ медиҳанд.

Дар масъалаи истифодаи маводди ВАО-и хориҷӣ муҳаққиқ Х. Сафаров ба ин назар аст, ки «чопи такрории матолиби расонаҳои хориҷӣ бозгӯйи он аст, ки расонаҳои ватанӣ дар ҳамон мавзуъ бо онҳо ҳамфикранд» [202, с. 22]. Бозтоби навигариҳои олам ва пешниҳоди маводди таҳлилӣ доир ба авзои байналхалқӣ дар расонаҳои Тоҷикистон бо роҳҳои нашри тарҷумаи мавод, бознашр бо забони асл (дар расонаҳои русӣ), таҳияи мавод бо истифодаи факту далелҳои ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Агар дар тарҷумаи маводди хориҷӣ масъулони расонаҳо каме заҳмат кашанд, дар таҳияи ахбор ва маводди таҳлилӣ дар асоси факту далелҳои расонаҳои хориҷӣ журналистон заҳмати бештар мекашанд. Дар ин гуна мавридҳо ҷаҳонбинии васеи журналист ва ковишҳои ӯ ба кор мераванд. Бознашри маводди расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ заҳмати эҷодиро талаб наменамояд, зеро саҳифаҳои тоҷикӣ ва форсии расонаҳои хориҷӣ манбаи асосии онҳоянд. Замоне ки саҳифаи тоҷикии бахши форсии сомонаи Би-Би-Си фаъол буд, истифодаи маводди он дар матбуоти тоҷик хеле густариш ёфта буд. Инчунин маводди сомонаи радиои «Озодӣ» низ дар рӯзномаҳо фаровон нашр мегашт. Ба андешаи муҳаққиқ М. Муқимов «нашрияҳои хусусии ҷумҳурӣ аз маводди пахшкардаи радиоҳои хориҷӣ зиёд истифода мекунанд» [73, с. 102]. Дар матбуоти расмӣ – давлатӣ низ аз маводди иттилоотии расонаҳои хориҷӣ истифода мебаранд, вале бештар хабарҳои нохуши дигар кишварҳо ва ё ягон рӯйдоди байналхалқиро бознашр менамоянд. Муҳаққиқ М. Муқимов муайян намудааст, ки «маводди расонаҳои хориҷӣ бе иҷозати муаллифон бознашр мегарданд» [311, с. 278].

Расонаҳои Тоҷикистон инчунин маводди таҳлилиро доир ба авзои кишварҳо, минтақаи алоҳида, тамоми ҷаҳон ва дигар равандҳои ҳаёти байналхалқӣ ба аудиторияи тоҷик пешкаш намуда, ба ташаккулёбии афкори ҷомеа, шинохти авзои олам аз ҷониби аудитория мусоидат менамоянд. Таҳияи маводди таҳлилӣ доир ба авзои ҷаҳон бештар аз ҷониби журналистон, коршиносон, баъзан олимон ва сиёсатмадорон омода мешаванд. Муҳаққиқ И.К. Усмонов чунин мешуморад, ки «журналистикаи мо то ҳол ба зинаи журналистикаи таҳлилӣ нарасидааст ва имрӯз дар мавқеи информатикӣ қарор

дорад, яъне хусусияти хабаррасониаш бештар аст» [126, с. 219]. Воқеан ҳам бо гузашти 20 сол аз навиштаи муҳаққиқ чунин вазъият имрӯз низ ҷой дорад. Дар ҳамаи расонаҳои ҷумҳурӣ ҳар масъуле ки забони хориҷиеро медонад, метавонад ба таҳияи ахбори хориҷӣ машғул шавад, вале на ҳамаи кормандони расонаҳо қудрати омодасозии маводди таҳлилиро дорад. Коршиноси сиёсӣ Шералӣ Ризоиён ҳалли ин мушкилиро дар «ворид намудани фанҳои тахассусии таҳлилӣ барои донишҷӯёни факултаи журналистика» ва «рушди мактаби таҳлилгарӣ дар кишвар» [352, с. 28-29] дониста, онро яке аз атрибутҳои муҳимми давлатдории муосир мешуморад. Омодасозии кадрҳо дар рушди соҳа масъалаи асосӣ аст ва дар ин маврид муҳаққиқ Аъзамҷон Азимов таъкид менамояд, ки «дар тайёр кардани кадрҳои журналистӣ нақши муҳим ва бузургро таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мебозад» [214, с. 31]. Воқеан ҳам дар масъалаи таҷрибаомӯзӣ саҳлангорӣ намудан дуруст нест ва ҳамкориро дар ин самт бо Вазорати корҳои хориҷӣ ва идораҳои ВАО ҷиҳати роҳандозии таҷрибаомӯзии журналистони байналхалқии оянда хеле зарур аст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ журналистон Мазҳабшои Муҳабатшо, Қосими Бекмуҳаммад, Сайёфи Мизроб, Хуршеди Атовулло, Бобоҷони Шафеъ, Азамат Дӯстов, Солеҳ Юсуф, Пайрав Чоршанбиев, Нуралӣ Давлат, Фахриддини Холбек, Абдулғаффори Камол, Раҷаби Мирзо, Марат Мамадшоев, Беҳрӯзи Забеҳулло, Мардони Муҳаммад, Бахтиёри Ҳамдам, Башир Усмон ва дигарон бо пешниҳоди маводди таҳлилӣ ҳаёти байналхалқиро ба аудиторияи тоҷик ошно намуданд. Вобаста ба ин мавзуъ муҳаққиқ Иброҳим Усмон ба ин назар аст, ки «мо журналистони хуб дорем, ки дар мавзуи байналхалқӣ менависанд, вале ин соҳа дар мо ҳоло соҳаи нав аст. Гуфта наметавонам, ки фалончӣ ё фалон кас мавзуъҳои байналхалқиро бисёр хуб баррасӣ мекунад» [131, с. 631].

Маводди байналхалқӣ дар расонаҳои расмӣ-давлатӣ ва хусусии умумиҷумҳуриявӣ нисбат ба расонаҳои маҳаллӣ бештаранд ва ҳам беҳтар таҳия мегарданд, вале дар баъзе расонаҳои маҳаллӣ дар пешниҳоди маводди байналхалқӣ маҳорати хуб доранд. Муҳаққиқ А. Қудбуддинов муайян намудаст, ки рӯзномаи «Ҳисори Шодмон» дар инъикоси масоили байналхалқӣ дидгоҳи хос

дошта, «ба монанди аксар нашрияҳои маҳаллии дигар ба маводди таҳияшуда аз саҳифаҳои матбуоти марказӣ такя намекунад» [276, с. 57].

Мушкилоти ин самт дар он аст, ки журналистони тоҷик дар асоси маводди ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ маводди худро омода менамоянд, ки он аз дид ва мавқеи ҷонибе таҳия шудаанд. Маводди дар асоси ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ омодашуда, дар се шакл таҳия мегарданд. Аввалан маводди ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ айнан ба забони тоҷикӣ тарҷума ва пешкаши аудиторияи тоҷик мегардад. Дуюм журналистони тоҷик дар асоси маводди ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ маводди худро омода месозанд. Дар ин ҳолат танҳо факту далел ва ё аксҳо ва наворҳоро ҳамчун пуркунандаи мавод аз расонаҳои ҷаҳонӣ дастрас менамоянд. Сеюм журналистони тоҷик ақида ва ё мавзуи маводди худро аз расонаҳои хориҷӣ пайдо мекунанд. Дар робита ба ин масъала муҳаққиқ Ҷ. Муқим чунин мешуморад, ки «воқеаҳои байналхалқӣ бояд аз нигоҳи шореҳони беғараз ташреҳ гардад» [306, с. 15].

Мавқеи Тоҷикистон доир ба масъалаҳои байналхалқӣ ва ба яке аз субъектҳои фаъоли муносибатҳои байналхалқӣ дар самти баррасии проблемаҳои глобалӣ гардидани он ба фаъолияти ВАО-и кишвар низ бетаъсир намонд. Таваҷҷуҳ ба масоили байналхалқӣ дар расонаҳои Тоҷикистон пас аз пешниҳоди ташаббусҳои байналхалқии Пешвои миллат авҷ гирифт ва пас аз ҳар як ташаббуси байналхалқӣ ин раванд боз вусъати бештар мегирифт. Баррасии мушкилоти экологӣ ва ташаббусҳои марбут ба об дар расонаҳои тоҷик аз тарафи муҳаққиқон Ҷамолиддин Яқубов, Манижа Баҳромзода, Хуршед Сафарзода бештар таҳқиқ шудааст. Баррасии авзои Афғонистон ва мушкилоти ин кишвар дар ВАО-и замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон яке аз мавзуҳои доимӣ ва сертаваҷҷуҳ дар журналистикаи тоҷик гардидааст ва дар ин самт муҳаққиқ Маҳмудҷон Усмонов таҳқиқи илмӣ бурда, рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи мазкур муайян намудааст, ки «матбуоти тоҷик ба масъалаи Афғонистон ва инъикоси ҳодисаҳои сиёсии ин кишвар нисбат ба инъикоси авзои дигар кишварҳо авлавият медиҳад» [375, с. 146].

Расонаҳои Тоҷикистон ҳарчанд барои муаррифии авзои олам ва таҳлили вазъияти он талошҳо намоянд ҳам, дар ин самт мушкилиҳо ҷой доранд. Муҳаққиқ С. Гулов муайян намудааст, ки журналистони тоҷик «баъзан мавзуъро ба таври бояд наомӯхта, саросемавор назарҳои зидду нақзро оварда онро чун таҳлили журналистӣ» [245, с. 18] пешниҳод менамоянд. Надоштани мухбирони худӣ дар хориҷа бинобар мушкилоти молиявӣ, интихоби нодуруст дар пешниҳоди рӯйдодҳои олам, надоштани таҳсилоти журналистии баъзе аз кормандони бахши ахбори хориҷӣ, бештар ба ахбори манфии кишварҳо таваҷҷуҳ намудани расонаҳои ватанӣ, ба эътибор нагирифтани аҳаммияти ахбор барои аудиторияи ватанӣ ва байналхалқӣ, вусъат ёфтани фаъолияти расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар фазои иттилоотии кишвар ва дигар масъалаҳо боиси коҳишёбии аудиторияи расонаҳои ватанӣ гардидааст.

Аз ин рӯ, ҷиҳати беҳтар намудани бозтоби навигариҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ дар ВАО-и ватанӣ иҷрои чунинамалҳоро зарур медонем:

– Бояд дар вақти интихоб ва таҳияи ахбори байналхалқӣ ва хориҷӣ ба муҳиммияти онҳо барои аудиторияи тоҷикистонӣ аҳаммият дода шавад.

– Ба шуъбаи ахбори хориҷии шабакаҳои телевизионӣ бояд хатмкардаҳои факултет ва шуъбаҳои журналистӣ ба кор қабул карда шаванд, зеро дар ҳайати эҷодии бахши хориҷӣ мутахассисони соҳаи аграрӣ, ҳуқуқшиносӣ ва дигар соҳаҳо низ фаъолият доранд.

– Ҳар як рӯйдоди хориҷие, ки марбут ба тоҷикон ва тоҷикистониён аст, ҳатман инъикос гардад. Ин боиси бештар шудани аудитория ва афзудани эътибори расонаҳои ватанӣ дар кишвар мегардад.

– Ба журналистони телевизон, радио ва дигар ВАО, ки ба омодасозии хабарҳои байналхалқӣ ва хориҷӣ уҳдадоранд, дар хусуси самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усулҳои омодасозии ахбори байналхалқӣ дарсҳои назариявӣ ва амалӣ баргузор карда шавад.

– Зарурати ташкили идораи ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ дар назди Кумитаи телевизион ва радио дар заминаи муттаҳид намудани шуъбаҳои ахбори хориҷии телевизионҳои давлатӣ ба миён омадааст. Чунки онҳо дар алоҳидагӣ

фаъолият доранд ва барои ба мавқеи Тоҷикистон мувофиқ пешниҳод намудани рӯйдодҳои ҷаҳон ва пешгирӣ аз роҳёбии тарғиботи дигар кишварҳо ташкили чунин марказ зарур аст.

– Ҳангоми инъикос ва таҳлилу баррасии авзои ҷаҳон дар расонаҳои ватанӣ ба масъалаи бумисозии ин гуна мавод диққати зиёдтар диҳанд;

– Бо ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ дар бахши табодули мустақими иттилоот ҳамкориҳои судманд роҳандозӣ шавад;

– Факултет ва шуъбаҳои журналистиро зарур аст, ки барои тарбияи журналистони байналхалқии таҳлилгар ҳамкориро бо журналистон ва марказҳои таҳлилию омӯзишии Вазорати корҳои хориҷӣ ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд.

Дар боби панҷум журналистикаи байналхалқии муосири тоҷик, ҳолат ва дурнамои онро таҳқиқ намуда, муайян кардем, ки ВАО-и байналхалқии форсизабонон ҳамчун минбари тарғиботи дигар кишварҳо фаъолият карда, ВАО-и байналхалқии Тоҷикистон ба муаррифии кишвар, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналхалқӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотии ҷумҳурӣ равона гардидааст. Инчунин дар ин боб маълум кардем, ки бозтоби навигариҳои олам ва пешниҳоди маводди таҳлилӣ доир ба авзои байналхалқӣ дар расонаҳои Тоҷикистон бо роҳҳои нашри тарҷумаи мавод, бознашр бо забони асл, таҳияи мавод бо истифодаи факту далелҳои ВАО-и байналхалқию хориҷӣ аз ҷониби журналистон ба роҳ монда шудааст.

Инчунин дар боби мазкур фаъолияти намояндагиҳои ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ дар Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, муайян кардем, ки дар Тоҷикистон журналистикаи байналхалқӣ аз ВАО-и байналхалқии кишварҳои дигар ва ВАО-и байналхалқии ватанӣ иборат аст. ШБТР «Мир», радиои «Овози тоҷик» ва шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» намунаи ВАО-и байналхалқии ватанӣ ҳастанд. Дар раванди таҳқиқи боби мазкур ба масъалаҳои омодасозии журналистони байналхалқӣ дар Тоҷикистон, мушкилоти инъикоси ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ дар телевизионҳои «Тоҷикистон», «Сафина» ва «Ҷаҳоннамо»-ро таҳлил намуда, мушкилоти соҳаро баррасӣ кардем.

ХУЛОСА

Омӯзиш ва таҳқиқи журналистикаи байналхалқӣ ба мо маълум намуд, ки журналистикаи байналхалқии кишварҳо дар баробари умумият, боз хусусиятҳои ба худ хоссро доранд. Дар бисёр маврид журналистикаи байналхалқии кишварҳо ба сиёсати хориҷии онҳо, ҳадафҳои байналмилалии кишварҳо мувофиқат менамояд. Аз ин рӯ, журналистикаи байналхалқии ҳар як кишвар ба доктринаи ҳарбиашон шабоҳати бештар дорад. ВАО-и байналхалқии давлатҳои абарқудрат навигариҳои оламро ҷамъоварӣ намуда, вобаста ба дидгоҳ ва мавқеи худ онро ба тамоми ҷаҳон паҳн карда, бо интишори маводди таҳлилӣ афкори ба мавқеи худ мувофиқро бавуҷуд овардан мехоҳанд. Модели журналистикаи байналхалқии Русия айнан чунин буда, ҳаёти байналхалқӣ на танҳо барои шаҳрвандони Русия, балки барои тамоми ҷаҳон аз дидгоҳи ин кишвар ва сиёсати хориҷии он пешниҳод мегардад.

Фарқияти модели журналистикаи байналхалқии ИМА дар он аст, ки бештар хусусияти ҳукмравоӣ дорад. ВАО-и амрикоӣ гоҳо ҳамчун вакили мудофеъ ва гоҳо ҳамчун додрас масъалаҳои ҳуқуқи инсон, демократия, озодии баён, баробарии гендерӣ, афзалият додан ба ҳамҷинсгароёнро дар саросари олам баррасӣ намуда, аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ муҷозоти чунин кишварҳо ва ё дахолати ИМА-ро талаб менамоянд. Чунин руҳия дар ВАО-и байналхалқии ИМА аз сиёсати ин кишвар бармеояд, ки масъалаҳои мазкурро ҳамчун воситаи фишор ба дигар кишварҳо истифода мебарад.

Дар модели журналистикаи байналхалқии чинӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба муаррифии дастовардҳои Чин ва таҳкими робитаҳо бо дигар кишварҳо равона гардида, ҳамзамон навигариҳои Чин ва рӯйдодҳои ҷаҳон бо забонҳои гуногун ба аудиторияи ҷаҳонӣ пешниҳод мешавад.

Журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон ҳам хусусиятҳои ба худ хос дорад. Барои аудиторияи ватанӣ ҳаёти байналхалқӣ инъикос ва таҳлил гашта, маводди дорои хусусияти муаррифгари Тоҷикистон, урфу одатҳои миллӣ, фарҳанг, адабиёти миллӣ, навигариҳои кишвар ва маводди тарғибгари

ташаббусҳои байналхалқии Тоҷикистон барои аудиторияи байналхалқӣ бештар нашр мегардад. Ба мисли дигар кишварҳо Тоҷикистон ба ғасби фазои иттилоотии кишварҳо, паҳн намудани иттилооти ғаразнок дар арсаи олам доир ба дигар давлатҳо машғул нест. Инчунин фаъолияти ВАО-и байналхалқии Тоҷикистон ба ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллии тоҷикони бурунмарзӣ равона гардидааст. ВАО-и байналхалқии барои тоҷикон, форсизабонон ва даризабонҳо, ки аз ҷониби дигар давлатҳо ва абарқудратҳо таъсис гардида, вобаста ба ҳадафҳои муассисони худ амал карда, асосан барои бурдани тарғибот нигаронида шудаанд. Чунин расонаҳои ИМА, Британияи Кабир, Исроил, Туркия, Арабистони Саудӣ ба бурдани ҷанги иттилоотӣ ба муқобили форсизабонон равона гардидаанд, вале расонаҳои Арманистон, Чин, Ҷопон, Русия барои таҳкими робитаҳо бо кишварҳои форсизабон фаъолият доранд.

Тоҷикон дар ҷаҳон тахминан аз 40 то 60 миллион нафарро ташкил медиҳанд ва бештари онҳо асосан дар Тоҷикистон, кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон ва Вилояти Синъзяни Уйғури Чин зиндагӣ менамоянд, ки аз ҷиҳати геополитикӣ минтақаи муҳим ба шумор меравад. Давлатҳо барои амалисозии ҳадафҳои геополитикии худ аз хидмати ВАО-и байналхалқӣ васеъ истифода менамоянд ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат барои тоҷикон, эрониён ва афғонҳо ВАО-и байналхалқӣ ба забони тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ таъсис дода шудааст. Журналистикаи байналхалқии тоҷик аз ду бахш иборат аст: ВАО-и байналхалқии ватанӣ ва ВАО-и байналхалқии тоҷикӣ, форсӣ ва дарии кишварҳо, созмонҳо ва ақалиятҳои форсизабон дар хориҷа, ки барои тоҷикон дар ҷамъи форсизабонон нигаронида шудаанд.

Аз таҳқиқи журналистикаи байналхалқии тоҷик ба хулоса омадем, ки новобаста аз зиёд гаштани ВАО-и байналхалқӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, ба инъикос ва таҳлили авзои байналхалқӣ таваҷҷуҳи бештар намудани расонаҳо, дар натиҷаи таҳаввулоти фазои иттилооти олам ва густариши набардҳои иттилоотӣ заъфи журналистикаи байналхалқии Тоҷикистон маълум гашт. Аммо вазъияти ВАО-и байналхалқии тоҷикӣ, форсӣ ва дарие, ки ба

кишварҳои абарқудрат ва ё созмонҳои хориҷӣ тааллуқ доранд, беҳтар буда, дар фазои иттилоотии олам ва Тоҷикистон мақоми хоссаро доранд.

Расонаҳои байналхалқӣ бо забони тоҷикӣ авзои оламро ҳамон тавре ба тоҷикон инъикос менамоянд, ки муассисони расонаҳо мехоҳанд. Инчунин рӯйдодҳои кишварҳо, муносибатҳои байналхалқӣ ва таҳаввулоти оламро мувофиқ ба дид ва мавқеи худ таҳлил намуда, дар ташаккули афкори ҷомеаи мо нақш гузошта истодаанд. Аз ин рӯ, масъалаи таъмини амнияти фазои иттилоотии кишвар, ҳифзи фарҳанг ва ҳувияти миллии тоҷикон, баланд бурдани худшиносии онҳо дар шароити таҳоҷуми иттилоотии бегонагон ва беҳтар намудани фаъолияти ВАО-и байналхалқии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи зиёд ниёз дорад.

Пайдоиши интернет ва рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба густариши фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ, миллӣ ва рангорангии фазои иттилоотии олам мусоидат намуда бошад ҳам, шабакаҳои иҷтимоӣ, блокҳои инфиродӣ ва платформаҳои гуногун бо пешниҳоди контентҳо аудиторияи зиёдеро дар саросари олам соҳиб гаштанд. ВАО-и байналхалқӣ низ барои дарёфти аудиторияи бештар саҳифаҳои худро дар интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои гуногун созмон дода, фаъолияти чандрасонаиро худро роҳандозӣ намуданд. Дар журналистикаи байналхалқӣ раванди мутобиқшавӣ ба интернет, истифодаи зеҳни сунъӣ, бот ва робот-журналистон, коҳишёбии намояндагиҳо ва мухбирони доимии ВАО-и байналхалқӣ дар ҷаҳон ва ба ҷои онҳо бештар истифода гардидан аз маводди журналистони фрилансер, ҷалби журналистони маҳаллӣ ҳамчун донандаи минтақа ва кишварҳо ҷараён дорад. ВАО-и байналхалқии Тоҷикистон ҳам дар ин самт фаъолияти худро ба роҳ монданд, вале мушкилоти молиявӣ, шароити техникӣ ва норасоии мутахассисони бештари соҳа боиси каме қафомонӣ аз расонаҳои байналхалқии дигар кишварҳо гардидааст.

Новобаста аз ин мушкилот дар Тоҷикистон журналистикаи байналхалқӣ дар ҳоли ташаккулёбӣ буда, дар инъикоси авзои ҷаҳон, муаррифии Тоҷикистон, ҳимояи манофеи миллӣ, тарафдорӣ аз ташаббусҳои байналхалқии Тоҷикистон,

тарғиби дӯстӣ ва рушди ҳамкориҳои байналхалқии кишвар саҳми худро гузошта истодааст.

Ҳамин тариқ, дар пажуҳиши худ фаҳмиш ва моҳияти журналистикаи байналхалқӣ, тағйирот ва мушкилоти муосири журналистикаи байналхалқӣ, таърихи зуҳур ва инкишофи журналистикаи байналхалқӣ, заминаҳои пайдоиши журналистикаи байналхалқии тоҷик, таъсири глобализатсия ба расонаҳои байналхалқӣ, саҳми журналистикаи байналхалқӣ дар инкишофи имиҷи мусбати давлат, баррасии масоили миллӣ дар журналистикаи байналхалқӣ, вазъият ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик ва масоили дигари ба он алоқамандро таҳқиқ кардем.

Аз пажуҳиши масоили илмии таҳқиқоти худ ба чунин хулоса омадем:

